Кинематографическая реальность – эта такая реальность, в которой, как правило, происшедшее реальное событие, факт на экране приобретают иную реальность, не полностью адекватную происшедшему.

И вопрос соотношения истинной реальности и кинематографической реальности непосредственно связан с жанрами и видами в киноискусстве. Есть жанры и виды кино (фильмы-сказки, фантастика), где истинная реальность служит как бы материалом для построения новой реальности (виртуальной, фантастической). Вместе с тем есть и такие виды (анимационное кино), где истинная реальность может отсутствовать полностью (хотя в анимации уже есть попытки смешения реальности с анимацией).

Кинематографическая реальность имеет другие критерии, нежели реальность самой действительности. Там время и пространство имеют относительный характер. Например, реальное время фильма, скажем, полнометражного документального фильма может длиться, скажем, один час. Однако, по сути, за это время перед зрителем может проходить вся жизнь героя ("фильм-портрет" или биографический фильм), или один день из жизни города, а то и, скажем, считанные минуты. Экспериментальное кино может нам показать такую реальность, которую мы не в состоянии заметить обычным взором. (Есть, например, такая возможность кино, когда камера может проследить и зафиксировать на кинопленке процесс роста стебля от состояния зерна до некоего растения. Кинокамера, благодаря реле времени, периодически включаясь и выключаясь, “сжимает” естественный ход времени роста растения. И в результате, мы видим воочию, как буквально за считанные секунды перед нашим взором происходит набухание и рост стебля. Иначе говоря, процесс, который бы в реальном времени проходил в нескольких днях или неделях). Поэтому, даже сугубо “реальное” – документальное кино, научное кино и т.д. – словом все виды кино, так или иначе, пере моделируют реальное бытие.

Экспериментальное кино (типа “сюрреалистического” или “прямого кино”), сколько бы ни пыталось воссоздать абсолютную копию истинной реальности, практически не имеет успеха у зрителя. Как известно, в западной художественной культуре и эстетике есть диаметрально противо-положные теории и направления в искусстве. Если одни – абстракционисты исходят из субъективистского начала моделирования реальности, то представители натуралистического направления (“прямое кино”) исходят из необходимости фиксировать истинную реальность в тех ее свойствах, в коих она проявляется в реальном времени. По мнению представителей этого направления, искусство и художник не имеет права вмешиваться в естественный ход реальных событий и реальных героев. В их задачу входит только весьма деликатная фиксация происходящего в реальном времени события или действия героя. Исходя из этих позиций, появляется, например, такой кинофильм под названием “Сон”, который снят в реальном времени, т.е. на протяжении более восьми часов зритель наблюдает за тем, как герой заходит в спальню, ложится и засыпает. И далее ничего кроме сопения, переворачивания с одного бока на другой бок, сонного бормотания не происходит. Для зрителя, привыкшего к насыщенным событиями, перипетиями сюжета фильмам, такая зеркальная фиксация истинной реальности кажется нудной, утомительной, бессмысленной…

Таким образом, можно констатировать, что кинематограф перемоделирует реальность, которая практически не совпадает с параметрами (временем и пространством) самого реального события. Но это перемоделирование, как правило, направлено на то, чтобы создать иллюзию, или говоря иначе художественный образ того времени, о котором нам хочет поведать автор. Стало быть, кино даже как бы воссоздавая хроникальные кадры ("Обыкновенный фашизм"), тем не менее, моделирует, типизирует эту конкретно данную реальность, обобщает ее, выявляет ее суть, закономерности, ее повторяемость, цикличность и т.д. В этом смысле киномодель реальности

фокусирует наше внимание на рассмотрение и изучение более общих, значительных, смысловых аспектах отражаемой действительности.

Самое важное здесь еще и то, что эта реальность находится в движении, в развитии, в нее вдохновлена жизнь или ее иллюзия, будь это прошлое, настоящее или далекое будущее.

Критерием здесь является ***человек***, правдивость и совместимость его мироощущений, чувств к той или иной реальности. Смысл создания таких произведений, такого моделирования заключается в том, чтобы заострить наше внимание на существование таких таинств, которыми обладает макро и микромир, направить наше теоретическое мышление и практическую деятельность на познание, и преобразование доступных ему миров. Кинематографистов, создающих такие реальности, интересует не космические дали, как таковые, а человек, взятый в отношении к ним, его чувства и переживания, формирование человеческой личности.

А теперь ответим на вопрос: кто стоит за тем, чтобы подать эту реальность так, а не иначе? Кто и как, какими средствами создает кинематографическую реальность? С какой целью он это делает?

Разумеется, **автор**. Он увидел эту реальность таким, а не другим. Он заметил то, что другие прошли мимо. Он, в соответствии со своим дарованием, смог воссоздать эту реальность, вкладывая в нее свое, субъективное, которое оказалось доступным для понимания миллионов.

В моделировании кинематографической реальности, равно как и в любом другом виде искусства, главное значение имеет *видение* **автора**, его *идея*, *концепция*. Его эвристическое открытие той тайны, которая не была замечена до сих пор. И далее следующий важный этап – как преподнести это открытие. Этот этап впоследствии касается непосредственно процесса моделирования. И здесь немаловажное значение имеют субъективные свойства автора (авторов), которые от природы наделены теми или иными склонностями, социально-биологи-ческими признаками, утонченностью натуры, склонностью к психологизму, к юмору, к драматизму, к музыкальному или изобразительному решению своей модели.

Для чего, с какой целью автор создает эту кинематографическую реальность? Какие функции выполняет эта реальность перед зрителем?

Ответ на этот вопрос требует конкретного анализа конкретного произведения.

Но в совокупности все это моделирование направлено, как отметили выше, на углубленное познание мира, который нас окружает, на познание прошлого и предвидение будущего. Оно направлено и на познание внутреннего мира самого человека, который бывает довольно сложным, противоречивым, неоднозначным.

Помимо этого, такое моделирование направлено на формирование в нас, в зрителях, неких общечеловеческих ценностей; формированию вкуса, утонченности чувств; чувства наслаждения, удивления, восхищения, негодования.

В контексте сказанного кино моделирует новую реальность, которая имеет не только ***зримую***, но и ***смысловую***, знаковую фактуру. Но парадокс заключается в том, что при этом конечной целью этого перемоделирования является расширение представления зрителя о многообразии и сложности процессов, происходящих в самом реальном мире, рефлексирующийся в сознании и подсознания зрителя. В этом моделировании объединяются сознательное и бессознательное, внешнее и внутреннее, объективное и субъективное, частное, особенное и общее, потенциальное и сущее. “Эстетическая способность оказывается высшей человеческой способностью и, в конце концов, становится органом самой философии. Философия и искусство встречаются на своей последней вершине и как раз в силу общей абсолютности становятся как прообраз и отображение” [1. С. 57]. Говоря понятиями шеллинговой теории, идеальное или исходя из нашего контекста, смоделированная художником новая реальность, которая кажется вымышленным, есть, в конечном счете, той реальностью, которая в идеальной форме интуитивно или осознанно воссоздано художником. Интуитивно потому, что идеальное, будучи всегда

высшим отражением реального (Шеллинг), рационально осознается до конца интеллектуалом, философом, а художник постигает эту реальность смутно, чувственно, имплицитно, чаще до конца не отдавая отчета постигаемому [2, с.472].

Таким образом, проблема соотношения бытия и его отражения в искусстве была и остается одной из актуальнейших проблем искусства и эстетики. Весь накопленный опыт мирового искусства лишний раз убеждает нас в том, что центральным объектом художественного отображения была и есть реальный мир, мир человека и общества, а через них реальный духовный мир человечества. И сама ценность искусства в этой связи определяется тем, насколько в нем емко, содержательно отражена эта реальность, насколько искусство способствовало человеку в его стремлении сущностно осмыслить реальные проблемы бытия. Исследование до сих пор слабоизученных свойств искусства позволяют констатировать, что каждый вид художественного творчества в зависимости от свойственных ему средств выражения, художественного дарования автора, в зависимости от исторического времени, эстетического идеала, политической привязанности создает свою модель истинной реальности. Многообразие форм моделирования истинной реальности обусловлено не только многообразием самих видов искусств, но, и это, прежде всего, авторским отношением к моделируемой реальности.

Отличие и значимость подобного моделирования, его природа выявлена нами в ходе сопоставления художественного и научного моделирования. Художественное моделирование в отличие от научного моделирования обладает более широким кругом функций [2.с.481; 4]. В нем художник, отображая действительность, конструируя ее заново, выявляя глубинные, важные свойства этой действительности, выносит, как говорил Н.Г. Чернышевский, свой приговор. Рассмотрение метода документального кино показывает, что точного копирования не происходит даже в том жанре искусства, который призван наиболее достоверно отображать саму действительность. Как показывает опыт мирового искусства, попытки точного копирования истинной реальности приводит к разрушению художественности – главного принципа моделирования реальности в искусстве.

Рассмотренная проблема – отношение искусства к истинной реальности была и будет в будущем центральным вопросом художественного творчества.

Реальность моделируется и перемоделируется не только искусством. Это явление можно увидеть и в религии, в науке, в других видах общественного сознания. Но это уже предмет других исследований.

**Литература**


1. Вейцман Е. Очерки философии кино. – М., 1978. – 232 с.
2. Шеллинг Ф.В.Й. Система трансцендентального идеализма / Шеллинг. Соч. В 2-х тт., т. 1, М., 1987. – 637 с.
3. Шеллинг Ф.В.Й. Философия искусства. – М., 1966. – 496 с.
4. Белинский В. Г. Собрание сочинений в трех томах. Под общей редакцией Ф. М. Головенченко. Том III. Статьи и рецензии 1843-1848. – М., 1948. – 928 с.
5. Лотман Ю.М. Семиотика кино и проблемы киноэстетики. Таллин: Ээсти Раамат, 1973. – 135 с. Глава 1.
6. Вертов Дзига. Статьи. Дневники. Замыслы. – М., 1966. – 320 с.
7. Климов Я.И. Репрезентация реальности в киноискусстве: философско-культурологический аспект // Философия и культура. – 2020. – № 4. – 428 с. – С. 46 - 54. https://nbpublish.com/_read_article.php?id=32527
8. Сорокина В.Н. Реальность мира в кинематографе // Серия “Symposium”, Виртуальное пространство культуры. Выпуск 3 / Материалы научной конференции 11–13 апреля 2000 г. Санкт-Петербург: Санкт-Петербургское философское общество, 2000. – 219 с. – С.42-45.

## ШАБЕҲАСОЗИИ ВОҚЕИЯТ ДАР СИНАМО
### (ҷанбаи фалсафию фарҳангӣ)

**Раҳимов С. Х.**

*Ин мақола аз дидгоҳи фалсафию фарҳангшиносӣ дар бораи тарзи инъикоси синамо ҳастиро мавриди муҳокима қарор додааст. Синамо дар огози пайдоишаш воқеияти аслро бештар дар шакли кино-хроника таҷассум мекард. Бо рушди минбаъдаи фаннию технологияи кинематографӣ ва андӯхтани таҷриба, он имкони шабеҳасозии воқеиятро пайдо кардааст. Ӯ минбаъд усулҳо ва воситаҳои гуногуни ба воқеияти кинематографӣ табдил додани рӯйдодҳои инъикосшавандаро (ё чизе, ки боре рух дода буд ё рӯйдодҳои дар оянда вуқӯъ шавандаро) таҳия намудааст. Ин чӣ гуна воқеият аст, ба онтология ва гносеологияи тасвири олам чӣ иртибот дорад? – Муаллифи ин мақола дар баробари дигар муҳаққиқон дар ин бора андешаронӣ мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *воқеият, воқеияти кинематографӣ, консепсияи бадеӣ, муаллиф, филмҳои мустанад, шинохти амиқи олами ҳастӣ, усул ва воситаҳои азнавсозии воқеият дар синамо.*

## REMODULATION OF REALITY IN CINEMA
### (philosophical and cultural aspect)

**Rahimov S. Kh.**

*In this article, from the point of view of philosophy and cultural studies, the questions of the relationship of cinema to the displayed reality are considered. Initially, it showed a real-life event in the form of a newsreel. With the further development of cinematographic technology and the acquisition of experience, he developed a variety of methods and means of remodulating "really" happening (or what happened once, or upcoming events in the future) into cinematic reality. What kind of reality is this, what does it have to do with the ontology and epistemology of the picture of the world? – The author of this article reflects on this along with other researchers.*

***Key words:*** *reality, cinematographic reality, artistic conception, author, documentary films, in-depth knowledge of the pictures of the world, methods and means of remodulating reality in cinema.*

№3
2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# НАҚШИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОБГӮИ ТАЛАБОТИ БОЗОРИ МЕҲНАТ

**Шоисматуллоев Ш.** - узви вобастаи АМИТ, д.и.с., профессор, мудири шуъбаи сотсиологияи ИФСҲ АМИТ (e-mail: afkor@mail.ru)

**Юлбекова Н.** - докторанти PhD-и ДМТ, факултети фалсафа, кафедраи сотсиология (e-mail: nasibasot@mail.ru Тел: 508-88-78-29)

*Мақолаи мазкур ба баррасии нақш ва мавқеи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат бахшида шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки дар баробари дигар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ нақши муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар омода намудани мутахассисони баландхтисос босазо мебошад. Инчунин қайд менамоянд, ки барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос пеш аз ҳама иқтидори (патенсиали) илмии муассисаҳое, ки чунин мутахассисонро тайёр менамоянд, бояд баланд бардошта шавад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин тайёр ва бо кор таъмин намудани мутахассисони касбӣ буда, ба ин ҳадафҳо ноил шудан пеш аз ҳама ба сатҳу сифати таълим бояд диққати ҷиддӣ дод.*

***Калидвожаҳо:*** *таълим, мутахассис, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти касбӣ, бозори меҳнат, хатмкунандагони зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҷойи кор.*

Ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа тақозо менамояд, ки низоми маърифатӣ пайваста такмил дода шавад. Аз ҳамин сабаб, ченакҳои баҳодиҳӣ ба сатҳи саводнокӣ ва маърифатнокии аҳолӣ, махсусан, насли ҷавон тағйир меёбанд. Хусусан тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат низ дар ин раванд нақши ҳалкунанда мебозад. Таҳсилот раванди муттасили таълиму тарбия, ки мақсад аз он ноил шудан ба сатҳи баланди инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии аъзои ҷамъият мебошад [1.С.9].

Таҳсилоти касбӣ иборат аз таҳсилоти ибтидоии касбӣ (дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ), таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар омӯзишгоҳҳо, техникумҳо) ва таҳсилоти олии касбиро (дар донишкадаву донишгоҳҳо) мебошад. Дар пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа дар баробари дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақш ва мавқеи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ низ барьало ба назар мерасад.

Ба андешаи Н.В. Смирнова, "тағйироти мутамаддин", қабл аз ҳама, тағйири ҳадафи низоми таҳсилотро талаб мекунад. Маълумотнок будан дар фаҳмиши муосири он маънои дорои зеҳни гиро, қобилияти муоширати мусбат ва масъулияти иҷтимоӣ буданро дорад [9. С.13].

Рушди ҷомеаро дар ҳар давру замон бе такя ба пешрафти соҳаи маориф таъмин кардан мумкин нест. Давлат ин пешрафтро бояд аз лиҳози молиявӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ дастгирӣ намояд. Танҳо дар ин сурат маориф ба соҳаи пешрафту рушдкунанда ва бозгӯи ниёзҳои ҷомеа мубаддал мегардад. Баъди пош хӯрдани давлати абарқудрати шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани кишварҳои ҳайати он барои низоми таҳсилоти ин кишварҳо давраи нав оғоз гардид. Давлатҳои нави соҳибистиқлол дар сарқонуни кишварҳояшон ҳуқуқи таҳсилоти ройгонро кафолат дода, барои он аз куҷо пайдо намудани маблағро намедонистанд. Маблағгузории субвенсионии марказӣ, ки баъзе аз ҷумҳуриҳо аз он ҷумла, Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркма-нистон онро мегирифтанд, қатъ

гардид.Зарурате ба миён омад, ки ҳар як кишвар вобаста ба имкону шароити худ ва мувофиқ ба замон низоми таҳсилотро интихоб намояд. Ҷумҳуриҳои соҳили балтика, Эстония, Литва, Латвия зуд аз паси интегратсия бо аврупо шуда, низоми таҳсилоти онро қабул намуданд. Талабот барои гузариш ба низоми нави таҳсилот имруз пайдо шуда бошад ҳам, он заминаи наздик 30 сола дорад.

Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 22630 нафарро дар 66 муассисаҳои таҳсилот ба хондан фаро гирифтаанд, ки ба онҳо 1160 нафар омӯзгорони соҳибтахассус дарс медиҳанд.Аксари ин муассисаҳо ҳанӯз аз даврони шӯравӣ дорои базаҳои пурқуввати моддӣ-техникӣ мебошанд. Бо чунин шароит ва иқтидор ба ҳисоби миёна дар як муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 342 нафар хонанда рост меояд , ки он аз самаранок истифода нагаштани ин замина дар низоми таҳсилот дарак медиҳад [2.С.5-9, 84].

Моҳияти таҳсилоти касбӣ, пеш аз ҳама, аз ташаккули чунин муносибати донишҷӯён ба касб мебошад, ки дар он меҳнати касбӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои моддӣ, балки инчунин ҳамчун арзиши асосии ҳаётӣ, ҳамчун воситаи рушди хосиятҳои психологӣ ва психофизикии шахсият ва мутобиқгардонии онҳо ба мазмун, хусусияти меҳнати касбӣ ба ҳисоб меравад.

Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои дарозмуддати сиёсати давлатиро дар системаи таълим муайян кардааст ва самтҳои рушди онро ба сифати бахши муҳимми стратегӣ дар фазои нави иқтисодӣ ба танзим медарорад. Тибқи ин Консепсия “ҳадафи дурнамои рушди таълим дар Тоҷикистон таъсиси таълимоти заминавии муосир дар асоси арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ва воридшавӣ ба фазои таълимоти байналмиллалӣ ба шумор меравад. ”Татбиқи ин ҳадаф талаботи зеринро дар бар мегирад: гузаронидани таҳқиқоти бунёдии дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ, ошкор намудани моҳияти таълимоти муосир, ки воситаҳои манфиатбахши таълим ва тарбияро дар асоси барномаҳои навсозӣ фаро мегиранд; рушду такомули меъёрҳои нави давлатии таълим; ҳамгиросозии воқеии илм, маориф ва саноат; татбиқи технологияҳои навин, ки дастрасии инсонро ба меъёрҳои илмӣ, фарҳангӣ, техникӣ, ахлоқӣ ва маърифатнокӣ таъмин месозад [5.С.3].

Дар панҷсолаи дуюм ( солҳои 2016-2020) аввалин натиҷаҳои азнавсозии таҳсилот аниқ мегарданд, ки онҳо чунин мебошанд:

- дар натиҷаи азнавсозии молиявӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоию миёнаи касбӣ аз ҷиҳати моддию техникӣ хуб таъмин мешаванд;
- сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоию миёнаи касбӣ баланд гардида, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоию миёнаи касбии тоҷик ба сатҳи умумиҷаҳонӣ наздик мегардад;
- бо роҳи баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи маориф мушкилоти иҷтимоии онҳо ҳал гардида, ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҳисоби ҷавонон мукаммал мешавад;
- сатҳи шиддатнокии иҷтимоӣ дар ҷомеа паст гардида, ҷиноятkорӣ дар байни ҷавонон ва бепарастории кӯдакон ҷиддан пешгирӣ карда мешавад;
- дар натиҷаи устуворгардонии пояи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоию миёнаи касбӣ мутобиқати он ба бозори меҳнат меафзояд ва онҳо рақобатпазир мегарданд [6. -С.18].

Таҳсилоти миёнаи касбӣ, умуман чунин таҳррезӣ шудааст, ки шахси воқеӣ метавонад дар ташкили раванди меҳнат ҷойгир бошад. Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар маҷмӯъ на танҳо умумӣ, балки дониш, малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳои сатҳи тахассусии мувофиқро таъмин намояд.

Дар шароити ба иқтисоди бозаргонӣ табдилёбии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ соҳаи таҳсилот низ ба муносибати бозоргонӣ гузашта, қисмати сохтори дохилии иқтисоди бозоргонӣ гардида, ба яке аз соҳаҳои асосии на танҳо иҷрокунандаи вазифаи иҷтимоӣ, балки иқтисодӣ низ табдил ёфтааст. Системаи таҳсилотии миёнаи касбӣ низ, яке аз ҷузъиёти низомсозандаи сохтори

дохилии мураккаби иқтисоди бозаргонӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, ташкили сохтори дохилии иқтисоди бозаргонии ҷумҳурӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ниҳоят ба тазодҳо ва номуайянӣ тавсиф карда мешуд. Дар ин давра системаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, низ чун дигар муассисаҳои соҳаи таҳсилот дар муҳити ниҳоят “шиддатнок”-и иҷтимоӣ-иқтисодӣ қарор дошт ва барои дар шароити нав амал кардан омодагӣ надоштанд. Ба ғайр аз ин, равандҳои аз аз ҳад зиёд тавсеаёбии соҳаи таҳсилоти олӣ, системаи таҳсилоти миёнаи касбиро дар мадди охир қарор дод. Дар натиҷа сатҳи низоми таҳсилоти касбӣ, нақши иҷтимоӣ-иқтисодиро дар иқтисодиёти кишвар аз даст дод.

Дар давраи гузариш ( солҳои 1990-2000) даврони соҳибистиқлолии мамлакат муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аслан ба туфайли стратегияи “зинда мондан” фаъолият доштанд. Муассисаҳои номбурда бо дастгирии молиявии хеле ночизи давлат фаъолияти худро идома медоданд ва заминаҳои моддӣ-техникии худ, таҷҳизоту биноҳои худро ҳифз менамуданд ва қисми онҳоро ба иҷора дода, вазъи молияи худро ба эътидол меоварданд. Пас аз солҳои 2000-ум вобаста ба ташаккули бозори меҳнат, эҳё гардидани соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, тадриҷан фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рушд ёфт. Теъдоди ин муассисаҳо низ афзуданд [4.- С.12, 56-57].

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ дар қатори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар тайёр намудани мутахассисони равияҳои гуногун нақш ва саҳми босазо доранд. Тибқи маълумоти омории дар “Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” ба қайд гирифта шуда “... дар ҷумҳурӣ 49 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҷумла 27 коллеҷ, 3 техникум ва 19 омӯзишгоҳ фаъолият менамоянд, ки барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро амалӣ менамоянд. Дар муассисаҳои мазкур аз рӯйи шаш самт (тибӣ, омӯзгори техникӣ, аграрӣ, санъат ва иқтисодӣ) мутахассисон барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ омода карда мешаванд” [3. С.9].

Дар баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамари мутахассисони зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат нақши муассир дошта, таваҷҷуҳи корхонаю муассисаҳо ба мутахассисони омоданамудаи ин зинаи таҳсилот бештар гардидааст. Махсусан дар риштаҳои техникӣ, омӯзгорӣ ва тиббӣ дар ҷомеаи имрӯзи кишвар ниёз бештар буда, бо дарназардошти он ҳар сол сохта ва ба истифода додани муассисаҳои таълимии равияи техникӣ ва тиббидошта аз ҳисоби сектори давлатӣ ва хусусӣ дар кишвар зиёд мешавад.

Ихтисосҳое, ки имруз талабот нисбат ба онҳо дар бозори меҳнат зиёд аст метавонанд баъди чанде маъруфияти худро аз даст диҳанд.Аз ин рӯ системаи маориф наметавонад бо дараҷаи баланд мутахассисони соҳибкасбро бо шароити бозор мутобиқ сохта пешниҳод намояд. Тамоми ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ҷараёни тайёр кардан ва тарбия намудани мутахассисони ҷавон бояд талаботҳои корфармоён ва бозори меҳнатро нисбат ба мутахассисони ҷавон ба эътибор гиранд. Чунки корфармоён ба мутахассисоне ниёз доранд, ки онҳо дорои маҳорат ва малакаҳои хуби корӣ ҳастанд. Вақте, ки хатмкунандагон аз рӯи ихтисоси гирифтаашон ба фаъолияти меҳнатӣ дар бозори меҳнат машғул намегарданд, маҷбуранд бо маблағҳои каму ночиз дар ягон корхона ва ё зери дасти корфармо ба кор шурӯъ намоянд. Сабаби ин гуна амали хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар он аст, ки оилаҳои онҳо дараҷаи пасти даромад доранд. Дар баробари ин бисёре аз донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳсилро бо кор якҷоя ба охир мерасонанд. Вазъияти моддии ҳар як донишҷӯ дар давоми таҳсил ба инкишофи таълим дар муассисаи таълимии касбӣ ва бо кор таъмин шудани ӯ таъсир мерасонад. Яке аз воситаҳои баланд бардоштани ҳавасмандии коргарон ба кор ин аз тарафи корхона пешниҳод

намудани имтиёзҳо нисбати манзили зист, реҷаи кории муайян, давомнокии муайяни рухсатии меҳнатӣ, илова наму-дани ҳаҷми муайяни маош мебошад. Бояд зикр кард, ки корфармоён ба хотири иштироки пурраи фаъолияти меҳнатии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба онҳо имконияти васеъ ва дастгирии худро дареғ надоранд, аз ҷумла:

-имконият додан барои гузаронидани таҷрибаи таълимӣ, таҷрибаи малакаҳои касбӣ, таҷрибаи пеш аз дипломӣ;

-имконияти таҷҳизонидан барои гузаронидани корҳои лабараторӣ;

-мусоидат кардан ба шуғлмандӣ ва ғайра [8. С9].

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани мавқеи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити кунунӣ ин баланд бардоштани иқтидори илмии муассиса-ҳои таълимӣ мебошад. Дар доираи талаботи Вазорати маориф ва илм директорони муассисаҳои таълимӣ масъул карда шудаанд, ки омӯзгорони ҷавонро барои ҳимояи корҳои илмӣ таҳрик дода, шароити мусоиди иҷтимоиро барои онҳо таъмин намоянд. Дар ин ҷода фаъолияти хуби коллеҷҳои тиббии ҷумҳуриявӣ (7 нафар номзади илм), техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ (6 нафар), муҳандисӣ омӯзгорӣ (3 нафар), тиббии шаҳри Хуҷанд (3 нафар), кӯҳии ба номи С. Юсупова (2 нафар), информатика ва техникаи компютерӣ (3 нафар), омӯзгории шаҳри Хуҷанд (2 нафар) ва ғайраҳоро ёдовар шудан мумкин аст. Муассисаҳои таълимие ҳастанд, ки ҳатто як нафар номзади илм надошта, барои ҳимояи корҳои илмӣ омӯзгорони ҷавонро ҷалб намекунанд.

Бинобар ба талабот ҷавобгӯ набудани биноҳои таълимӣ, хобгоҳҳо ва заминаи моддию техникии коллеҷҳои омӯзгории ноҳияи Рашт, омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ, омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, тиббии шаҳри Исфара, муҳандисӣ-техникии ноҳияи Нуробод, омӯзгории ноҳияи Лахш, омӯзгории ноҳияи Қубодиён, техникии шаҳри Конибодом, муҳандисӣ-техникии шаҳри Роғун, омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ, тарбияи ҷисмонии шаҳри Бустон ва тиббии шаҳри Панҷакент ҳар сол нақшаи қабул дар ин муассисаҳо иҷро нагардида, таваҷҷӯҳи мардум ҳам барои таҳсил дар онҳо сол аз сол кам гардидааст[10].

Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ на танҳо дар тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои техникиву технологӣ, балки соҳаҳоеро, ки ташакулдиҳандаи рушди инсон ва сармояи инсонӣ (таҳсилот, тандурустӣ, фарҳанг) ба ҳисоб меравaнд, бо кадрҳои сатҳи миёна таъмин менамоянд. Бояд таъкид намуд, ки тайёр намудани мутахассисони сатҳи миёна аз синфҳои 9-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ оғоз шуда, барои шаклгирии шахсиятҳои инноватсионии ҷомеа саҳмгузор мебошанд ва пайвандгари муносибатҳо миёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ҳам мебошанд. Соли 2017 аз 1381 донишҷӯёни коллеҷҳое, ки аз синфи 9 қабул шудаанд, беш аз 58% - и онҳо бо тариқи шартномавӣ таҳсил менамоянд.

Ҳолати қабули донишҷуён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ш.Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз синфҳои 9), (соли 2017):

-коллеҷи техникии ДТТ ба номи М.Осимӣ- шумораи донишҷӯён 207 нафар, аз он ҷумла, 34 нафар буҷавӣ, 173 нафар шартномавӣ;

-коллеҷи омӯзгории ДДОТ ба номи С. Айнӣ - шумораи донишҷӯён 227 нафар, аз он ҷумла, 48 нафар буҷавӣ, 179 нафар шартномавӣ;

-коллеҷи муҳандисӣ омӯзгории ш.Душанбе- шумораи донишҷӯён 138 нафар, аз он ҷумла, 109 нафар буҷавӣ, 29 нафар шартномавӣ;

-коллеҷи ҷумҳуриявӣ рассомӣ ба номи М.Олимов - шумораи донишҷӯён 102 нафар, аз он ҷумла, 44 нафар буҷавӣ, 58 нафар шартномавӣ;

-коллеҷи информатика ва техникаи компютерӣ - шумораи донишҷӯён 194 нафар, аз он ҷумла, 98 нафар буҷавӣ, 96 нафар шартномавӣ;

-коллеҷи тиббӣ- шумораи донишҷӯён 299 нафар, аз он ҷумла, 50 нафар буҷавӣ, 249 нафар шартномавӣ;

-коллеҷи санъати ба номи А.Бобоқулов - шумораи донишҷӯён 86 нафар, аз он ҷумла, 61 нафар буҷавӣ, 25 нафар шартномавӣ;

-коллеҷи хорегграфии ба номи М.Собирова - шумораи донишҷӯён 26 нафар, аз он ҷумла, 26 нафар буҷавӣ, шартномавӣ (0);

-коллеҷи тиббии иҷтимоӣ (ғайри-давлатӣ) - шумораи донишҷӯён 102 нафар, аз он ҷумла, 102 нафар шартномавӣ, буҷавӣ (0) [7.С.66-69].

Хулоса, дар таъмин намудани бозори меҳнат бо мутахассисони баландихтисос нақши муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ низ босазо мебошад.

### Адабиёт


1. Раҳмонов, А.А. Мактаби Олӣ (қисми аввал) / А.А.Раҳмонов. - Душанбе 2007. 528 с.
2. Акилов, Н. И. Низоми нави таҳсилот: Заминаҳои педагогӣ ва иқтисодӣ / Н.И.Акилов. - Душанбе, “ Ирфон”, 2011. 178 с.
3. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020. // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, № 200. - Душанбе. 66 с.
4. Бурҳонзода, З.С. Такмили механизми ташкилию иқтисодии таъмини рушди иноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар бозори хизматрасо-ниҳои таълимӣ / З.С.Бурҳонзода // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе-2020, 161с.
5. Консепсияи миллии маълумоти Ҷум-ҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2002..
6. Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2010, № 207. - Душанбе 2010. 18 с.
7. Маҷмӯаи омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018, - С-66-69.
8. Руденко, Л.Д. Проблемы занятости в крупном региональном центре: текст лекции // Л.Д. Руденко, А.Г Смирнова Яросл. гос.ун-т им, П.Г. Демидова. – Ярославль : ЯрГУ, 2013. 64 с.
9. Смирнова, Н.В. Социальные техноло-гии реформирования образования в Росии / Н.В.Смирнова // Социально-политический журнал. – 2006, №1.- С.13
10. https://m.facebook.com/groups/263734678326701/permalink/990173669016128/?mibextid=Nif5oz).


## РОЛЬ НАЧАЛЬНЫХ И СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ В ОБУЧЕНИИ СПЕЦИАЛИСТОВ ДЛЯ УДОВЛЕТВОРЕНИЯ ПОТРЕБНОСТЕЙ РЫНКА ТРУДА

**Шоисматуллоев Ш., Юлбекова Н.**

*Статья посвящена рассмотрению роли и места учреждений начального и среднего профессионального образования в подготовке специалистов, отвечающих требованиям рынка труда. Авторы от-мечают, что наряду с другими учрежде-ниями профессионального образования, роль учреждений начального и среднего профессионального образования заклю-чается в подготовке высококвалифици-рованных специалистов. Они также отмечают, что для подготовки высококвалифицированных специалистов, в первую очередь, следует повышать научный потенциал учреждений, осуществляющих подготовку таких специалистов. В условиях рыночной экономики одним из важнейших вопросов является подготовка и трудоустройство профессиональных специалистов и для достижения этих целей, в первую очередь, следует уделять внимание уровню и качеству образования.*

***Ключевые слова:*** *образование, специалист, учреждения начального и среднего профессионального образования, профессиональное образование, рынок труда, выпускники среднего профес-сионального образования, рабочее место.*

## THE ROLE OF PRIMARY AND SECONDARY VOCATIONAL SCHOOLS IN TRAINING SPECIALISTS TO MEET THE NEEDS OF THE LABOR MARKET

**Shoismatulloev Sh., Yulbekova N.**

*This article is devoted to the consideration of the role and place of*

*institutions of primary and secondary vocational education in the training of specialists who meet the requirements of the labor market. The authors note that, along with other institutions of vocational education, the role of institutions of primary and secondary vocational education is to train highly qualified specialists. They also note that in order to train highly qualified specialists, first of all, it is necessary to increase the scientific potential (capacity) of institutions that train such specialists. In a market economy, one of the most important issues is the training and employment of professional specialists, and in order to achieve these goals, first of all, attention should be paid to the level and quality of education.*

***Key words:*** *education, specialist, institutions of primary and secondary vocational education, vocational education, labor market, graduates of secondary vocational education, workplace.*

# ШАРҲИ АНТРОПОЛОГИИ СЕ РУКНИИ АСОСИИ АХЛОҚ

**Музаффар М.** – узви вобастаи АМИТ, д.и.ф., профессор, директори Маркази антропологияи АМИТ

*Дар мақола шарҳи антропологии рукнҳои бунёдии ахлоқӣ: пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек баррасӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки чунин пайрадҳамӣ, яъне аввал пиндору гуфтор ва баъдан рафтори нек бесабаб нест. Дар амали инсон ҳолатҳои психофизиологии устувор вуҷуд доранд. Бо ибораи дигар, ҳар амали инсон аз андеша огоз гардида, ҳамчун фикршакл ба садо табдил ёфта, баъдан тавассути ирода инсон ин ва ё он амалро иҷро менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *ахлоқ, пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек, покдоманӣ, ҳарисӣ, парҳезкорӣ, некӣ.*

Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори некро дар ҳақиқат пояи бунёдии на танҳо таълимоти ахлоқӣ, балки ҷисмониву равонӣ шуморидан мумкин [1].

Пайдарҳамии ин рукнҳои сегонаи таълимоти Авестоӣ тасодуфӣ нест. Фаҳмиши тинати ҷисм ва равони инсон муаллифи ин гуфторро водор сохтааст, ки сарчашмаи амали инсонро муайян сохта, ифодашавӣ ва сарчашмаи «ҷараён»-и ин андеша равшан намояд. Андешаи одамӣ, чуноне ки гуфтаанд, базрест, ки баъди пошидан шукуфа мекунад ва гуфторро ба бор оварада, мутобиқи ин ду амал рафтори одамӣ сурат мегирад. Аз ин сабаб, пайдарҳамии ин ҳолатҳо, пайдарҳамии фикру гуфтору рафтор аст. Аз фикр гуфтор ва аз гуфтор – рафтор ба миён меояд. Чуноне, ки дар боло зикр карда шуд, коркард ҳамеша аз фикр сарчашма мегирад.

Дар андешаҳои ахлоқии Авестоӣ бештар дар бораи ростӣ ва ростгӯӣ сухан меравад. Дар доираи ахлоқ ростӣ ва ростгӯиро яке аз муҳимтарин қисматҳои тинати одамӣ меноманд. Мувофиқи таҳқиқоти равоншиносони англис корманди миёнаи британиёӣ дар давоми рӯз қариб 200 бор дурӯғ мегӯяд. Ба фикрам, чунин хусусият дар замони муосир, на танҳо хоси англисҳо, балки дар байни аксарияти мардумони мутамаддин мушоҳида мешавад. Масалан, ҳар рӯз дар вохӯрӣ бо дӯстон, мо аз онҳо ё ин ки онҳо аз мо пурсон мешаванд: «Корҳо чихел?». Дар ҷавоб мо мешунавем, «Хеле хуб». Гумон намекунам, ки корҳо то ин дараҷа хуб бошанд. Ё ин ки, ҳангоми вохӯрӣ яке дигареро боварӣ мекунонад, ки «аз дидорат шодам», вале ки донад, ки ботинаш дар кадом ҳолат аст.

Дурӯғ монанди зараровари ба се шакл тақсим мешавад. Якум - дурӯғи даъватшуда, дуввум – дуруғи гуфташуда ва сеюм – дурӯғи пазируфташуда. Муносибати Авестоӣ нисбат ба ҳама гуна намудҳои дурӯғ дар Ясно чунин ифода ёфтааст. «То ҷое, ки тавону ниру дорам, бо дурӯғу дурӯғгӯён пайкор мекунам, ба ҳамаи нирӯи саршорам устувор барои ростӣ ростравонам, то ҷое, ки саранҷом ба он ҷаҳони миновию сармадӣ расам» [2].

Зарур нест, ки дурӯғро ҳатман аз даҳони шахс бишнавем. Инсон метавонад, инсони дигарро бевосита ва ё бавосита ба дурӯғ гуфтан моил созад. Зӯроварӣ яке аз воситаҳои ба дурӯғ майл кунонидани шахси дигар аст. Масалан, агар волидайн бачаро барои иҷро намудани ин ва ё он фармоиш ҷазо диҳанд, бача метавонад бо роҳи дуруғ аз чунин ҷазо раҳоӣ ҷӯяд. Дар ҳаёти ҷамъиятӣ низ чунин ҳолат метавонад амал кунад. Агар барои ҳар як андешаи аз чорчӯбаи афкори умум берунбаромада, ҷазо раво бинанд, пас дар ҷамъият дурӯғ ва риёкорӣ авҷ хоҳад гирифт.

Ростқавлӣ на ҳама вақт ҳақиқатро ошкор месозад. Сарфи назар аз самимияти зоҳирии инсон, вай на ҳама вақт рост мегӯяд. Аз сабаби маҳдудии ҷаҳонбинӣ, вай метавонад ба иштибоҳ роҳ диҳад ва ё андешаи дурустро

нодуруст баён созад. Бинобар ин, ростқавлӣ ҳамеша дониши ба меъёрҳо ҷавобгӯ бударо тақозо дорад. Бо ибораи дигар, ростқавлӣ мувофиқат аст, миёни пиндору гуфтору рафтор.

Аз ин рӯ, мувофиқат миёни пиндор, гуфтор ва рафтор асоси раостқавлиро ташкил медиҳад.

Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки инсон бо пиндору гуфтор ва рафтор худро муаррифӣ мекунад. Ҳар як номувофиқатӣ миёни ин се пояи бунёдӣ ҳақиқати ягонаро халалдор месозад ва ба худи инсон зараровар аст. Масалан, шахс метавонад, ки баҳри аз мушкилоти лаҳзагӣ халосӣ ёфтан, андешаи худро ошкор насозад, ё гуфтаҳояш мухолифи андешаҳояш сурат гиранд ва ё рафтораш мухолифи гуфтораш бошад. Дар ҳар се ҳолат шахс гуноҳи азиме содир хоҳад кард, чунки тухми амал дар дараҷаи андеша пеш аз гуфтору рафтор кошта шудааст ва ҳосил низ бояд ҳосили ин «тухм» бошад, на ҳосили тухми нокошта.

Нигоҳ доштани мувофиқат байни пиндору гуфтор ва рафтор дар зиндагӣ кори осон нест. Вале зарари номувофиқ буданаш барои инсон бори гарон аст. Аз ҷазои вайронкорӣ дар ин самт ҳеҷ ҷои гурез нест, чунки амали ҳаррӯзаи мо қатраест, ки дар хазинаи коркарди мо ворид мешавад. Бинобар ин, шахс бояд, сарфи назар аз замон, макон ва шароити иҷтимоии мавҷудбуда, кӯшиш намояд, ки амалаш аз сухан ва суханаш аз андешааш сарчашма гирад.

Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек бевосита ба саломатии инсон таъсири мусбат мерасонанд ва аз ин ҷо, вобастагии саломатию ахлоқ равшан аст.

Дар ҳама тамаддунҳои антиқа, ки таълимоти тиббӣ мавҷуд буд, баҳамвобастагии ростқавлӣ ва саломатии психофизиологӣ эътироф шудааст. Мавҷуд будани табобат бо сухан то дараҷае вобаста будани саломатии ҷисмонию равонӣ аз фикриро мефаҳмонад.

Ҷаҳонбинии хоса материализми ҷанговар фикрро дуюмдараҷа дониста, вайро хизматрасони бадан мешуморад ва ҷаҳонбиние, ки аз чунин фаҳмиш сарчашма мегирад, мутаассифона, ҳақиқати ҳастиро халалдор сохта, пояи ахлоқиро дар доираи пиндору гуфтору рафтор заиф мегардонад. Андешаи нодуруст сарчашмаи амали бад аст. Аз тарафи дигар, инсон бояд андешаро дуруст баён карда тавонад. Дар ин бора дар «Қонуни Манух» омадааст: «Андешаи дуруст гуфтан лозим аст, вале андешаи дуруст бояд гуворо ифода ёбад. Андешаи дурустро набояд дағалона гуфт. Дурӯғи дағалро ҳеҷ гоҳ набояд ба забон овард» [4, 138].

Дар баёни ҳақиқат, инсон бояд меъёреро нигоҳ дорад, ки ҳақиқат ба бисёргӯӣ ва беҳудагӣ ба анҷом нарасад. Чунин ҳақиқат на ба шунаванда ва на ба гуянда ҳаловат намебахшад.

Дар баъзе маврид, вобаста аз шакли баёни ҳақиқат, таъсири он ё ба ҳолати мусбат ва ё манфӣ оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, андешаи дуруст бояд дар шакли дилписанд баён шавад.

Аз тарафи дигар, барои ростқавл будан, бояд шахс бо худ самимӣ бошад, бо худ самимӣ будан, маҷбур месозад, ки бо дигарон низ самимӣ бошем. Самимӣ будан бо дигарон, барои худомӯзию худшиносӣ кӯмакрасон аст.

Ба монанди фикр, сухани то ба амал табдил наёфта, ба ҷисми мо сахт алоқамандӣ дорад. Фикр сарчашмаи ҳам сухану ҳам амал ва ҳам сарчашмаи саломатӣ ё маризии инсон мегардад.

Аз ин лиҳоз, мазмуни сухану шакли суханро нигоҳ бояд дошт, чунки онҳо бо ҳам алоқаманданд. Ҳақиқатгӯӣ ё ростгӯӣ, ки фикр сарчашмаи онҳост, худҳадаф набуда, воситаи муҳими худфаҳмист. Андешаи бофта ва нодуруст, риёкорӣ, махфӣ нигоҳ доштани хоҳиш, моҳияти поки инсонро нопок нигоҳ дошта, қобилияти ҳиссӣ ва дарки ҳадсиро хароб месозад. Бешакку шӯбҳа, андешаи фиреб на танҳо барои шахс, балки барои ҷамъият хатаровар аст.

Дигар ҳолате, ки аз фикр сарчашма мегирад, ҳарисӣ ва манфиатҷӯӣ мебошад. Дар адабиёти ба ахлоқ бахшидашуда, ба ин ду сифати инсон диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Аз худ намудани молу ашёи бегона, аз гурусна будани шахси дузданда шаҳодат намедиҳанд. Ба яғмо бурдани ашёи ба нафаре дахлдошта, аз тарафи каси дигар, ба дараҷаи ҳарисии ӯ

вобаста аст. Дар чунин ҳолат, боз ду сифати дигар, яъне, чашмгуруснагӣ ва бегонашавӣ ба ҳарисӣ зам мешаванд [5].

Одамон имрӯз ба субъектҳои истифодабарандаи молу ашё, хизматрасонӣ ва тамошобинон табдил ёфтаанд. Мардум худро бе дастрас намудани ашёи рӯзгор, пулу мол тасаввур карда наметавонанд. Орзуи таҳтулшуурии як қатор одамон пулу мол, ҳаёти бодабдаба, бошукӯҳ ва ифроткорӣ гаштааст.

Нафароне низ дар ҷамъият дида мешаванд, ки бо мақсади ҳарчӣ бештар ба даст овардани сарват ҳарифони худро аз байн мебаранд, гурӯҳҳоро муқобили якдигар равона месозанд, ҷангу кашмакашиҳои зиёдеро дар доираи ҷамъият ба миён меоваранд.

Шахсоне, ки дар ин майдони набарди ҳаёт аз ҳарисию манфиатҷӯӣ дур мондаанд, ноком, бетолеъ ва бадбахт ҳисобида мешаванд.

Вале бояд донист, ки давлатманд шахсе нест, ки аз молу ашё беандоза таъмин аст, давлатманд касест, ки шахсияташ худбасанда, худдонанда ва хударзиш аст. Бинобар ин, агар кас худро дар майдони ҳарисӣ заиф ҳис кунад, шояд ин далели он бошад, ки ӯ, мумкин, табиатан аз фиреби саробмонанди зиндагӣ озод ва пок аст.

Агар касе аз ҳолати ташаккулёбии ҷисму рӯҳи худ ҳаловат набарад, чунин шахс бояд дар бораи сохти зиндагӣ ва ҳадафи худ биандешад.

Бетамаӣ танҳо аз худ накардани молу ашёи бегона ва дуздиро намефаҳмонад. Дуздӣ бошад, танҳо аз ҷайб ва хонаи кас молу ашёи ӯро берун баровардa аз худ кардан нест. Дуздӣ аз худ намудани хизмати касест, ки шахси дигар онро аз худ мекунад ва ё аз чунин хизмат истифода мебарад. Дар урфият гуфтаанд, ки миқдори пулу мол, микдори бахтро муайян намесозад.

Агар шахсе аз норасогии пул ва мол танқисӣ кашад ва доимо дар такутози ҷамъ намудани онҳо бошад, пас бояд бифаҳмад, ки дар амон нигоҳ доштани онҳо низ ҳамон қадар ташвишро аз ӯ талаб мекунанд. Пул ва мол ба кас аз омили хизматрасон ба омили роҳнамо ва роҳбар табдил мeёбанд. Барои нигоҳдошти пулу мол кӯшиши зиёде ба харҷ додан лозим меояд. Дар баробари зиёд гаштани сарват, тарс ҳамсафари шахси сарватманд гашта, кори манфии худро дар ҷисми инсон шурӯъ мекунад.

Дилбастагӣ ба молу ашё ҳарчӣ камтар бошад, ҳамон қадар гуфтори дурӯғ барои нигоҳдошти он кам мешавад. То кадом андозае, ки аз молу пули бо роҳи нодуруст ба даст омада, дар канор бошад, то ҳамон андоза тинати ӯ озод ва пок аст. Ҳарисӣ ба пулу мол, ҳолати риоя накардани принсипҳои ахлоқиро дар шахс ба вуҷуд меоварад.

Моликияти шахсӣ бояд дар ҷамъият ҳаду ҳудуде дошта бошад ва ба меъёре ҷавобгӯ бошад. Бинобар ин, рақобати пулу мол ва аз худ намудани ҳар чӣ бештар сарват, на барои шахси алоҳида ва на барои манфиати ҷамъияту одамон аст.

Бо ҳамин тариқ, бетамаъӣ ва манфиат наҷустан, танҳо аз худ накардани молу ашёи касро намефаҳмонад. Ин ҳолати равонию ахлоқиест, ки бояд шахс «тухм»-и хоҳиши молу ашёро дар тафаккури худ аз бунёд нест ва нобуд созад [6].

Моҳияту маънои бетамаъӣ ва манфиат наҷустан, худ инкор намудани моликияти хусусӣ нест. Ҳангоме, ки ҷамъ намудан ва нигоҳ доштани чунин моликият ҳадафи зиндагии шахс мегардад, чунин ҳолат дар чорчӯбаи «бетамаъӣ ва манфиат наҷустан» намеғунҷад.

Барои ба роҳ мондани риёзати ахлоқӣ ва худташаккулдиҳӣ то андозае шароити мусоидаткунанда лозим аст. Бинобар ин, бетамаъиро дар маънои ифротӣ фаҳмидан лозим нест.

Фаҳмиши масъала дар он аст, ки молу ашёи дунявӣ чуноне, ки қайд гардид, вакт, диққат ва амали лозимиро баҳри пойдор монанди худ талаб доранд. Инсон агар дар умри худ танҳо сарсону саргардони ҷамъ ва пойдор нигоҳ доштани молу амвол бошад, пас баҳри худташаккулдиҳӣ вақти кифоя ва лозимӣ намеёбад. Ғайри хирадмандист, агар шахс аз миқдори лозимӣ барои оила ва ҷисму ҷони худ ва наздиконаш, бештар молу ашё ҷамъоварӣ кунад.

Қонеъ намудани талабот бояд дар доираи қарзи шаҳрвандии мо ва кӯшиши ташаккулёбии мо бошад. Аз ин сабаб, мо бояд бо дарёфт ва истеъмоли

табиатан барои ҳаёт зарӯрӣ, қаноатманд гардем.

Ҳанӯз дар замони қадим ҳурмату эҳтироми шахс вобаста аз дараҷаи дилбастагӣ надоштани ӯ нисбат ба молу мулк буд. Агар шахс бетамаъиро ба молу ашёи атроф дар дил мепарварид, эҳтироми ӯ дучанд меафзуд. Орифон бошанд, моҳияти бетамаъиро хуб дарк менамуданд, бинобар ин, ҳамчун шамъи равшанкунандаи роҳи худшиносӣ эътирофи умум гардида буданд.

Яке аз масъалаҳои дигари ба ахлоқ таъсиррасонанда парҳезкорӣ мебошад.

Дар адабиёти фалсафӣ ва равоншиносии Аврупо парҳезкориро бештар ба парҳез аз муносибати мард ба зан маънидод мекунанд [3]. Гарчанде, ки парҳез чунин муносибатро низ дар бар гирад ҳам, вале маънои мафҳуми «парҳезкорӣ» хеле васеъ аст.

Парҳезкорӣ дар масъалаи муносибати миёни мард ва зан набояд яктарафа фаҳмида ва шарҳу тафсир ёбад. Дар муайян сохтани моҳияти чунин парҳезкорӣ, паҳлӯҳои мусбат ва манфии фаҳмиши ин ҳолати психофизиологиро бояд фаҳмид.

Масалан, дар шароити имрӯза, ки аксарияти мардум дар зери таъсири маданияти оммавӣ қарор доранд, ҳисси ҷинсӣ дар ахбороти умум - маҷаллаҳо, оинаи нилгун, радио на ғайра, ҳамчун арзиши воломақом пешкаш карда мешавад. Тани бараҳнаи мард ва зан воситаи диққатҷалбкунанда барои муштариёни бозори молу ашё гаштааст. Бо ҳамин тартиб муҳаббат ба алоқаи ҷинсӣ воситаи хариду фуруш қарор гирифтааст. Дар чунин вазъият, анъанаҳои дар ахлоқи ниёгон ҷойдошта, маслиҳату пешниҳодоти онҳо роли бузургеро бозиданашон мумкин.

Бояд қайд намуд, ки алоқаи ҷинсӣ танҳо қонеъ намудани талаботи психофизиологӣ нест. Аз хусусияти инсон, шакли амали ӯ алоқаи ҷинсӣ метавонад воситаи аз байн бурдани ҳаяҷон, кайфияти ҳиссӣ, давомоти насл, муошират, ивазкунанда ва мукаммалкунандаи ҳис ва эҳсосот, ба даст овардани пул, мол, вазифа ва фаҳмиши хислати кас бошад. Муносибат миёни мард ва зан вобаста аз дараҷаи ташаккули шуури шахс аст. Шахси камолоти маънавияш ба дараҷае расида, чӣ мард бошад ва чӣ зан, дар ҳолати интихоб, ба меъёрҳои гуногуни интеллектуалию ахлоқӣ диққати ҷиддӣ медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки бисёре аз тазкираҳо масъалаи парҳезкориро дар маънои парҳез кардан аз пиндори бад, гуфтори бад ва рафтори бад, баён сохтаанд. Аз ин ҷо бар меояд, ки дар тафаккур мавҷуд набудани шавқ ва васвасаи ҳайвонӣ мубориза ба муқобили чунин хоҳиш асоси парҳезкориро ташкил медиҳад.

Дар таълимоти психоаналитикии Зигмунд Фрейд гуфта мешавад, ки асоси шуурро хоҳиши шаҳватӣ ташкил дода, инсон ҳамеша дар мубориза бо ин қувваҳои торик қарор дорад [8].

Дар ҷаҳонбинии ориёӣ бошад, асоси шуурро Хиради кайҳонӣ ташкил дода, ҳадафи инсон дар худшиносӣ ва дарёфти асрори худӣ даниста шудааст. Аз чунин нуқтаи назар, ҳар як амали ҳиссие, ки аз худбинӣ ва худпарастӣ оғоз меёбад, масалан, қаҳру ғазаб, тарс, васвасаҳои тасаввурӣ ва ғайра, вайронкунандаи ҳолати парҳезӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳама ҳолатҳои психофизиологии дар боло зикршуда, дар партави пинори нек, гуфтори нек ва рафтори нек арзишгузорӣ карда шудаанд.

**Адабиёт**


1. Авеста: Изоб. гимны / Перевод с Авести, комм. Стеблин – Каминского И.М. - Душанбе: «Адиб», 1990. - 174 с.
2. Авасто. Ҷил. 1. - Душанбе: «Бухоро», 2014.-784 с.
3. Адлер А. Понять природу челорвека / Перевод с немецкого. – СПб: «Академический проект», 2000. - 256 с.
4. Артхашастра. – Москва: «Наука», 1993. - 796 с.
5. Аскар Халидӣ. Человек в исламе и арабских школах. – Тегеран., 1987.
6. Банзен Ю. Очерки по характерологии. – М., 1867. - 442 с.
7. Мери Бойс. Зороастрийцы: верования и обычаи.–М., 1983. -352с.
8. Фрейд З. Очерк теории сексуалтности. М., 2022. - 320 с.

## АНТРОПОЛОГИЧЕСКАЯ ИНТЕРПРЕТАЦИЯ ТРЕХ ЭТИЧЕСКИХ ОСНОВ

**Музаффар М.**

*В статье дается антропологическая интерпретация трех онтологических основ этики в форме: праведная мысль, праведная речь и праведное поведение.*

*Отмечается, что подобный порядок т.е., сначало мысль, затем слово, а потом действие, не случаен. В поведении человека действительно существует такая психофизиологическая последовательность. Другими словами, человек, прежде всего, думает и это думание выражается словом, и, наконец, согласно намерению и слову так или иначе человек действует.*

***Ключевые слова:*** *этика, праведная мысль, праведная речь, праведное действие, целомудрие, жадность, благочестие, доброта.*

## ANTHROPOLOGICAL INTERPRETATION OF THE THREE ETHICAL FOUNDATIONS

**Muzaffar M.**

*The article gives an anthropological interpretation of the three ontological foundations of ethic in the form of: righteous thought, righteous speech and righteous behavior.*

*It is noted that such an order, like, the first a thought, then a speech, and then an action, is not accidental. There really is such a psychophysiological sequence in human behavior. In other words, a person, first of all, thinks and this thinking is expressed by the word, and finally, according to the intention and the word, one way or another, a person acts.*

***Key words:*** *ethics, righteous thought, righteous speech, righteous action, virtue, greed, piety, kindness.*

№3
2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ЧЕНАКҲОИ МОҲИЯТИИ ТАБИАТИ ИНСОН ДАР АНТРОПОЛОГИЯИ ФАЛСАФӢ

**Зиёӣ Х. М. -** доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
+992-372-221-77-96, kziyoev@yandex.ru

*Дар мақола ду дидгоҳи дар антропологияи фалсафӣ мавҷудбуда оид ба ченакҳои моҳиятии табиати инсон - ченакҳои табиати биологии инсон, моҳияти психикӣ, иҷтимоӣ ва кайҳонии инсон, инчунин нуқтаи назари муҳаққиқи росиягӣ К.Х. Момҷян доир ба табиати инсон ҳамчун намуди биологӣ, моҳияти таърихӣ-иҷтимоӣ ва моҳияти инфиродии инсон мавриди таҳлил қарор гирифта-аст. Ҳамзамон, таҳлили субстратӣ, функсионалӣ ва субстансионалии моҳия-ти инсон равшан карда шуда, собит карда шудааст, ки синтези ин ҳар ду методологияи таҳлилшуда метавонад таҷрибаи маърифатиро дар соҳаи антропологияи фалсафӣ боз ҳам ғанитар гардонад.*

***Калидвожаҳо***: *инсон, табиат, моҳият, ченаки моҳиятӣ, табиати биологӣ, моҳияти психикӣ, моҳияти иҷтимоӣ, моҳияти кайҳонӣ.*

Ҳанӯз асосгузори антропология, файласуфи машҳури олмонӣ Иммануил Кант (1724-1804) бузургии инсон ва моҳияти ӯро ба таври возеҳу равшан дарк карда, таъкид намуда буд: «Оне, ки инсон метавонад дар тасаввуроти худ дарки «ман»-и худиро дошта бошад, ӯро аз тамоми мавҷудоти дигаре, ки дар замин зиндагӣ мекунанд, бениҳоят болотар мегузорад» **[1; 9]**. Аз ин суханон бармеояд, ки моҳияти инсон дар «ман»-и ӯ нуҳуфта, танҳо кушодани тамоми паҳлӯҳои биологию психикӣ, иҷтимоию маънавии ин «ман», муайян сохтани нерӯҳои моҳиятии он ва шароити зуҳури онҳо ва даҳҳо омилҳои дигари ба он иртиботдошта имкон медиҳанд, ки тасаввуроти илмӣ-фалсафиро дар бораи моҳияти инсон мукаммалтар гардонем.

Вобаста ба ин дар таҳқиқоти мазкур ду дидгоҳи дар антропологияи фалсафӣ мавҷудбуда оид ба ченакҳои моҳиятии табиати инсон, ки якумӣ дар фалсафа умумиқабулшуда мебошад ва нуқтаи назари муҳаққиқи росиягӣ К.Х. Момҷян, ки дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ ченакҳои моҳиятии инсонро дар асосҳои дигари фарқкунанда оид ба табиати инсон муқаррар намудааст, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Доир ба масъалаи матраҳшуда сухан ронда, қабл аз ҳама, бояд қайд намуд, ки мафҳуми «моҳият», чунонки дар фалсафаи умумӣ қабул шудааст, айният доштани ашёву зуҳуротро бо худи онҳо, фарқияти онҳоро аз ашёву зуҳуроти дигар мефаҳмонад. Дар нисбати инсон баъзан ба ҷои «моҳият» мафҳуми «табиат», дақиқтараш, «табиати инсон»-ро низ истифода мекунанд. Мафҳумҳои «табиати инсон» ва «моҳияти инсон» ба ҳам наздик бошанд ҳам, вале баъзан байни онҳо тафовут мегузоранд. Мафҳуми «табиати инсон»-ро, пеш аз ҳама, барои таъкиди фарқияту бартарии инсон нисбат ба ҳайвон истифода мекунанд **[5; 158 ]**. Паҳлӯҳои дигари хосиятҳои инсониро бо мафҳуми «моҳияти инсон» ифода кардан имкон дорад.

Ҳамин тариқ, дар нисбати моҳияти инсон низ маҳз ҳаминро дар назар доранд, ки он чӣ гуна ба худ айният дорад ва бо чӣ аз дигарон (мавҷудоти дигари зинда, ашё, зуҳурот ва амсоли он) фарқ мекунад, ё худ: «Аз чунин дидгоҳ, мо бояд ба ҳайси моҳияти инсон маҷмуи системавии хосиятҳоеро эътироф намоем, ки ӯро инсон месозанд ва ӯро аз тамоми зуҳуроти дигари олами моро иҳотакарда ва фарогиранда фарқ мекунонанд» **[4;237]**. Ин айнияту фарқияти инсон аз дигарҳо тавассути меъёрҳои муайян мушаххас карда мешавад, ки онҳоро ченакҳои моҳиятӣ

меноманд. Доир ба объектҳои гуногун ченаки моҳиятӣ ба тарзи мухталиф фаҳмида мешавад. Аз ҷумла, дар нисбати инсон, ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, "руҳия ҳамчун ченаки моҳиятии махсуси фаъолияти ратсионалӣ ва берун аз ратсионалӣ баррасӣ карда мешавад, ки инсонро аз олами ҳайвонот фарқ мекунонад» **[2; 3]**. Дар умум бошад, одатан дар антропология доир ба чор ченаки асосии муайянсозии моҳияти инсон сухан меронанд, ки инҳоянд: ченакҳои табиати биологии инсон; ченакҳои моҳияти психикии инсон; ченакҳои моҳияти иҷтимоии инсон; ченакҳои моҳияти кайҳонии инсон.

Бояд таъкид намуд, ки дар асоси чор ченаки болозикр табиати биологии инсон дар зуҳуроти анатомию физиологии бадани инсон – равандҳо дар асабҳо ва мағзи сари ӯ, равандаҳои биологию химиявӣ ва амсоли он ифода меёбад. Моҳияти психикии инсонро бошад, ҳаёти ботинии руҳонӣ ва маънавии ӯ фаро мегирад, ки аз равандҳои бошуурона ва бешуурона, ирода, мушаввашиҳо, хотира, миҷоз ва амсоли он иборат мебошад. Дар баробари ин, ҳастии инсон ҳатман мавҷуд будани дигар инсон ё инсонҳоро тақозо мекунад, зеро ӯ моҳияти иҷтимоӣ дошта, психикааш танҳо дар шароити мавҷуд будани ҷамъияти одамон фаъолият ва рушд карда метавонад ва, баръакс, дар ҳолати набудани муошират ё дар вазъи инзивоъ, изолятсия қарор доштани фард шуур ва ҳолати эҳсосию иродавии ӯ халалдор мегарданд. Ва, ниҳоят, инсон моҳияти кайҳонӣ дорад. Ин чунин маънӣ дорад, ки дарки моҳияти инсон бе робитаи ӯ бо Олам, Кайҳон ғайриимкон аст, зеро худи инсон дар муҳити зист, дар табиат зиндагӣ карда, ҳамчун мавҷуди табиӣ бе робита бо он дар сатҳи Замин ва бе алоқамандӣ бо Олам дар маҷмуъ вуҷуд дошта наметавонад. Дар маҷмуъ, табиати инсонро дар партави ченакҳои моҳиятӣ ҳамчун мавҷуди биологӣ-психикӣ, иҷтимоию кайҳонӣ маънидод менамоянд.

Бори дигар таъкид месозем, ки дар таърихи фалсафа моҳияти инсон ва ченакҳои моҳиятии онро бо тарзи гуногун баҳо додаанд, ки баъзе сабабҳои ин вазъро муҳаққиқи россиягӣ А.В. Маслихин чунин шарҳ додааст: «Мушкилоти ба таври истисноӣ хеле муҳим дар таълимот оид ба инсон ин масъала оид ба табиат, моҳияти инсон мебошад. Оид ба он шумораи зиёди нуқтаҳои назар мавҷуд аст. Масалан, Р. Декарт моҳияти инсонро бо қобилияти он ба тафаккур ифода мекунад: ман фикр мекунам, пас ман вуҷуд дорам. И. Кант моҳияти инсонро бо маънавиёти ӯ рабт медиҳад. Аз нуқтаи назари Ф. Шлегел моҳияти инсон дар шакли озодӣ зуҳур мекунад. Дар таълимоти А. Шопенгауер он ба ирода айният дорад» **[3; 99]**.

Вобаста ба ин, бояд тазаккур дод, ки дар баробари чор ченаки асосии муайянсозии моҳияти инсон, ки дар боло шарҳи худро ёфтанд, дар антропологияи муосир нуқтаи назари дигаре низ вуҷуд дорад, ки ченакҳои моҳиятии инсонро дар асосҳои дигари фарққунанда ба се навъ тақсим мекунад: 1) табиати инсон ҳамчун намуди биологӣ; 2) моҳияти таърихӣ-иҷтимоии инсон; 3) моҳияти инфиродии инсон **[4; 62-63]**.

Ҷонибдорони таснифоти зикршуда бо роҳбарии муҳаққиқи россиягӣ К.Х. Момҷян табиати инсон ҳамчун намуд гуфта, маҷмуи хосиятҳои моҳиятии инсонро мефаҳманд, ки ба ҳар як инсон хос буда, ӯро аз дигар объектҳои табиат фарқ мекунонанд. Моҳияти таърихӣ-иҷтимоии инсон бошад, хосиятҳои моҳиятии инсонҳоро мефаҳмонад, ки дар ҷамъият, фарҳанг ва таърих мақоми гуногунро ишғол менамоянд. Дар таҳти мафҳуми моҳияти инфиродии инсон хосиятҳои моҳиятие дар назар дошта шудаанд, ки ҳар як инсонро дар байни ҳамнавъҳои худ, ки аз ҷиҳати типологӣ тарзи ҳаёти монандро ба сар мебаранд, ҷудо мекунанд.

Ҷонибдорони дидгоҳи болозикр низ оид ба ченакҳои моҳиятии инсон моҳиятро ҳамчун айният доштани объектҳо бо худи онҳо, яъне хосиятҳое медонанд, ки объектро он чӣ мегардонанд, ки он ҳаст. Дар ин зимн таъкид мешавад, ки тағйирёбии хосиятҳои моҳиятӣ ба дигаргуншавии

айнияти худии объектҳо мерасонад, яъне онҳо дигар худи ҳамин объектҳо буда наметавонанд. Хосиятҳои ғайримоҳиятӣ бошад, объектро муайян мекунанд, вале бо аз даст додани онҳо объект худии худро аз даст намедиҳад.

Дар назарияи зикршуда, ки инсонро ҳамчун объект тавсиф мекунад, доир ба се намуди объектҳо сухан меравад: субстратӣ, функсионалӣ ва субстансионалӣ (ё ҷавҳарӣ). Дар асоси ин бошад, се навъи таҳлили моҳияти инсон пешниҳод карда мешавад: 1) таҳлили субстратии моҳияти инсон; 2) таҳлили функсионалии моҳияти инсон; 3) таҳлили субстансионалӣ ё ҷавҳарии моҳияти инсон.

Қобили зикр аст, ки таҳлили субстратии моҳияти инсонро пешниҳод намуда, муҳаққиқон ба ҳайси субтрат объектҳоеро мефаҳманд, ки ғайриит-тилоотӣ буда, ба мақсад алоқамандӣ надоранд. Мавҷудияти хосиятҳои моҳиятии чунин объектҳо бо хосиятҳои он маводе ё субстрате муайян карда мешавад, ки объектҳо аз он таркиб ёфтаанд. Ба ибораи дигар, объект ин чизест, ки аз ҳамон ташкил ёфтааст.

Бо сабаби дар боло зикршуда дар антропологияи фалсафӣ методи субстратии таҳлили моҳияти инсон пешниҳод гардидааст. Ин методест, ки тавассути он таъсири хосиятҳои субстратиро ба инсон ва тарзи ҳаёти ӯ баррасӣ менамоянд. Ҷонибдорони ин метод як навъ робитаи мақоми иҷтимоии инсонро ба хосиятҳои субстратӣ, соматикӣ (ҷисмӣ)-и ӯ эътироф менамоянд, вале дар инҷо барои онҳо муҳим он аст, ки чӣ муқаддамтар аст – хосиятҳои биологӣ ва ё хосиятҳои иҷтимоии инсон? Дар ин росто муҳаққиқи россиягӣ К.Х. Момҷян як мисоле аз адабиёти рус – аз асари М.Ю. Лермонтов (1814-1841) «Қаҳрамони даврони мо» меорад: «Печорин ашрофзода аст, зеро дастони хурд дорад ё Печорин дастони хурд дорад, чунки меросан ашрофзода мебошад? Албатта, ҷавоби дуюм дуруст аст» **[4; 73]**.

Ба ибораи дигар, хосиятҳои иҷтимоии инсон ба хосиятҳои биологии ӯ ҳамеша бартарият доранд, вале соматика, ҷисми инсон низ ба интихоби нақши инсон дар ҷомеа таъсир расонида метавонад. Аз ин рӯ, «баррасии субстратии инсон ин ақида дар бораи ӯ аз нуқтаи назари хосиятҳои махсуси анатомӣ ва физиологии намояндаи инсони боақл - homo sapiens мебошад. Ин гуна баррасӣ нишон медиҳад, ки он фаҳмиши моҳияти инсонро намедиҳад, вале он метавонад муфид ба он сабаб бошад, ки то кадом андоза алоқаи бешубҳаро байни хосиятҳои ҷисмии инсон ва махсусиятҳои тарзи ҳаёти ӯ, ки моҳияти онро ташкил медиҳанд, мекушояд» **[4; 243]**.

Доир ба масъалаи фавқуззикр, н маълум аст, се нуқтаи назар бо ҳам рақобат доранд: сотсиологизаторҳо, психо-биологизаторҳо ва психо-био-сотсиологизаторҳо (ё мавқеи мобайнӣ). , ки каме болотар доир ба ин мавзуъ сухан рафта буд. Мувофиқи таълимоти сотсиологизаторҳо инсон мавҷуди иҷтимоӣ-таърихӣ аст ва тамоми хосиятҳои моҳиятии ӯ дар доираи қонунҳои ҷомеа арзи ҳастӣ мекунанд. Сотсиологизаторҳо хосиятҳои биологӣ, психологӣ ва физиологии инсонро сарфи назар мекунанд.

Тибқи ақидаи гурӯҳи дуюм - психо-биологизаторҳо моҳият ва нерӯҳои моҳиятии инсон зуҳуроти сирф психо-биологӣ мебошанд. Аз ин рӯ, моҳияти инсон низ танҳо зуҳуроти психо-биологӣ ҳисобида мешавад. Психо-биологизаторҳо хосиятҳои иҷтимоии инсонро, ки дар раванди ҳаёти ҷамъиятии одам дар тули таҳаввули дуру дарози таърихӣ ташаккул ёфтаанд, ба инобат намегиранд.

Гурӯҳи сеюм - пайравони консепсияи мобайнӣ ё худ параллелизми психо-био-сотсиологизаторӣ асоснок мекунанд, ки тамоми хосиятҳои инсон ҳамчун зуҳуроти табиӣ, психо-биологӣ ва иҷтимоӣ дар доираи қонунҳои табиӣ, биологӣ, психологӣ ва иҷтимоии таърихӣ ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ инсон мавҷуди психо-биолого-иҷтимоӣ мебошад. Дар ин бора, чунонки К.Х. Момҷян менависад, «нуқтаи назари сеюм низ вуҷуд дорад. Ман онро назарияи васати тиллоӣ меномидам. Ин чунин нуқтаи назар аст, ки кӯшиш дорад канорагароиро дар баррасиҳои ҳам сотсиологизаторӣ ва ҳам биологизаторӣ

бартараф созад ва таъкид намояд, ки соматика ба моҳияти намудию инфиродии инсон таъсир мерасонад, вале ин моҳиятро он муайян намекунад. Таъсир вуҷуд дорад, онро инкор кардан хандаовар аст. Аммо он қаблан муайян сохтани моҳияти инсонро наметавонад» **[4; 75]**.

Объектҳои навъи дуюм, аз нуқтаи назари назариётчиёни таълимот оид ба ченакҳои моҳиятии инсон, объектҳои функсионалӣ мебошанд. Ин чунин объектҳоест, ки хосиятҳои моҳиятии онҳоро функсия, вазифаашон муайян месозад. Худи функсия бошад, ин мутобиқат байни ҳастии объект ва вазифаҳои он буда, бо мақсадҳои беруние, ки воситаи дастрасӣ ба онҳо худи объект мебошад, муайян карда мешавад. Функсия дар сатҳи субстрат татбиқ шуда, аломатҳои моҳиятиро муайян мекунад.

Дар асоси чунин фаҳмиши объектҳои функсионалӣ методи таҳлили функсионалии моҳияти инсон коркард шудааст. Ин навъи баррасӣ моҳияти объекти таҳқиқшавандаро бо таъйиноти он ва бо мақсаде, ки он татбиқ менамояд, рабт медиҳад. Методи функсионалӣ дар нисбати инсон асосан зимни таҳқиқи моҳияти иҷтимоии инсон истифода бурда мешавад, яъне нақши инсон дар раванди ташкили меҳнати ҷамъиятӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар тақсимоти шароит ва воситаҳои меҳнат. Масалан, фарқияти сардор ва зертобеи ӯ дар дилхоҳ муассиса ё корхона дар асоси таъйиноти онҳо муайян карда мешавад.

Дар бораи методи функсионалии таҳлили моҳияти инсон сухан карда, бояд ба эътибор гирифт, ки чунин навъи баррасӣ ба ҷанбаи филогенетикӣ (пайдоиши таърихӣ)-и инсон ва мавҷудоти дигари биологӣ татбиқ шуда наметавонад, зеро таъйиноти қаблан муайяншудаи инсон дар маҷмуъ ва ҳатто ягон намуди ҳайвон дар маҷмуъ вуҷуд надорад. Ин методро танҳо барои муайянсозии ҷанбаҳои онтогенетикӣ (рушди фардӣ) ё худ хосиятҳои моҳиятии фарди алоҳида корбаст кардан имкон дорад. Аммо дар баробари ин, танҳо фардҳое, ки на фақат зиндагӣ мекунанд, балки дар ҷамъият ягон вазифаро иҷро мекунанд, метавонанд объекти таҳқиқи функсионалӣ бошанд.

Бояд тазаккур дод, ки таъйиноти инсоне, ки дар ҷамъият зиндагӣ мекунад, асосан аз берун муайян карда мешавад, дар ин маврид маҷбуркунӣ низ метавонад зоҳир шавад, вале баъзан онро инсон бо ихтиёри худ, озодона муайян мекунад. Вобаста ба чунин таъйиноти инсон озодиҳои ӯро ба ду навъ тақсим мекунанд: 1) озодии берунӣ, ки маънои қобилияти инсонро ба назорати шароити зиндагии худ дошта, бо соҳиб гаштан ба он инсон ҳар чиро, ки худ хоҳад иҷро мекунад; 2) озодии ботинӣ, ки қобилияти инсонро ба мустақилона, новобаста аз омилҳои берунӣ муайян кардани афзалиятҳои ҳаётии худ мефаҳмонад. «Барои озодии берунӣ, тибқи андешаи Сартр, хизмат бояд кард, озодии ботинӣ бошад, ин хосияти ба ҳама одамон хос мебошад» **[4; 91]**.

Дар маҷмуъ, чунин ҳисобида мешавад, ки таҳлили функсионалии моҳияти инсон (ҳамчун объекти функсионалӣ), махсусан барои муайянсозии хосиятҳои моҳиятии фарди алоҳида зарур аст, вале он барои фаҳмиши табиати инсон тибқи ченакҳои моҳиятии он нокифоя мебошад.

Навъи сеюми объектҳо, чунонки болотар зикр гардид, объектҳои субстансионалӣ ё ҷавҳарӣ буда, барои таҳлили моҳияти онҳо методологияи субстансионалии таҳлил истифода бурда мешавад. Дар ин росто инсонро низ чун объекти субстансионалӣ меҳисобанд. Хосиятҳои моҳиятии чунин объектҳо бо мавҷудияти мақсаднок ё тарзи ҳаёти онҳо муайян карда шуда, онҳо барои расидан ба мақсадҳои худ на вазифаеро иҷро мекунанд, балки ҳаёт ба сар мебаранд. Ҳаёт барои чунин объектҳо мавҷудияти мақсаднок мебошад. Аз ҷониби дигар, объектҳои субстансионалӣ худтавлидёбанда, худрушдкунанда ва худтаъминкунанда мебошанд. Дар маҷмуъ, субстансия ё ҷавҳар, аз нуқтаи назари Б. Спиноза (1632-1677), худ сабаби худ, қобилияти худтавлидкунӣ, худрушдёбӣ ва, аз нуқтаи назари Г. Гегель (1770-1831), ягонагии гуногуншаклӣ ва гуногуншаклии ягонагӣ мебошад **[4; 70-71]**.

Методологияи субстансионалии таҳқиқи моҳияти инсон ин моҳиятро на

ба сӯи хосиятҳои соматикии инсон ва на ба сӯи функсияҳои берунии мавҷудияти инсон намебарад. Тибқи ин назария моҳияти инсонро ҳаёти ӯ, яъне мавҷудияти мақсаднок дар муҳит ташкил медиҳад, ки он дар нисбати инсон фаъолият ном дорад. Фаъолият танҳо ба инсон рабт дошта, дигар объектҳои зинда ё ғайризинда фаъолият дошта наметавонанд. Баибораи дигар, тибқи методологияи субстансионалии таҳқиқ моҳияти инсонро фаъолияти ӯ ташкил медиҳад.

Ба ҳамин тариқ, тибқи ду таълимоте, ки доир ба ченакҳои моҳиятии инсон мавриди таҳлил қарор гирифтанд, дар яке дар бораи моҳияти биологӣ, психикӣ, иҷтимоӣ ва кайҳонии инсон сухан меравад ва дар дигаре - дар бораи табиати инсон ҳамчун намуди биологӣ, моҳияти таърихӣ-иҷтимоии инсон ва моҳияти инфиродии ӯ. Мутмаинем, ки бо истифода аз синтези ин ҳар ду методология ё таълимот метавон дар бораи табиати инсон ва моҳияти он таҷрибаи маърифатиро дар соҳаи антропологияи фалсафӣ боз ҳам ғанитар намуд. Дар ин самт чунин нуктаҳо муҳимманд:

Аввалан, табиати биологии инсон дар ибтидо аз худи ӯ вобастагӣ надорад, вале дар рафти ҳаёти иҷтимоӣ ӯ метавонад бо истифода аз комёбиҳои илму техника, интихоби тарзи ҳаёт ва омилҳои дигар табиати худро такмил диҳад. Дуюм, инсон ҳамчун мавҷудоти дигари зинда табиатан таъйинот надорад, вале ӯ бошуурона метавонад мавҷудияти мақсаднокро интихоб намуда, бо фаъолияти худ, ки дар тафовут аз дигар унсурҳои табиати зинда моҳияти субстансионалии инсонро ташкил медиҳад, таъйиноти худро мустақилона муайян кунад. Сеюм, бо сабаби моҳияти кайҳонӣ доштан инсон бояд робитаи худро бо Олам, Кайҳон дарк намуда, дар ҳамоҳангӣ бо биосфера, ки табиатан вуҷуд дорад ва ноосфера, ки онро худи ӯ мефорад, ҳаёт ба сар бурдан ва фаъолият намуданро ҳамчун ҳадаф қарор диҳад. Дар ниҳоят, табиати инсонро дар партави ченакҳои моҳиятӣ ҳамчун мавҷуди биологӣ-психикӣ, иҷтимоию кайҳонӣ ва амсоли он маънидод намуда, бояд ба эътибор гирифт, ки моҳияти инсон дар «ман»-и ӯ нуҳуфта, кушодани тамоми ҷанбаҳои ин «ман», инчунин муайян сохтани нерӯҳои моҳиятии ӯ ва шароити зуҳури онҳо бараъло нишон медиҳад, ки дар баробари моҳияти умумии инсон ҳамчун намуди биологӣ, инчунин моҳияти фардии ҳар як инсон дар баррасии ин масъала муҳим мебошад. Танҳо бо дар назар доштани ин омилҳо ва даҳҳо ҷанбаҳои дигар антропологияи фалсафӣ имкон пайдо мекунад, ки дар роҳи кушодани рози инсон – олитарин мавҷуди рӯи Замин, розкушо, вале худ то ҳол ҳам рози нуҳуфта, ба таври илман асоснок қадамҳои наву устувор гузорад.

**Адабиёт**


1. Кант И. Антропология. – Санкт-Петербург: Типография П.П. Сойкина, 1900. - 194 с.
2. Келигов М.Ю. Философская и религиозная составляющие человеческого духа. – М.: Академический проект, 2019. – 193 с.
3. Маслихин А. В. Природа и сущность человека // Вестник Марийского государственного университета. – 2012. - №10. - С. 99-101.
4. Момждян К.Х. Социальная философия. – М.: МГУ, 2013. - 400 с.
5. Фалсафа. Ҷилди 2. - Душанбе: Маориф, 2020. - 500 с.


## СУЩНОСТНЫЕ ИЗМЕРЕНИЯ ПРИРОДЫ ЧЕЛОВЕКА В ФИЛОСОФСКОЙ АНТРОПОЛОГИИ

**Зиёи Х. М.**

*В статье проанализированы две точки зрения в философской антропологии о сущностных измерениях природы человека – измерения биологической природы человека, его психической, социальной и космической сущности, а также взгляды российского иссследователя К.Х. Момджяна о природе человека как биологического вида, об историко-социальной и индивидуальной сущности человека. Одновременно, автором разъяснены суть субстратного, функционального и субстанционального анализа сущности человека, и показано, что синтез этих двух проанализированных методологий может*

*обогащать познавательную практику в сфере философской антропологии.*

***Ключевые слова***: *человек, природа, сущность, сущностное измерение, биологическая природа, психическая сущность, социальная сущность, космическая сущность.*

## ESSENTIAL DIMENSIONS OF HUMAN NATURE IN PHILOSOPHICAL ANTHROPOLOGY

**Ziyoi Kh. M.**

*In the article there are analyzed two points of view in philosophical anthropology about the essential dimensions of human nature – the dimensions of the biological nature of man, his mental, social and cosmic essence, as well as the views of the russian researcher K.H. Momdjian about the nature of man as a biological species, about the historical, social and individual essence of man. At the same time, the author explains the essence of the substratum, functional and substantial analysis of the essence of man, and shows that the synthesis of these two analyzed methodologies can enrich cognitive practice in the field of philosophical anthropology.*

***Keywords***: *man, nature, essence, essential dimension, biological nature, psychic essence, social essence, cosmic essence.*

# ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАИ АҚЛ ВА ИРОДАИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ МУЪТАЗИЛА

**Назариев Р. З.** – д.и.ф, профессор, мудири Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
(тел.: 935055204, e-mail: rnazariev@yahoo.com)
**Қосимов Қ. А.** – унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ (тел.: 900886673, e-mail: kurbonjon2112@gmail.com)

*Мақола ба баррасӣ ва таҳлили масъалаи ақл ва иродаи инсон дар таълимоти муътазила бахшида шуда, дар он сарчашмаҳои маънавии ташаккул ёфтани ақлгароии ин мактаби фикрӣ бар пояи ақоиди фалсафии мутафаккирони атиқа, масеҳият, тасаввуф ва ғайри онҳо нишон дода шуда, моҳият ва сатҳи таъсири онҳо дар баррасии масоили ақл ва иродаи инсон ба ақоиди муътазила таҳқиқ ёфтааст. Таҳлили ин масоил муаллифонро ба хулоса овардааст, ки таҳқиқи ин масъалаҳо дар муътазила аз тариқи усулҳои ратсионализм ва шаккокия (скептитсизм) руҳияи фалсафӣ пайдо намуда, барои озодии иродаи инсон ва вобастагии нопурра аз иродаи илоҳӣ замина ба вуҷуд меорад. Ин нукта дар фаъолияти инсон ва боло рафтани мақоми «Ман»-и ӯ ҳам дар фаъолияти маънавӣ ва ҳам фаъолияти ҷисмониаш тасдиқ мегардад. Ақлро бошад, ҳамчун як навъ қувватдиҳандаи мавҷудоти метафизикӣ ва табиӣ, иродаи инсон ва қобилитяи ӯ муайян карда мешавад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *инсон, ақл, иродаи Худо, иродаи инсон, ҷисм, ҳаракат, шинохт, феъл, фаъолият, дониш, қудрат, ихтиёр.*

Таълимоти муътазилӣ на танҳо ҳамчун апологияи дифоӣ, балки ҳамчун фаҳмиши ақлгароии масоили динӣ ва табиати воқеӣ (инсон – ҷузъи он) ба назар мерасад. Дарвоқеъ, ин истилоҳ дар ҳама гуна талошҳое, ки дар ислом барои дар доираи ақлгароӣ тафсир додани маълумоти ба дастомада ба кор мерафт, бинобар ин талошҳо ба таври муайян ба теологияи масеҳӣ мувофиқат мекарданд, зеро ки ҳадаф аз онҳо хулосаҳои нав баровардан аз ин маълумотҳо буд, гарчанде ки дар муътазила инчунин кӯшиши ба таври возеҳ баён кардан ва ба воситаи ақл маънидод намудани ваҳйи илоҳӣ ва масоили вобастаи он низ дар доираи диалектикаи ақлонӣ баррасӣ мегардиданд.

Маҳз ҳамин маъниро шарқшиносони ғарбӣ дастурашон қарор дода, муътазила ва таълимоти онро аз илоҳиётшиносии масеҳӣ болотар намедонанд. Масалан, А.Корбен низ ба ҳамин тамоюл рафта, навиштааст: “Калом ҳамчун схоластикаи исломӣ бо диалектикаи ақлоние тавсиф меёбад, ки бо мафҳумҳои илоҳиётшиносӣ фаъолият мекунад... Мутакаллимон – инҳо қабл аз ҳама, мудофеони динанд, ки на барои ҷустуҷӯи ҳақиқат, балки барои исботи диалектикаи теологӣ бо ҳар гуна василаҳо талош кардаанд” [5, 218].

Ҳамин тариқ, густариши империяи исломӣ, бархӯрди ақидаҳо ва афкори мухталиф дар гӯшаю канори мухталифи ҷаҳони ислом боис шуд, ки мутафаккирони мусулмон дар шахси муътазилиён дар тақобул бо фирқаҳои гуногуни фикрӣ ночор далелҳои нақлиро, ки барои муқобилони фикрӣ аз динҳои дигар ё ба истилоҳ, мулҳидони дохилии ислом беаҳамият буд, канор гузошта, ба далелҳои ақлӣ рӯ оварданд. Ин фарзия аз он ҷо қувват мегирад, ки шаҳрҳои марказии муътазила – Бағдод ва Басра марказҳои таҷаммуъи қавмҳо ва динҳои гуногун буданд. Омили муҳимми дигар барои рӯй овардани муътазила ба истидлоли ақлонӣ таъорузот ва таассубҳои кинахоҳони қавмӣ буд, ки дар даврони Бани Уммавия ва Бани Аббос дар ду шакли қавмгароии арабӣ ва форсӣ зуҳур карданд.

Умуман, муътазила ақлро чунин таъриф кардаанд, ки онро метавон ақли

солим ё ақли би-л-малака (мартабаи тааққули тасаввурот ва тасдиқҳои бадеҳӣ) донист. Ба ҳамин далел, ба осонӣ тасаввур кардан мумкин аст, ки муроди муътазилиён аз ақл ҳамон ақли назарии файласуфони юнонӣ мебошад. Ал-Ҷоҳиз, яке аз муътазилиёни маъруф муътақид буд, ки инсон бо ақл зода мешавад ва кӯдаки гирёне, ки аз тарсу гуруснагӣ ба модар паноҳ мебарад, дар ҳоли истифода аз ақл аст. Ниёзҳои табиӣ ва ҳаётии инсон таркибдиҳандаи ақли инсон ва ниёзҳои ҷадид ниёзманди абзорҳои нав аст ва ин шинохти нав инсонро бар ҷаҳон мусаххар месозад [8, 16]. Ин масири шинохт ҳастиро ба шинохти ақлӣ наздик мекунад. Муътазилии маъруфи дигар қозӣ Абд-ул-Ҷаббор дар исботи дутарафаи идрок, яъне исботи воқеъияти беруна ва исботи идрок ва мавзуъияти он бар ақидаест, ки идрок нақше дар маърифати табиате ё сифатҳои он надорад, бинобар ин, идроки ноқис ё иштибоҳ тағйире дар моҳияти шайъи беруна намедиҳад. Аз назари ӯ, илм ба мудрикот натиҷаи ҳосил аз идроки ҳиссӣ аст, ки муқаддимае барои донишҳои зарурӣ ва иктисобӣ ба шумор меравад. Инҳо донишҳои ақлӣ ҳастанд, ки бар натиҷаҳои ҳосил аз идроки ҳиссӣ доварӣ мекунанд [2, 77-79]. Аз назари муътазилиён, ҳатто исботи вуҷуди Худо ва нубувват танҳо аз тариқи тафаккури ақлӣ муяссар шуда метавонад ва тақлид дар ин боб ҷоиз нест, чунонки қозӣ Абд-ул-Ҷаббор менависад: “Агар касе бипурсад, аввал чизе,ки Худованд бар ту воҷиб кардааст, чист? Бигӯ: “Тааммул ва тафаккуре аст, ки мунҳасир ба шинохти Худои таоло шавад, зеро шинохти Худои таоло бадеҳӣ нест ва бо мушоҳидаи ҳиссӣ ҳам ба даст намеояд, пас Ӯро бояд бо тафаккур ва тааммули ақл бишиносем” [1, 39]. Ӯ таъкид мекунад, ки донишҳои иктисобӣ бар асоси таваҷҷуҳ ва тааммули ақлӣ дар инсон ҳосил мешавад, пас, тааммул ва тафаккур феъли инсон аст ва маърифати Худо, ки ба тааммул ҳосил мешавад, феъли нафси мост ва пас, он амре иктисобӣ аст. Қозӣ Абд-ул-Ҷаббор на танҳо маърифати Худоро ба равиши ақлӣ қобили таҳсил медонад, балки сифатҳои иҷобии Ӯро, ба монанди қодир, олим, ҳайй, самиъ, басир, мудрик ва сифатҳои салбӣ, монанди инкори ҷисмият, аразият, ҳулул, ҳубуту суъуд, зиёдату нуқсон, дида ва идрок шудан ба ҳавос ва ғайраро бар асоси ақл исбот мекунад [1, 65-66].

Равшан аст, ки муътазилиён барои муайян ва исбот кардани омӯзаҳои эътиқодии хеш ва дифоъ аз онҳо аз тафаккури ақлӣ истифода мекарданд. Пешфарзи ин равиш дар он ифода меёбад, ки муътазилиён ақлро ба манзалати як абзори мустақил барои касби маърифат ва дониш, аз як тараф, ва имкони фаъолияти озоди инсонро, аз ҷониби дигар, қабул доштанд. Ба маънои дигар, аз нигоҳи маърифатшиносии онҳо тавоноии ақлро дар касби дониш пазируфта, ҷанбаи шаръии он низ ба далелҳои ақлӣ ва вобаста ба ирода, хоҳишҳо ва завқи худи инсон муътамад бошад. Ин як навъ диалектикаест, ки майл ба сӯи бовар кунонидан ва ғолибият дар ҳама гуна мубоҳисаҳо дошт. Е.А. Фролова дар истинод бар ҳукмҳои ду муътазилӣ - Абд-ул-Ҷаббор ва Ал-Ҷоҳиз дар бораи ақл, чунин хулоса кардааст: “Муътазилиён мартабаи ақлро боло мебардоштанд ва муътақид буданд, ки ақл – довар дар ҳаллу фасли масоили шариат ва ҳам умуман дониш мебошад. “Инсон як чизро аз дигари он ба василаи ақл фарқ мекунад” (иқтибос аз Абд-ул-Ҷаббор – Қ.Қ.), ақл барои аз ҳам ҷудо кардани муфид ва зарарнок, дар интихоби аввалӣ ва гурез аз дуюмӣ кӯмак мерасонад...“Қасам ба умрам, - навишта буд адиби маъруф Ал-Ҷоҳиз (ваф. 868), ки пайрави ақоиди муътазилиён буд, - чашмон хато мекунанд ва узвҳои эҳсос фиреб мекунанд, фақат ба ақл маърифати ҳақиқӣ дастрас аст...” [7, 57].

Тибқи ақидаи муътазила, зоти шахс дорои қобилиятест, ки нақши дугона дорад. Ин қобилият – ақл ва ду нақши он – ҳукм, ки мавзуи он дониш аст ва муроқиба (назорат), ки ҳадафи он ҳидоят аст, маънидод мешаванд. Ба воситаи аввали онҳо, яъне ақли назариявӣ ё мантиқӣ, “мо донишҳоямонро ба даст меорем”, “куллро аз тариқи ҷузъ маърифат мекунем” ва “муносибатҳои байни ашёро дарк мекунем” [3, 480].

Тавассути қобилияти дуюм, яъне ақли амалӣ бошад, инсон вуҷудият ва зиндагии худро ба нақша мегирад ва идора мекунад. Гарчанде ки дониш муқаддамтар аз идоракунӣ аст, қобилияти дуюм хусусияти шартӣ дорад ва аз ин рӯ, мақоми болотар дорад. Бо назардошти чунин афзалияти амалии қобилият, муътазилиҳо эътироф мекарданд, ки дониш ба хотири амал аст ва барои ҳамин, ба фаъолияти ақли амалӣ аҳамияти калон медоданд. Аз ин сабаб, онҳо дар муқобили ақл на ғариза (инстинкт), балки беақлиро мегузоштанд ва тасдиқ мекарданд, ки маҳз одамони ноқисулақл аз назорати рафторашон озоданд [3, 480]. Чунин таърифи ақл якбора манфиати муътазиларо муайян мекунад, ки он ахлоқ аст. Ба андешаи онҳо, агар "Ман" зиндагии ахлоқӣ дошта бошад, он бояд дорои қобилияти ақлонӣ бошад, ки тавассути он ӯ метавонад саъю кӯшиш ва хайру некиро маърифат намуда, ҳаёташро идора кунад, то дар пайи чунин хайру некиҳо бошад. Вазифаи ақл дар маърифати хайру некӣ, ҳангоме ки онҳо имконнопазир ва амалӣ шуданашон беҳуда ба назар мерасад; идора кардани маҷрои ҳаёт ба хотири хайру некии ношинос, ки ғайриимкон вонамуд мешавад ва ғайра [3, 459].

Муътазила дар истинод ба яке аз оятҳои Қуръон (33:72), ки тибқи он Худо эътимоди хешро ба фариштагон, осмон ва кӯҳҳо пешкаш кардааст ва онҳо бо даҳшат онро рад, аммо инсон онро қабул кардааст, тасдиқ мекунад, ки бояд тибқи иродаи Ӯ арзандатарин иҷрои ин эътимод корест, ки инсон анҷом диҳад. Албатта, илова мекунанд муътазилиён, фариштагон, кӯҳҳо, осмон ва замин иродаи илоҳиро амалӣ мекунанд, аммо онҳо ин корро бо зарурати қонуни табиӣ иҷро мекунанд. Ҳар қадар амалӣ шудани фармони илоҳӣ аз ҷониби онҳо кори бузург бошад ҳам, аммо на ба қадри бузургии аъмоли инсон аст, ки барои ӯ имконияти иҷро намудани амали ихтиёрӣ ҳамеша ҷоиз аст. Инсон, тасдиқ мекунад муътазила, ончунонки дар Қуръон таъйид шудааст, аз фариштагони Худо бузургтар аст (2:30) ва ин маҳз ба хотири он аст, ки фариштагон наметавонанд нофармонӣ кунанд, дар ҳоле ки инсон метавонад фармони Худоро иҷро накунад. Аз ин ҷо, нофармонӣ, ки озод ва бошуурона аст, барои инсон афзалтар аз фармонбардорӣ аст, ки он ҳатман уҳдадорона ва бидуни интихоб ба иҷро мерасад. Дар он ҷое, ки дарвозаҳои шарру бадӣ боз ҳастанд ва инсон бо ин ҳама накукорӣ мекунад, рафтору кирдораш ба сатҳи дигари ҳастӣ боло меравад. Ӯ ҳомили арзишҳои маънавӣ мегардад ва баръакс, бидуни озодӣ анҷом додани кору пайкоре нисбат ба он ки ба амри илоҳӣ бе имконияти дарк кардани беарзишии рафтораш итоат кунад, фармонбардории инсон метавонад дорои тамоми арзишҳои амалие бошад, ки иҷрои онҳо дар қудрати вай имкон дорад, аммо аз ҷиҳати ахлоқӣ шояд ба ягон арзише сазовор набошад. Аз ин рӯ, муътазила озодии маънавиро ҳамчун аксиома шарти тамоми теология ва фалсафаи худ меҳисобид.

Бо чунин муносибаташон ба ин масъалаҳо онҳо мутмаин буданд, ки онҳо ба асли қудсии ислом содиқанд. Аммо озодӣ на ҳамаи он чизест, ки ба ақидаи онҳо таълимоти ислом ифода мекард. Онҳо дарёфтанд, ки Қуръон низ таъйид кардааст, ки чизе ҷуз дар илми Худо дар осмону замин сурат намегирад: ҳар чизе, ки рух медиҳад, бо фармони Ӯ ба амал меояд: Ӯст, ки офтобу замин, ситораҳо ва моҳро ҳаракат медиҳад (7:54), борон меборад ва ба Замин ҳаёт мебахшад (6:99) ва ғайра. Ҳамин тавр, ба ақидаи муътазилиён, детерминизм дар олами табиат ба таври дақиқ ва комил аён аст. Аммо табиат на танҳо қаламрави моҳу ситораҳо, кӯҳҳо ва дарёҳост. Ин детерминизмро ба инсон наздиктар карда, Қуръон мефармояд, ки Худост, ки замон ва тарзи зиндагии фардро, ҳаёт ба сар бурдан ва ё мурданро таъин мекунад (3:145) ва кай ва чӣ тавр ҳар як инсон корҳои кӯчаки ҳаётиашро анҷом медиҳад (10:61). Ҳамин тариқ, Худои ислом як коиноти комилан мукаммалеро эҷод кардааст, ки он аз нуқтаи назари матни муқаддас комилан муайян буда, ҳатто камтарин имконияти халалпазириро дар тартиб ва таъйини он ҷоиз намешуморад. Албатта, ин – ҳимояи озодӣ нест.

Бо ин ҳама, ислом барои мутафаккиронаш зиддияти байни муқаррароти мутақобиларо, ки бо воситаҳои мантиқӣ ба таври боварибахш исбот карда мешаванд, ба мерос мондааст. Ин зиддиятҳо ва исботи мантиқии онҳоро дар фалсафаи муосир бо номи антиномия (ин истилоҳро бори нахуст Р. Гоклениус (1547-1628), намояндаи навсхоластикаи протестантӣ пешкаш карда буд, ҳарчанд ки ғояи тафаккури антиномӣ дар афкори Афлотун ва Арасту ҳам мушоҳида мешавад, аммо онҳо бештар истилоҳи "апория"-ро ба кор мебурданд) ифода мекунанд ва ба ин маънӣ, ислом як навъ антиномияи озодиро барои мутафаккиронаш пешкаш намуд. Ба ин шакли антиномия пеш аз ҳамаи мутафаккирони дигари исломӣ муътазилиён ба василаи усулҳои ақлгароии хеш руҷуъ намуда буданд. Дар иртибот бо ин, бояд қайд кард, ки пешгузаштагони муътазила, ба ин масъала чунин муносибат мекарданд, ки гӯё ҳам тезис ва ҳам антитезис дуруст аст ва аз ин ҷо, дар ҳақиқат, гуфтан мумкин нест, ки онҳо аз хусусияти антиминомии ин масъалаҳо огоҳ набуданд. Аммо вақте ки дар асрҳои дуюм ва сеюми ҳиҷрӣ насли нави мусулмонон, ки дар ин пайравии пурра, аммо ҳадсию ақлонии маърифати динӣ тақлид карда наметавонистанд, ба фаҳмиши ҷанбаи дугоникии озодии инсон шубҳа бурдан мегирифтанд ва бо таъкиди як мушкил аз пайи дигари он, то ба нуқтаҳои барои илоҳиётшиносӣ хатарнок мерасиданд. Маҳз дар ҳамин шароит муътазилиён ба майдон омаданд ва анъанаи исломӣ маҳз барои хизмати онҳо дар пешбурди шарҳи антиномия қарздор аст ва ин яке аз муҳимтарин саҳми муътазила дар таълимоти умумии исломӣ боқӣ мемонад.

Мутафаккирони муътазилӣ тезисро ба мисли антитезис қотеъона пуштибонӣ менамуданд. Барои детерминизм, онҳо бо такя ба шахсияти Муаммар ибни Аббод (ваф. 830) ва таълимоти ӯ исбот мекарданд, ки ҳамаи аразҳои ҷисм (ҳаракат, сукун, ранг, таъм, гармӣ, хунукӣ, намӣ, хушкӣ ва ғайра) табиатан амалҳои худи ин ҷисм мебошанд; ҳаёт – фаъолияти зиндаҳо ва марг – фаъолияти мурдагон аст; ки тамоми ҳаракатҳои осмонӣ, ҳаракат ва сукуни сайёраҳо, мавзунӣ ва тӯлонияти онҳо - фаъолияти худи онҳост [3, 405]. Чунин ҳукмронӣ баъд аз он имконпазир шуд, ки муътазила табиати ашёро устувор (*собит*) ва тағйирнопазир муқаррар карда, ин давомият (*даймума*т)-ро бо дониши абадии Худо дар бораи онҳо пайваст карда буд. Бо такя бар муътазилии дигар - ан-Наззом таъкид мешуд, ки аз ҳамон як ҷавҳар ду маълули гуногун баромада наметавонад ва он, ки маълулот ё фаъолияти ҷавҳар бояд хосси табиати он бошанд ва он табиатест, ки бе тағйир ёфтани ҷавҳар дигаргун шуда наметавонад [3, 405].

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки пас, маҳдудиятҳои фаъолияти инсон дар чӣ ифода меёбанд? Муътазилиён барои таҳия намудани маротиби сабабию натиҷавии фаъолияти инсон мақулаҳоеро монанди «феъли мубошир») ва «феъли мутаваллид» ҷорӣ кардаанд. Ин феълҳоро Ф.О. Нофал шарҳ дода, қайд мекунад, ки феъли мубошир амалест, ки аз он танҳо ирода муқаддамтар аст, дар ҳоле ки феъли мутаваллид – натиҷаи фаъолияти мост, ки аз иродаи мо новобаста аст. Аммо, савол мегузорад муҳаққиқи мазкур, ки пас фаъолият ё амали инсон чист ва дар посухи он фарзияи Абулҳузайл ал-Аллофро оварда, навиштааст: "[Ӯ] тахмин кардааст, ки амалҳои синоие, ки ба инсон бо механизмҳои сабабу натиҷаашон маълум аст, инсонианд, дар ҳоле ки агар онҳо номаълум бошанд, - фаъолияти Худо мебошанд... Ан-Наззам дар ин ҷо намунаи худашро пешниҳод мекунад: «Инсон ба ҷуз ҳаракат амале надорад: ҳаракатро бошад, ба ҷуз аз дохили худаш дар ҷои дигар содир намекунад». Аммо амалиёти нисбат ба шахс берунӣ бошанд, - бевосита ё натиҷавӣ, онҳо, ба қавли файласуф «амали Аллоҳ аз рӯи табъи зотии онҳо мебошанд: яъне, Аллоҳ сангро аз рӯи табиати он: агар ин сангро тела кунӣ, он ба ҳаракат медарояд ва чун то ба ҳадди ҳаракаташ мерасад, санг табъант ба ҷои худ бармегардад" [6, 90].

Муътазилии дигар Абу Ҷаъфар-ул-Искофӣ бошад, феъли мутаваллидро ҳамчун "ҳар гуна амале, ки бе ихтиёри

пешакӣ байни он ва афъоли дигари интихобӣ рух медиҳанд, муайян карда, илова кардааст, ки "инсон метавонад бештар аз хоҳишаш чизеро иҷро кунад; ҳамаи ҳодисаҳо фаъолияти ҷисм би-т-табъ мебошанд" [4, 137]. Офариниши амалҳо ё феълан ба вуҷуд овардани таъсирҳои воқеӣ дар фазо барои инсон имконнопазир аст; аммо таҳти иродаи хеш қарор додани чунин таъсирҳо дар фазою замон, ки аз сабабҳои муайян ба вуҷуд пайдо мешаванд, дар ихтиёри инсон аст ва ин ҳама қудрати ӯст [9, 79]. Бо вуҷуди ин, таъсирҳо бо сабабҳои хосси худашон ва тибқи қоидаҳои умумикайҳонӣ ба вуҷуд меоянд ва итоати онҳо ба ҳукмронии сабабҳои аввал тартиботи офариниш аст. Дар ин соҳа одам комилан нотавон аст ва мисли ҳамаи махлуқоти дигар дар кайҳон муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, тасдиқ кардани озодии инсон маънои онро надорад, ки иқтидори ӯро барои ба як дафъа эҷод кардан ё тавлид кардани чизе ифода кардан мумкин бошад. Чунин маънии озодӣ барои инсон комилан ғайриимкон маҳсуб меёбад.

Дар ин ҷо ба натиҷа мерасем, ки дар таълимоти муътазила бо истифода аз усулҳои ақлгароӣ, шаккокӣ (скептитсизм) дар идрок ва натиҷабандии мантиқии масъалаҳои мавриди баҳс имкон пайдо шудааст, ки эътиқод ва таълимоти диниро бо принсипҳои асосии он дар доираи ақлгароӣ маҳдуд намуда, онҳоро дар доираи фалсафа бозбинӣ намояд. Назарияҳои онҳо дар бораи ташаккулёбии худшиносӣ ҳамчун як сохтори сегона (ақл-ирода-феъл) бар муқобили таълимоти умумиисломӣ (ҳама чиз тобеи амр ё иродаи Худо) ташаккул ёфта, иҷро шудан ё нашудани он вуҷудияти нафс-субъектеро тақозо мекунад, ки он аз субъект-ҷисм ҳамчун ҳомили он комилан фарқ дорад.

## Адабиёт


1. Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Шарҳ ал-усул ал-хамса. - Ал-Қоҳира, 2006. 322 с.
2. Абу Зейд Наср Ҳомид. Ал-Насс ал-султа ал-ҳақиқийа. – Бейрут, 1995. 186 с.
3. Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. – Висбаден, 1980. 580 с.
4. Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1328 ҳ. 264 с.
5. Корбен А. История исламской философии. Пер. с франц. А.А.Кузнецова. - М.: Прогресс-Традиция, 2010. 360 с.
6. Нофал Ф. О. Ибрахим ибн Саййар ан-Наззам / Отв. род. Л. В. Смирнов. М.: ООО «Садра», Языки славянской культуры, 2015. 152 с.
7. Фролова Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее. – М.: Языки славянских культур, 2010. 464 с.
8. Ал-Ҷоҳиз Амру. Ал-Ҳайвон. Ҷ. 7.– Бейрут, 1414 ҳ. 516 с.
9. Al Shahrastani. Nihayait al-Iqliim fi ‘Ilm al-Kalim, ed. by A. Guillaume. Oxford, 1934. 353 p.


## ИССЛЕДОВАНИЕ ВОПРОСА О ЧЕЛОВЕЧЕСКОМ ИНТЕЛЛЕКТЕ И ВОЛИ В УЧЕНИЯХ МУ‘ТАЗИЛИЗМА


**Назариев Р.З., Косимов К.А.**



*Статья посвящена рассмторению и анализу вопроса человеческого разума и воли в учении му‘тазилитов, в ней показаны духовные истоки формирования рационализма этой идейной школы, основанных на философских воззрениях мыслителей античности, христианства, суфизм и др., исследуется сущность и уровень их влияния при рассмотрении вопросов разума и воли человека на взгляд му‘тазилитов. Анализ этих вопросов привел авторов к выводу, что исследование этих вопросов в учениях му‘тазилизма посредством методов рационализма и скептицизма обрело философский дух и создало основу для свободы человеческой воли и неполной зависимости от божественной воли. Этот момент подтверждается в деятельности человека и повышении его статуса «Я» как в его духовной, так и в физической деятельности. Разум же определяется как некий двигатель метафизических и природных существ, воли человека и его способностей.*



***Ключевые слова:*** *человек, разум, воля Божия, воля человеческая, тело,*

*движение, познание, действие, деятельность, познание, сила, воля.*

## STUDY OF HUMAN INTELLECT AND WILL IN THE MU'TAZILISM'S THOUGHTS

**Nazariev R.Z., Qosimov Q.A.**

*The article is devoted to the consideration and analysis of the question of human mind and will in Mu'tazilites thoughts and shows that the spiritual origins of the formation of rationalism of this ideological school based on the philosophical views of antiquity, Christianity, Sufism thoughts and etc., as well as consider the essence and level of their influence in the view of the Mu'tazilites with the consideration of the issues of human mind and will. The analysis of these issues has led the authors to the conclusion that the study of these issues in the teachings of Mu'tazilism through the methods of rationalism and scepticism has acquired a philosophical spirit and created a basis for the freedom of human will and incomplete dependence on the divine will. This point is confirmed in human activity and the elevation of the status of the self in both its spiritual and physical activities. Reason is defined as a kind of engine of metaphysical and natural beings, human will and abilities.*

***Key words:*** *man, reason, God's will, human will, body, movement, cognition, action, activity, cognition, power, will.*

№3 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# НАУЧНЫЕ АКАДЕМИЧЕСКИЕ ЦЕНТРЫ (ДОМА МУДРОСТИ) В ЭПОХУ БЕРУНИ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИЕ НАУКИ СРЕДНЕВЕКОВЬЯ

**Мирзоев Г. Дж. -** д.ф.н., заведующий кафедрой философии при Президиуме Национальной Академии наук Таджикистан (тел.:+92 935056656)

*В статье отмечается, что в развитие науки и знания средневековья в мусульманских странах важную роль принадлежит научным академическим центрам, или как их называли «Дома мудрости» (Байт-уль хикма), которые были организованы не только в центре исламского халифата, но и существовали они во всех его провинциях, в том числе и в странах Мавераннахра. Именно эти научные центры играли важную роль в коммуникации научной мысли в Восточных странах в этом периоде и в формировании научного мировоззрения таких мыслителей мирового масштаба как Абурейхана Беруни, Мухаммада-аль-Хорезми, Абуали ибн Сина и многие другие.*

***Ключевые слова:*** *научные центры, философская мысль, дома мудрости, академия Мамуна, точные науки, астрономические таблицы, культурный синтез, рациональное знание.*

Страны мусульманского Востока и особенно стран Центральной Азии в прошлом внесли огромный вклад в развитие мировой культуры и науки не только в области гуманитарно-теоретических, но и в области точных наук. Особенно в эпоху средневековья, когда христианская Европа находилась под жёстким контролем и колпаком христианской инквизиции, именно восточная цивилизация сохраняла и передавала новому времени сокровищу человеческого знания эпохи древности и времён античности, а также всячески развивала все отрасли науки и культуры. При анализе состояния научной сферы становится ясным, что в развитие науки и знания в Восточных странах в этом периоде важную роль принадлежит научным академическим центрам, или как их называли «Дома мудрости» (Байт-уль хикма), которые были распространены не только в центре исламского халифата, но и существовали они во всех его провинциях, в том числе и в странах Мавераннахра. Также учёные из Мавераннахра принимали активное участие и в работе «Байт-уль-хикма» почти во всех регионах исламского мира, вплоть до Андалузии. Источники сообщают, что ещё когда в начале IX в. в Багдаде бала организована известная всем Академия Мамуна («Байт-уль-хикма), туда были отправлены именно из Маварaеннахра более 200 учёных самых разных отраслей науки и знания[13,183].

«Байт уль-хикма» (“Дом мудрости”) это научное учреждение в средневековом Востоке, занимающее чисто научной деятельностью со штатом учёного в разных областях науки и исследования, а также переводчиков, исследователей, со своей библиотекой, лабораторией и обсерваторией. Эти центры наряду с научной работы, прежде всего, специализировались на переводе и комментировании различных доисламских и исламских сочинений, преимущественно греческого, индийского, ассирийского и другого происхождения.

Специфические аспекты эти «дома знания» заключается в том, что они были созданы и организованы не только по образцу греческо-платоновской традиции, но больше всего по образцу и специфике Гундишапурской Сасанидской академии, которая охватывала восточные элементы, традиции и отношения к науке и обществе. Описывая положение работ в Багдадской академии и в академии города Мерв, современный американский исследователь Фредерик Старр в своей работе «Утраченное просвещение» отмечает, что туда многие переводчики и учёные были

привезены из древней Гундишапурской Сасанидской академии, имеющей богатый опыт в этом направлении [13,185]. Такие академические центры затем были организованы и в Мерве, Ургандже, Харезме, Бухаре, Самарканде и других городов Мавераннахра. В этих научных центрах трудились и сочиняли свои трактаты известные учёные и мыслители того времени и согласно источникам имели хорошие финансовые поддержки со стороны самых различных правителей того времени.

В первой половине XI в. при дворе правителя Хорезма Али-ибн-Мамуна в городе Гургандж функционировала Хорезмская (наряду с Багдадской) "Академия Мамуна". Здесь в разные времена свои научные работы выполняли выдающиеся ученые того времени, такие как Мухаммед аль-Хорезми, Ахмед Фергани, Сагани Астурлаби, Джаухари, Хасиб -ал Мервази, Абдумалик ал-Мерверуди, Абу-Сахл аль-Масехи, Абурейхан-аль - Бируни, Абуали ибн Сина (Авиценна), Махмуд Худжанди и др**.** В академии хранились ценнейшие рукописи на многих языках, проводились исследования в различных областях науки и сочинялись новые труды. Многие эти работы и рукописи были привезены из других стран, которые были в начале переведены, изучены и затем обогащены. Большинство ученых занимались математикой, медициной, теологией и астрономией, составляли астрономические таблицы, календари с указанием дней, месяцев и времен года, по которым определялось время посева, вспашки и т.д. Халиф аль-Мамун покровительствуя эти центры и особенно «Дом мудрости» в Багдаде, щедро вознаграждал учёных и переводчиков за каждую переведённую книгу, давая им столько золота, сколько весила сама книга. На арабский язык были переведены труды таких учёных античного периода, как Пифагор, Платон, Аристотель, Архимед, Гален, Гиппократ, Евклид и другие. К этим книгам не только написали многотомные комментарии, но идеи античных философов были творчески осмыслены в свете мусульманской традиции и получили дальнейшее развитие. Из общего анализа этих научных центров становится ясным, что видным представителем багдадской школы был математик, географ и астроном Мухаммад бен Мусы аль-Хорезми (787-850). Свою деятельность он начал в Хорезмском центре и продолжил её в Академии Мамуна. Именно в этих научных центрах Хорезми переработал арифметику Диофанта, внес важный вклад в становление науки алгебры. Он в своём трактате «Книга о восстановлении и противопоставлении» рассматривал «восстановление и сведение» как методы решения уравнений, с которой в дальнейшем пошло название научной дисциплины алгебра. По мнению специалистов отрасли, происхождение слова алгоритм тоже связано с именем аль-Хорезми, который занимался в этих академических центрах. Книгу «О восстановлении и противопоставлении» аль-Хорезми перевели на латынь в 1143 году и по источникам в дальнейшем её изучали Коперник, Бруно, Галилей, Кеплер, Паскаль, Бернулли, Эйлер, Ломоносов и другие ученые. Как всем известно, после аль-Хорезми математик и астроном Насириддин ат-Туси, работая в Мараганском обсерватории, которая тоже относилась к этим «домам мудрости», раньше Региомонтана обосновал тригонометрию как самостоятельную науку. Стоит отметить, что к этой отрасли науки европейцы пришли лишь в XVII веке. Также, в этой русле значительные работы в области математики выполнены Омаром Хайямом, Али Кушчи, Ибн Ираком и другие, которые были знакомы с опытом работы в этих научных центров, под названием «байт–уль хикма».

Другой известный ученый современником аль-Хорезми – Ахмад аль Фергани (797-865), получивший большую известность в Европе под именем Аль-Фраганус, тоже согласно источникам впитывал влияние и опыт этих научных центров. Именно в этих центрах он ознакомился с достижениями географии и математики своего времени и в дальнейшем оставил неизгладимый след в развитие астрономии, математике

и геометрии. Его известная книга «О небесных движениях и свод науки о звездах» позже была несколько раз переведена на латинский и другие европейские языки.

Таким образом, в этих научных центрах и в результате обмена мнения и обмена научного опыта различных культур формировался и развивался научное мировоззрение известного таджикско-персидского учёного и мыслителя эпохи средневековья Абурейхана Беруни, 1050-летие со дня рождения которого в этом году широко отмечается на международном уровне под эгидой ЮНЕСКО. Особенно Хорезмский академический центр и опыт в этом центре позволили ему ознакомиться с достижениями самых известных научных преобразований того времени. Абурейхан Мухаммад ибн Ахмад аль-Беруни (973-1050), который работал в Хорезмской Академии создал в этом центре фундаментальные работы по физике, математике, астрономии, ботанике, медицины, географии, геологии, минералогии и другие науки. Именно работая в этом центре, он делает такое заключение, что изменение лунных фаз зависит от различного освещения Луны Солнцем. В этом направлении он также с точностью вычислил угол наклона эклиптики к экватору, подсчитал радиус Земли, а в области минералогии установил плотность и удельный вес многих минералов и металлов. Также в этом научном центре после ознакомления с другими подобными работами он написал свою книгу под названием «Собрание сведений о познании драгоценных минералов», в котором подробно описал более 50 минералов, руд, металлов и т.д. В своих исследованиях большое значение Беруни придавал эксперименту, проводил опыты при помощи приборов, подготовленных им самим. Далее в известной своей книге «Хронология» или «Памятники минувших поколений» он дает полное описание прошлых этапов жизни различных культур, праздников и календарей греков, римлян, персов, согдийцев, хорезмийцев, иудеев и многих других народов. Небезызвестная его книга «Канон Масъуда» представлял свод астрономических знаний, а в трактате «Минералогия» Беруни в области геологии давал описание многих минералов, методы их определения и сведения о месторождении полезных ископаемых. Ознакомившись с жизнью и культуры индусов во время военных походов Махмуда Гезнави в Индии и после возвращения, он написал книгу «Описание Индии» и дает детальное научное описание быта, культуры и науки индусов, изложил их религиозно-философских системах. Также он как учёный естествоиспытатель, сделал вклад в расширение понятия числа, учение кубических уравнений, сферическую тригонометрию, разработал тригонометрические таблицы. Опираясь на разработки летоисчисления разных народов в Хорезмской Академии, Беруни предложил общие принципы составления календарей. Владея санскритским, арабским, персидским, греческим и сирийскими языками, он способствовал выработке принципов перевода научных терминов с одного языка на другой. В эпоху средневековья в Европе он был известен под именем Албороне.

Также участвуя в этих научных академических центрах, особенно в Харезмской Академии, некоторые свои работы написал и известный таджикско-персидский учёный Абуали ибн Сино (980-1037). Именно эти научные академические центры способствовали его ознакомлению европейцам, и затем многие его произведения были переведены на латинский язык. Например, его «Канон врачебной науки» был переведён на латыни и переиздавался больше 30 раз. Стоит отметить, что в результате освещения научной информации в этих научных центрах, европейцы ещё до её перевода на латынь, имели информацию о нём. Именно в связи с этим, «Канон врачебной науки» в Европе в коротком сроке не только много раз переиздавался, но и стал учебником по медицине в европейских университетах.

Обменивая опытом в Хорезмской Академии Ибн Сино тоже отдавал приоритет эксперименту. Это происходил когда в 998 году он уезжал в Хорезм

и сотрудничал и вёл дебаты с Беруни и с Абусахлом Масехи в Академии Мамуна. Научное творчество и философские взгляды Ибн Сино связаны не с развитием интуитивных элементов в мусульманской философии, а с распространением в ней учении греческого перипатетизма и принципы рационалистических тенденций. Учение «князя ученых», как его называли в Восточных странах, были близки к учению аристотелизма.

Развивая античную теорию многообразия галактики, европейские и восточные мыслители в эпоху средневековья полемизировали о формах существования различных миров во Вселенной. В академических научных центрах Востока этой теории придавали особый интерес. Абурейхан Беруни и Ибн Сино в Хорезмской Академии обсуждали проблему существования других миров во Вселенной. Беруни отстаивал данную теорию и по его мнению, вполне допустимо, что другой мир обладает теми же природными свойствами, что и наш мир, но только эти свойства созданы таким образом, что направления движения в нем отличаются от направлений движения в нашем мире и каждый из этих миров отделен от другого определённой преградой. Из приведённых аргументаций становится известно, что Ибн Сино против постановки вопроса о множественности миров. Его, прежде всего, волновала проблема существования пустоты и связанный с ней вопрос о физической природе преграды, отделяющей миры друг от друга. А что касается Беруни, то он допускал возможность существования других миров иной природы, отделенных некой преградой от нашего мира[12,190]. Стоит отметить, что такая постановка вопроса сегодня соответствует с современными идеями относительно многомерных пространств.

**ж) Дух истинной науки.** Из истории науки мы знаем, что научное мировоззрение есть динамическое явление, первоначально научные зачатки содержались в мифах, в религии, но в ходе истории они наука отпочковывалась, она исправляет религиозное воображение и знания, основанные на предрассудках. Наука до сих пор может исчерпать информацию из религии и из всех других форм общественного сознания (в том числе из искусства), но не сводится к одному из них. Абу Райхан Беруни жил в X-XI веках в Хорезме, Бухаре, Рае и Газни и во многих индийских городах, но его можно считать нашим соотечественником и современником. Почему? По свидетельству В. Розена, «в его творчестве есть дух беспристрастной критики, его взгляды совершенно свободны от религиозных, расовых, национальных или кастовых предрассудков... Беруни действительно обладает широким кругом идей и замечательным взглядом, и он охватывает и воплощает в себе дух истинной науки в современном понимании этого слова...»[22:147]. В своих произведениях Беруни выступает против любого подражания (тақлид), так как считает, что подражание «продлевает жизнь ошибкам прошлого». Абу Рейхан настаивает на том, что «если вы встретите какие-либо ошибки, вы должны исправить их без колебаний», и что таким же образом следует рассматривать качество моих произведений [18:55]. В «Каноне Масъуда» (части по астрономии) Беруни пишет, что «я не следовал своим предшественникам, тем, кто собирал известные истины (аксиомы) из других сочинений, даже если они были достойнейшими людьми того времени…» [1:55]. Понятно, что прогресс любого общества, особенно современного

общества, зависит от развития науки и техники. На наш взгляд, Беруни является образцовым исследователем, моделью для подрастающих ученых. Можно сказать, что Абу Рейхан – это одна из ярких звезд на небосклоне мировой науки! Наука, в отличие от религии, объективно и реалистично смотрит на мир, в будущее, ей свойственен прогресс, и она не всегда сосредоточена на одной, (даже самой прекрасной) идее. Научные идеи, в отличие от религии (толкование и интерпретации священных текстов), постоянно меняются, совершенствуются и развиваются. Наука не возносит какую-то одну истину в пьедестал, в культ, в догму (как это происходит в религии). Мир бесконечен и его познание тоже. По мере развития науки разные истины меняют свои места. В этом сила науки, и Абу Райхан это прекрасно понимал и старался этому учить других!

**Литература**


1. Абурайҳони Берунӣ. Осор ул-боқия (Памятники минувший поколений). Душанбе. «Ирфон», 1990. 432 с. С.6.
2. Абурайҳони Беруни. Памятники минувших поколений. Перевод и примечения М.А.Салъе // Бируни. Избр.произв. Т.1, Ташкент, Фан, 1957. С.37.
3. Абу Рейхан аль-Бируни. Фи Таҳқиқ мал ал-Ҳинд" ("Индия"). 1958. С.214. (Доступно в интернете).
4. Абу Рейхан Бируни. Геодезия // Избр. пр. Том 3. Ташкент, Фан. 1966. С.43. 262
5. Абу Рейхан Беруни. Фармакогнозия в медицине. // Абу Рейхан Беруни, Избранные произведения. т. 4. Пер. с араб. Т., 1973, с.138
6. Абурайҳон Берунӣ. Сайдана фи-т-тиб», тарҷумаи форсии Абубакр ибни Алӣ ибни Усмон Исфар ал Косонӣ (асри XIII), Таҳияи мант ва пешгуфтори н.и.ф., Аҳмад Ҳоҷизодаи Мадрушкатӣ. Душанбе. 2017, С.39.
7. Белиницкий А.М. Краткий очерк жизни и трудов Беруни.//Беруни. Собрание сведений для познания драгоценностей. Минералогия. М.Академия наук СССР. 1963. С.278.
8. Беруни. Канон Масъуда. Кн.1, стр.38. Беруни Абу Райхан. Канон Мас'уда. / Пер. и прим. П. Г. Булгакова, Б. А. Розенфельда и А. Ахмедова. // Избранные произведения, Том V, ч. 1–2. Ташкент: Фан, 1973. (Доступно в Интернете. См.: Книга 1, глава 1.).
9. Беруни и Ибн Сина. Переписка. Ташкент. Фан. 1973, 36с. С.10-11. Руҷӯъ шавад: http://publ.lib.ru/ARCHIVES/B/BIRUNI_Abu_Reyhan/.
10. Булгаков П. Г. Жизнь и труды Беруни. Изд.Фан. Ташкент, 1972.
11. Булгаков П., Розенфельд Б. Предисловие к кн. Беруни. Канон Масъуда. Ташкент, 1973. С.18; Берунӣ. Канон Масъуда, С.55
12. Девонақулов А. «Осор ул-боқия»и Берунӣ. // Абурайҳони Берунӣ. Осор ул-боқия. Душанбе. «Ирфон», 1990. 432 с. С.9
13. Джонбобоев С. Абу Райхан Беруни //История тадж.философии с др. времен до 15 века. Душанбе, Дониш. 2012 (на русском). Абурайхони Беруни //"Таърихи фалсафаи тоҷик аз замонҳои қадим то асри XX", Душанбе, 2016(ба тоҷикӣ).
14. Захидов В.Ю. Беруни как мыслитель, из-во АН. М.1951 стр. 42.
15. Лемлейн Г.Г.Минералогические сведения, сообщаемые в трактате Беруни // Беруни. Собрание сведений для познания драгоценностей. Минералогия. М.Академия наук СССР. 1963. С.293. 335.
16. В. А. Лившиц. Памятники хорезмийской письменности: https://naukarus.com/pamyatniki-horezmiyskoy-pismennosti
17. Американский журнал"Science" (20 июня 2014 г.).
18. Наука и Жизнь (журнал). См.: https://www.nkj.ru/archive/articles/24080/ («Наука и жизнь», Америку открыл Бируни?).
19. Переписка Бируни и Ибн Сины. \\ Абу Али ибн Сина. Сочинения.Т.1. Душанбе «Дониш», 1995. С.188-189;
20. Муҳовараи хабарнигори АМИТ «Ховар» бо Сунатулло Ҷонбобоев

оид ба ҷойгоҳи Берунӣ.... АМИТ «Ховар» Душанбе, 16.05.2022.
21. Ричард Стоун. «Science» («Наука»). Цитируется по: https://kun.uz/ru/11382586
22. Рожанская М.М. Механика на средневековом Востоке. - М.,Наука. 1976.стр.: 324 с. См.: http://www.gornitsa.ru/item.php?id=15469914&t=20 Дата обращения 06.05.22
23. Розен В. Рецензия на книгу «Индия» Беруни. Записки Восточного Отделения Русского Археологического общества. СПб. III (1888), 1889. С.147. //П.Булгаков, Б.Розенфельд. Беруни и его «Канон Масъуда», Предисловие к кн. Беруни. Канон Масъуда. Ташкент, 1973. С.9
24. Толстов С. П. Бируни и его время. В сб. Бируни. М-Л. Изд. АН СССР.1950. С.3-21.;
25. Yano, Michio, “al-Biruni”, in: Encyclopaedia of Islam, Three, Ed.Kate Fleet, Gudun Kramer…03 May 2023, 2013. http://dx/doi.org/10.1163/1573-3912_eiz_COM_25350
26. Ҷонбобоев Сунатулло. Абурайҳони Берунӣ поягузори инқилоби илмӣ дар Осиёи Марказӣ ва Эрон // Маводи конфронсия илмӣ-назариявии байналхалқӣ дар мавзӯи «Абурайҳон Берунӣ – мутафаккири бузурги Машриқзамин”. Душанбе. 2022. С. 93-124.
27. Bosworth, C. E. al-e-afrig’. *Encyclopædia Iranica*. Columbia University. 17 January 2013.

## ON METHODOLOGY OF SCIENTIFIC WORKS. ABURAYKHAN BERUNI IS A METICULOUS RESEARCHER OF SCIENTIFIC AND CULTURAL HERITAGE OF THE WORLD

**Sunatullo J.**

*The joint proposal of Tajikistan, Iran and Uzbekistan to celebrate the 1050th anniversary of the famous Central Asian and Tajik-Persian scientist Abu Reykhan Beruni (973-1048) was included in the UNESCO Register of Cultural Festivals celebrated in 2022-2023, Resolution 41 C / 15 of the General Conference. Abu Reykhan Beruni, a native of Khwarizmi (East Iranian, i.e., Tajik), a scientist and encyclopedist who worked in several related fields of science of the Middle Ages, including history, ethnology, geography, culture, languages, literature, astronomy, astrology, counting and arithmetic, mechanics, geodesy, mineralogy - the science of jewelry, pharmacology, geology. He created over 140 scientific works, mostly in Arabic and Persian.The study and promotion of the heritage of Abu Rayhan Beruni can contribute to the development of a scientific worldview among the younger generation of the country and the region.*

***Key words:*** *Beruni, encyclopedism, Khwarizmi language, fundamental principle of the world, cosmocentrism, heliocentrism, scientific revolution, development of scientific outlook, etc.*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ МИНЕРАЛОГИЯИ АБӮ РАЙҲОНИ БЕРУНӢ ВА АБӮ АЛӢ ИБН СИНО

**Саидов И. А. -** н.и.ф., корманди пешбари илмии Маркази синошиносии ИФСҲ ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ

*Дар мақолаи мазкур ақоиди Абу Райҳони Берунӣ ва Абу Алӣ ибни Сино роҷеъ ба масоили марбут ба минералогия, яъне пайдоиши минералҳо, фулузот, хӯлаҳо ва сангҳои қиматбаҳо баррасӣ шудаанд. Инҷо раъйи Берунӣ оиди сангҳои қиматбаҳо, аз қабили ёқут, лаъли Бадахшон, алмос, марворид, зумуррад, фируза, қаҳрабо ва ғайра, инчунин раъйи Берунӣ ва Ибни Сино дар бораи минералҳо, ба мисли зок (даҳони фаранг), навшодир, замч, кибрит (олтингӯгирд), марги муш, симоб, сурб, мис, нуқра, тилло, оҳан ва амсоли онҳо оварда шудаанд. Дар мақола умумият ва фарқияти минералогияи Берунӣ ва Ибни Сино зикр шудаанд.*

***Калидвожаҳо**: минералогия, металл, минерал, сангҳои қиматбаҳо, вазни хос, ёқут, тилло, нуқра, симоб, қалъагӣ, навшодир.*

Абӯ Райҳони Берунӣ (973, ш. Кят – 1048, ш. Ғазна) ва Абӯ Алӣ ибни Сино (980, деҳаи Афшана, наздикии Бухоро – 1037, Ҳамадон) ҳамчун файласуфони барҷаста ва донишмандони ҳамадон дар тамоми соҳаҳои илми замони худ, аз ҷумла дар соҳаи минералогия асарҳои илмӣ эҷод кардаанд.

Асари Абӯ Райҳони Берунӣ, ки ба масоили минералогия бахшида шудааст, «Китобу-л-ҷамоҳир фи маърифати-л-ҷавоҳир» («Китоби (Маълумоти) ҷамъоваришуда дар маърифати сангҳои қиматбаҳо» (Минералогия) ном дорад. Берунӣ ин асарро соли 1038 ба забони арабӣ эҷод намудааст ва онро А.М. Беленитский ба забони русӣ тарҷума кардааст. Асари мазкурро соли 1963 дар Масква нашриёти Академияи илмҳои СССР ба чоп расонидааст. Ин асар аз муқаддима, фаслҳои фароғат ва ду қисмат иборат аст. Ռисмати аввал ба сангҳои қиматбаҳо ва қисмати дувум ба фулузот бахшида шудааст.

Берунӣ дар қисмати якуми асар дар бораи сангҳои қиматбаҳо ва масъалаҳои зерин маълумот додаст: ёқут, арзиши сангҳои қиматбаҳо, оиди сангҳои шабеҳ ба ёқут, роҷеъ ба рангҳои сангҳои қиматбаҳо ва ёқут; лаъли Бадахшон; беҷода (ақиқи сурх); алмос; сунбода; марворид, хусусият ва арзиши марворид, садаф ва макони дарёфти марворид, сайди марворид, вақти сайди марворид; зумуррад ва навъҳои он, сангҳои шабеҳ ба зумуррад; фируза; ақиқ; санги сулаймонӣ; булӯри кӯҳӣ; марҷон; лаъли кабуд; лоҷвард; даҳнаҷ (санги ахзар); яшми сабз; ақиқи яманӣ (агат); «санги буз» (ҳаҷару-т-тайс); мумиё; «санги мор» (харазу-л-ҳаййат); шохи каркадан; каҳрабо; санги мағнотис; гематит (хумахан); гаҷ; шиша; сир (мино); хӯлаи ранга. [1: 34-212]

Ռисмати дувуми асар ба фулузоти зерин бахшида шудааст: симоб; тилло, конҳои тилло; нуқра; мис; оҳан; қалъагӣ; сурб; биринҷӣ; хӯлаҳои сунъӣ; миси сафед (исфизруй); «миси бад» (батруй). [1: 214-248]

Асари мазкур инчунин порчаеро, ки аз китоби Абдурраҳмон ал–Хазинӣ «Мийзону-л-ҳикмат», ки ба масъалаҳои минералогия бахшида шудааст ва аз китоби Абӯ Райҳони Берунӣ «Дар бораи муносибатҳо байни фулузот ва сангҳои қиматбаҳо» иқтибос шудааст, дарбар мегирад. Маҳз дар ин порча сухан дар бораи олоте меравад, ки барои муайян кардани вазни хоси маводҳо истифода бурда мешавад. Баъзе аз ин олот, чун танбук – қолаби оҳанин то замони Берунӣ вуҷуд доштанд. Ӯ ин олатро истифода бурда, онро мукаммал сохт ва тавассути он шаш фулузоти гудохташаванда, аз қабили тилло, нуқра, қалъагӣ, мис, оҳан ва сурбро

таҳқиқ ва муқоиса намуд. Берунӣ барои ин мақсад инчунин олати конусиро ихтироъ намуд, ки ба восиати он вазни хоси фулузоти зеринро таҳқиқ кард: тилло, симоб, сурб, нуқра, биринҷӣ, мис, оҳан қалъагӣ ва ҷадвали онҳоро таҳия намуд. Берунӣ тавассути ин олат инчунин сангҳои қиматбаҳо, аз қабили ёқут, лаъли Бадахшон, зумуррад, ақиқ, санги сулаймонӣ, лоҷвард, булӯри кӯҳӣ, шишаи фиравнӣ ё одӣ, марворид, марҷонро таҳқиқ намуд. Берунӣ ҳамзамон вазни хоси маводи зеринро таҳқиқ кард: хок, намак, ақиқи яманӣ, сандарус, каҳрабо, сир, қир, шамъ, оҷ, обнус, садаф, дарахти сандал, шохи бед.

Муаллиф дар ин асар ҳамчунин вазни хоси моеъҳои зеринро таҳқиқ кардааст: оби чашма, оби гарм, оби барф, намакоб, оби бахр, афшураи харбузаи ҳиндӣ, оби бодаринг, сиркои шароб, шароб, равғани сим-сим, равғани зайтун, асал, шири гов, сафедии тухми мурғ, хуни инсон, пешоби гарм, пешоби хунук. [1: 249-268]

Тарҷума ва нашри русии китоб инчунин маводҳои зайлро дарбар мегирад: Замима. Охирсухан ба тарҷума – А. М. Беленитский. А.М. Беленитский. Очерки мухтасари ҳаёт ва осори Берунӣ. Ҳамчунин асари профессор Г.Г. Леммлейн «Маълумоти минералогӣ, ки дар рисолаи Берунӣ хабар дода мешавад», дар ҳаҷми 222 саҳифа.

Рисолаи Ибни Сино, ки ба масоили минералогия бахшида шудааст, «ал-Маодин ва-л-осору-л-улвия» («Маъданҳо ва зуҳуроти метеорологӣ») ном дорад. Рисолаи мазкур ғайр аз масъалаҳои минералогӣ инчунин масоили геологӣ, метереологӣ ва географиро дарбар мегирад. Ин рисола ба забони арабӣ таълиф шуда, аз 79 саҳифа иборат мебошад ва он дар қисмати табииёти «Китобу-ш-шифо» ҷойгир карда шудааст. Рисолаи мазкурро барои чопи интиқодӣ муҳаққиқи муосири араб доктор Иброҳим Мадкур дар заминаи панҷ дастхат омода намуда, соли 1964 дар Rоҳира ба табъ расонидааст ва он минбаъд борҳо аз нав нашр шудааст.

Бояд қайд кард, ки ин рисола бори нахуст бо номи «Дар бораи пайдоиши кӯҳҳо ва минералҳо» (Порчаҳо аз «Китобу-ш-шифо» («Об образовании гор и минералов». Фрагменты из «Книги исцеления) аз ҷониби Григорян С.Н. ва Сагадеев А.В. дар ҳаҷми 11 саҳифа тарҷума ва чоп шуда буд. [2: 276-286]

Рисолаи «ал-Маодин ва-л-осору-л-улвия» бори аввал дар шакли пурра ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз ҷониби муаллифи мақолаи мазкур тарҷума гардид ва он дар ҷилдҳои 8-уми тоҷикӣ ва русии «Осор»-и Ибни Сино ворид шудааст, ки дар айни замон дар дасти чоп мебошад.

Ин рисола аз ду мақола ва ҳар мақола дар навбати худ аз шаш фасл иборат мебошад. Дар рисола сухан оиди сабаби пайдоиши офаридаҳои беҷон, зухуроти метеорологӣ ва амсоли он меравад.

Мақолаи якум дар бораи чизҳои беҷон, ки дар замин пайдо мешаванд, баҳс мекунад. Ба масъалаҳои минералогия фасли панҷуми мақолаи мазкур бахшида шудааст, ки дар бораи пайдоиши маъданҳо ном дорад. Ибни Сино қисматҳои ҷисмҳои маъданиро чаҳорто меҳисобад: сангҳо, ҷисмҳои гудохташаванда, яъне фулузот, кибритҳо ва намакҳо. Умуман, Ибни Сино дар бораи пайдоиши 16 минерал, аз қабили замч, (даҳани фаранг), зоҷ, навшодир, қалқанд (зоки сабз, кибрит, зирних (маргимуш), ҷисмхои сангӣ (ҷавҳарҳои маъдании кӯҳӣ), симоб, кибритҳо ([олтингӯгирдҳо, сулфурҳо), қалқатор (зоки зард), қалъагӣ, нуқра, тилло, мис ва оҳан маълумот медиҳад.

Бино ба раъйи мутафаккир, баъзе ҷисмҳои маъданӣ заифтаркиб ва баъзеи дигар қаввиҷавҳар мебошад. Баъзе чакушхӯр аст ва баъзеи дигар чакушхӯр нест. Ва он чизе ки заифҷавҳар мебошад, аз он чизе намакдор мебошад, ки рутубат онро бо суҳулат маҳлул мекунад, мисли замч (даҳани фаранг), зоҷ, навшодир ва қалқанд. Ӯ менависад: «Он чизе ки равғанин мебошад, ба воситаи рутубат худаш танҳо ба осонӣ об намешавад, мисли кибрит ва зирних (маргимуш). Аммо симоб бошад, пас он аз ҷумлаи ҷисмҳои маъдании қисмати дувум мебошад, чунки он унсури чакушхӯр мебошад… ва тамоми маъданҳои чакушхӯр гудохташавандаанд». [3: 20]

Аммо замч (даҳани фаранг) ва навшодир бошад, пас онҳо аз ҷинси намакҳоянд, вале ҷанбаи оташии навшодир бештар аз ҷанбаи заминии он мебошад. Ва барои ҳамин вай ба куллӣ бухор мешавад.

Аммо кибритҳо бошанд, пас дар ҳақиқат ҷавҳари обии онҳо бо ҷавҳарҳои заминӣ ва ҳавоӣ аз таъсири туршкунандаи гармӣ сахт турш гаштааст, ҳатто равғанӣ шудааст, сипас тавассути хунукӣ сахт шудааст. Аммо зоҷҳо бошанд, пас онҳо аз унсурҳои намакӣ, кибритӣ ва сангӣ таркиб ёфтаанд. Он чизе ки аз қувваи оҳан истифода мекунад, сурх ва зард мешавад, монанди қалқатор. Он чизе ки аз қувваи мис истифода мекунад, сабз мешавад.

Аммо симоб бошад, пас гӯё оби бо унсури заминӣ омехта бағоят латиф аст ва бо кибрит омехтагии қаввӣ дорад. Аммо қалъагӣ бошад, агар гудохта шавад, воқеан вай симоб мебошад, чунки он қабл аз тасфидан об мешавад. Ибни Сино дар бораи пайдоиши нуқра ва тилло навиштааст, ки агар симоб тоза бошад ва он чизе ки бо вай омехта мешавад ва боиси сахтшавии он мегардад, қувваи кибрити сафеди ғайримуҳриқ ва беолоиш бошад, аз он нуқра пайдо мешавад. Агар кибрит бо тозагии хеш афзалтар ва тозатар аз он ки дар нуқра аст бошад, инчунин дар он қувваи рангкунандаи оташии латифи ғайримуҳриқ афзалтар аз он бошад, пас аз сахтшавии он симоб тилло пайдо мешавад.

«Агар симоб, - мнависад Ибни Сино, - дорои ҷавҳари хуб бошад, валекин кибрите, ки онро сахт мекунад, тоза набошад, балки дар он қувваи сӯзанда бошад, пас аз он, масалан, мис пайдо мешавад. Ва агар симоб навъи паст, ифлос, тунук ва заминӣ бошад ва кибрити он низ ифлос бошад, пас аз он ҳадид [оҳан] пайдо мешавад». [3: 22]

Бо сабаби маҳдудияти ҳаҷми мақолаи мазкур, мо танҳо ишора мекунем, ки фаслҳои боқимондаи ин рисола ба кадом масъалаҳо бахшида шудаанд.

Фасли якуми мақолаи якум масъалаи пайдоиши кӯҳҳо, сангҳо ва он чизе ки баландӣ ва бузургӣ дорад, дарбар мегирад. Фасли дувум манфиати кӯҳҳо ва оиди пайдоиши абр ва шабнам ном дорад. Фасли савум роҷеъ ба манбаъҳои об мебошад. Дар ин фасл мутафаккир дар бораи обҳои чашмаҳои равон, обҳои чашмаҳои ғайриравон, яъне обҳои мурда, обҳои чоҳҳо, обҳои ҷӯйборҳо ва обҳои тарованда, яъне заҳидабароянда сухан меронад. Дар фасли чаҳорум сухан оиди заминҷунбиҳо ва сабаби пайдоиши онҳо меравад. Фасли шашум оиди ҳолатҳои ҷойҳои маскун ва мизоҷҳои аҳолии кишварҳо ном дорад.

Мақолаи дувум низ аз шаш фасл иборат буда, зуҳурот ва тамоми чизҳои дар болои замин, яъне дар фазо ҳодисшавандаро дарбар мегирад. Фасли якум дар бораи абрҳо ном дорад. Мутафаккир дар бораи пайдоиши абр, абрҳои сиёҳ ва сафед, рутубат, бухор, дуд, туман борон, борони сел, барф, шабнам, жола ва ях, яъне қирав маълумот медиҳад.

Дар фасли дувум сухан дар бораи сабаби пайдоиши ҳола (хиргоҳ), тиру камон ва он чи шабеҳи онҳо аст, меравад. Фасли савум ба масъалаи пайдоиши ҳола (хиргоҳ), тиру камон, шумайсот (офтобакҳо) ва шиҳобҳо бахшида шудааст. Фасли чаҳорум ба пайдоиши бодҳо, бодҳои тӯфонӣ, абрӣ, боронӣ, шимолӣ, ҷанубӣ, шарқӣ ва ғарбӣ бахшида шудааст. Дар фасли панҷум сухан дар бораи раъду барқ, оташак, ситораҳои афтанда (паррон), шиҳобҳо ва ситораҳои думдор меравад. Фасли шашум дар бораи ҳодисаҳои бузург, ки дар олам ҳодис мешаванд, бахшида шудааст. Ибни Сино дар ин фасл дар бораи тӯфонҳои обӣ, тӯфонҳои оташӣ, тӯфонҳои хокӣ ва тӯфонҳои ҳавоӣ, яъне бодӣ маълумот медиҳад. [4: 395-410].

Бояд қайд кард, ки ақоиди Абӯ Алӣ ибни Сино дар бораи минералҳо, фулузот ва сангҳои қиматбаҳо инчунин дар китоби «ал-Ronун фи-т-тиб», он ҷо ки сухан дар бораи хусусияти доругии минералҳо, фулузот ва сангҳои қиматбаҳо, ба мисли замчи зард, замчи сабз, марги муш, қалъагӣ, кибрит (олтингӯгирд), оҳан, марворид, тилло, канифол (моддаи шишамонанди зудшикан), мис, навшодир, симоб, нуқра, намак, сурма, руҳ (синк), каҳрабо, ёқут, яшм, алмос,

қир, гаҷ, мағнотис ва ғайра меравад, ба назар мерасад. [5: 377-449]; [5.1: 13-683]; [5.2: 427-428; 458-459; 503-515; 600-617; 677-686]; [5.3: 88-107; 116-126; 130-138; 172-199; 212-232; 242-249; 254-258; 293-302; 308-323; 364-370; 382-383]; [5.4: 61-63; 145-147; 223-237; 245-250; 268-275; 288-305; 330-346; 366; 369; 371-374; 376-379; 395-398; 426-460; 469-476; 483-497; 491-506; 511-535; 545-592]

Дар хулоса бояд зикр кард, ки минералогияи Берунӣ нисбат ба минералогияи Ибни Сино то андозае васеътар мебошад, зеро Берунӣ дар ин илм махсус ва ҳаматарафа машғул шудааст ва таҷрибаҳо гузаронидааст. Агар Берунӣ дар минералогияи худ дар бораи 46 минералу сангҳои қиматбаҳо ва фулузот маълумот дода бошад, пас Ибни Сино дар рисолаи ба минералогияи бахшидаи хеш танҳо дар бораи 16 минерал маълумот додааст. Аммо Ибни Сино ба минералҳо бо мақсади тиббӣ, яъне хосияти доругию давогии онҳо бештар таваҷҷуҳ кардааст, аз ин рӯ, ӯ дар «ал-Ronун фи-т-тиб» роҷеъ ба 46 минералу сангҳои қиматбаҳо маълумот додаст. Бо назардошти қавли боло, метавон хулоса кард, ки ҳарду донишманд дар асарҳои хеш дар бораи ҳамон минералу фулузот ва сангҳои қиматбаҳои дар замони худ маълуму маъруф сухан рондаанд. Берунӣ дар минералогияи худ ба сарчашмаи маълумоти хеш ишора намуда, он маълумотро ҳаматарафа таҳқиқ мекунад ва инкишоф медиҳад, вале Ибни Сино ба сарчашмаи маълумоти худ, ки аз куҷо гирифтааст, ишора намекунад. Берунӣ нахустин бор дар таърих тавассути олати махсус, ки худаш ихтироъ кардааст, вазни хоси панҷоҳ мавод, аз ҷумла фулузот, минералҳо, сангҳои қиматбаҳо ва моеъҳоро аниқ муайян кардааст ва ҳамин тариқ илми минералогияро бо усули ҷолибу арзандаи ташхисӣ таъмин намудааст. Аз ин ҷо метавон Берунирo яке аз асосгузорони илми минералогия ҳисоб кард. Берунӣ кӯшиш кардааст, ки минералҳоро аз рӯи усули вазни хос тасниф намояд. Ӯ дар соҳаи минералогия таҷрибаҳои зиёд ва гуногун гузаронидааст ва инҳо ба Беруни барои ихтироъ ва сохтани олатҳои мухталиф мусоидат кардаанд.

Умуман, саҳми ҳам Абӯ Райҳони Берунӣ ва ҳам Абӯ Алӣ ибни Сино дар рушди илми минералогияи асримиёнагӣ бағоят бузург аст, зеро аксари олимони минбаъдаи ба ин илм машғулшуда дар таълифоти худ ба осори ҳардуи онҳо ишора кардаанд.

**Адабиёт**


1. Абу-р-Райхан Мухаммед ибн Ахмед ал-Бируни. Собрание сведений для познания драгоценностей. (Минералогия). Перевод А.М. Белиницкого. – Издательство Академии Наук СССР. – М., 1963
2. Григорян С.Н., Сагадееев А.В. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIVвв. – Москва, 1961
3. Ибн Сино. Аш-шифо. Табиийт. Ал-маодин ва осору-л-улвия. ал-Қоҳира, 1980
4. Саидов И. Ибни Сино дар бораи пайдоиши маодин ва зуҳуроти метеорологӣ // Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди фалсафа, илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ. Маводи Симпозиуми байналхалқӣ бахшида ба 1040-солагии Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе, 2021.
5. Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Книга I.- Издание второе. – Ташкент, 1981

Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Книга II.- Издание второе. – Ташкент, 1982

5.2. Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Книга III.- Том 1. - Издание второе. – Ташкент, 1979

5.3. Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Книга III.- Том 2.- Издание второе. – Ташкент, 1980

5.4. Абу Али ибн Сина. Канон врачебной науки. Книга IV.- Издание второе. – Ташкент, 1980


## СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ МИНЕРАЛОГИИ АБУ РАЙХАН БЕРУНИ И АБУ АЛИ ИБН СИНА

**Саидов И. А.**

*В настоящей статье рассмотрены взгляды Абу Райхана Беруни и Абу Али ибн Сины, связанные с вопросами*

*минералогии, то есть образования минералов, металлов, сплавов и драгоценных камней. Здесь приводится мнение Беруни о драгоценных камнях таких, как яхонт, бадахшанский ла'л, алмаз, жемчуг, изумруд, бирюза, янтарь и т.п., также мнение Беруни и Ибн Сина о минералах, такие, как квасцы, нашатырь, зеленый купорос, желтый купорос, сера, мышьяк, ртуть, свинец, медь, серебро, золото, железо и другие. В статье говорится об общности и различиях минералогии Беруни и Ибн Сины.*

***Ключевые слова**: минералогия, металл, минерал, жидкость, драгоценные камни, удельный вес, яхонт, золото, серебро, ртуть, олово.*

## COMPARATIVE ANALYSIS OF MINERALOGY BY ABU RAYHAN BERUNI AND ABU ALI IBN SINA

**Saidov I.A.**

*This article discusses the views of Abu Rayhan Beruni and Abu Ali ibn Sina related to mineralogy, that is, the formation of minerals, metals, alloys and precious stones. Beruni's views on precious stones are given and analyzed, such as yahont, Badakhshan la'l, diamond, pearl, emerald, turquoise, amber, etc. In this article Beruni's and Ibn Sina's views on minerals are also compared, for example, what they are alum, ammonia, green vitriol, yellow vitriol, sulfur, arsenic, mercury, lead, copper, silver, gold, iron and others. The article also discusses the problems of commonality and differences between the mineralogy of Beruni and Ibn Sina, shows the uniqueness of each approaches.*

***Key words:** Beruni, Ibn Sina, mineralogy, metal, mineral, liquid, precious stones, specific total, yahont, gold, silver, mercury, tin, etc.*

№3 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# БЕРУНӢ – МУТАФАККИРИ ИНСОНПАРВАР

**Назар М. А.** – д.и.ф., дотсент, директори ИФСҲ АМИТ

*Дар мақола дар шакли мухтасар андешаҳои иҷтимоию гуманистии мутафаккири бузурги асримиёнагӣ Абӯрайҳони Берунӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ин донишманди табиатшинос таълимоти муназзами фалсафӣ-иҷтимоӣ наофаридааст, вале назари хешро доир ба масъалаҳои инсон ва ҷомеа дар асрҳояш қисман иброз намудааст. Маълум мегардад, ки ӯ доир ба ин масъалаҳо андешаҳои навоварона доштааст, ки аксари онҳо то имрӯз мубрам боқӣ мондаанд.*

***Калидвожаҳо**: Берунӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, инсон ва ҷомеа, ахлоқ, фазилатҳо, меҳнатдӯстӣ, таълим, дӯстию рафоқат, ҷанг.*

Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048) – донишманди бузурги энсиклопедист, мутафаккир ва гуманисти машҳури асримиёнагӣ мебошад, ки дар рушди афкори ҷамъиятӣ ва илмию фалсафии Шарқи Наздик ва Миёна саҳми арзанда гузоштааст.

Дар бораи ҳаёт, эҷодиёт ва ташаккули ҷаҳонбинии ин донишманди номӣ маводҳои зиёд интишор шудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Маҷидов Д. чунин иброз мекунад: «Дар ташаккули афкори илмӣ ва илмӣ-фалсафии ӯ ва ба сатҳи баланди ҷаҳонбинии илмӣ комёб шуданаш рағбати ҷиддии ӯ ба анъанаҳои бостонии илмӣ-фалсафии халқҳои Эрон ва дигар халқҳои Осиё, ақидаҳои алоҳидаи илмии мактабҳои ҷаҳонбинии юнонӣ ва ҳиндӣ нақши бузурге дошт. Илова бар ин, сифатҳои шахсии ӯ ҳамчун инсон ва олим дар ташаккули ҷаҳонбиниаш нақши бузург бозиданд» [1, 63].

Бояд гуфт, ки Абӯрайҳони Берунӣ асосан бо дастовардҳои барҷастаи илмӣ-табиатшиносии хеш машҳур гаштааст. Ҳамзамон бояд тазаккур дод, ки ин донишманд дар он рӯзгор инчунин бо ақидаю ғояҳои пешқадами иҷтимоии худ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд. Қайд кардан бамаврид аст, ки аксари андешаҳои ӯ дар афкори ҷомеаи муосир низ аҳамияти хоссаи худро доранд.

Берунӣ, пеш аз ҳама, олими табиатшинос буд ва аз ин рӯ, дар осори ӯ таълимоти муназзами консептуалӣ, ки ба баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ бахшида шуда бошад, ба мушоҳида намерасад. Бо вуҷуди ин, дар якчанд асарҳои пурмуҳтавои ӯ доир ба масъалаҳои соҳаҳои фалсафа, сотсиология, этнография, педагогика, психология ва дигар илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ фикру мулоҳизаҳои ҷолиб иброз гардидаанд.

Чунончӣ, Берунӣ масъалаҳои инсон ва ҷомеаро баррасӣ намуда, дар осори хеш он ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимонеро, ки ба халқ зулму ситам мекунанд ва ё сиёсати истилогаронаро пеша кардаанд, маҳкум намудааст. Мутафаккир дар бораи муносибатҳои байни ҳоким ва халқ андеша ронда, аз ҳамдигар вобаста будани онҳоро қайд кардааст: мардум бояд дар хидмати ҳоким бошад ва ин дар навбати худ, масъулияти ҳокимро барои хидмат ба халқи худ тақозо мекунад. Ҳамин тавр, одамон бояд дар мусолиҳа якҷоя кору зиндагиро пеш баранд.

Аз назари воқеъбинонаи Берунӣ, асоси пайдоиши ҳар як ҷомеаро талаботи моддии одамон ташкил медиҳад. Аз нигоҳи ӯ, мавҷудияти талаботҳои гуногуни мардум, воситаҳои маҳдуди худмуҳофизатӣ ва мавҷуд будани душманони сершумор инсонро водор мекунад, ки дар ҷомеаи ҳамтоёни худ муттаҳид шавад, то бо онҳо ёрманди ҳамдигар бошанд ва корҳое анҷом диҳанд, ки эҳтиёҷоти ӯ ва дигаронро таъмин карда бошанд.

Ба ақидаи Берунӣ, неруҳои ақлонӣ агарчи неруи бузурганд, вале худ аз худ инсонро ба беҳбудию некӯаҳволӣ расонида наметавонанд. Зиндагии

некуро барои ӯ фақат ҷомеа таъмин карда метавонад. Фазилатҳои наҷиби одамон аз зумраи қонуниятҳои муҳимми инкишофи тамаддуни башар мебошанд. Хусусан, дарки зарурати ёрмандӣ ба ҳамдигар, судмандии тарафайн, дастаҷамъона қонеъ гардондани эхтиёҷот, яъне талаботу манфиатҳои умумӣ ва ғайра мисоли он мебошанд. Дар ин радиф, ба қавли мутафаккир, адолат (адлу инсоф) меъёри асосии мавҷудияти тамаддун мебошад, ки тадриҷан мардумро тарк кардааст ва дар натиҷа одамон бахилу ҳасудхур, бадкирдору мумсик шуданд, ки баъдан ин ҳолат боиси бухрони тамаддуни онҳо гардид. Аҳолии ҳар як кишвар ба хотири истиқрори адолат дар давлати алоҳида муттаҳид мешаванд. Вазифаи асосии ҳоким, аз назари Берунӣ, пойдор гардонидани принсипҳои адолат ва таъмини баробарҳуқуқии табақаҳои мухталифи иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин росто, мутафаккир тартиботи тоифагӣ, низоми кастагии Ҳиндустонро сахт маҳкум кардааст.

Ин мутафаккири гуманист яке аз сулҳпарварони бузург ва душмани оштинопазири ҳаргуна ҷангу хунрезиҳо буд. Ӯ дар асарҳояш худро на танҳо чун ҳакими мумтоз ва олими барҷаста, инчунин ба унвони инсонпарвари бузург, мубориз зидди нажодпарастӣ ва таассуфоти динӣ ба хонанда муаррифӣ менамояд. Бояд тазаккур дод, ки бо вуҷуди зерҳукми Маҳмуди Ғазнавӣ буданаш, мутафаккири боҷасорат султонро барои ҷабру таассуби динӣ, ки тавассути онҳо сарватҳои фарҳангии Ҳиндустонро нобуд мекард, шадидан маҳкум кардааст: «Маҳмуд ободии ҳиндуҳоро барбод дода, дар кишвари онҳо чунин муъҷизаҳо намоиш дод, ки бар ин иллат онҳо тимсоли хокистари парешон гардида, боиси овоза шуданд» [2, 67].

Бузургии Берунӣ дар он зуҳур ёфтааст, ки ӯ ба дӯстию рафоқати одамон, новобаста аз фарқияти динию нажодӣ ва маҳали зисташон, эътибори калон додааст. Вай ҳамчун гуманист маҳз дар дӯстии халқҳо нерӯи рушди ҷомеа ва саодати инсониро мебинад.

Бояд хотиррасон намуд, ки ин мутафаккир ва табиатшиноси барҷастаи асримиёнагӣ ақидаҳои иҷтимоию сиёсии худро тавассути омӯзиш ва муқоисаи фарҳанги халқҳои гуногун, аз ҷумла, ҳиндӣ, юнонӣ ва арабӣ баён кардааст. Ӯ боварӣ дошт, ки фарҳангҳои гуногун дар намунаҳои беҳтарин ва бо эътибори баланди худ ба арзишҳои башардӯстона шомил мешаванд. Тибқи назари ӯ, дар асосҳои фалсафии динҳои ислом ва ҳиндуия фарқияти куллӣ вуҷуд надорад ва умуман ҳамаи динҳо дар аслҳои бунёдии ҷаҳонбинии худ баробаранд. Аз ин бармеояд, ки мутафаккир дар муносибатҳои динӣ таҳаммулпазириро ҷонибдорӣ мекард ва ифротгароиро намеписандид.

Андешаҳои Берунӣ дар бораи тарбияи насли ҷавону наврас, ки меросбарони фарҳанги аҷдодон мебошанд, арзиши ҷиддии илмӣ доранд. Дар осори Берунӣ доир ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии мардум, хусусан ҷавонон, андешаҳои зиёди пурмуҳтаво иброз гардидаанд. Омӯзиши осори Берунӣ нишон медиҳад, ки ӯ ба масъалаҳои ахлоқӣ, монанди шаъну шараф, дӯстию рафоқат, некию адолат ва поквиҷдонӣ аҳамияти зиёд дода, мақоми ин фазилатҳоро баланд арзёбӣ намудааст.

Ҳамчун маорифпарвари бузург ӯ хеле возеҳ дарк мекард, ки нодонию ғофилӣ, макру фиреб, кинаю адоват ва беадолатӣ ба тарбияи насли наврас таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, ӯ тарбияи ахлоқи ҳамидаро ҳамаҷониба тарғиб менамуд. Берунӣ ба ҷавонон некӯкорӣ, гиромидорӣ, лутфу эҳсон ва меҳрубонӣ нисбат ба одамон, ҳамдаму додраси онон буданро таълим медод. Чунончи, олим барои ифшои маънии вожаҳои «хайр», «адолат», «ҳақиқат» бисёр сатрҳои зебо бахшидааст. «Чуноне ки адолат аз рӯи табиаташ ризоят мебахшад, моҳияташ ишқро ба даст меорад, бо зебоии зотӣ ба худ ҷалб мекунад, бо ҳақиқат низ комилан ҳамин тавр аст» [2, 58], – менависад Берунӣ. Ӯ дӯстию рафоқатро «неъмати пурарзиши ҳаёт» шуморида, ба ин масъала диққати махсус додааст. Мутафаккир хислатҳои хоси дӯстиро ошкор намуда, талаб

мекунад, ки шогирдон дар руҳияи рафоқату ҳамдилӣ тарбия карда шаванд. Берунӣ барои ноил шудан ба комёбиҳои намоён дар таълиму тарбия инчунин усулҳои эътимодоварӣ, ҳавасмандгардонӣ, муҷозот ва баргузоркунии суҳбатро дар доираи мавзуҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ тавсия менамояд.

Таҳлили осори Берунӣ нишон медиҳад, ки ӯ фақат мақсади донишандӯзӣ ба шогирдони алоҳидаро дар назди худ нагузоштааст. Ӯ муътақид буд, ки тадрис ягона манбаи таълиму тарбияи насли наврас буда наметавонад, балки манбаи дигаре низ ҳаст, ки он китоб мебошад.

Берунӣ муътақид буд, ки дар баробари хислатҳои волои ахлоқӣ, чунин тавассути интишор кардани илму дониш дар ҷомеа ва меҳнати софдилона кулли мардумро аз ҷаҳолату факр халос кардан мумкин аст. Худи донишандӯзиро ӯ кори бузургу пурзаҳмат ҳисобидааст, ки вақту неру ва сабру тоқатро талаб мекунад. Сониян, мутафаккир қоил аст, ки одамон қобилияти гуногуни ҳофизаро соҳибанд, яъне «баъзе нафарон аз он бархурдоранд, баъзеи дигар маҳруманд, аз ин рӯ, охириҳо дар ин самт кам дар кам ба чунин ҳад расида метавонанд, магар, ки тавассути ҷаҳду машғулияти зиёд…».

Ба қавли Берунӣ, дониш одамро бузургвору олиҳиммат ва оқилу доно мегардонад. Барои Берунӣ «ба ҷуз аз покии дониш» чизи дигаре нест. Тибқи таълимоти мутафаккири бузург, дар раванди татбиқи ҳамаҷонибаи меъёрҳои волои зеҳнӣ ва ахлоқӣ, ки бо илм ҳамгиро шудаанд, ба комилӣ расидан мумкин аст: Берунӣ мутмаин буд, ки дониш мардумро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Илова бар ин, «расидан ба наҷотёбӣ бо ёрии дониш танҳо тавассути парҳез аз шарр имконпазир аст». Тибқи андешаи Берунӣ, фақат бомаърифатӣ ва донистани қоидаҳои рафтори «наҷиб» басанда нест, муҳиммаш ин донишҳоро дар амал татбиқ карда тавонистан аст. Ин ақидаи мутафаккир барои имрӯз низ ҷолиб ва муҳим боқӣ мемонад.

Берунӣ ба тарғибу тарбияи меҳнатдӯстӣ аҳамияти лозима дода, меҳнатро шарти зарурии инкишофи дурусти ҷавонон меҳисобад. Маҳз меҳнат омили асосии истеҳсоли сарватҳои моддӣ мебошад. Берунӣ ҳаёт ва бахту саодатро бе меҳнат тасаввур намекард ва тарбияи меҳнатиро асоси ҳаёти инсон меҳисобид. Мутафаккир дар бораи тарбияи меҳнатӣ сухан ронда, аҳамияти бузурги иродаро махсус қайд мекунад. Масалан, Берунӣ дар асараш «Таҳдид ниҳоят-ул-амокин ли тасҳеҳи масофат-ил-масокин» («Геодезия») дар бораи суботкорона ба мақсади худ расиданаш ва донишандӯзиаш ёдрас кардааст, ки муҳаққиқ С.Ҷонбобоев дар як мақолае онро аз забони муаллиф ба таври хулосавӣ бозгӯӣ кардааст: «Дар ин кор ман на маблағ ва на қувваи худро дареғ дошта будам. Баъзан натиҷаҳои ба даст омадаро дар дафтар сабт мекардам ва онро дар хотир намедоштам, то дар фурсати мувофиқ ба он баргардам, вале борҳо мешуд, ки бо сабабҳои гурудори замона ин дафтару натиҷаҳои илмӣ аз байн мерафтанд» [3]. Шояд дар раванди тадрис на ҳама чиз барои одам шавқангезу мароқовар бошад, вале инсон ба туфайли иродаи қавӣ бартараф кардани душвориҳоро ёд мегирад.

Ҳамин тариқ, агарчи мо танҳо яке аз ҷанбаҳои мероси пурғановати илмии олими барҷастаро таҳлилу баррасӣ намудем, дар асоси ҳамин низ метавон иброз кард, ки мактаби илмии Берунӣ дар рушди илму маориф дар Шарқи асримиёнагӣ нақши бузург дошт, ақидаҳои Берунӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии олимони наслҳои минбаъда таъсири амиқ расондаанд.

**Адабиёт**


1. Маджидов Д. Натурфилософия Абу Рейхана Бируни. / дисс. канд.филос. наук. – Душанбе. – 163 с. (с.65.)
2. Беруни Абу Рейхан. Избранные произведения. Т.II. Индия. – Ташкент: «Фан», 1963.
3. Ҷонбобоев С. Абурайҳони Берунӣ – меъмори инқилоби илмӣ дар Осиёи Марказӣ ва Эрон /https://ravshanfikr.tj/muso-iba/aburaj-oni-berun-me-mori-in-ilobi-ilm-dar-osijoi-markaz-va-eron.html/
4. Бируни Абу Рейхан. Избранные произведения. Т.III. Геодезия //

Исследования, перевод и примечания П.Г. Булгакова. - Ташкент: «Фан», 1963.

## БЕРУНИ – ВЕЛИКИЙ МЫСЛИТЕЛЬ-ГУМАНИСТ

**Назар М. А.**

*В статье в краткой форме рассматриваются социальные и гуманистические идеи великого средневекового мыслителя Абурайхана Беруни. Этот естествоиспытатель не создал систематического социально-философского учения, но частично высказал свои взгляды на проблемы человека и общества в своих произведениях. Выясняется, что у него были передовые идеи по этим вопросам, большинство из которых остаются актуальными и по сей день.*

***Ключевые слова:*** *Беруни, социально-гуманитарные мысли, человек и общество, мораль, добродетели, трудолюбие, учёба, дружба, война.*

## BERUNI – GREAT THINKER-HUMANIST

**Nazar M. A.**

*The article briefly examines the social and humanistic ideas of the great medieval thinker Aburaikhan Beruni. This natural scientist did not create a systematic social and philosophical doctrine, but partially expressed his views on the problems of man and society in his works. It turns out that he had innovative ideas on these issues, most of which remain relevant to this day.*

*Key words: Beruni, social and humanitarian thoughts, man and society, morality, virtues, hard work, study, friendship, war.*

№3 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# БЕРУНӢ ВА МУНОСИБАТИ Ӯ БА ТАЪЛИМОТИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

**Мирзоев Ғ. Ҷ.** – д.и.ф., мудири кафедраи фалсафаи Раёсати АМИТ
(тел.:+992 935056656)

*Муаллиф дар ин мақола муносибати илмии мутафаккири асримиёнагӣ Абурайҳон Берунирo ба таълимоти фалсафаи машшоияи Шарқӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ӯ ҷиҳати ин мақсад ҷанбаҳои аслии мубоҳисаи илмии Берунӣ ва Ибни Синоро, ҳамчун намояндаи барҷастаи фалсафаи машшоъ мавриди баррасӣ қарор дода, зикр мекунад, ки ин ду мутафаккир дар мукотиботи баҳсии худ дар бораи таълимоти Арасту сари масоили муҳими фалсафа ва физика, аз қабили шаклҳои ҳаракат, сохтори олам, офоқ ва анфус, афтиши озоди ҷисмҳо, кашиши ҷисмҳо, холо (вакуум), шакли ҷирмҳои осмонӣ, тағирёбии ашё, мавҷудияти оламҳои дигар дар коинот, тақсимшавии атом ва ғайраҳо мубодилаи афкор намудаанд. Дар рафти ин мубоҳиса онҳо назариёти Арастуро рӯйи ин масъалаҳо ё такмилу сайқал додаанд, ё Берунӣ зиддияту ихтилофоти чанде аз онҳоро ошкор намуда, ин назариётро рад кардааст. Баҳси онҳо ифодагари ҷаҳонбинии ҷараёнҳои илмии пешқадами давр, махсусан натурфалсафаи Берунӣ ва фалсафаи машшоияи Шарқӣ дар бораи олами ҳастӣ буд, ки мутаасифона баъдтар дар асрҳои миёна ин мактабҳо мавқеяшонро аз даст доданд. Агар ин шеваи таҳқиқотӣ ва ин гуна муҳити илмӣ идома меёфт,ояндаи рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ тамоман дигар мебуд. Ба вуҷуди ин ҳама, таълимот ва усули илмии ин ду мутафаккир, ки намунааш дар мубоҳисаи мустақими онҳо инъикос ёфтааст, дар рушди илми ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад ва таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи ин мукотиба имрӯз ҳам аз аҳамият холӣ нест.*

***Калидвожаҳо:*** *фалсафаи машшоъ, таълимоти машшоиёни Шарқӣ, мавзеи табиӣ, ҳаракати ҷисмҳо, фалаки мустадира, холо, қидам ва абадияти олам, иллат ва маълул, тағйирёбии ҷисмҳо, офариниш, ҳудуси олам, эллипс, эфир.*

Бо қарори сессияи 211-уми Шурои иҷроияи ЮНЕСКО имсол ҷомеаи башарӣ 1050-солагии яке аз бузургтарин симоҳои илмӣ ҷаҳонӣ, олим ва мутафаккири форсу тоҷик Абурайҳон Берунирo ҷашн мегирад. Ин мутафаккир дар ташаккулёбӣ ва рушди илми асрҳои миёна, махсусан дар рушди фалсафаи табиатшиносӣ ва илмҳои амалӣ нақши муассир дорад, ки бемуболиға ин марҳиларо мутахассисон даврони эҳёи илму фарҳанги кишварҳои Шарқ (ренесанси Шарқ) ном мебаранд. Берунӣ бо усули таҳқиқотиву илмии хосаш дар танҳоӣ як мактаби илмии алоҳида буд ва ӯ дар баробари дигар намояндагони ҷараёнҳои маъруфи фалсафии минтақа, аз қабили фалсафаи машшоъ, исмоилия, калом, тасаввуф ва ғайраҳо бисёр масъалаҳои мубрами замонашро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода, назарияҳои пешқадами илмиро барои он замон пешниҳод кардааст.

Дар таҳқиқу омӯзиши таълимот ва дидгоҳҳои илмию фалсафии мутафаккирони гузашта на танҳо равишу усулҳои мухталиф ҷиҳати баҳогузории осорашон, балки омӯзиши падида ва лаҳзаҳои алоҳидаи фаъолияти эҷодиву фикрии онҳо, аз қабили мубоҳиса ва ё мукотибаҳои илмии эшон бо дигар мутафаккирон сари зуҳуроти мухталифи олами ҳастӣ аҳамияти баланди илмӣ дорад. Инчунин, таърихи илму адабиёти пешин намунаҳои зиёди баҳсу муҷодалаҳои байниҳамдигарии олимону донишмандон ва инчунин аҳли шеъру адабро низ ёд дорад, ки аз мавқеъҳои гуногуни фикриву адабӣ ҷараён гирифта, ҷойгоҳи ақидатии ин донишмандонро ҳам дар фазои илм ва ҳам дар муҳити адабу фарҳанг

равшантару мушаххастар намудаанд. Мисоли равшани ин гуна мубоҳисотро метавон баҳсҳои Бадеъуззамон бо Мусо ал Хоразмӣ дар мактаби илмии Хоразм, баҳси Абубакри Розӣ бо Абуҳотими Розӣ сари масоили фалсафиву ҳастишиносӣ, мубоҳисаи Шайхурраис Ибни Сино бо Абусаид Абулхайр рӯйи масоили ваҳдати вуҷуд, баҳсҳои адабиву шеърии шуарои дарбори Сомониёну Ғазнавиён ва ғайраро номбар кард. Намунаи дигари барҷастаи чунин мубоҳисаҳо ин баҳс ё мукотибаи илмии Абурайҳон Берунӣ бо Ибни Сино мебошад, ки хусусияти сирф илмиву ҷаҳоншинохтӣ дорад. Қисмати зиёди китобатии ин мубоҳиса, хушбахтона, то замони мо омада расидааст ва он ҷиҳти муайян намудани вазъи фикриву андешавии замон ва шинохти низоми илмиву фалсафи ин мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ дар баробари асару таълифоташон аҳамияти хосса дорад.

Муҳиммияти илмии ин баҳс ё мукотибаро боз он чиз собит месозад, ки ин мубодилаи афкори онҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии пажӯҳишгарону муҳаққиқони гуногун шудааст. Барои мисол, муҳаққиқи муосири амрикоӣ Фредерик Старр асари тозанашраш “Маърифати гумшуда” -ро, ки имрӯз аз таҳқиқотҳои навтарин ва бунёдии илми таърихи фалсафа ба шумор меравад, маҳз аз таҳлили ин мукотибаи ду нобиғаи асримиёнагии олами Шарқ шурӯъ намуда, пасон ба баррасии равандҳои илмиву каломӣ ва ирфонии замони эҳёи минтақаи Осиёи Марказӣ дар асри X пардохтааст. Ҳамин тариқ, ин муҳаққиқ чунин шурӯъ мекунад, ки “...дар соли 999 ду ҷавон, ки дар масофаи зиёда аз 400 км аз ҳам дур дар ин минтақа мезистанд, бо ҳам мукотиба огоз карданд. Онҳо метавонистанд номаҳояшонро бо кабӯтар фиристонанд, мисли он ки дар он давра маъмулан ҳамин роҳро истифода мекарданд, аммо номаҳои онҳо хеле дароз ва аз ҳамин сабаб хеле гаронвазн буданд. Мукотибаи онҳо вақте огоз шуда буд, ки нафари бузургсолтари онҳо бистунӯҳсола, ба дӯсти ҳаждаҳсолаи худ феҳристи саволҳо оид ба мавзӯъҳои гуногуни илм ва фалсафаро мефиристад. Қариб ҳамаи саволҳои вай имрӯз ҳам садо медиҳанд. Ин амал як давраи найзабозии аспсавораи забониро кушод, ки тавассути лоақал чор номаи тӯлонӣ аз ҳар ду тараф ба кашмакашии илмие монанд аст, ки дар замони ҳозир дар интернет дида мешавад” [13,40].

Аз баррасии умумии муҳити илмиву андешавии асрҳои IX ва X-и ҳавзаи Осиёи Марказӣ ин пажӯҳишгар хулосагирӣ мекунад, ки маҳз ин минтақа дар ин даврон дар муқоиса бо Ҳиндустон, Чин, Шарқи наздик ва Аврупо ягона минтақаи ҷаҳон буд, ки замон ва ҷуғрофиёро бо ҳам пайваста ва ба бузургтарин ҳалқаи алоқа миёни ҷаҳони антиқа ва ҷаҳони муосир табдил ёфта буд. Ба андешаи муҳаққиқи номбурда саволу ҷавоби ин ду нобиғаи илм дар мукотибаи мазкур саволҳои соддаю оддӣ набуда, балки масоили умдае буданд, ки ба онҳо фақат ҷомеаи мутамаддини он давр ва рӯҳи нооромии инсони огоҳу мактабдида ҷавоб пайдо кардан мехост ва то имрӯз ҳам ҷавоб меҷӯяд. “Оё дар он ҷо, дар байни ситорагон манзумаи офтобии дигаре вуҷуд дорад, мепурсиданд онҳо, ё мо дар олами вуҷуд танҳо ҳастем? Шашсад сол пас Ҷордано Бруно (1548-1600)-ро барои дифои чандгонагии оламҳо дар оташ сӯзонданд (муттаҳамсозии аслӣ ҳамахудогароӣ, пантеизм буд), аммо барои ин ду нафар возеҳ ба назар мерасид, ки мо танҳо нестем; ягона, аммо, эҳтимол, танҳо не. Онҳо ҳамчунин мепурсиданд, ки оё замин пурра ва комилан офарида шуда буд ё он бо мурури замон инкишоф ёфт? Дар ин ҷо онҳо мафҳуми Офаринишро пазируфтанд, аммо қатъиян розӣ буданд, ки замин аз он давра то имрӯз дигаргуниҳои зиёдеро аз сар гузарондааст. Чунин изҳори қатъии тағйири тадриҷии геологӣ ҳамон қадар бидъатӣ барои дини Ислом, ки онҳо пайраваш буданд, буд ва ҳамон қадари дигар барои дини Насронияи асрҳои миёна. Ин амал яке аз ду олими ҷавонро ба ташвиш оварда буд, аммо на дигареро. Пас, якум Ибни Сино бошитоб роҳи печидаи ислоҳро илова кард, ки аз назари илоҳиёт пазироитар буд. Аммо, дар асл, ҳарду тағйири тадриҷии геологӣ ва нуктаҳои

асосии дарвинизмро ҳаштсад сол пеш пешбинӣ мекарданд” [13,41].

Ин ҷо ба асли мазуъ дахл намуда моро зикр кардан лозим аст, ки мукотиботи Берунӣ ва Ибни Сино мувофиқи андешаи муҳаққиқи дигар Д. Шарипов як навъ мубодилаи эпистолярии (**иншоӣ, мактубӣ. -М.Ғ.**) афкор дар атрофи проблемахои куллии илми асрҳои миёна мебошад, [17,124] ки дар он мутафаккирони он давр эҷоду фаъолият мекарданд. Дар сарчашмаҳои муътамади асримиёнагӣ ва баъди он, аз ҷумла дар “Луғатномаи Деҳхудо” мукотибаи Берунӣ ва Ибни Сино дар шакли ирсоли мактубҳо, ки гоҳе дар сабки баҳсҳои пуршиддате сурат гирифтаанд, оид ба масоили гуногуни илм сухан меравад, вале аз ин мактубҳо, ё саволу ҷавобҳо то ба мо ҳамагӣ ҳаждаҳ тояш омада расидааст. Дар ин мукотибаҳо Берунӣ ва Ибни Сино масъалахои гуногуни илми фалсафа, табиатшиносӣ, астрономия, физика ва гайраро мавриди баҳсу мубодилаи фикрӣ ва гоҳҳо мавриди санҷиши донишу дидгоҳҳои ҳамдигар қарор додаанд. Ин мукотиба, ки тақрибан солҳои 998 то 1002-и милодӣ ҷараён гирифтааст (эҳтимол баҳсҳои ин ду мутафаккир баъдтар ҳам дар Байт-ул ҳикмаи Хоразм ба таври шифоҳӣ идома ёфта бошанд), аз ду қисмат иборат аст. Дар ин баҳс даҳ саволу ҷавоб ба китоби файласуфи Юнони қадим Арасту - «Дар бораи осмон ва коинот» бахшида шуда, ҳашт саволу ҷавоби боқимонда ба китоби дигари ҳамон мутафаккир – «Табиийёт» ишора шудааст. Дар ин қисмат Берунӣ бо ҷавобҳои Ибни Сино шинос шуда, дар мактуби ҷавобияш доир ба баъзе назариёти Арасту ва нуқтаи назари худи Сино эътирозҳо навиштааст. Ибни Сино бошад, шояд бар иллати маҳдудии вақт баъзе ҷавобҳоро худаш китобат карда бошад, вале боқимондаро шифоҳӣ ба шогирди ҳушмандаш Абусаид Ахмад Алӣ ибни Маъсумӣ қироат карда, супориш додааст, ки онҳоро иншо ва ирсол намояд. Ҷараёни ин мубоҳиса ва мукотибаи илмӣ на танҳо афкори ду олими пешкадам ва соҳибмактаб, балки ҷаҳонбинии ҷараёнҳои фикрии он замон, дурусттараш, ҷаҳонбинии халқҳои ин минтақа ва он даврро низ инъикос мекунад.

Ҳамин тариқ, Берунӣ ва Ибни Сино дар мукотиботи худ дар бораи назариёти Арасту сари чунин масъалаҳои фалсафа ва физика, аз қабили хусусияти ҳаракат, сохтори олам, офоқ ва анфус, афтиши озоди ҷисмҳо, кашиши ҷисмҳо, холо (вакуум), шакли ҷирмҳои осмонӣ, тағирёбии ашё, мавҷудияти оламҳои дигар дар коинот, таксимшавии атом ва ғайраҳо, ки он замон асли тасаввуроти илмии оламро ба шакли механикӣ ҳам дар олами Ғарб ва ҳам дар Шарқ ташкил медоданд, ибрози андеша намуда, ҳамзамон ин назариётро ё такмилу сайқал додаанд ё Берунӣ чанде аз онҳоро қабул накардаву дар такя бар далоили дигар рад кардааст. Ин мукотибаҳои мутафаккирон бо забони арабӣ сурат мегирифт, ки аз хусусияти илмӣ доштани онҳо шаҳодат медиҳад. Мукотиботи номбурда хеле барвақт ба забони форсӣ баргардон шудаанд, ки Алиакбари Деҳхудо онҳоро дар “Луғатнома”-аш овардааст. Соли 1950 бошад, ин мукотибаҳоро муҳаққиқон А. Расулов ва М. Абдурахмонов ба забони узбекӣ ва баъдтар шарқшиноси шӯравӣ Ю.Завадовский дар асоси дастхате, ки дар фонди Институти шаркшиносии АФ РСС Узбекистон маҳфуз буд, ба забони русӣ тарҷума кардаанд. Баъзе пахлуҳои ҷузъии мукотибаҳоро муҳаққиқон Ф. Зикруллоев, Ю. Завадовский, Саид Ҳусейн Наср, А.Д. Шарипов, М. Диноршоев, С. Ҷонбобоев ва дигарон дар таҳқиқоташон баррасӣ ва ё ба онҳо ишораҳо кардаанд. Вале таҳқиқу таҳлили васеътари ин мукотибаҳо, ки ношӣ аз равандҳои муҳими илмиву фалсафии гузаштаи мо мебошанд, барои фалсафаву фарҳанги имрӯзаамон бештар аз ҳарвақта зарур аст.

Ҳамин тариқ, мукотибаҳо бо забони арабӣ сурат гирифта, як саволи Берунӣ аз як то ду ё се саҳифа ва ҷавоби Шайхурраис бошад, ба ин суол аз ду то даҳ саҳифаи хатти арабиро дар бар мегиранд, ки баъди қироату таъйини ӯ шогирдаш Абусаиди Маъсумӣ онҳоро рӯйи варақ овардааст. Дар рафти ин

мубоҳисаҳо Берунӣ бар иддае аз назариёти Арасту эрод дорад ва онҳоро бесубот мехонад ва Ибни Сино бошад онҳоро дифоъ ва асоснок менамояд.

Мо дар ин ҷо зарур мешуморем, ки барои равшантар шудани матлаб, усули масъалагузорӣ ва тарзи баёни мукотиба ҳадди ақалл чанд қисмати саволу ҷавоби ин мубоҳисотро дар тарҷумаи Алиакбари Деххудо аз "Луғатнома" – и ӯ, ба шакли мухтасар ҳам бошад, ин ҷо биёрем. Дар ин қисмати мукотиба баҳси ин ду мутафаккир рӯйи назариёти Арасту дар мавриди фалаки самовӣ ва таъсири вазну суқулати он дар кашиш ва ҳаракаташ вобаста бо унсурҳое чун хало (вакуум) ва ғайра ҷараён мегирад. Ҳамин тариқ, баъди ироаи салому дуруд ва арзи эҳтиром **саволи аввали Берунӣ ба Шайхурраис чунин аст:**

- Гӯяд, ки чун фалак аз марказ ҳаракате надорад ва ҳам ба сӯйи марказ низ ҳаракате надорад, бад он далел Аристотилис **хиффат (сабукӣ. - М.Ғ.**) ва **сиқл (вазн, гаронӣ. - М.Ғ.)-**ро дар фалак эътиқод накардааст, вале он далел барои Аристотилис вафо ба мақсуд надорад, чӣ мутасаввир аст мин ҳайси таваҳҳум ва алимкон фалакро **сақле (вазне)** бошад, вале **сақл** он мӯҷиби ҳаракат ва майл ба ҷониби марказ набошад, зеро ки ҳар ҷузъ аз аҷзои фалак бо якдигар муташобеҳ ҳастанд, баъд аз фарзи **сaққолат (вазнинӣ)** дар онҳо ҳар гоҳ ба табъ ба ҷониби марказ мутаҳаррик шаванд, ҳайати иттисолияи (васлпазирӣ) онҳо мамониат хоҳад шуд ва ҳам ба воситаи он ҳайат дар ҳавли марказ воқиф хоҳанд буд ва низ мутасаввир аст, ки фалакро **хиффате (сабукие)** бошад, вале хиффат он муҷиби ҳаракат ва майли он аз марказ набошад. Зеро ин ҳаракат вақте мутасаввир аст, ки аҷзои фалак аз якдигар ҷудо ва мутафарриқ шаванд ва ҳам дар хориҷи фалак **халое** (вакуум) мавҷуд бошад, то он аҷзо дар он хало мутаҳаррик шаванд, ё мутамаккин оянд ва чун дар назди мо мубарҳан ва муҳаққақ шудааст, ки тафарруқи аҷзои фалак мумтанеъ ва ҳам вуҷуди хало муҳол аст. Лоҷарам фалак монанди ҷирми норест, ки худ маҳсур ва муҷтамаъ дар маконе бошад, ки хуруҷи он аз он макон ғайримумкин аст. Аммо азбаски набуди хало берун аз доира аз ҷониби Аристотилис муқаррар ва бешубҳа шуморида мешавад, ин маънои онро дорад, ки фалак, агарчи масалан аз оташ иборат бошад ҳам, чизи баста ва ҷамъшуда (якҷоя) аст. Ҳосили он, ки **хиффат** ва **сақли фалак** мусталзами он муҳолот, ки Аристотилис пиндоштааст, нахоҳад буд. Аммо ҳаракати мустадира шояд мумкина бошад, яъне мумкин аст, ки фалак ба зот ва табъи мабдаи ҳаракат мустақима бувад ва билқаср ва алараз мабдаи ҳаракат мустадира бошад, чунончи дар кавокиб ин маънӣ мавҷуд аст, чи биззот аз Машриқ ба Мағриб раванд ва билқаср аз Мағриб ба Машриқ оянд. Ва агар гӯянд, ки ҳаракати фалак дар доира тасодуфӣ нест, зеро дар чунин ҳаракат паҳлуҳои муқобил вуҷуд надорад ва дар ҳаракати мустадира (даврӣ) байни тарафҳо фарқият вуҷуд надорад, пас ба ҳама маълум аст, ки чунин хулоса аз ин суханон муболиға ва софигароӣ аст. Зеро тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки ҳар чизе ду ҳаракати табиӣ дошта бошад, яке ба сӯйи Машриқ ва дигаре ба сӯи Мағриб. Мухолифат дар ин ҷо танҳо лафзист, вале маъно як аст, зеро ҳаракат ба сӯйи Мағрибро наметавон мухолифи ҳаракати Машриқ номид ва ин ба таври умум эътироф карда мешавад. Ҳамин тариқ, мо танҳо дар сухан фарқ (ихтилоф) мекунем, аммо дар моҳияти (баҳс) он ҳамфикрем, пас (дар ин ҳошия) Аристотилис дар кадом ройи назар аст? [7, 2534 -2535].

**Ҷавоби Шайхурраис Ибни Сино:** – Мақсуд ва матлуби мо он аст, ки маълум кунем, ки фалак на **хафиф** аст ва на **сақил**, Худоят ёрӣ кунад, ки дар он боб ба мо ёрӣ кардӣ ва муованат овардӣ, чи худ муқаддамоте баён кардӣ ва дар тайи онҳо мусаллам доштӣ, ки фавқи фалак мавзеъе нест, то ба ҷониби он ҳаракат намояд ва ҳам мумкин нест ба сӯйи таҳт мутаҳаррик шавад аз ҷиҳати иттисоли аҷзои он. Ман худ музайидан алайҳозо мегӯям, ки фалак наметавонад ба ҷониби таҳт мутаҳаррик шавад ва ҳам дар таҳти фалак мавзеъе табиӣ нест, ки битавонад мутамаккин гардад. Имтиноъ ва истиҳолаи он амр ба масобаи ин аст, ки ҳар гоҳ иттифоқ ва ифтироқи онро,

ки аз муҳолот аст, раво донем. Маа ҳозо мумкин нест, ки он ҳаракат ба вуҷуд ояд, зеро он ҳаракат ба воситаи мудофеъат ва ва музоҳаммати муъаддие мешавад, ба интиқол ва хуруҷи ҷамъи аносир аз мавозеи табиияи худ ва инро маъолим алайҳи ҷоиз намедорад ва далоили табиия мумкин намешуморад. Ва бо вуҷуди онҳо муъаддие мешавад бар исботи **хало** дар мазҳаби табиийюн ва муҳол аст, пас аз барои фалак на дар таҳт ва на дар фавқ **мавзеъе табиие** нест, ки фалак ба ҷониби ӯ ҳаракат намояд, на билфеъл ва алвуҷуд ва на биламокин ва алваҳм. Зеро ки ҷавози ин ҳаракат муъаддие мешавад бар муҳолоти шаниъа ва қабиҳа, ки баён кардем... Яъне ҳаракати аносир маҷмуан аз мавозеи табиияи худ ва муъаддие мешавад бар вуҷуди хало ва ботилтар аз шайъе, ки имкони вуҷуди он билфеъл ва билваҳм ва билимкон мутасаввир нест, чӣ хоҳад буд? Пас худ таслим доштаӣ, ки аз барои фалак дар зер ва таҳт **мавзеи табиӣ** нест ва чун ин маъниро мусаллам гашт аз тартиби муқаддамотӣ гурез набошад... Бад ин минвол азбаски фалак ҷисм аст, ки аз тарзи аввали қонуни қиёс (силогизм) бармеояд, ин маънои онро дорад, ки он ҳам ҷойгоҳи табиӣ дорад. Аммо, агар хулосаро ба қонуни қиёси шартии тақсимкунанда интиқол диҳем ва бигӯем, ки ҷойи табиии фалак бояд ё болотар ё поёнтар, ё дар ҳамон ҷоест, ки он билфеъл дар ҳамон ҷост, пас он қонуни қиёси истисноии фавқ ва таҳтро хориҷ мекунем, пас ин натиҷа медиҳад, ки **мавзеи табиии** фалак мавзее аст, ки билфеъл дар он ҷост ва ҳар чизе, ки дар мавзеи табиии худ аст на **хафиф** аст билфеъл ва на **сақил**...

Ва фалак дар мавзеи табиии худ аст, пас фалак на **хафиф** аст ва на **сақил** ва мо худ барои исботи ин муддао, ки ҳар чи дар мавзеи табиии худ аст, **хифат** ва **сиқл** надорад бурҳон оварем, аммо дар боби хафиф мегӯем, ки хафиф иборат аз чизест, ки ҳаракат намояд ба сӯйи мавзеи табии худ суъудан ва мумкин нест чизе, ки дар мавзеи табиии худ аст ба сӯйи мавзеи ғайритабиӣ суъуд намояд...

Дар бораи **сиқл** (вазнинӣ) низ ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки сиқл он чизест, ки табиатан ба поён ҳаракат мекунад ва ҷойи табииаш дар зер аст, зеро ҳар чизе, ки аз рӯйи табиати худ ҳаракат мекунад, ба сӯи ҷои зарурати табиии худ ҳаракат дорад. Аз назари аввал метавон гуфт, ки он чизе, ки дар ҷойи табиии худ аст, воқеан **сақил** нест. Хулосаҳои ҳарду биноро муттаҳид намуда, мо чунин хулосаи умумиро мебарорем, ки ашё дар **ҷойи табиии** худ аслан на **сақолат** (вазнинӣ) дорад ва на **хиффат** (сабукӣ)... Ва ба хубӣ собит шудааст, ки дар муқаддимаи дуюми хурд, ки мегӯяд (**яъне Арасту. - М.Ғ.)** фалак дар **мавзеи табиии** худ аст, дуруст аст ва тамоми силсилаи хулосаҳо аз ин бармеоянд ва хулосаи ниҳоӣ, яъне фалак дар мавзеи табиии худ аст, он хафиф ва сақил нест, билфеъл ва билқувва ва билимкон ва он ба ҳақиқат мувофиқат мекунад... Далели ин он аст, ки зарфияти **хиффат** (сабукӣ) ва эҳтимолияти **сиқал** (вазнинӣ) ё дар маҷмуи худ чунинанд, ки дар мисоли зарраҳои аносир, ки дар ҷойҳои табиии худ ҳаракат надоранд, дида мешавад. Агар ин зарраҳо воқеан **хафиф** ё **сақил** набошанд, онҳо бояд баръкс бошанд, зеро онҳо метавонанд дар натиҷаи ҳаракати иҷборӣ (танҳо) аз ҷойҳои табиии худ ҳаракат кунанд ва ба ҷойи табиии худ (танҳо) бо иҷбор баргарданд... Ҳамин тариқ, фалак ба маънои мутлақ на **хафиф** аст ва на **сақил** ва мо инро исбот карданӣ будем. Бо вуҷуди ин, Шумо ҳақ доред, ки бо як сабаб фалакро кавокиб номед, аз он сабаб, ки одамон ҷисмеро сабуктар меноманд, ки табиатан аз болои дигараш шино мекунад ё мавзеъ мегирад. Аз ҳамин сабаб фалакро хафифтарини ашё номидан мумкин аст. Дар хусуси гуфтаҳои Шумо, ки ҳаракати мустадири фалак табиатан ба он хос нест ва ибороти «ва агар гуянд, ки ҳаракати фалак дар мадор тасодуфӣ нест» ва ғайра то охири бахш бошад, пас касе аз онҳое, ки ба табиати ҳаракати мустадир хос будани фалакро ҳатто гуфтааст, инро исбот накардааст. Он эътирозҳое, ки Шумо овардаед, бар зидди Шумо бармегарданд ва ҳатто бо сабабҳои зиёд ва ман низ аз дароз кардани (баҳс) наметарсам ва аз суоли: «Чаро ин ибороро ҳамчун як масъалаи махсус ҷудо кардед?» наметарсам ва ин

сабабҳоро метавонам шарҳ дод. Дар мавриди гуфтаҳои Шумо, ки ҳаракатҳои фалак ва кавокиб муқобиланд, ин тавр нест. Онҳо танҳо гуногунанд, зеро ҳаракатҳои муқобил ба мухолифати паҳлуҳо ва ақсоҳо мебошанд. Ин суол дар китоби панҷуми табиат (**манзур китоби "Физика" -и Арасту. - М. Ғ.**) шарҳ дода шудааст. Тарафҳои ин ду ҳаракати мустадир ва нӯгҳои онҳо, чунончи гуфтем, на табиӣ, балки шартӣ мебошанд. Чунки ҳаракатҳои мустадири фалак табиатан интиҳо надоранд ва аз ин рӯ муқобил низ буда наметавонанд, аз ин ҷо ду ҳаракати гуногуни мустадир бо ҳам муқобил нестанд ва ин чизест, ки мо мехостем исбот кунем.– интиҳо[7, 2534 -2578].

Беруниро ин ҷавоби Ибни Сино қонеъ намесозад ва ӯ бар ройи Арасту сари ин масъала боз **эътирозашро чунин баён мекунад:**– Будани ҳар як аз аносир дар **маҳали табиии** хеш мусаллам нест, барои он ки маҳали табиии **сақил,** яъне ҷиҳати сифл марказ аст ва макони табиии хафиф улв, яъне муҳит. Аммо марказ нуқтае беш нест, чи чизе аз заминро ҳар қадар хурд тасаввур кунем, дар марказ ғунҷоиш надорад. Балки он ҷузъ аз замин аз атроф ва ҷавониби марказ мутамоил ба марказ аст ва аммо муҳит, он низ гунҷоиши ҳеҷ ҷисмеро надорад, то аҷсоми хафифа бад он суъуд кунанд, чи муҳити баситӣ (яъне сатҳӣ) ва ҳамӣ аст ва билилова агар обро раҳо кунем ва монеа аз пеши он баргирем, бешубҳа ба марказ хоҳад расид. Пас даъвии он ки **макони табиии** об болои хок аст, бар асос нахоҳад буд ва бинатиҷа барои ҳеҷ яке аз аҷсом **макони табиии хоссе** нест. Бо ин муқаддамот даъвои он касе, ки гӯяд, фалак **сақил** аст, лекин иттисоли он монеи афтодан аст, ботил намешавад [7,2571].

Ҳамин тариқ, чунончи аз ин қисмати баҳси ду мутафаккир бармеояд, онҳо рӯйи назариёти Арасту, ки таълимоти ӯ дар асрҳои миёна чи дар кишварҳои Ғарб ва чи дар Шарқ ҳамчун тасаввуроти роиҷи олами атроф пазируфта шуда буд, ба мубоҳиса пардохта, ин назариётро тавассути радду дифои байниҳамдигарӣ инкишофу сайқал додаанд ва ё ба ҷойи он назарияҳои дигареро пешниҳод намудаанд. Берунӣ агар ба иддае аз далоили Ибни Сино розӣ шуда бошад, вале ин ҷо дар масъалаи **"мавзеъҳои табиӣ"** ва **"вазинӣ"**-ю **"сабукӣ"**-и ҷисмҳои фалак ӯ назарияи маъруфи Арастуро дар ин бора пурра рад мекунад.

Зикр намудан лозим аст, ки яке аз назарияҳои маъруфи Арасту, ки дар кишварҳои Шарқ ҳам, махсусан байни пайравони мактаби машшоъ васеъ пазируфта шуда буд, ин мавҷудияти **макон** ё **"мавзеъҳои табиӣ"** барои ҷисмҳову ашёи олам буд. Баҳси Берунӣ бо Ибни Сино дар ин қисмати мукотибаашон маҳз рӯйи ин назария ҷараён мегирад. Бар асоси ин назарияи Арасту ҷисмҳои олам ду хеланд: **аҷсоми вазнин** (санг, фулузот, замин, об, чӯб ва ғайра), ки ба маркази Замин дар ҳараканд ва **ҷисмҳои сабук** (ҳаво, буғ, дуд ва оташ), ки баръакс аз Замин ба тарафи муқобил ҳаракат мекунанд. Мувофиқат ва баробарвазнии олам маҳз аз он рӯй медиҳад, ки ин ҷисмҳо ҳар яке дар **"мавзеи табиӣ"**-и худ карор гирифта бошанд. Назарияи мазкур, чунончи зикр шуд, паҳншуда ва қабулшуда дар аксар мактабҳои илмиву фалсафии асрҳои миёна, махсусан, дар байни пайравони машшоияи Шарқӣ буд ва Берунӣ ин назарияро қабул надошт.

Чунончи аз ин қисмати баҳси ӯ бо Ибни Сино бармеояд, ӯ таълимоти Арастуро дар хусуси «мавзеъҳои табиӣ» рад мекунад ва изҳор мекунад, ки ҳамаи ашёҳо новобаста аз он, ки онҳо **"сақил"**(вазнин), ё **"хафиф"**(сабук) бошанд ба сӯйи маркази олам кашида мешаванд ва мушкилот ин ҷо дар он аст, ки дар ин кашиш (ҷозиба) ва ҳаракат баъзеҳо ба мамоният дучор мешаванд ва баъзеҳо камтар мамониат мехӯранд. Ин андешаи худро ӯ тавассути таҷриба ва санҷиши ҳаракати об ва хок дар Замин ва муқоисаи ҳаракати ин ду унсури васеи табиат ба сӯйи маркази Замин нишон медиҳад ва натиҷагирӣ мекунад, ки ягон **"мавзеи табиӣ"** барои ягон чиз ва ё ягон ҷисм вуҷуд надорад.

Ин нуқтаи назарашро Берунӣ дар асарҳояш низ таъйид карда, мепурсад, ки: "... аз ду ҳақиқат кадоме дурусттар аст, ки яке мегӯяд об ва хок ба маркази Замин кашида мешаванд ва ҳаво ва оташ

баръакс аз марказ ба самти муқобил, ё оне ҳақиқаттар аст, ки мегӯяд - тамоми ҷисмҳо ба сӯйи марказ ҳаракат мекунанд, вале ҷисмҳои нисбатан вазнин дар ҳаракати худ ба сӯйи марказ нисбат ба аҷсоми сабук босуръаттар кашида мешаванд". Ӯ таъкид мекунад, ки "...дар фалаки мустадира Замин дар марказ қарор дорад ва барои ҳамин тамоми аҷсом ба сӯйи он ҳаракат мекунанд. Дар ин самт об ба маркази Замин дар сурате ворид мешавад, ки агар хок бо ҳаво омехта бошад, вале агар замин сахт бошад, об дар рӯйи замин боқӣ мемонад ва дохилу таҳти он бо душворӣ мегузарад" [3,63]. Дигар муҳаққиқон низ бар ин назаранд, ки Берунӣ дар исботи андешаи худ инчунин таҷрибаро ҳам ба кор бурда, ноустувории назарияи Арасту ва Ибни Синоро дар мавриди **"мавзеи табиӣ"** исбот кардааст. Ӯ ба зарфи об санг андохта нишон медиҳад, ки дар пайи фурӯ рафтани санг об ба болои зарф баланд мешавад ва мепурсад, ки: "Барои чӣ об, ки ҷисми вазнин аст ба боло мебарояд? Ва худаш ҷавоб медиҳад, ки дар ин ҷо вазнинии об дар баробари вазнинии санг ба мамониат дучор мешавад ва ҳамин тариқ, ба ғайр аз ҳодисаи ҳаракати тамоми ҷисмҳо ба сӯйи маркази Замин чизи дигаре нест" [14, 213-214]. Ҳамин тариқ, Берунӣ назарияи роиҷи замонаш дар бораи мавҷудияти **"мавзеи табиӣ"**-ро, ки бар таълимоти Арасту такя мекард, рад намуда, назарияи ҷазб ва кашида шудани ҳама ҷисмҳоро ба маркази Замин пешниҳод дошт. Зикр намудан лозим аст, ки маҳз ин гуна назария ва фарзияҳо заминаро дар оянда барои ташаккулёбии таълимоти қувваи ҷозибаи ҷаҳонӣ ва кашфи қонуни гравитатсия дар асрҳои минбаъда муҳайё кардаанд.

**Суоли дуюми Берунӣ чунин аст:** Аристотилис чаро ақволи қуруни мозия ва мақолоти аҳқоби (силсилаи) солифаро дар **боби фалак** ҳуҷҷати қавӣ шумурдааст ва тавре ки эшон ёфта ва фаҳмидаанд муътамад ва мувассақ донистааст ва дар мавзее аз китоби худ дар исботи фалак ва даврони он бар ақовили эшон тамассук (ҳамфикрӣ) ҷустааст? Ҳар касе, ки мутаассифона бар ҳукмҳои бардурӯғ пойбанд нест ва бар онҳо исрор намекунад, бояд бигӯяд, ки "ин маълум нест". Ӯ (**яъне Арасту– М.Ғ.**), ҳамчунин бояд эътироф мекард, ки дигар ақвоми башар дар бораи **давомнокии фалак** донишҳое дигар доранд, ҳатто гузаштагони аҳли китоб дар ин бора сухан гуфтаанд ва ҳиндуҳо ва соири мардумони дигар низ... Дар пайи омӯзиши ин маълумот дурӯғу саҳеҳ будани онҳо ошкор мешавад, зеро он кӯҳҳо ва он манотиқ дар кисми маскунаи кураи замин фавран ё пай дар пай ба як ҳолат намондаанд. Гузашта аз ин, тамоми кӯҳҳо (ва ҳамвориҳо) дар замони қадим ва баъдан тағйир ёфтаанд... ва шаҳодати пешгузаштагони Арасту ҳам ҳаст, мисли шаҳодати худи ӯ дигаргуниҳои ошкореро, ки дар онҳо дидаанд, ки ӯ инро ба назар намегирад [7, 2543].

**Ҷавоби Шайхурраис Ибни Сино:** – Бояд донист, ки Арасту ақволи салафро аз бобати иқомаи бурҳон баён накардааст, балки маҳзи муносибат дар хилоли калимоти хеш аз эшон ибороте овардааст ва илова бар ин **амри афлок** мисли амри ҷибол нест, зеро ки умами солифа куллиёти ҷиболро дар ҳолате, ки мавзун ва маҳфуз аз ҳаводис (буда) мушоҳида намудаанд, вале ҷузъиёти онҳоро ихтилофоти ба ҳам расида ва баъзе мутароким гардида ва ишколи онҳо мунҳадам гардида ва болотар аз истишҳоди Арасту бар ақволи салаф истишҳодест, ки Фалотун дар кутуби худ дар боби сиёсат ва ғайруҳа овардааст... Ва билҷумла чунин пиндорам, ки ту худ он эътирозро аз Яҳё Наҳвӣ (файласуфи Юнонӣ Иоанн Грамматик ё Иоанн Филопон 490–570; пайрави навафлотуния – **М.Ғ.**),) фаро гирифта бошӣ, зеро ки ӯ дӯсти насоро (буд) ва бо Арасту душманӣ мекард ва маҳзи мурофиқати онҳо бо ӯ мухолифат меварзид. Вале ҳар гоҳ касе дар охири китоби "Кавн ва фасод", ки аз муаллафоти Яҳё аст, бо назари диққат тааммул кунад, равшан ва возеҳ мегардад, ки ӯро дар он масъала, ки бо Арасту оғози хилоф кардааст, ниҳоят вифоқ ва иттифоқ аст. Ва ё ин, ки он эътирозро аз Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ фаро гирифта бошӣ, ки ӯ забондарозӣ ва ёвасарой варзидааст ва

аз пешаи худ, ки дидани абвол ва барозот (пешоб ва наҷосату саргин – **М.Ғ.**) аст, даст кашида ва дар баёни илоҳиёт (**манзур метафизика – М.Ғ.**), ки беш аз андозаи ӯст, қадам ниҳодааст. Бадеҳе аст, ки ҳар кас аз шаън ва рутбаи худ таҷовуз кунад, худро расво ва ҷаҳли худро ошкор намудааст. Найли (ноилшавӣ) мақсуд барои ӯ ғайри мақдур бошад ва бояд донист, агарчи Аристотилис фармуда, ки оламро **бадве (холиқ, мубтаде)** нест, вале муродаш на ин аст, ки оламро **фоил ва мӯҷиде (эҷодкунанда, халққунанда)** нест, балки муродаш он аст, ки **фоил** ва **мӯҷиди** олам муназзаҳ аз таътил ва тасвиф аст ва ин маҳал ҷои зикри ин гуна матолиб нест. Ва аммо ин ки гуфтӣ, агар касе мутаассиб набошад, исрор (бар) ботил надорад, ин хашм ва хушунат аз монанди ту донишманде қабеҳ ва норавост. Зеро ки матлаб холӣ аз ду ваҷҳ нест, ё он ки бар маънии ақволи Арасту иҳотат ва иттилоъ наёфтаӣ ва ё ин ки огоҳ нагардидаӣ, агар воқиф ва муталеъ нагаштаӣ, пас таҳмиқ ва истихфофи ту ба ҳеҷ ваҷҳ маҳал ва мавқеъ нахоҳад дошт. Ва агар ашъор ва огоҳӣ ёфта бошӣ, боистӣ ақли шариф туро аз ин гуна суханон манъ намуда бошад ва гуфтору кирдоре, ки ақл намудааст бояд зишт набошад ва гуфтору кирдоре, ки ақл аз онҳо наҳй дорад, носазо ва норавост ва аз монанди ту донишманде шоиста ва сазовор набошад ва усули ту, ки суханони Арастуро беасос шарҳ дорӣ, зишт ва нолоиқ аст – интиҳо [7, 2545].

**Эътирози Абурайҳон ба ҷавоби дуюми Шайхурраис**, ки аслан он шубҳа ва ё эътироз ба назариёти Арасту мебошад, чунин аст: – Ҳошо, ки набояд Яҳёро ба тамвиҳ (дурӯғпароканӣ, ба чашми касон хок пошидан) нисбат тавон кард ва агар касе сазовори ин нисбат бошад, шояд худи Арасту аст, ки куфриёти хешро ба захориф (ороиш, зебу зиннати зиёдатӣ) ва ороишот ҷилва додааст ва гумон мекунам, китоби Яҳёро дар радди қавли Барқлис (файласуфи Юнонӣ Прокл 412-485.– **М.Ғ.**),) дар мавриди абадияти олам надида бошӣ ва ҳам бар китоби вай дар нақз ва абтоли музахрафоти Арасту вуқуф наёфтаӣ ва тафосири ӯро бар кутуби Арасту нахондаӣ. Ва ман, аз ин рӯ, ба гуфтори Арасту муътаризам, ки ҳаракот ва замонро аз ҷиҳати ибтидо мутаноҳӣ мебинам ва Арасту низ он ҷо, ки вуҷуди ғайримутаноҳиро мумтанеъ шумурда худ бад он эътироф кардааст, ҳар чанд дар ин ҷо ба мутобаати ҳавои нафс аз қавли нахустини хеш эъроз (сарпечӣ кардан) ҷустааст. Ва ин ки гӯйӣ, Арасту гӯяд, оламро ибтидое нест, инкори фоил ва мӯҷид барнамеояд, гуфторе беҳосил аст. Чи агар барои афъоли ибтидоӣ фарз нашавад, фоиле низ таваҳҳум нахоҳад шуд. Ва агар мазҳаби Арасту ин аст, ки оламро иллати мӯҷида аст, лекин ибтидои замонӣ нест, чаро ба зикри қуруни пешин ва шаҳодати онон тамассук (ҳамфикрӣ) ҷуста ва гуфтааст, ки тағйири сифоти мӯҷиб тағйири зот нест (Яъне, ин истишҳоди Арасту кошиф аз он аст, ки олам зотан ғайримутағаййир ва сифоти ӯ мутағаййир аст ва ин далел бар он аст, ки онро биззот муҳтоҷ ба иллат намедонад. – **Деҳхудо**) [7, 2572].

Маврид ба зикр аст, ки дар ин пурсиши Абурайҳон шубҳа ва эроди ӯ фаротар аз як эрод сари масъалаи мушаххаси фалсафӣ дар назариёти Арасту мебошад ва он ба усул ва равиши омӯзишиву таҳқиқотии ин мутафаккир, ки андешаҳои ӯ дар асрҳои миёна васеъ дастгирӣ мееёфтанд, равона шуда буд. Аз назари Берунӣ сари масоили куллии фалсафӣ аз қабили офарида шудан ё азалӣ будани олам, қидам ва абадияти он, амри афлок, устувор ва ё тағйирёбанда будани сатҳи он, робитаи иллат ва малул ва ғайра Арасту бояд назариёти қавмҳои гузаштаи наздики юнониёнро бе далелу таҳлили илмӣ чун ҳақиқати маҳз қабулу ба онҳо такя намекард. Инчунин, ӯ бояд андешаҳои мардумони дигар фарҳангҳо, аз он ҷумла ҳиндуҳо, андешаи гузаштагони аҳли китоб ва гайраҳоро ба риштаи таҳқиқу муқоиса кашида, хулосаи нави худро дар асоси донишҳои муътамади фардияш пешниҳод менамуд. Зеро, аз назари ӯ, дар рафти ин муқоиса ва таҳлил хулосаҳои ҷиддӣ ва ҳақиқати нав пайдо мешаванд. Дар ин қисмат Берунӣ дар баробари эроди усулияш бар

Арасту, инчунин заъфу зиддиятҳои таълимоти ӯро дар мавриди масъалаи ибдои олам ва ташаккулёбии унсурҳои он ироа мекунад.

Ҳамин тариқ, **саволи сеюми** ӯ ба Ибни Сино дар бораи ташреҳи масоили геометрӣ ва ҳандасӣ дар рӯйи замин, **саволи чорум** дар бораи тақсимпазирии ҷисмҳо, **саволи панҷум** дар бораи оламҳои дигар дар коинот, **саволи шашум** дар бораи эллипс ва хало, **саволи ҳафтум** дар бораи марказ ва хусусияти ҳаракат, **саволи ҳаштум** дар бораи эфир ва гармшавии ҳаво дар пайи ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ ва ҳамин тавр боқимонда то ҳаждаҳум саволаш дар атрофи назариёти Арасту идома меёбанд ва андешаашро дар мавриди ҷавобҳои Ибни Сино баён мекунад. Ҳама саволу ҷавоб комилан хусусияти илмӣ ва таҳқиқотӣ дошта, бар асоси далеловарии ақливу мантиқӣ ва имконияти таҷрибапазирии онҳо дар амалия сурат гирифтаанд. Мутафаккир худаш низ ба муҳиммият ва арзишмандии илмии ин мукотиба дар асарҳои баъдинааш ишораҳо кардааст. Ӯ дертар дар бораи вохӯрияш бо Ибни Сино ва радд намудани андешаи ҳамзамононаш дар мавриди он, ки гӯё зери кураи Қамар оташ вуҷуд дорад ва он сабаби пайдоиши ҳарорат мебошад, чунин навиштааст: «Вале ба ақидаи ман зери кураи Қамар оташ вуҷуд надорад. Ва чун фалак сареъулҳаракат аст, аз суръати ҳаракати он ҳарорат ёфт мешавад. Ман ин масоилро дар ҷои дигаре, ки аз ин китоб муносибтар аст, зикр кардаам, ба хусус дар сӯҳбате, ки миёни ману ҷавони фозил Абӯалӣ Ҳусайн бинни Абдуллои Сино дар ин матлаб рӯй додааст»[1,11].

Худи эътироф ва қадрдонӣ намудани як ҷавони ба гуфти худаш “фозил” ва олими ҳанӯз ҳаждаҳсола Ибни Сино ва эҳтиром қоил будан бар Арасту ва таълимоти ӯ, вале айни замон зери интиқоди сахт гирифтани ҷанбаҳои ностувори назариёти онҳо аз тарафи ин мутафаккир, гувоҳӣ аз самимият ва муносибати мунсифонаи ӯ ба илму дониши замонашро медиҳад.

Ба ҳамин минвол, чи аз боқимонда таълифоти дигари Берунӣ ва чи аз ин қисмати мукотибаи ӯ бо Ибни Сино айён мегардад, ки ӯ ҳар гуна таълимоти паҳншудаи замони худро бе таҳлили шахсӣ намепазирад, назарияи файласуфони машшоъро дар мавриди қидами олам қабул надорад, худаш ҷонибдори ҳудуси олам аст[10,1352] ва дар ин маврид табииёти Арастуро зери интиқод мегирад. Ӯ дар баробари чунин назариёташ дар мукотибаи мазкур дар бораи арзи ҳастӣ доштани чандин оламҳои дигари беканор дар коинот сухан меронад, ки аз назари ӯ онҳо дорои сохту таркиб ва қонунҳои махсуси худ мебошанд.

Ҳам назарияи офариниши олам ва ҳам ин усули илмӣ, ки ӯ хулосаи дигаронро бе таҳлили фардӣ ва интиқодӣ қабул надорад, аз наздик будани ҷаҳонбинии Берунӣ ба дидгоҳи илмии файласуфи дигари эронитабор Муҳаммад Закариёи Розӣ дарак медиҳад. Беҳуда дар ин қисмати мукотиба бо Ибни Сино сухан аз Розӣ нарафтааст. Мутахассисон Розиро пайрави мактаби фалсафии табоия ва асҳоби ҳаюло медонанд [9,37], ки таълимоти онҳо реша дар фалсафаи қадими эронӣ – фалсафаи хусравонӣ дорад ва назариёти Берунӣ дар муқоиса бо фалсафаи машшоия ба ин мактабҳои фалсафӣ наздиктар мебошад. Розӣ низ монанди Берунӣ андешаҳои файласуфони антиқа, махсусан таълимоти пизишкии онҳоро бидуни таҳлилҳои наву бознигарӣ қабул надорад ва фикрашро дар ин бора равшан баён кардааст. Дар ин маврид ӯ мегӯяд, ки дар пизишкӣ мо наметавонем ҳама он чиро, ки Буқроту Ҷолинус нофеъ шуморидаанд, ҳақиқат бипазирем ва ба он такяву пайравӣ намоем. Бояд худ табиати ин чизҳоро дар муҳитамон бисанҷему биёмӯзем, ки то кадом дараҷа ба мо мувофиқанд ва он гоҳ тибқи он амал намоем. Ба вуҷуди тамоми ихлосу эҳтиром ба ин ду мутафаккир, вақте ки таҷриба ва амалия чизи дигарро мегӯянд, мо набояд кӯр кӯрона ба онҳо пайравӣ кунем [15,95]. Ба андешаи мо, чунин шубҳа ва раддияи Розӣ нисбат ба таълимоти ҳама файласуфони дигари Юнонӣ, аз он ҷумла нисбат ба таълимоти Арасту низ изҳор шудааст ва таъсири усулияш ба Берунӣ айён аст.

Ҳамин чиз, яъне шубҳаоварӣ бар таълимоти арастуия дар ин мубоҳиса боиси нороҳатӣ ва хашму сахтгӯиҳои Шайхурраис Ибни Сино нисбати ин мутафаккир гаштааст.

Айни замон дар ин ҷо зикр карданием, ки фаҳмиши хилқат ва муҳдас будани олам, ки онро Берунӣ дар назар дорад, аз фаҳмиши офариниш, ки дар таълимоти динӣ ҷой дорад, пурра фарқ мекунад. Ӯ ҳамчун олими ақлгаро ва табиатшинос дар шаш рӯз офарида шудани оламро, ки дар динҳои сомӣ ба он доимо ишора меравад, комилан қабул надорад. Инчунин, ӯ ин гуна андешаи эътиқодии таълимоти диниро ғояи пурихтилоф ва зиддиятнок медонад ва чунин таъкид мекунад: "Рӯзи аввали офариниш, ки дар он офариниши олам шурӯъ меёбад наметавонад бо шабу рӯз анҷом шавад, зеро сабаби зуҳури шабу рӯз ин тулӯъ ва ғуруби Офтоб аст. Ва ин ҳама дар ҳолест, ки мувофиқи ақидаи динӣ ин ҷирмҳои осмонӣ на дар рӯзи аввал, балки дар рӯзи сеюми офариниш пайдо мешаванд..."[14,205]. Зикр намудан лозим аст, ки ин нуктаро дигар муҳаққиқони осори Берунӣ низ мушоҳида ва ба он таъкид кардаанд [12,158- 159].

Дар асоси ин ҳама назарияҳои пешниҳодкардаи Абурайҳон муҳаққиқони осори ӯ ба ин андешаанд, ки ҷаҳонбинии мутафаккир бештар тамоюли деистӣ дорад, ки бар асоси он Офаридгор ҳамчун нахустсабаб ё иллати иллатхо олами беканорро меофарад, ба он такони аввал медиҳад ва дар оянда ин олам мувофиқ ба конуниятҳои ҷавҳарии худ ҳаракат мекунад. Вале маврид ба зикр аст, ки ин деизми Берунӣ аз таълимоти деистии пайравони фалсафаи машшоъ, ки онҳо низ Офаридгорро чун нахустсабаб мефаҳмиданд, фарқ мекунад. Дар таълимоти машшоиён Офаридгор оламро зери таъсири мусаббабе (эҷодкунандаи сабаб) меофарад, дар назарияи Берунӣ бошад, офариниши олам аз тарафи Офаридгор аз ҷавҳари зотии худаш сар мезанад. Зеро ба андешаи ӯ ин олам ва ин чархи давворро танзимгар ва мудаббире лозим аст, вагарна бе ин танзимкунӣ на оламу ашё шаклу моҳият мегиранд ва на муназзиму мудаббир ба зоти худ маъно пайдо мекунанд. Ин нуқтаи назари мутафаккир дар бораи офариниши олам ба таърифи рӯҳи кулл ё беканории фалсафӣ шабоҳат дорад, яъне ин таълимот аз воқеияти ҳаёт ба сӯи дарки моҳияти зотӣ ҳаракат мекунад. Муҳаққиқи тоҷик С. Ҷонбобоев дар мавриди ғояи офириниши Берунӣ дуруст зикр мекунад, ки ақидаҳое, ки оид ба ҳастӣ, оламу одам, маърифат, фаҳмиши таърих ва ҷамъият аз нигоҳи мутафаккир мавриди баҳс карор гирифтаанд, бештар ҷанбаи илмӣ, таҷрибавӣ ва амалӣ доранд, на манбаи илҳоми нақливу муроқибавӣ, ки онҳо хоси эътиқод ҳастанд. Бо вуҷуди ин, тафаккури таҳлиливу интиқодии Берунӣ зиддидинӣ нест, балки он ҳамафарогир буда, ҳам дин ва ҳам илми замони худро ба таври илмӣ интиқод мекунад[16,41].

Ҳамин тариқ, соири муҳаққиқон ҳам хусусияти шубҳагароиву интиқодиро дар осори Берунӣ зикр намуда, қайд мекунанд, ки ин усули таҳқиқ ва муносибати бетарафона ба объекти омӯзишро ӯ дар таҳлили ҳама соҳаҳои илм, аз ҷумла табиатшиносӣ, тақвимшиносӣ, диншиносӣ (дар осори мутафаккир он бо номи оиншиносӣ ё оинҳои мардумӣ омадааст), маъданшиносӣ, илми ҳайъат, илми тибб, алҷабр (алгебра), ҳандаса, заминшиносӣ ва ғайра ба роҳ монда, онҳоро дар омӯзиши анъанаву одоти халқиятҳои мухталиф васеъ истифода бурдааст. Дар «Осор-ул-боқия» қисмате бо номи ойиншиносӣ ҳаст, ки дар баробари овардани маълумотҳои соф илмӣ оид ба парастишҳову эътиқодҳои динии ҳаррониён, калдониён, собеиён, зардуштиён, буддоиён, монавиён, маздакиён, масеҳиён, мусулмонон ва ғайра, инчунин дар онҳо маълумотҳои нодире дар мавриди шеваҳои паҳншавию гуногунрангии ин боварихо, тақвимҳои онҳо, маросиму идҳо, расму одатҳо, ҷашну анъаноти гуногун низ ҳастанд, ки бо гузашти чандин сол аҳамияти худро гум накардаанд. Мутафаккир нисбат ба оину анъананаҳои динии ақвоми мухталиф он қадар бетарафонаю беғаразона аз мавқеи илм бо тариқи муқоисавӣ баҳогузорӣ кардааст, ки онро метавон як шоҳкории бахши диншиносии муқоисавӣ дар таърихи фалсафаву фарҳанги мо

номгузорӣ кард. Илмият ва объективияти ин бахши таълифоти ӯ то дараҷаест, ки хонанда ҳатто муайян карда наметавонад, ки худи муаллиф пайравӣ аз кадом дин мекунад.

Ҳамин тариқ, муносибати мунсифона ба объекти омӯзиш, усули таҳқиқотии ақлонию интиқодӣ ва таҳлили фардӣ хоси фаолияти илмию омӯзишии Берунӣ буд, ки ин усул дар мубоҳисаи илмии ӯ бо Шайхурраис Ибни Сино низ комилан риоя шудааст. Маълум мешавад, ки ба вуҷуди умумиятҳои зиёди таълимоти ӯ бо файласуфони машшоъ, аз қабили равиши интиқодӣ, ақлӣ, мантиқӣ, шубҳаоварӣ ва ғайраҳо назариёти ӯ аз таълимоти машшоияи Шарқӣ фарқ мекунад. Дар ҷаҳонбинии ӯ таъсири таълимоти мактабҳои куҳани минтақа, аз зумраи фалсафаи табоия, асҳоби ҳаюло, фалсафаи хусравонӣ ва махсусан фалсафаи Ҳинд бештар ба назар мерасад. Баҳс ва саволу ҷавоби ин ду нобиғаи илм дар мукотибаи мазкур баҳси оддӣ набуда, он ифодагари дидгоҳҳои гуногуни ҷараёнҳои илмии пешқадами давр дар бораи олами ҳастӣ буд, ки мутаасифона дар асрҳои миёна мавқеяшонро аз даст доданд. Агар ин муҳити илмӣ ва ин гуна равиши таҳқиқӣ дар ҷомеа идома меёфт, ояндаи рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ тамоман дигар мебуд. Ба вуҷуди ҳамаи ин, осору таълимоти ин ду мутафаккир дар рушду пешравии илми минтақа ва ҷаҳон нақши беназир бозидаанд ва омӯзишу таҳқиқи паҳлуҳои алоҳидаи осори онҳо дар замони мо ҳам аз аҳамият холӣ нест. Баррасӣ ва нигоҳи нав ба мукотибаи илмии онҳо метавонад саҳифаҳои ноомӯхта ва норашани таълимоти ин ду мутафаккирро пурра намояд.

**Адабиёт**


1. Абурайҳон Берунӣ. Осор ул-боқия. – Душанбе: «Ирфон», 1990. - 432 с.
2. Абурейхан Беруни. Памятники минувших поколений /Пер. и примечения М.А. Салье // Бируни. Избр.произв. Т.1. - Ташкент, Фан, 1957. - С.37.
3. Абурайҳон Берунӣ. Китоб ут-тафҳим ли авоили саноати танҷим. – Душанбе, 2018. – 473с.
4. Абу Рейхан аль-Бируни. Фи таҳқиқ ма лил-Хинд” (“Индия”), 1958.
5. Абу Рейхан Бируни. Геодезия // Избр. пр. Том 3. - Ташкент, Фан, 1966.- С.43-262.
6. Абу Рейхан Беруни. Фармакогнозия в медицине // Абу Рейхан Беруни. Избранные произведения. Том. 4. / Пер. с араб., 1973. – С.138-192.
7. Алиакбари Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо. Мубоҳисаи Ибни Сино ва Берунӣ. Ҷилди 2. – Теҳрон, 1372.ш.ҳ. (бо хатти форсӣ) - С.2534 -2578.
8. Булгаков П. Г. Жизнь и труды Беруни. Изд.во: «Фан». - Ташкент, 1972.
9. Диноршоев М. Тамоюлоти материалистӣ дар фалсафаи халқҳои Шарқи Наздик ва миёна / Очеркҳои таърихи фалсафа. –Душанбе: “Дониш”, 1982. – С. 37-79.
10. Забеҳулло Сафо. Бархе аз назарияҳои фалсафии Абурайҳон // Маҷмуаи мақолаҳо дар бораи Абурайҳон Берунӣ. – Кобул, 1352.
11. Переписка Бируни и Ибн Сины / Абу Али ибн Сина. Сочинения.Т.1. – Душанбе: Дониш, 1995. - С.188-189;
12. Сайид Ҳусейн Наср. Назари мутафаккирони мусулмон дар борои табиат. Донишкадаи адабӣ - Теҳрон, 1332.(бо хатти форсӣ) - С 158-159.
13. С. Фредерик Старр. Маърифати гумшуда: асри Тилоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг /Тарҷума аз англисӣ. А. Мамадназаров. – Душанбе: «Эрграф», 2016.
14. Таърихи фалсафаи тоҷик. (аз қадим то асри 20). Дар панҷ ҷилд. Ҷилди 2. –Душанбе: “Дониш”, 2016.
15. Чикин С. Я. Врачи - философы.- Москва: Медицина, 1990. – 382с.
16. Ҷонбобоев С. Абурайҳони Берунӣ – энсиклопедист ва муҳаққиқи дақиқназари осори илмиву фарҳангии ҷаҳон // Ахбори ИФСҲ, №2. – Душанбе - 2023. –С. 40-47.
17. Шарипов А.Д. Философская переписка Бируни и Ибн Сипы // Вопросы философии. –1978, № 10. – С.124.

## БЕРУНИ И ЕГО ОТНОШЕНИЕ К УЧЕНИЮ ВОСТОЧНОГО ПЕРИПАТЕТИЗМА

**Мирзоев Г. Дж.**

*В статье автор анализируя научной полемики между Абурейханом Беруни и Ибн Сины отмечает, что эти две мыслителя в своей полемики относительно учении Аристотеля затрагивали сущностные вопросы философии и физики, такие как формы движения, строение мироздания, свободное падение тел, вакуум, форма небесных тел, изменение окружающего мира, существование других миров во мироздании, деление атома и т.д. В ходе этого спора они либо развивали теории Аристотеля, либо Беруни на основании других доказательств расскрыл их противоречия и отрицал их. Эти дебаты илюстрируют мировоззрении передовых научных школ того времени, которые к сожалению, в последующие века утратили свои позиции в обществе. Если бы подобные учения и подобные научые методы сохраялись бы и далее, то будущее стран Центральной Азии было бы совершенно другим. Несмотря на все это, учение этих мыслителей оказывало огромную роль в развитии мировой науки и изучение их неисследованных аспектов сегодня имеет немаловажное значение.*

***Ключевые слова:*** *естественное расположение, движение тел, вакуум, пространство и время, изначалность и вечность мира, проблема творения, причина и следствие, философия перипатетизма, эллипс, эфир.*

## BERUNI AND HIS ATTITUDE TO THE TEACHINGS OF EASTERN PERIPATETISM

**Mirzoev G.**

*In this article, the author examines the main aspects of the scientific controversy between Abureikhan Beruni and Ibn Sina and mentions that these two thinkers, in their controversy regarding the teachings of Aristotle, discussed the essential issues of philosophy and physics, such as forms of motion, the structure of the universe, free fall of bodies, vacuum, form celestial bodies, changes in the surrounding world, the existence of other worlds in the universe, the division of the atom, etc. During this dispute, they either developed the theories of Aristotle, or Beruni, on the basis of other evidence, revealed their contradictions and inconsistency. These debates illustrate the worldview of the leading scientific schools of the time, which, unfortunately, lost their positions in society in the following centuries. If such teachings and such scientific methods continued, the future of the countries of Central Asia would be completely different. Despite all this, the teachings of these thinkers played a huge role in the development of world science, and the study of their unexplored aspects today is of no small importance.*

***Key words:*** *natural disposition, movement of bodies, vacuum, space and time, primordial and eternity of the world, the problem of creation, cause and effect, the philosophy of peripatetism, ellipse, ether.*

№3 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ОНТОЛОГИЯ ГЕНДЕРНОГО НАСИЛИЯ: НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКСКОЙ КУЛЬТУРЫ

**Усманова З.** – д.ф.н., г.н.с. Института философии, политологии и права НАНТ

*В данной статье предпринята попытка продемонстрировать онтологичность насилия, выявить виды и формы гендерного насилия в различных типах общества. Данная задача выполняется через рассмотрение насилия и его проявлений в традиционной культуре, коей является таджикская культура. В своем стремлении социального контроля над жизнью женщин, женским телом, сексуальностью, общество распространяло насилие, в первую очередь, на женщин. Гендерное насилие может осуществляться в различных формах: начиная с прямого физического или сексуального насилия над женщиной в традиционном патриархальном обществе и заканчивая существованием неявного психологического давления, «двойных» моральных стандартов в современную эпоху, и словесных форм, отраженных в языке и культуре. Следуя методу М.Фуко, в статье предлагается анализ некоторых современных форм телесного и бестелесного насилия. Насилие укоренено в культуре и в языке, поэтому автор предлагает семиотический анализ риторики гендерного насилия, как она выражена в некоторых идиомах и фразах таджикского языка.*

***Ключевые слова****: насилие, гендерное насилие, телесное и бестелесное насилие, онтологичность, контроль, проявления насилия, таджикская культура, риторика насилия.*

Насилие является одним из основных объектов философского анализа. В современной философии насилие трактуется как «…общественное отношение, в ходе которого одни индивиды (группы людей) с помощью внешнего принуждения, представляющего угрозу жизни, подчиняют себе других, их способности, производительные силы, собственность» [3, с. 14].

С точки зрения философии насилие онтологично, имеет онтологический характер: оно существует в жизни людей, и проявляется во многих её аспектах, насилие существует в структуре бытия. «Бытие…всеобщая связь всего сущего» есть система, имеющая иерархическую структуру и определенность. В рамках физической реальности – это макро и микромир; в рамках реальности социума – это отношения индивидов, классов, групп, сообществ, общества» [3, 139]. Откуда берёт начало насилие? Насилие существовало издревле, и являлось наиболее примитивным способом разрешения споров, который был основан на принуждении. «Насилие определяется также и как разновидность «отношений власти», и как «правовое принуждение», и как «право сильного»» [3, 14]. Выступая инструментом регулирования отношений и интересов отдельных личностей и сообществ, насилие признаётся допустимым большинством общества. В результате такого одобрения насилие подвергается сакрализации и кодификации, а отдельные группы людей получают право его применения (например, государство).

Проблема насилия стала актуализироваться в последние годы: в обществе чаще стали обсуждаться проблемы домашнего/бытового насилия, насилия на основе половой или гендерной принадлежности и др. На самом деле, феномен насилия не нов: оно существовало и до сих пор существует в любом обществе: став общественным феноменом, насилие имеет свою социальную цену. «Насилию подвергаются и мужчины, и женщины, но для женщин риск насилия особенно велик. Насилие в отношении женщин является гендерной проблемой, которая тесно связана с социальной практикой и структурами, которые принижают значение женщины и

ограничивают его подчиненным положением женщины в обществе» [16, 121].

Социальное насилие – чрезвычайно многогранное по своим внешним и внутренним характеристикам понятие. «Современные гендерные философские концепции подчеркивают, что насилие является ключевой установкой общества патриархального типа. Разнообразные феномены и понятия в обществе такого типа (природа – культура, чувственное – рациональное, телесное – духовное) объединяются в единый культурно-символический ряд, где отожествляются либо с мужским, либо с женским (категория гендера здесь представлена как культурологическая интерпретация). Все то, что относится к мужскому, автоматически оказывается на вершине социальной пирамиды патриархального общества и имеет право прибегать к насилию ради сохранения власти и поддержания своего авторитета» [16, 121].

Гендерное насилие – это дискриминация по признаку пола и гендерной идентичности, которое включает в себя действия, причиняющие ущерб или страдания физического, психического или сексуального характера, угрозу таких действий, принуждение и другие формы ущемления свободы, насилие, которое совершается в кругу семьи и в быту или в рамках любых других межличностных отношений, либо насилие со стороны или при попустительстве государства или его представителей, независимо от того, где оно происходит [10].

Аппарат насилия оказывает воздействие как на тело человека, так и на его/её духовное состояние. Целью насилия, как правило, является подавление воли индивида, и создание ситуации, в которой можно индивидом управлять. Техники насильственного воздействия на тело существовали еще в древности (например, обряд инициализации в древнем обществе), с самых первых форм патриархальной культуры. Эти техники были направлены на причинения боли, они применялись для помещения человека в такую ситуацию, где его/её тело подвергалось первичному контролю. Насилие способствовало тому, чтобы социальная память воспроизводилась, а новые члены общества вливались (социализировались) в общество [16, 122].

Французский философ постструктуралист М. Фуко, исследовавший вопросы насилия, сделал следующее заключение: несмотря на то что, казалось бы, произошло явное смягчение нравов и человечество в основном отказалось от казней и пыток, техники причинения боли не исчезли, а, скорее, перешли на другой уровень. Если ранее власть, использующая насилие, воздействовала в первую очередь на тело, то теперь главным объектом воздействия стала душа человека [16, 122].

Фуко утверждает, что для насилия над душой западная цивилизация создала особый социальный институт – тюрьму, основные функции которого – контроль над поведением индивидов через надзор и наказание. Под «душой» Фуко понимал особое образование, сфабрикованное самим аппаратом насилия, жестокими властными процедурами, а не проявление «я»-субъекта, как это принято в классической философской традиции [6, 146]. «Если не тело, то душа. Искупление, которое некогда терзало тело, должно быть заменено наказанием, действующим в глубине, – на сердце, мысли, волю, наклонности…» [6, 14].

В более ранние исторические периоды в обществе в основном применялось прямое социальное физическое насилие, которое сопровождалось непосредственным применением силы. Позже мы рассмотрим, какие виды насилия пришли на смену физического насилия, хотя и не смогли полностью его вытеснить. Политика насилия распространялась, в первую очередь, на женщин для осуществления социального контроля над ними. Как отмечает современный российский гендерный исследователь О. А. Воронина, под физическим насилием можно подразумевать осуществление обществом контроля над жизнью женщин, женским телом, сексуальностью [7, 26].

В истории существует множество примеров контроля над женщиной – это практика ранних сроках из-за того, что

эмбрион – женского пола, продажа ненужных детей (девочек), и т.д., существующие до сих пор в некоторых традиционных странах. А.Дворкин рассказывает об обычае бинтования ног девочек в Китае: «В X веке в Китае было положено начало физической, духовной и интеллектуальной дегуманизации женщин, выразившееся в таком явлении, как обычай «бинтования ног»… Ступня ребенка подвергалась принудительному и постоянному давлению, поскольку целью являлось не только ограничение развития ступни, но и сгибание пальцев под ступню, а также максимально тесное сведение пятки и подошвы… Он отражал и увековечивал низшее, по сравнению с мужчинами, положение женщин в социальном и психологическом плане: «бинтование ног» жестко привязывало женщин к определенной сфере с определенными функциями – объектов секса и кормилиц детей. «Бинтование ног» стало частью общей психологии и массовой культуры, а также суровой действительности женщин числом миллион, помноженным на десять веков» [8, 13].

Другая форма насилия – контроль над женской сексуальностью. Французский философ-экзистенциалист Симона де Бовуар отмечает: «Человечество создано мужским полом, и это позволяет мужчине определять женщину не как таковую, а по отношению к самому себе: она не рассматривается как автономное существо… Она самоопределяется и выделяется относительно мужчины, но не мужчина относительно неё: она – несущественное рядом с существенным» [12, 28].

Рассмотрим, как в текстах таджикской культуры присутствует тема насилия. При этом, необходимо понимать, что текстами могут выступать любые явления культуры, включая фольклор, сказки, философия, литературные произведения, явления искусства, - театр, кино и т.п. Мы рассмотрим минимум два текста: философское произведение великого средневекового таджикского философа Абу Али Ибн Сино (Авиценна) - трактат «Домоводство», в котором философ изложил своё видение семейных отношений.

Также мы рассмотрим текст сказки, рассказанной автору в ходе полевых исследований. Текст сказки был записан, транскрибирован и переведён на русский и английский языки: он приведён в тексте на обоих языках, - на таджикском (языке оригинала), и на русском языке. Необходимо также учесть, что язык оригинала – это матчинский диалект (говор) таджикского языка.

Вот как Ибн Сино (Авиценна) в своём трактате «Домоводство» определяет главные принципы, которыми должен руководствоваться муж в управлении своей женой:

- непререкаемая строгость, т.е. жена очень сильно должна бояться невыполнения указаний мужа.
- полное уважение достоинства и чести жены.
- умы членов семейства должны быть заняты значимой работой [1, 34].

Также Ибн Сино поучает мужей с тем, чтобы они не теряли бдительности с жёнами: «Если жена не боится своего мужа, то она начнет пренебрегать им, а когда она станет пренебрегать им, то она не будет слушать его указания и обращать внимание на его порицания. Не удовлетворяясь этим, она подчинит его своей воле, превратившись во властительницу, а он превратится в подвластного, она будет повелевать, а он исполнять, она обратится в хозяина, а он в подручного… О горе тогда такому мужу! Чего только не могут навлечь на него ее непокорность и самоволие, и что он только не пожнёт из-за ее легкомыслия и самоуправства! На него устремятся ее прихоти, когда она воссядет на коня своих страстей, порождающих бесстыдство, бесчестье, погибель и разрушения…» [1, 35]. Резюмируя свои поучения, Ибн Сино объявляет, что «…страх жены перед волей мужа является основой и фундаментом политики мужа в отношении жены…» [1, 35].

Ибн Сино, как и другие средневековые мыслители, придерживался идеи об абсолютно зависимом положении женщины в семье, о том, что жена должна бояться мужа и подчиняться ему. В тексте

красной линией идёт идея о том, что в жене должен крепко сидеть страх перед мужем. Перечисляются все беды, с которыми столкнется мужчина, если его жена потеряет страх. Основной же обязанностью мужа является всегда находить работу для жены, чтобы та не «испортилась», не начала думать о себе и не забыла о своей «главной функции» - почитании мужа. В противном случае должно было последовать наказание. Таким образом, наказание жены оправдывается и легализуется как последнее средство, с помощью которого можно и должно укрепить брак. Концепция Ибн Сино является примером того, как второстепенное положение и ценность женщины утверждались на уровне философской доктрины, постепенно спускаясь» на уровень общественного сознания.

В сказке априори предполагается, что мужчина – это главный член семьи, который в любой момент способен обидеться и пожелать побить жену.

Из текста этой сказки можно понять несколько посылов. Главный это посыл об идеальной жене, которая не только должна посвящать всё своё время и силы мужу, не только должна с утра до вечера стряпать, убирать, печь и готовить дом к приходу мужа с работы. Идеальная, или райская, жена – это та, которая, кроме всего прочего, подготовит даже палку, которой муж сможет ударить её, если прогневается и пожелает её наказать. Здесь, с одной стороны, возможность применения мужем насилия считается нормой, а с другой стороны, провозглашается другая норма – готовность жены к применению мужем насилия. «Идеальным» признаком женщины называется высшая степень услужливости жены, которая проявляется в готовности не просто принять насилие со стороны мужа, но и помочь тому в совершении этого насилия.

В современном мире насилие видоизменяется, приобретает косвенный, скрытый характер, порой маскируясь за лозунгами патриотизма и национального строительства. Даже в высокоразвитых странах и обществах можно наблюдать элементы насилия, присущего патриархатному типу общества. Что касается обществ, сохранивших традиционность и патриархатность, то в них и в настоящее время в полную силу «работают» механизмы насилия. При этом, насилие сегодня имеет иной, порой иррациональный и стихийный, характер. Как утверждает французский социолог Э.Морин, «Феномен насилия, носит совершенно новый, необычный для всех прошлых эпох характер, ибо он есть продукт общества, определяемого как индустриальное и постиндустриальное» [13, 34].

Подобный феномен «насилия во имя насилия» можно порой наблюдать в социальных сетях, при обсуждении какой-либо темы. Как правило, некоторые обсуждающие начинают резко критиковать какую-либо идею или комментарий автора поста или кого-то другого. Не обращая внимания на замечания других, они могут переходить на личности, оскорблять и унижать других, что также является формой психологического насилия. Порой создаётся впечатление, что насилие для некоторых превратилось в самоцель, не будучи направленным на достижение каких-либо четко сформулированных целей. Главное для подобных людей – это показать не только неправоту, но и унизить, обидеть, растоптать другого человека.

Чем обусловлено такое стремление людей к насилию, такое желание излить агрессию на других? Современная социально-философская мысль на Западе (К. Лоренц, Н. Тинберген, Т. Томпсон) объясняет стремление к агрессии и насилию действием врожденных инстинктов, данных человеку от природы. К. Лоренц на основании изучения поведения некоторых видов животных в естественных условиях пришел к выводу, что агрессия имеет такой же врожденный характер, как чувство голода или половой инстинкт. Он утверждал, что «…социальное поведение людей диктуется отнюдь не только разумом и культурной традицией, но по-прежнему подчиняется еще тем закономерностям, которые присущи любому филогенически возникшему поведению, одной из которых является внутривидовая агрессия» [16, 123].

З. Фрейд утверждал, что главными факторами, определяющими человеческое поведение. являются бессознательные врожденные инстинкты и иррациональные влечения человека. «Существование индивида – это компромисс между двумя главными инстинктами – Эросом и Танатосом, причем превалирует второй, получающий выражение в актах агрессии, которая может быть направлена как на других, так и на самого субъекта» [14]. «Инстинкт смерти» фактически идентичен «инстинкту агрессии». Таким образом, склонность к агрессивному поведению, по Фрейду, является врожденным качеством человеческой природы, то есть источник насилия находится не в социальных или экономических условиях жизни, а исключительно во внутреннем субъективном мире личности [14, 125].

Представители неофрейдизма Э.Фромм и К. Хорни полагали, что современный человек постоянно разрывается между своими инстинктивными желаниями и общественными ограничениями. Это может привести к тому, что у человека может возникнуть чувство неудовлетворённости своей жизнью и окружающей средой, что, в свою очередь, может выливаться в спонтанные акты агрессии и насилия. Такое поведение для подобных людей становится своеобразной защитной реакцией на ограничения, создаваемые государством и обществом, в которых они живут [15, 262].

Исследуя проблему насилия, можно сделать вывод о состоянии социального здоровья нации. Если насилие становится неотъемлемым элементом общественных отношений и политической жизни, то можно с уверенностью констатировать стагнацию или то, что А. Тойнби называл надломом цивилизации [16, 124].

Сегодня можно наблюдать, как, наряду с прямым физическим насилием, всё чаще применяется косвенное нетелесное насилие: это выражается в психическом, моральном и психологическом давлении на человека. Несмотря на то, что уже не применяются формы физического насилия или применяются реже, такое скрытое насилие попирает основные права и интересы личности, её естественные свободы ничуть не меньше, чем физическое. Философия культуры, социальная философия должны выявить причины появления новых форм насилия в современном обществе, разработать механизм предотвращения появления этих форм, а самое главное – предложить модели адаптации к ним как отдельного индивида, так и целых социальных групп [16, 125].

Контроль (насилие) над женской телесностью может принимать завуалированные формы. Например, можно наблюдать, какую популярность в последние годы набирают индустрия красоты, которая предлагает женщинам и девушкам сохранить, продлить красоту и молодость, поменять своё тело с помощью хирургии.

В то же время калечащие операции женского обрезания (англ. female genital mutilation, FGM) остаются популярными в 30 странах мира. По данным Всемирной Организации Здравоохранения, количество жертв этой бесчеловечной операции составляет 200 млн. женщин и девочек, из них 44 млн. –девочки до 15 лет. (https://www.who.int/news-room/fact-sheets/detail/female-genital-mutilation).

В современных традиционных обществах можно наблюдать, как осуществляется контроль (насилие) над женской сексуальностью, который выражается в следующем:

- от девушек требуется сохранение девственности до брака;

- разговоры и дискуссии на темы секса и сексуальности считаются табуальными;

- открытые проявления сексуальности считаются грехом и непотребным поведением;

- детородность, особенно, рождение детей мужского пола, поощряется.

Современная эпоха принесла свои собственные виды насилия. Новые социальные технологии производят новые виды насилия. К примеру, современные средства массовой информации, включая социальные сети, могут воздействовать на подсознание людей таким образом, что некоторые начинают получать удовольствие от действий, носящих разрушительный характер для его социального здоровья (алкоголь,

наркотики, понимание свободы как вседозволенности и т. д.). Попробуем определить новые (или старые?) виды (нефизического) насилия, которые можно наблюдать в некоторых проявлениях общества на сегодняшний день:

- произвол начальников и руководителей;
- принуждение к ношению особой одежды (хиджаб, другие виды мусульманской одежды, и др.);
- недопущение девушек/женщин к образованию;
- слабое продвижение (промоушн) женщин на государственной службе.

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# АҲАМИЯТИ ОНТОЛОГИЯ ВА ГНОСЕОЛОГИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ФАЛСАФӢ

**Иброҳимова С. Ҳ.** – ходми калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

*Дар мақолаи мазкур оид ба масъалаҳои назарияи маърифат ва ҳастишиносӣ андешаҳо баррасӣ шудаанд.*

*Маърифатшиносӣ, дар баробари ҳастишиносӣ мавқеъ ва аҳамияти худро дорост. Объекти омӯзиши маърифатшиносӣ, худи маърифат аст. Ба монади мафҳуми «ҳастӣ» , «раванди маърифат» низ аз шаклҳои мухталиф иборат аст.*

*Мафҳуми «ҳастӣ» категорияи ибтидоии фалсафӣ аст, ки инсон тавассути он эътимодашро нисбати мавҷудияти оламу одам ва шуураш ба қайд мегирад.*

***Калидвожаҳо:*** *Маърифатшиносӣ, ҳастӣ, шуур, дониш, таърихи фалсафа, фалсафа, объект ва субъект.*

Онтология сутуни асосии ҳар гуна ҷаҳонбинӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз назарияҳои онтологӣ дар шаклҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ вуҷуд доштанд ва ҳамеша вуҷуд хоҳанд дошт. Дар таҳқиқоти онтология омӯзиши сохти коинот ва мавқеи инсон дар он хуб ифода ёфтаанд. Аз рӯи навъҳои таърихии ҷаҳонбинӣ, якчанд намуди онтологияҳоро ба монанди мифологӣ, динӣ, фалсафӣ, ҷудо кардан мумкин аст, ки бо тамоми алоқаи байни худ дорои моделҳои мустақили дарки ҳастӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ташаккули категорияҳои асосии ҳастишиносӣ аз қабили ҳастӣ ва нестӣ, материя ва шуур, воқеият ва идеал, ҳаракат, фазо ва вақт, детерминизм ва баъзеи дигар, аллакай дар ҷаҳонбинии мифологӣ мушоҳида мешаванд. ин раванд дар дин босуръат давом кард ва ниҳоят фалсафа ба онтология мақоми соҳаи мустақилро ато намуд.

Дар фалсафа умумитарин ва васеътарин мафҳум, мафҳумҳои «ҳастӣ» ва «маърифат» ба шумор мераванд. Ин мафҳумҳо натанҳо мафҳумҳои бунёдии фалсафа, балки мафҳумҳои муайянкунандаи объектҳои фалсафӣ гардидааст. Бо чунин тобиши маъноӣ мафҳуми «ҳастӣ» ҳамчун объекти фалсафа, асоси «решавии» илми нахустини фалсафӣ «ҳастишиносӣ» гардид. Ҳамзамон бо чунин тобиши маъноӣ мафҳуми «маърифатшиносӣ»-ро ташкил медиҳад. [3. 21.]

Ҳастӣ дар маърифат дар ду шакл баён карда мешавад: дониш (episteme) ва ақида (doxa). Дониш тавассути логос (ақл) дастрас мегардад, аммо ҳиссиёт ақидаро (тасаввуроти таҳрифшуда дар бораи ҳастиро) ба миён меоварад. Файласуфи Юнони Қадим Парменид (асрҳои VI-V то милодӣ) аввалин шуда ба асоснок будани шаҳодати ҳиссиёт шубҳаи худро иброз намуданд. Мувофиқи ақидаи ӯ, тағйирнопазирӣ асоси ҳастӣ мебошад. Дар ҷараёни он қишрҳои мухталифи ҳастӣ, тарафу ҷиҳатҳои дохилӣ ва берунаи зуҳуроту предметҳо маълум карда мешаванд, инчунин худи субъекти ҳамин фаъолият (яъне инсон ва ҷомеа) аз ҷониби инсон омӯхта мешавад.

Агар ба маънои вожаи «ҳастӣ» назар намоем, вай дар ҳолати ҳамчун мафҳум эътироф шуданаш, дар ҳақиқат маънои васеи мавҷудиятро дар худ дорад. Дар чунин маъно, аз нигоҳи «фалсафаи аналитикӣ» васеътар ва мафҳуми «ҳастӣ » мафҳуми дигаре мавҷуд нест. Аввалин бор дар таърихи фалсафа мафҳуми «ҳасти» - ро мутафаккири юнонӣ – Парменид истифода бурдааст.[1. 6.]

Таълимоти онтологии Парменид иборат аст аз «ҳаст - нест». Ҳаст – ин чизест, ки набуда наметавонад, яъне ҳастӣ, вуҷуд ҳаст. Нестӣ, яъне адам, нестӣ». Танҳо ҳастиро фикр кардан мумкин аст, зеро ончиро, ки вуҷуд надорад дар фикр ҷой додан мумкин

нест. Фикр аз предмети худ, алоҳида буда наметавонад. Ҳатто вақте, ки шахс дар бораи адам фикр мекунад, он то андозае вуҷуд дорад. Вай ҳаст ва вуҷудият дорад, ақалан ба сифати фикр дар бораи адам. Ба ҳар ҳол фикр дар бораи адам вуҷуд дорад. [2. 6.]

Мувофиқи ақидаи ӯ, тағйирнопазирӣ асоси ҳастӣ мебошад. Ҳастӣ дар маърифат дар ду шакл баён карда мешавад: дониш (*episteme*) ва ақида (*doxa*). Дониш тавассути *логос* (ақл) дастрас мегардад, аммо ҳиссиёт ақидаро ба миён меоварад. Парменид ҳастиро бо воқеияти мавҷудаи олам, ки дар як вақт дониши ҳақиқии мавҷуда аст, алоқаманд медонад. Дар ниҳояти кор, ин як тариқи ҳалли масъалаи онтологӣ – таносуби ҳастӣ ва тафаккур, инчунин донисташавии олам мебошад.

Файласуфи немис М. Ҳайдеггер маънии ҳастиро дар асари асосии худ «Ҳастӣ ва замон» (соли 1927) шарҳ медиҳад. Ба ақидаи М.Ҳайдеггер мафҳуми ҳастӣ таърифнопазир аст. Ин мафҳумро фақат пайваста ба мавҷудияти инсон таъриф додан мумкин аст. Дари ҳастиро фақат инсон мекушояд. Дуруст аст, ки роҳ ёфтан ба сирри ҳаётӣ кори инсон мебошад. Аммо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳастии оламро бо ҳастии инсон вобаста кардан мумкин нест. М. Ҳайдеггер ҳастии оламро ба мавҷудияти одам вобаста мекунад. Ба ақидаи ӯ то замоне, ки шахс ҳаст, олам ҳам ҳаст, шахс набошад, олам ҳам нест. Экзистенциалистҳо чунин мешуморанд, ки вуҷуди ашё нисбат ба ҷавҳараш (субстанция) муқаддамтар аст, ба шарте ки умуман (субстанция) мавҷуд бошад. Мавҷудияти инсон нисбат ба моҳияти он муқаддамтар аст. Моҳияти инсон вазъияти субъективии он аст. [5. 28.]

Ҳастӣ, аз назари мутафаккири барҷастаи тоҷик Ибни Сино, ҳам ашёи махсус, ҳам ашёи рӯҳонӣ, ҳам ашёи маконгир, ҳам ашёи номаконгирро фаро мегирад. Ин нуктаи мутафаккир аз он дарак медиҳад, ки вай ҳадди ақал ду навъи ҳастиро эътироф дошт – (1) ҳастии моддӣ, ки ҳама ашё, падида ва равандҳои моддиро шомил аст, (2) ҳастии рӯҳонӣ, ки лафз (мафҳум)-ҳои зеҳнию ақлонӣ ва ашёи гуногунӣ муфориқ ва фавқуттабииро фаро мегирад. Ба ин маънӣ таълимоти ӯ дар бораи ҳастӣ аз назариёти зурвониён ва даҳриён, ки танҳо ҳастии моддиро эътироф намуда, ҳамагуна тазоҳуроти ҳастии рӯҳониро инкор мекарданд, ба куллӣ тафовут дорад. Пас бояд гуфт, ки «ҳастӣ» аз назари Ибни Сино мақулаи фалсафие аст, ки онро метавон ҳам дар бораи ишораи ашёи маҳсус ва ҳам дар бораи ишораи ашёӣ муфориқ ба кор бурд, зеро «ҳастӣ табиате аст, ки ҳамли он бар ҳар чизе, хоҳ он ҷавҳар аст, хоҳ ғайри ҷавҳар, саҳеҳ аст» [6. 54.].

Масъалаи ҳастишиносӣ бештар дар фалсафаи ратсионалистии Христиан Вольф (1679-1754) мавриди таҳқиқ қарор гирифт. То давраи И. Кант масъалаи ҳастӣ яке аз масъалаҳои асосии фалсафа ба ҳисоб мерафт. Нисбат ба масъалаҳои ҳастӣ ва ҳастишиносӣ дар системаҳои фалсафии намояндагони фалсафии класикии Олмон андешаҳои зиёде баён шудаанд. Масъалаи ҳастӣ баъдан дар фалсафаи материалистӣ мақоми дигар гирифта, табдил ёфтани он ба илми бунёдии фалсафӣ, то андозае ғайрирасми гардид. [3. 21.]

Маърифатшиносӣ, дар баробари ҳастишиносӣ мавқеъ ва аҳамияти худро дорост. Объекти омӯзиши маърифатшиносӣ, худи маърифат аст. Ба монади мафҳуми «ҳастӣ», «раванди маърифат» низ аз шаклҳои мухталиф иборат аст. Маърифат ҳамчун раванди дарки олами моддӣ ва маънавӣ аз дарки ҳушӣ ратсионалистӣ, ҳадсӣ ва матнӣ иборат аст. Ба қатори илмҳои фалсафие, ки шаклҳои чунин даркро меомӯзанд, равоншиносӣ, мантиқ, равоншиносии трансперсоналӣ ва матншиносӣ дохиланд. Илмҳои номбурда, бидуни мустақилияти нисбии худ, пеш аз ҳама, лмҳои маърифатшиносӣ ҳисобида мешаванд. Онҳо ҳамчун илмҳои фалсафӣ нисбат ба илмҳои ҷузъӣ, вазифаи методологиро иҷро менамоянд. Илова бар ин «фалсафаи илм» ҳамчун илми маърифатшиносӣ ҳисобида мешавад. Дар маҷмӯъ «таърихи фалсафа» ҳамчун илм, ҳамвазни ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ буда, бо ибораи дигар дар умум таърихи ҳастишиносӣ ва маърифатшиносист.[3. 22.]

Маърифат равандест, ки барои пайдо кардани донишҳо самтгир шудааст. [7.] Дониш ҳамчун натиҷаи ин раванд ба мазуни шуури инсон махлут мегардад ва аз рӯи табиати худ идеалӣ мебошад. Маърифат субект ва объекти худро дорад, объекти маърифат материалӣ ва идеалӣ буда метавонад, аммо дар ин ду ҳолат вай танҳо қисми воқеият мебошад, ки ба доираи фаъолияти маърифатии инсон ворид карда шудааст. Объекти маърифат қисми олами объективӣ буда, дар доираи муносибатҳои маърифатӣ- амалӣ ворид шуда, аз ҷониби субъект таҳқиқ карда мешавад. Аммо ба он таъсири худро расонида дигаргун месозад. Худи инсон дар таҳрезӣ ва муайян кардани онҳо фаъолона ҳиссагузорӣ мекунад. Дар сохтори раванди маърифат, албатта субъекти маърифат – инсон мавқеи муҳимро дорост. [7.]

Дониш дар бораи ҳеҷ (нестӣ) вуҷуд надорад. Аз ин бармеояд чизе вуҷуд дорад, ки дониш нисбати он аст. Маърифат (дониш) ин фаъолияти инъикоси бо мақсади предметҳои олами объективӣ дар майнаи сари инсон аст. Манбаи дониш олами берунаи инсонро иҳота карда мебошад. Он ба инсон таъсир намуда, дар ӯ эҳсос, тасаввур ва мафҳумро падид меоварад. Масалан инсон аз олами аз худ беруна назар афканад об, кӯҳ, дарахт, замин ва дигар мавҷудоти рӯи заминро мебинад. Ва ҳамчунин овози паррандагон ва дигар мавҷудоти табиатро мешунавад ва бӯи гулҳоро эҳсос менамояд. Ин ҳама вобаста аз шуурнокии инсон аст. Қабули олами объективӣ, предмет ва ҳодисоти он ба сифати манбаи асосии дониши мо асоси назариявии маърифатро ташкил медиҳад.

Вале субъект на ҳамчун мавҷуди табии, балки мавҷуди иҷтимоӣ, аъзои ҷомеа мебошад. Роҷеъ ба субъекти фардӣ ва коллективонаи маърифат гуфтан ҷоиз аст, ки фаъолияташон тавассути маданияти фароҳамшуда сурат гирифтааст. Субъекти маърифат- фард, коллектив, ҷамъият, ки шуур дорад ва қабили бомақсадонаю эҷодкорона дигаргун сохтани объект аст. Субекти маърифат натанҳо инсон, инсонҳои алоҳида, балки дар маҷмӯъ тамоми ҷамъият аст. Ба таври дигар ба вуҷудоварандаи дониш ҳикмат тамоми инсоният аст. Ҳамаи халқҳо арзиш, ақида ва меъёрҳои ахлоқии худро дорад, ки инъикосгари фарҳанги ҳамон халқ аст. [8.] Таълимот дар бораи субъект ва объекти маърифат аз қадим то имрӯз ба таври хеле ҷиддӣ тағйир пазируфтааст.

Аз назари файласуфи классики немис И.Кант, субъекти ҳақиқии маърифат «ман»-и фардӣ ва таҷрибавӣ набуда, балки умуман субъекти транссенденталӣ мебошад. Он асоси ҳар гуна «ман»-и фардиро ташкил дода, бар замми ин аз ҳудуди он боло мегузарад. [9.]

Агар ба фалсафа ҳамчун илм назар афканем обекти омӯзиши он ду воқеиятро ташкил медиҳад, яке «ҳастӣ», дигаре «маърифат». Аз ҳамин нигоҳ предмети фалсафа равшан ва мушаххас дарк мегардад. Пас ҳангоми таърифи фалсафа онро ҳамчун илм бояд қабул кард. Яъне «Фалсафа илмест, ки ҳастӣ ва маърифатро меомӯзад». [6. 22.]

Мафҳуми «ҳастӣ» категорияи ибтидоии фалсафӣ аст, ки инсон тавассути он эътимодашро нисбати мавҷудияти оламу одам ва шуураш ба қайд мегирад. Маҳз ҳамин категория ба сифати воситаи тавсифи умумитарини он чӣ, ки ба тамоми олам мансуб аст, пайдо гардид. Яъне шуур хусусияте аст марбут ба инсон ва фаъолияти меҳнатии у, ки дар ҷараёни он у ба муносбитаҳои мухталиф бо соири одамони дигар дохил мешавад. Аз ин рӯ шуур моддӣ нест, балки он маҳсули инъикос ва тасвири воқеияти иҷтимоӣ аст. Илова бар ин шуур маҷмӯи тасвири оддии воқеияти иҷтимоӣ набуда, балки дар навбати худ барои таъмини талаботаш ҳадафи тағйирдиҳии онро дорад. Ин тамоюли шуури инсон дар заминаи ба кор гирифтани олоти меҳнат ва такмил додани он амалӣ мегардад. Бинобар ҳамин ҳам аксар маврид дар ҳар як предмети офаридаи инсон мундариҷаи таҳаввули таҷрибаи иҷтимоӣ, рафти инкишофи ақлӣ ва қобилияти ихтироъкории ӯро ҷустуҷӯ менамоянд, ки ин бештар дар илми мардумшиносӣ мушоҳида мешавад.

Бинобар ҳамин ҳам олот ва маҳсули меҳнат дар шакли кулл таҷассуми

моддии хиради инсонанд. Дар заминаи фаъолияти меҳнатияш инсон моҳият ва қобилияти худро ба шакли куллӣ медарорад ва онро барои наслҳои оянда ба ворисият медиҳад. Наслҳои оянда дар заминаи истифодаи олотҳои меҳнатии аз гузаштагон ба ворисият гирифтаашон моҳияти онҳоро ошкор намуда, барои истифодаи амалияш имконият пайдо мекунанд ва дар ин замина онро такмил медиҳанд.

Инсон дар ҷараёни меҳнат ва ворид шудан ба мадори муносибатҳои мураккаби ҷамъиятӣ бо одамони дигар тадриҷан зарурияти ба таҷрибаи иҷтимоӣ табдил додани таҷрибаи фардии худро ҳис менамояд.

Имрӯз дар ҳаёти фарҳангии тамаддуни иттилоотию технологии муосир фалсафа ҳамчун илм ва фанни донишгоҳӣ (академӣ), ба ҳайси идомаи «ҷустуҷуҳои озоди зеҳнӣ», ҷаҳонбинӣ, шакли шуури чамъиятӣ ва дастгоҳи методологӣ ҷойгоҳи хосса дорад. [4. 34.]

Азбаски дар ин олам мо танҳо дар бораи чизҳои бо ҳиссиёт ва шуур даркшаванда гуфта метавонем ва ҳамчунин кафолате нест, ки берун аз шуур ягон чиз мавҷуд бошад, аз ин лиҳоз «будан» маънои «даркшаванда будан»-ро дорад. То он даме, ки мо предметро дарк мекунем, вай вуҷуд дорад. Ба таври эътимоднок танҳо ғояҳои гуногуни олами ботинии мо вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, сохтор додани низомҳои мураккаби фалсафӣ бо истифодаи мафҳумҳои рӯҳ ва материя бемаънӣ аст, чунки мо онҳоро бевосита дарк карда наметавонем. Дар ин маврид фардияти «ман»-и инсонӣ воқеан ба ҷавҳари ягонаи тавлидсозандаи олам табдил дода мешавад.

Фалсафа ҳамчун шакли олии фаъолияти маънавӣ дар ҷомеа вазифаҳои гуногунеро иҷро мекунад, ки ҳар кадоми онҳо барои такомули фарҳанги башарӣ хеле муҳим ва мубрам мебошанд. Сохторгирии андешаҳои фалсафӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо категорияи ҳастӣ оғоз мегардид, дар асоси он ҳамчунин силсилаи категорияҳои дигари онтологӣ (материя, ҳаракат, ташаккулёбӣ, инкишоф, вақт ва фазо, сабаб ва натиҷа, моҳият ва зуҳурот, чиз, унсур ва ғ.) муайян карда мешуд.

Яке аз хусусиятҳои назаррасӣ фалсафа ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ аз он иборат аст, ки ҳақиқатро меомӯзад ва маърифат мекунад. Ҳақиқатро танҳо ба василаи маърифат ошкор сохтану дарёфтан мумкин аст. Файласуфи Юнони қадим Афлотун андеша баён мекунад, ки маърифат кардан, донистан – ба хотир овардан, аз нав эҳё намудани донишҳои фаромушшуда аст. Ӯ гумон мекунад, ки маърифатпазирии олам хосияти инсон аст, ки на ба ҷисм, балки ба рӯҳи инсон вобаста аст. Мақсади фалсафа шинохти қонунҳои куллии ҳастӣ ва дарёфти роҳи камолот ва саодати башар аст. Аммо дар ниҳоят ҳадафи фалсафа худшиносии инсон аст. Инсон, мақсуди оливу ниҳоии ҳастист. Фалсафа илмест, ки худ аз дастовардҳои инсон буда, тибқи талаботи худшиносии ӯ ба вуҷуд омадааст.

Дар раванди инкишофи таърихии фарҳанги башарӣ, ки дар такомули худшиносӣ ва ҷаҳоншиносӣ пайдарпай, аз насл ба насл ва давра ба давра сурат мегирад, ҷаҳонбинӣ низ аз лиҳози ҳаҷм, сифат ва сатҳ такмил меёбад. ҷаҳонбинӣ дар оғози пайдоиши худ эътиқодеро ифода мекунад, ки дар заминаи таҳлил ва арзёбии аввалин донишҳои ҳосилшуда роҷеъ ба моҳияти ҳастӣ дар шуур инъикос меёбад. Ин гуна донишҳоро асотир (мифология) меноманд.

Ҷаҳонбинӣ падидаи махсуси шуури инсон аст, ки ба ҳеҷ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ айният надорад. Илм, ҳунар, адабиёт, фалсафа, ахлоқ ва ғайра ҳангоме маънӣ пайдо мекунад, ки агар ба ягон ҷаҳонбинӣ устувор ёбад. Асотир (мифология) қадимтарин ҷаҳонбинӣ буда, аз дохили он дин пайдо шудааст. Ҷаҳонбинии фалсафӣ, илмӣ бошад дар дохили дин ташаккул ёфтааст. Асотир ва дин ҳодисаҳои оламро ба тарзи хаёлӣ, ба воситаи рамзу ривоятҳо ва ҳикоятҳои таърихӣ ифода менамоянд. Фалсафа бошад, оламро ба воситаи санаду далелҳои мӯътамад ва бурҳонҳои қотеъ маънидод мекунад. Инчунин фаҳмиши фалсафа робитаи он бо ҳаёт, эҷоди манзараи ҳаққонии замона ва дарки маънову моҳияти ҳастӣ бармеояд. Зеро

фалсафа чи аз ҷиҳати пайдоиш ва чи аз рӯи таъиноташ ба муносибатҳои ҷамъиятии инсону башарият, ба воқеияту муносибатҳои байни одамон алоқаи канданашаванда дорад.

**Адабиёт**


1. Доброхотов А.Л. Категория бытия в классической западное европейской философии М., 1986, - С.6.
2. Музаффарӣ М. Мавқеи онтология ва гносеология дар фалсафа. // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
3. Саид Н., Назаров М. Фалсафа ва методологияи илм. Душанбе, Маориф, 20016. - С. 7-8.
4. Хайдеггер М. Бытие и время. - Харьков: «Фолио», 2003. – 503с.
5. Ибни Сино. Аш-Шифо. Илоҳиёт (1).
6. vazhaju.tj (30.05.2023)
7. http://caute.ru/ilyenkov (30.05.2023)
8. cyberleninka.ru (30.05.2023)


## ЗНАЧЕНИЕ ОНТОЛОГИИ И ГНОСЕОЛОГИИ В ФОРМИРОВАНИИ ФИЛОСОФСКОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ


**Ируохимова С.Х.**



*В данной статье обсуждаются представлении по вопросам теории познания и онтологии. Наряду с онтологией гносеология также имеет свое специфическое место и значение. Объектом изучения гносеологии является познание. Как и понятие «существование», «процесс познания» также состоит из разных форм.*

*Понятие «бытие» является первичной философской категорией, через которую человек регистрирует свою уверенность в существовании мира, человека и его сознания.*



***Ключевые слова:*** *Просвещение, бытие, сознание, познание, история философии, философия, объект и субъект.*


## THE MEANING OF ONTOLOGY AND GNOSEOLOGY IN THE FORMATION OF THE PHILOSOPHICAL WORLDVIEW


**Ibrokhimova S.**



*This article discusses views on the theory of knowledge and ontology. Along with ontology, gnoseology also has its specific place and meaning. The object of the study of gnoseology is cognition. The object of the study of gnoseology is cognition.*

*The concept of "being" is the primary philosophical category through which man registers his certainty of the existence of the world, man and his consciousness.*



***Key words:*** *Enlightenment, being, consciousness, cognition, history of philosophy, philosophy, object and subject.*

№3 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# НАЗАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ АВРУПОӢ ДАР БОРАИ АЛ-КИНДӢ

**Иброҳимов Ф. М.** – доктори фалсафа-PhD, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ (E-mail: furkat-i@mail.ru)

*Дар мақола таҳқиқоти муҳаққиқони аврупоӣ дар бораи пайравӣ фалсафаи машшоияи шарқӣ ал-Киндӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст. Тавре зикр гардидааст, муҳаққиқон осори Киндиро таҳлилу арҷгузорӣ намуда, ӯро дар баробари файласуф будан, ҳамчунин риёзидон, ситорашинос ва олими энсиклопедист ном бурдаанд. Омӯзиш нишон дод, ки саҳми Киндӣ на танҳо дар инкишофи тафаккури фалсафии халқҳои Ховари Миёна зиёд будааст, балки дар баробари он асарҳои ӯ дар Аврупои асримиёнагӣ ба лотинӣ тарҷума ва истифодаи мутафаккирон қарор гирифтаанд. Асарҳои ӯ аз ҷониби олими машҳури асрҳои X-XI Ҳербет тарҷума гардида, файласуфоне ба монанди Роҷер Бекон ва Жером Кардан онҳоро омӯхтаанд. Дар ҷаҳонбинии Киндӣ ғайр аз таъсири таълимоти Арасту, ҳамчунин навпифагориён, афкори Ҳинду Форс ва дигар омилҳо таъсир расонидааст. Дар баъзе таҳқиқоти муҳаққиқон зикр гардидааст, ки Киндӣ тарҷумони бевоситаи асарҳои юнонӣ набуда, балки дар таҳия ва тасҳеҳи ин осор саҳм гузоштааст.*

***Калидвожа:*** *фалсафа, фалсафаи машшоия, муҳаққиқони аврупоӣ, таҳқиқот, осори юнонӣ, тарҷума, офариниш, назарияи маърифат, ҳастӣ, назарияи судур, навафлотуния.*

Бисёр ховаршиносони аврупоии таърихи фалсафа осор ва афкори намояндагони машшоияи шарқиро мавриди таҳқиқ қарор дода, роҷеъ ба осор ва афкори мутафаккирони мо асарҳои арзишманди илмӣ интишор кардаанд. Аз таҳқиқоти баъзе муҳаққиқони баррасишаванда, аз ҷумла Анри Корбен бармеояд, ки Абуяъқуби Киндӣ аввалин мубалиғ ва пайрави фалсафаи машшоияи шарқӣ, ба омӯзиши осори ғании Стагирӣ рӯ овардааст. Вале ин андеша ба назари мо баҳснок менамояд, зеро Киндиро аввалин пайрави фалсафаи машшоия донистан чандон ба воқеияти таърихӣ рост намеояд. Дар асрҳои V-VII мелодӣ, хусусан дар Эрону Хуросон пайравони фалсафаи машшоия (перипатетизм) зуҳур кардаанд. Як қатор мутафаккирони он замон ба таҳқиқи ҳикмати Арасту, тарҷума ва тафсири осори ӯ пардохта, аллакай пайрави аввали маслаки Арасту шинохта шуда буданд. Масалан, Павели Форс (Булси Эронӣ) (в.571 ) чандин китоби Арастуро ба забони суриёнӣ тарҷума кардааст. Донишманди тоҷик Шарифов Абдуғафор дар бораи Павели Форс ва таълифоташ таҳқиқоти ҷолиб анҷом додааст. Донишманди номбурда осори боқимондаи Павели Форсро таҳлил намуда, онҳоро аз рӯи моҳияташон ба ду гурӯҳ тақсим намудааст. Гурӯҳи аввал “Мадхали мантиқ” ном дошта, қисми “Арғунон”-и Арасту, инчунин, муқаддимаи ӯ роҷеъ ба асарҳои Арасту ва шарҳи “Дар бораи таъбир”-ро фаро мегирад. Гурӯҳи дуюм “таълифоти Павел шарҳи васеи асарҳои Арасту дар пайравӣ аз фалсафаи искандаронӣ аст” [4, с.474]. Нуктаи асосии фалсафаи Павели Форс иборай машҳури ӯ “дониш аз эътиқод беҳтар аст”. Маърифати динӣ гумонист, фалсафа ба ашёи ошкоро такя дорад аз ин рӯ фалсафа аз дин волотар аст [4, с.474].

Ба андешаи шарқшиноси амрикоӣ Димитрӣ Гутас, менависад А.Шарифов, Абӯнасри Форобӣ ва Мискавайҳ муқаддимаи Павели Форс ба фалсафаи Арастуро ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти худ истифода кардаанд. Дар заминаи ин А.Шарифов андешаи муҳаққиқи номбурдаро ҷонибдорӣ намуда, иброз медорад, ки “Павели Форс пайраву мубаллиғи фалсафаи машшоии асри VI ба инкишофи баъдинаи афкори

фалсафии тоҷику форс дар давраи ислом таъсир расонидааст...” [4, с.478]. Воқеан, Павели Форс пайрави фалсафаи машшоия буда, беҳуда нест, ки Форобию Мискавайҳ аз таҳқиқоти ӯ ҳамчун пайрави аввали ин мактаб истифода кардаанд. Бинобар ин метавон гуфт, ки Павели Форс, тавре андешаи устод А.Шарифов баён гардид, барои рушди минбаъдаи таълимоти Стагирӣ, ба файласуфону мутафаккирони баъдӣ заминаи илмӣ ба вуҷуд оварда, хизмати шоиста кардааст.

Ба навиштаи Анри Корбен Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ Киндӣ дар ин гурӯҳи файласуфон (зери ибораи “гуруҳи файласуфон” А.Корбен пайравони фалсафаи машшоияро дар назар дорад) аввалинест, ки як қисми ками осори онҳо то замони мо боқӣ мондааст. Киндӣ соли 796 мелодӣ дар Куфа дар оилаи ашрофи араб аз қабилаи Кинда, ки дар Арабистони ҷанубӣ ҷойгир аст, таваллуд шудааст. Бинобар ин ба ӯ лақаби фахрии “файласуфи арабҳо”-ро додаанд. Падари Киндӣ волии Басра буд ва даврони кӯдакии мутафаккир дар он ҷо гузашт ва маълумоти ибтидоиро низ ҳамон ҷо гирифтааст. Баъдан Киндӣ ба Бағдод сафар намуда, аз ҳимояти халифаҳои Аббосӣ – Маъмун ва Муътасим (218/833 – 227/842) бархурдор мешавад. Ба гуфтаи ховаршинос шоҳзода Аҳмад фарзанди Муътасим дӯст ва ҳомии Киндӣ буда, мутафаккир ба вай чанде аз рисолаи худро эҳдо кардааст. Вале Киндӣ дар замони хилофати ал-Мутаваккил (847–861), мисли дӯстони муътазилияш дар ҳолати номеҳрубонӣ қарор мегирад ва ниҳоят соли 873 мелодӣ дар Бағдод вафот кард [9, с.220-221].

Киндӣ бисёре аз китобҳои мутафаккирони Юнони Қадим, хусусан асарҳои Арастуро ба арабӣ тарҷума кардааст. Вале ба иддаои А.Корбен, Киндиро бевосита тарҷумони матнҳои қадимӣ донистан чандон дуруст нест. Зеро ба андешаи ӯ Киндӣ “ашрофи сарватманде буд, ки бисёре аз ҳамкорон ва тарҷумонони насрониро барои худаш ба кор гузошта, аксаран тарҷумаи истилоҳоти арабиро, ки барои ҳамкорону тарҷумонон душворӣ мекард, “таҳрир” мекардааст” [9, с.221]. Ховаршинос барои тасдиқи суханони худ меорад, ки асари “Илоҳиёт”-и Арасту аз тарафи Абдулмасеҳ ал-Ҳумсӣ барои Киндӣ тарҷума гардид ва ин асар ба тафаккури мутафаккир таъсири амиқ гузоштааст. Ҳамчунин асари “Ҷуғрофиё”-и Батлимус ва қисмате аз асари “Мовароуттабиа”-и Арасту тавассути Эстотиюс (Eustathios ё Eustathius)-и юнонӣ тарҷума гардидаанд [9, с.221]. Мувофиқи нишондоди А.Корбен дар асари энсиклопедии Ибни Надим (ваф. 995 ё 998) “Китоб ал-Феҳрист” беш аз 260 номгӯӣ китоб ба Киндӣ мансуб донисташудааст, ки аксараш аз байн рафтаанд [9, с.221]. Аз ин гуфтаи олими фаронсавӣ метавон хулоса намуд, ки Киндӣ гӯё дар тарҷумаи қисме аз асарҳои юнонӣ саҳм дошта, бештар нақши муҳаррирро иҷро кардааст.

Муҳаққиқи итолиёӣ Пинелла Траваглиа низ чун А.Корбен бар ин ақида аст, ки Киндиро бевосита муаллифи тарҷумаи асарҳои юнонӣ ба арабӣ наметавон донист. Ба навиштаи ӯ сулолаи Аббосиён шавқу рағбатро ба илм, санъат ва фалсафа ташвиқ мекарданд. Халифа Маъмун, тавре зикр гардид, соли 830 дар Бағдод “Байту л-ҳикма”-ро таъсис дод, ки дар он ҷо аввалин тарҷумаҳои асарҳои юнонӣ сурат гирифтанд. Дар ҳамин марказ Киндӣ нисбат ба муаллифи осори аслии фалсафӣ дида, бештар ҳамчун мудири тарҷумони асарҳои юнонӣ ба арабӣ нақши муҳимтар бозидааст [11, с.7]. Маълум мегардад, ки ин муҳаққиқ ҳам муътақид аст, ки Киндӣ бевосита муаллифи тарҷумаи асарҳои юнонӣ нест. Ба иддаои П.Траваглиа, Киндӣ эҳтимол на юнонию на сурёниро намедонист, бинобар ин вай бо як гуруҳи тарҷумонон кор карда, тарҷумаи онҳоро ҳам аз рӯи услуб ва ҳам мазмунан таҳрир кардааст. Вале ба туфайли Киндӣ, мегӯяд муҳаққиқи номбурда, таҳаввулоти фарҳангие дар олами ислом имконпазир гардид, арабҳо якбора ба осори фалсафӣ, тиббӣ ва нуҷумшиносӣ на танҳо Юнон, балки Ҳинду Форс низ дастрасӣ пайдо кардаанд. Ҳамчунин “Мовароуттабиа”-и Арасту аз ҷониби Устос (Ustāth, қаблан бо номи Эстотиюс зикр гардид) барои Киндӣ ба арабӣ тарҷума шуд, ки

он яке аз сарчашмаҳои асосӣ барои мутафаккир буд. Тавре аз ин гуфтаи мавсуф маълум мегардад ба ҷаҳонбинии Киндӣ на танҳо осори юнониён, балки афкори ҳиндиёну форсиҳо низ таъсир расонидааст. П.Траваглиа андешаашро бо ин далел тасдиқ менамояд, ки таъсири таълимоти Ҳинду Форсро дар нуҷум ва ситорашиносӣ (астрология) ба Киндӣ на танҳо шарқшиноси итолиёвӣ Карло Алфонсо Наллино (1872-1938), балки арабҳо низ тасдиқ кардаанд [11, с.7].

Муҳаққиқи таърихи фалсафа ва ховаршиноси амрикоӣ Петер Адамсон роҷеъ ба таълимот ва фаъолияти Киндӣ таълифоти арзишманде бо номи "Ал-Киндӣ" (аз силсилаи мутафаккирони бузурги асримиёнагӣ") анҷом додааст [6]. Ҳамчунин, дар асари "Фалсафа дар олами ислом ("таърихи фалсафа бидуни фосила" ҷилди 3) таълимоти Киндӣ ва дигар мутафаккирони исломиро таҳлил кардааст [7]. Петер Адамсон низ андеша дорад, ки Киндӣ албатта танҳо дар сурате метавонист асарҳои фалсафии юнониеро мутоила кунад, ки ба забони арабӣ тарҷума шуда будаанд. Вай ҳамчун пайрави оини мусулмонӣ ба кори гурӯҳи тарҷумонони насронӣ роҳбарӣ мекард. Ба назар мерасад, ки вай худаш забони юнониро нахондааст, аммо матнҳои тарҷумашударо эҳтимол аз ҷиҳати услуб ва мазмун такмил дода, шояд дар интихоби асарҳои барои тарҷума интихоб шуда, нақши бориз дошта бошад [7, с.26]. Аз баррасии гуфтаҳои олими амрикоӣ маълум мегардад, ки Киндӣ дар таҳрири асарҳои тарҷумашуда ва интихоби онҳо барои тарҷума ва таъсиси мактаб нақши муҳим гузоштааст. Вале саволе ба миён меояд, ки агар Киндӣ забони юнониро намедонист, пас ӯ чи гуна асарҳоро барои тарҷума интихоб мекард ё дар ин кор ҳам аз маслиҳату мушовараи тарҷумонон истифода мекард? Ҳамаи ин саволҳо ҷавоби далелҳои муътамадро тақозо доранд.

Муҳаққиқи номбурда дар идома иброз медорад, ки "Феҳрист"-и Ибни Надим тахминан 300 номгӯи асари Киндиро дарбар мегирад ва самти мавзӯҳои асосии мероси ӯро нишон додааст. Вале аз 300 асари Киндӣ ҳамагӣ 21- тояш ба мавзуҳое бахшида шудаанд, ки онро Ибни Надим "фалсафӣ" номидааст ва ҳудуди 10-тои дигар доир ба мантиқ ва фалсафаи амалист. [6, с.7]. Маълум мегардад, ки Ибни Надим осори Киндиро аз рӯи самт ва хусусият ба табақаҳо тақсим намуда, самтҳои гуногуни фаъолияти ӯро хеле хуб ба қалам додааст. Аз табақабандии осори Киндӣ ҳувайдост, ки ӯ дар ҳамаи соҳаи илми замонаш, ки аз давраи Бостон дар бораи онҳо андешаронӣ ва таълифот пешниҳод мекарданд, файласуфи араб низ асарҳо эҷод кардааст. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки Киндӣ воқеан алломаи замон будааст.

Ба андешаи шарқшиноси фаронсавӣ-олмонӣ Мунк Саломон (1803-1867), Киндӣ ғайр аз тафсираш доир ба қисматҳои гуногуни "Органон"-и Арасту, инчунин, асарҳои зиёдӣ фалсафӣ эҷод кард, ки мебоист дар байни арабҳо дониши фалсафаи машшоияро интишор созанд, вале осори муҳимтарини Абӯнасри Форобӣ онҳоро аз хотир фаромӯш карданд [10, с.309-458]. Тавре зикр гардидааст, Киндӣ на танҳо барои инкишофи тафаккури фалсафии халқҳои Ховари Миёна саҳми сазовор гузоштааст, балки дар баробари он асарҳои ӯ дар Аврупои асримиёнагӣ ба лотинӣ тарҷума ва истифодаи васеи мутафаккирон қарор гирифтаанд. Асарҳои мутафаккир аз ҷониби олими машҳури асрҳои X-XI Ҳербет тарҷума гардида, файласуфоне ба монанди Роҷер Бекон (1214-1294) ва Жером Кардан (1501-1576) онҳоро омӯхтанд [2, с.40].

А.Корбен мегӯяд, мо асосан дар Ғарб дар бораи вай (яъне, Киндӣ - Ф.И.) чанд рисолаеро медонистем, ки дар асрҳои миёна ба лотинӣ тарҷума шудаанд: "Рисолаи иштибоҳоти файласуфон", "Рисолаи ҷавоҳири панҷгона" (модда, сурат, ҳаракат, макон, замон) ва "Рисолаи ақл". Ҳамчунин ба ишораи вай чанд сол пеш дар Истанбул ҳудуди 30 рисолаи Киндӣ пайдо шудаанд ва қисме аз онҳо, аз ҷумла "Рисолаи фалсафаи аввал", "Рисолаи таснифи осори Арасту" ва асли арабии рисолаи "Ақл" баъдан интишор гардидаанд [9, с.221]. Солҳои 30-юми асри XX шарқшиноси олмонӣ Ҳеллмут Риттер

(1892–1971) дар Истамбул дастхатҳои қадимаи Киндиро, ки 29 рисоларо дар бар мегирад, дарёфт кардааст [2, с.40]. Олими фаронсавӣ низ ба осори боқимондаи Киндӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда менависад, ки ба мо бар хилофи он чизе, ки баъзе тазкиранависон дар бораи вай дар ислом навиштаанд, аз ҷумла Шаҳрзурӣ, нишон медиҳад, ки Киндӣ на танҳо риёзидону ҳандасадон, балки ҳамчун як файласуфи комил аст [9, с.221-222]. Тавре Рушдӣ Рошид низ мегӯяд, Киндӣ на танҳо аввалин файласуфи арабхост, балки яке аз аввалин донишмандони энсиклопедист. Ситорашинос, риёзидон, кимиёгар, геолог, ҳамчунин муаллифи асари муҳим дар оптика аст, ки аз замони антиқаи мутааххир муҳимтарин ба шумор меравад [12, с.XI-XIII]. Тавре аз навиштаҳои муҳаққиқони зикргардида, маълум мегардад, осори Киндӣ аз аҳамият бархурдор ва сазовори арҷгузорию таҳқиқи бештар аст.

А.Корбен ба масъалаҳои маърифатшиносии Киндӣ низ таваҷҷуҳ кардааст. Тавре ӯ менигорад Киндӣ муътақид бар он аст, ки ақидаҳое аз қабили офариниши олам “аз ҳеҷ” (аз лотинӣ – ex nihilo), эҳёи ҷисмонӣ (яъне пас аз марг - Ф.И.) ва пайғамбарӣ барои диалектикаи ратсионалистӣ ҳамчун бурҳон ва асос шуда наметавонанд. Бинобар ин назарияи маърифати мутафаккир миёни илми инсонӣ, ки мантиқ, квадривиум (яъне, арифметика, ҳандаса, ситорашиносӣ, мусиқӣ), фалсафаро дар бар мегирад ва илми илоҳӣ, ки танҳо ба пайғамбарон нозил (ваҳй) мешавад, фарқ мекунад. Аммо дар ин ҷо, мегӯяд шарқшинос сухан ҳамеша дар бораи ду шакл ё дараҷаи дониш меравад, ки онҳо на дар муқобил, балки дар мутобиқати комили якдигар ҳастанд. Киндӣ бо пазируфтани ақидаи офариниши олам “аз ҳеҷ” ибдоъи ҷаҳонро нисбат ба назарияи судур бештар феъли Худо меҳисобад. Киндӣ танҳо пас аз собит кардани ин ки Ақли аввал ба амали иродаи илоҳӣ марбут аст, ақидаи судури дараҷоти ақлҳоро ба тарзи навафлотуниён мепазирад. Ба ақидаи шарқшинос, ин тарҳ ба космогонияи исмоилиён шабоҳат доштааст. Ҳамчунин Киндӣ байни олами фаъолияти илоҳӣ ва олами фаъолияти табиӣ, ки он дар ҳоли таҳаввулот ва дигаргунӣ аст, фарқ мегузорад [9, с.222-223]. А.Корбен муътақид аст, ки дар баъзе ҷанбаҳо таълимоти фалсафии Киндӣ ба Ҷон Филопон (Jean Philopon, 490-570), чунонки дар баъзе ҷанбаҳои дигар ба мактаби навафлотуниёни Афина рафта мерасад. Ба ақидаи ӯ фарқияте, ки Киндӣ миёни ҷавҳари аввал ва дуюм муътақид аст ва эътиқод ба воқеияти ситорашиносӣ, ҳамчунин таваҷҷуҳ ба илмҳои хуфия ва фарқе миёни ҳақиқати фалсафаи ақлонӣ ва ҳақиқати ваҳй мегузораду онро то андозае ба тарзи “ars hieratica”-и навафлотуниёни мутааххир шарҳ медиҳад, ин ҳама хусусиятҳои умумиеанд, ки байни “файласуфи арабҳо”, яъне Киндӣ ва навафлотуниён, аз ҷумла Прокл ба назар мерасад. Дар баробари ин бо таълимоти собиёни ҳарронӣ низ чанде монандӣ доштааст [9, с.223]. Дар идомаи суханаш ховаршинос дарҷ менамояд, ки Киндӣ зери таъсири рисолаи “Илоҳиёт”-и Арасту, тавре ишора гардид, ҳамчунин таҳти таъсири рисолаи “Нафс”-и Арасту дар тафсири Искандари Афродизӣ қарор гирифтааст. Ин ба Киндӣ илҳом бахшидааст, то ӯ дар рисолааш “Фи-л-ақл” ақлро ба чаҳор навъ тақсим кунад ва ин назария баъдан таъсири бузург гузошт ва барои файласуфони мусулмону масеҳӣ мушкилоти зиёдеро ба миён овард, ки минбаъд роҳҳои гуногуни ҳалли онро ҷустуҷӯ кардаанд [9, с.223].

Тавре зикр гардид, Киндӣ бинобар сабаби дар соҳаҳои гуногуни риёзиёт назари қавӣ доштан аз зумраи риёзатшиносон ба ҳисоб меравад. Вале ба иддаои А.Корбен Киндӣ дар ин масъала то андозае таҳти таъсири навпифагориён низ қарор гирифтааст. Ба ибораи дигар гӯем, ховаршинос кӯшиш менамояд нишон диҳад, ки дар Киндӣ ғайр аз таълимоти зикргардида, таъсири навпифагориён низ ҷой дорад. Вале А.Корбен ба ҷузъ таъсири афкори файласуфони юнонӣ, дигар омилҳоро зикр накардааст. Дар ҳоле, ки шарқшиносони итолиёвӣ ва муҳаққиқони араб, чунонки ёдовар шудем, таъсири Ҳинду Форсро низ дар Киндӣ муътақиданд. Дар идома муҳаққиқи фаронсавӣ иброз

медорад, ки дар китоби “Феҳрист” яке аз рисолаҳои Киндӣ дар бораи зарурати омӯхтани илми риёзӣ барои дарки фалсафа зикр шудааст. Тавре Мунк Саломон низ иброз медорад, Киндӣ кӯшиш мекард, то исбот намояд, ки “фалсафаро бидуни дониши риёзӣ наметавон фаҳмид” [10, с.309-458]. Тавре аз ин навишта бармеояд мутафаккир барои даст ёфтан ба фалсафа донистани илми риёзиро низ зарур донистааст.

А.Корбен аз шогирдони Киндӣ сухан гуфта, дар қатори онҳо ду тан шогирдаш, Абумаъшари Балхӣ ва Абузайди Балхиро зикр кардааст. Абузайди Балхӣ аз устодони Абулҳасани Омирӣ аст [1]. Ба хулосаи А.Корбен, Киндиро барҳақ ба унвони муассис, аввалин пайрав аз “машшоиён” ба маънои хос, ки ин калима дар фалсафаи ислом маълум аст, донист. Агар Ғарби лотинӣ Киндиро тавассути чанд рисолае, ки зикрашон рафт, ҳамчун файласуф шиносанд, пас вай ҳамчунин риёзидон ва устоди илми нуҷум маъруф буд. Бинобар ин ҳам файласуф, ситорашинос ва риёзишиноси итолиёвӣ Жером Кардан, тавре зикр гардид, дар асараш “Зароиф” (“Subtilitate” лотинӣ) Киндиро яке аз дувоздаҳ чеҳраи илмии таърихи башар номидааст, ки таъсири зиёд доштааст” [9, с.224].

Аз таҳқиқоти муҳақиққони аврупоӣ, метавон хулоса намуд, ки Киндӣ файласуф, риёзидон, ситорашинос ва олими энсиклопедист буда, дар бунёду пешрафти фалсафаи мактаби машшоияи шарқӣ ва тарҷумаи асарҳои юнонӣ ба арабӣ саҳми хеле арзанда гузоштааст. Бояд гуфт, ки имрӯз низ асарҳои Киндӣ дар Аврупо ба забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ тарҷума шудаанд ва муҳақққиони аврупоӣ дар бораи ӯ ва асарҳояш таҳқиқоти зиёде анҷом додаанд. Бинобар ин таҳқиқи муфассали таълимоти Киндӣ аз нигоҳи муҳаққиқони аврупоӣ ва арҷгузорӣ ба таҳқиқоти онҳо баъзе масъалаҳои баҳснокро равшан хоҳад кард. Вале дар доираи як мақола баррасии ҳамаи онҳо аз имкон берун аст.

### Адабиёт


1. Иброҳимов Ф.М. Абулҳасани Омирӣ дар шинохти Анри Корбен // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - № 3. – С.111-115.
2. Избранные произведения мыслителей стран ближнего и среднего Востока IX – XIV вв. – Москва: «Соцекгиз», 1961. – 632 с.
3. Очеркҳои таърихи фалсафа. - Душанбе: Дониш, 1982. – 290 с.
4. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. – Душанбе: Дониш, 2014. - Ҷ. 1. – 582 с.
5. Шарипов А. Везгляд на философские воззрения эпохи Сасанидов // Известия Академии наук Республики Таджикистан (Серия: Философия и правоведение). - Душанбе, 2001. - № 1 - 4. - С. 95-104.
6. Adamson Peter. Al-Kindī (Great medieval thinkers). - Oxford University Press, 2007. – 272 p.
7. Adamson Peter. Philosophy in the Islamic world. (A history of philosophy without any gaps). Volume 3. – Oxford University Press, 2016. - 511 p.
8. Adamson Peter and Peter E. Pormann. The philosophical works of Al-Kindī. - Oxford University Press, 2012. – 363 p.
9. Corbin Henry. Histoire de la philosophie islamique. - Gallimard, 1986. - 546 p.
10. Munk Salomon. Mélanges de philosophie juive et arabe. – Paris: Librairie philosophique J.Vrin, 1927. - P. 309-458.
11. Travaglia Pinella. Magic, causality and intentionality. The doctrine of rays in al-Kindī. – Sismel-Edizioni del Galluzzo, 1999. – 176 p.
12. Rashed Roshdi. Préface//Oeuvres philosophiques et scientifiques d’al-Kindī. Volume I. L’optique et la catoptrique. - E.J. Brill Leiden - New York – Köln, 1997. – P. VII-XIII.


## ВЗГЛЯД ЕВРОПЕЙСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ НА АЛЬ-КИНДИ

**Иброхимов Ф.М.**

*В статье анализируются исследования европейских учёных посвященные жизни и творчества последователя восточного перипатетизма – аль-Кинди. Западно-европейские востоковеды пишут, что Кинди был не только известным философом но и в неменьшей степени*

*математиком, астрономом, учёным-энциклопедистом. Исследование показало, что вклад аль-Кинди велик не только в развитии философского мышления народов Среднего Востока. Его произведения в средневековой Европе были не менее известны чем на Востоке, переведены на латынь и привлекали мыслителей эпохи. Его труды были переведены на латынь видным учёным X-XI вв. Хебертом, привлекали Роджера Бекона, Жерома Кардана. На мировоззрение аль-Кинди, кроме Аристотеля, оказали влияли также учение пифагорейцев, индийская и персидская мысль и другие. В некоторых исследованиях авторы упоминают, что аль-Кинди не является непосредственным переводчиком греческих произведений, а внёс вклад в составлении и корректировки этого наследия.*

***Ключевые слова:*** *философия, философия перипатетизма, европейские исследователи, исследования, греческие произведения, перевод, творение, теория познания, бытие, теория эманации, неоплатонизм.*

## VIEW OF EUROPEAN RESEARCHERS ON AL-KINDĪ

**Ibrohimov F. M.**

*The article analyzes the studies of European scientists dedicated to the life and work of the follower of Eastern peripatetic – al-Kindī. Western European orientalists write that al-Kindī was not only a famous philosopher, but also a mathematician, astronomer, and encyclopedic scientist to no lesser extent. The study showed that al-Kindī made a great contribution in the development of the philosophical thinking of the peoples of the Middle East. His works in medieval Europe were no less famous than in the East, they were translated into Latin and attracted the thinkers of the era. His works were translated into Latin by a prominent scientist of the X^th^-XI^th^ centuries such as Hebert, Jerome Cardan, Roger Bacon. The worldview of al-Kindi, in addition to Aristotle, was also influenced by the teachings of the neo-Pythagoreanism, Indian and Persian thought, and others. In some studies, the authors mention that al-Kindī is not a direct translator of Greek works, but contributed to the compilation and correction of this heritage.*

***Key words***: *al-Kindī, philosophy, philosophy of peripateticism, European researchers, research, Greek works, translation, creation, theory of knowledge, being, theory of emanation, neo-Platonism.*

№3
2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ДОМ ТАДЖИКОВ ПАМИРА КАК ЛОКУС СИМВОЛИЧЕСКОГО ПРОСТРАНСТВА ПОВСЕДНЕВНОСТИ

**Ладыгина О.В. -** д.ф.н., доцент заведующий кафедрой культурологии, Российско-Таджикского (Славянского) университета (E-mail: friedrichii@rambler.ru)
**Косумбекова Р.К. -** Российско-Таджикского (Славянского) университета, E-mail: kafedrakult.rtsu@gmail.com

*В Таджикистане есть культурные достопримечательности, которые вызывают особый интерес среди туристов, не только иностранных, но и внутренних. Таким объектом, бесспорно, является чид – жилище жителей Западного Памира. Его необычная архитектура, сохранившаяся с архаичных времен, имеет определенную символику, что и является предметом исследования авторов статьи. Изучение символического пространства традиционного жилища невозможно вне анализа интерпретации в рамках конкретной культурной традиции.*

***Ключевые слова**: чид, чорхона, очаг, дом, зороастризм.*

Пространство повседневности в его собственной специфике – это дом. Дом, жилище – одна из фундаментальных реалий культуры и один из ключевых культурных символов. Дом строится на духовных ценностях культуры, обеспечивая взаимное притяжение людей. Дом является одним из ключевых символов культуры. Поэтому вопросы, относящиеся к изучению дома, являясь частью проблемы культурной картины мира, представляют собой важную составляющую социально-гуманитарного знания.

Символика памирского дома стала предметом изучения многих ученых России и Таджикистана. Среди них М.С. Андреев, Т.С Каландаров, С. Тиллоев, М. Мамадназаров, Ю. Якубов, А. Шохуморов.

В данном исследовании поставлена задача рассмотрения традиционного памирского дома – чида (с шугнанского – дом), как локуса символического пространство повседневности. Обозначение жилища как большого дома связано с тем, что в нем проживала большая патриархальная семья, которая состояла из нескольких семей одного рода. В одном доме могли проживать одновременно 15-20 человек. По свидетельству Хисравбека Мамадбека, старейшего жителя кишлака Рендон Ишкашимского района, количество живущих доходило до 45 человек, т.е. в доме проживало 8-9 семей одного рода.

В исследовании использованы семиотический и функциональный методы. Данные методы позволяют выявить символическое значение знаков и определить их значение в повседневной жизни обитателей дома. Кроме теоретических методов исследования, использованы материалы полевых исследований, в которых принимали участие авторы.

Дом на Западном Памире (Чид) является одной из важнейших культурных ценностей, местом глубокого уважения и почитания, связанным с различными верованиями и обрядами.

Начиналось строительство чида с благословения халифа. Получив разрешение, хозяин будущего жилища отправлялся к мастеру и договаривался с ним, а затем, к вечеру, обходил соседей и приглашал их помочь - «киряр» (по шугнански). Наутро все собирались на месте закладки фундамента будущего дома.

«Выбор места для строительства имел главной целью использовать особенности естественной среды, гармонично и непротиворечиво вписаться в природу» [3, 18-19]. Этот вывод Н.Н. Пиликина о строительстве домов в традиционной культуре, подтверждается результатами полевых исследований. Памирский традиционный дом должен был слиться с горным пейзажем и стать незаметным своими каменными стенами и плоской,

засыпанной землей кровлей. Это было требованием безопасности. Дом строили у подножия горных массивов еще и с тем, чтобы при любой опасности можно было уйти в горы. Не строили домов на местах, где когда-то были кладбища.

При выборе места строительства дома обращали внимание и на опасности природного характера, места возможного схода селевых потоков и горных обвалов. Поэтому, рассказывал Зафар Лайлиев, житель города Хорога, обращались за советом к старейшим жителям селения.

Начинали строительство, обычно, весной, чтобы до начала холодов его закончить. Кроме утилитарного смысла, время начала строительства имело и сакральный смысл. Согласно архаическим представлениям, Космос рождался из Хаоса ранней весной на стыке старого и нового года [4, 24]. Худоербекова Давлатпочо, жительница кишлака Зигар Дарвазского района, сравнивает начало строительства традиционного дома с рождением, поясняя, что весна – самое удобное время для начала строительства, когда вся природа зацветает, и рождаются плоды. В ее представлении дом как живое существо тоже должен «родиться» весной. Такое же отношение к дому как к живому разделяет и Зоирбек Курбонбеков, учитель математики кишлака Пиш Шугнанского района, объясняя это тем, что дом сотворен из тех же стихий, что и человек.

В традиционной культуре строительство дома сопровождалось многочисленными обрядами и ритуалами. Одним из значимых обрядов при строительстве дома был обряд жертвоприношения – строительная жертва. Обряд восходит к архаическим представлениям о том, что условием возникновения мира, соотносимого с понятиями порядка и красоты, является жертвенность. В древнеиндийской Ригведе, например, речь идет о первом человеке Пуруше, которого боги принесли в жертву, расчленив его тело на части, из которых создали неживую и живую природу, людей.

Согласно мифологическим представлениям, если мир был создан благодаря жертве, то и строительство дома начиналось с жертвоприношения. Строительными жертвами обычно становились домашние животные. В Бадахшане повсеместно в роли строительной жертвы оказывался баран. Жертву приносили дважды. Первый раз барана резали при закладке фундамента дома и второй – после того, как были возведены стены и две несущие поперечные балки. На ближайшей к входу в помещение балке резали барана так, чтобы его кровь стекла на землю по балке. Таким образом жертва обеспечивала не только успешное завершение строительства, но благополучную жизнь в доме.

Чтобы в доме был всегда достаток, в основание каменного фундамента дома бросали монеты. Об этом ритуале, сохранившимся до наших дней, рассказал Зоирбек Курбонбеков. Ритуал этот известен не только в Шугнанском районе, но и в Ишкашимском, что позволяет сделать вывод о его повсеместном распространении.

К строительству традиционного дома готовились задолго до его начала. Основная проблема была в наличии древесины, вернее, в ее недостатке. Зафар Лайлиев рассказывал, что когда рождался сын, то отец высаживал тополя для строительства кровли и деревянных частей дома, в частности балок и столбов. Выбор пирамидального тополя объяснялся тем, что рос он сравнительно быстро и имел прямой и длинный ствол. Выбор деревьев для строительства осуществлялся не только в практическом, но и в сакральном аспекте. Священное дерево выполняло роль оберега.

После рубки деревьев их стволы сушили от года до двух. Стены возводили из камней, тщательно подгоняя один камень к другому и скрепляя их глиной. Для крепости стен между камнями укладывали бревна. Сегодня при строительстве традиционного дома используют цемент. При постройке дома дверь устанавливали таким образом, чтобы она открывалась в сторону Мекке. На это в ходе полевых исследований указали многие респонденты, среди которых жители Дарваза и Шугнана.

После завершения строительства в новом доме устраивали угощение для мастеров, соседей, родственников. Если

мастера дают благословение («дуа»), читая молитву, и хозяева рассчитываются с ними за работу, то остальные гости на новоселье хозяевам приносят подарки. Обычно это предметы, необходимые в домашнем хозяйстве.

В конструктивное решение чида заложен религиозно-философский смысл. Каждый архитектурный элемент в нем несет определенную смысловую нагрузку. Символика архитектурных элементов внутреннего пространства дома представлена в работе С.С. Тиллоева. В своем исследовании он подробно описывает символику памирского традиционного дома, обращая внимание на то, что она складывалась на протяжении веков.

Внутреннее пространство дома образуют пять столбов, благодаря которым жилище способно выдержать разрушительные землетрясения, случающиеся несколько раз в год [1, 207-208]. Во времена зороастризма столбы символизировали стихийные силы природы - воду, воздух, огонь и землю, которые были упорядочены человеком в пространстве дома, укрощены и поставлены ему на службу. В течение веков эти представления из формата зороастризма перешли в Ислам. Столбы олицетворяют «Пять чистих тел» (Панҷ тани пок) и названы в честь пяти святых: Мухаммад, Фотима, Али, Хасан, Хусейн.

Главный столб (Хаситан-Шохсутун) олицетворяет пророка Мухаммада, «как главного столпа исламской религии, посредника между творцом и великими имамами и как главного столпа и хранителя каждого памирского дома» [2]. В зороастризме главный столб символизировал Суруша – вестника бога. В Дарвазе этот столб называют саломга, то есть приветственный. Входящий в дом сначала обращается с приветствием к столбу, а потом к хозяину дома и остальным членам семьи. На столбе саломга устанавливали подсвечник, который освещал дом.

Этот столб считается хранителем дома. Во время землетрясения жители дома держатся именно за этот столб. «До недавнего времени этот столб изготавливался из арчи, священного для памирцев дерева. В настоящее время, - отмечает С.С. Тиллоев,- этот древний обычай соблюдается в некоторых кишлаках Западного Памира»[5].

Столб является символом верности, покоя, мужской власти. По свидетельству С.С. Тиллоева возле этого столба «укладывают новорожденного ребенка в люльку, к которой прикрепляют тесемки, изготовленные из красных и белых ниток» [5]. Возле этого столба, очевидно, совершались и обряды инициаций. При достижении совершеннолетия у главного столба юноша надевал мужскую одежду и подпоясывался тесемками со своей колыбели. После этого он считался хозяином дома (кадхудо) [5].

Второй деревянный столб (Воузнехситан) олицетворяет Великого имама Али, сына дяди и зятя пророка Мухамеда, символизируя преданность великому пророку и членам его семьи. Согласно зороастризму второй столб символизировал ангела любви (фариштаи Мехр). «Считается, что благоденствие и процветание (баракат ва ободи) в доме зависят от них» [5]. Поэтому под этим столбом усаживают жениха и невесту, «чтобы ангелы и духи любви и преданности благословили эту семью на счастье, вечную любовь, множество детей и безбедную жизнь» [5]. Супружеские пары спали вместе у столба Али. Рядом со столбами Мухаммеда и Али совершались похоронные обряды.

«Третий столб (Кицор-ситан) олицетворяет жену Великого Имама Али, т.е. Биби Фотиму Захро, мать имамов Хасана и Хусайна, и символизирует чистоту и хранительницу дома и членов семьи» [5]. В зороастрийской мифологии этот столб символизировал ангела хранителя огня, тепла в доме и благосостояния и был связан с богиней Анахитой, покровительницей вод и женщин. «Может быть, в связи с этим до настоящего времени в Шугнане невеста во время одевания свадебного наряда, дня рождения и исполнения обряда брачного союза (никох) располагается возле этого столба» [5]. У этого столба находится женская часть большого дома. Согласно рассказу Зоирбека Курбонбекова, здесь ставили колыбель, ближе к матери.

Женщины готовили пищу, занимались рукоделием.

Четвертый столб (Пойга-ситан) символизирует имама Хасана, а пятый столб (Барнех-ситан) - Имама Хусайна. В зороастрийской мифологии четвертый столб символизировал ангела Земли, пятый - ангела Огня. Он олицетворял луч света, восхода и заката. С этими представлениями связан обычай установления на этом столбе светильников в честь усопших. Возле данного столба исполняются акты бракосочетания, чтение молитв, исполнение религиозных распоряжений [5]. По свидетельству Зоирбека Курбонбекова, рядом со столбами Хасана и Хусейна было место для гостей.

Албатта, ҳар як миллат анъанаҳои хоси фарҳангию давлатдории худро дорад. Дар таърихи давлатдорӣ фарқияти табиию манфиатҳои халқҳо ва қавмҳо табиатан мавҷуданд ва ин фарқиятҳо сабаби тарҳрезии сёсати дохиливу беруна мегарданд. Мавҷуд будани ихтилоф дар табиати одамон сабаби ташаккули тафаккури гуногун ва боиси пайдоиши анъанаҳои гуногун мегардад. Ҳар миллат қонунҳо ва санадҳои меъёрии давлатии худро мутобиқи менталитет ва хусусияти хоси худ таҳия менамояд. Татбиқи механикии қонунҳо ва санадҳои меъёрие, ки барои халқҳои дигар номатлубанд, ба оқибатҳои нохуш мерасонад.

Дар замони муосир бо истифода аз натиҷаҳои ба дастомадаи илмҳои ҷомеашиносӣ ҳар як давлат бояд як модели давлатдории худро интихоб намояд. Албатт ин ба бозингарони абарқудрати минтақаиҳои сиёсӣ маъқул намешавад, лекин ин ягона роҳе барои нигоҳ доштани миллату давлат мебошад. Танҳо бо дастгирии тамоми узви ҷомеа ва баланд будани сатҳи худшиносии миллӣ ин ва ё он давлат суботу якпорчагии худро нигоҳ дошта метавонад.

Халқи тоҷик ҳамасола Рӯзи ваҳдатро таҷлил менамояд. Ин ҷашн аз дигар ҷашнҳову идҳо бо моҳияти созандагиву ободкории худ фарқ мекунанд. Сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва расидан ба сулҳу Рӯзи ваҳдатро ҳеҷ гоҳ фаромуш нахоҳем кард. Мусибате, ки солҳои 90-ум ба сари халқи тоҷик омада буд, метавонист якпорчагии давлати моро халадор намуда ба парокандашавии халқи куҳанбунёди мо оварад. Ин боз як санҷиш барои халқи азизамон буд. Ҳарчанд ин суханҳоро борҳо такрору ба такрор ҳама изҳор менамоем, ва таъкиди ин суханҳо бояд ҳеҷ як шаҳрванди солими кишварро хаста накунад, зеро ин талаботи вазъияти кунинии сиёсӣ мебошад. Хушбахтона халқи фарҳангсолори мо бори дигар исбот намуд, ки дорои заковату хирад ва фарзандони қавииродаву матин мебошад, ки тавонистанд моро аз ин хатар эмин доранд. Таҷлили Рӯзи ваҳдатро халқи тоҷик аз самими қалб пазироӣ менамояд ва имрӯз мо шоҳиди он гаштем, ки маҳз вахдату ягонагӣ ва сулҳу осоиштагӣ метавонад ба рушди миллати мо мусоидат намояд. Хушбахтона, Тоҷикистони имрӯза аз Тоҷикистони 25-30 сол пеш куллан фарқ мекунад. Аммо моҳияти таҷлили Рӯзи ваҳдат мубрам мемонад. Имрӯз мо Сарвари дорои иродаи қавии сиёсӣ дорем, ки барномаҳои муайяни сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиро амалӣ менамояд.

Ваҳдату Истиқлолият ин арзишҳои бебаҳо мебошанд. Пешвои муаззами миллат ҳамеша таъкид мекунанд, ки ваҳдат ва Истиқлолият ду мафҳуми ба ҳам тавъаманд. Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти худ марҳилаҳои хеле вазнину пурхатарро паси сар намуда, санҷишҳои вазнини иҷтимоиву сиёсиро бо Сарвари худ паси сар намуд. Имрӯз Тоҷикистон аз як кишвари ҷангзадаву буҳронӣ ба як кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ рушдёбанда табдил ёфта аст, ки тамоми дастовардҳои он шоҳиди пешравиаш мебошанд.

Тоҷикистони имрӯза дар арсаи байналмилалӣ соҳиби ҷойгоҳи хоса мебошад. Гузаронидани ҷаласаҳои баландпоя бо иштироки сарварони давлатҳои гуногун дар Душанбе, далели он аст, ки сиёсати пешгирифтаи Президенти кишварамонро дигар кишварҳо дастгирӣ менамоянд ва имрӯз пойтахти Тоҷикистон яке аз марказҳои фаъоли сиёсиву фарҳангӣ мебошад.

Тоҷикистон бо ниҳодҳои гуногуни Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла дар соҳаҳои ислоҳоти идораи давлатӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ ва обрасонӣ ҳамкорӣ менамояд. Дар ҳамкорӣ бо ин ниҳодҳо садҳо лоиҳаҳо дар Тоҷикистон амалӣ мешаванд. Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон аз тарафи СММ баҳои баланд гирифтааст. Ин далели он аст, ки таваҷҷӯҳ ва эҳтироми роҳбарони кишварҳои дигар ба кишвар ва ба Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле зиёд аст. Ва ин боиси ифтихори мост.

Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба вазъияти эколгӣ ва муқовимат ба терроризму экстремизм нишон медиҳад, ки имрӯз Тоҷикистон проблемаҳои ҷаҳониро хуб дарк карда дар радифи давлатҳои бузург метавонад дар амнияти экологӣ ва равандҳои ҷаҳонӣ саҳмгузор бошад.

Ваҳдат, Истиқлолият ва Президент – ин нерӯи қавӣ ва кафили рушди устувори Тоҷикистон мебошанд. Маҳз бо кӯшишу талоши Эмомалӣ Раҳмон, мо тавонистем худро аз фоҷиаи миллӣ нигоҳ дорем. Истиқлолияте, ки имрӯз дорем амри тасодуф ва танҳо натиҷаи пошхӯрдани Давлати Шӯравӣ набуда, балки натиҷаи саъю талошҳои миллати тоҷик мебошад. Имрӯз Тоҷикистон истиқлолияти худро устувор гардонда, ба дастовардҳои назаррас дар ҷодаи эҳё ва рушди сарвати миллӣ ноил шуд, ки инро нодида гирифтан нобиноии сиёсӣ мебошад. Тоҷикистон аз гирдоби ҷанги бародаркуш баромада,дар ҷаҳони муосир намунаи барҷастаи сулҳофарӣ ва сулҳу ваҳдати пойдор мебошад. Ин таҷрибаи Тоҷикистон имрӯз барои бисёр кишварҳое, ки дар чанголи ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор шудаанду хатари фоҷиаи экологию демографӣ доранд, қобили истифода мебошад. Ҷои баҳс нест, ки барои ин кишварҳо имрӯз як пешвои миллат ҳамчун Эмомалӣ Раҳмон лозим аст, ки иродаи қавии сиёсӣ ва маънавӣ, далерӣ ва сарсупоридагӣ дошта бошад.

Яке аз собиқадорони сиёсӣ, ки пас аз интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари давлат дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Чумҳурии Точикистон, дар ҷаласаи навбатии Ҳукумат иштирок дошт ба ёд меорад, ки дар ҷараёни ҳалли масъалаҳо Сарвари давлат пеш аз ҳама ба қатъи ҷанг ва баргардонидани гурезаҳо диққати махсус медоданд, аз тарафи мухолифин касе ба назди Сарвари давлат наомадааст, таърих собит мекунад, ки тамоми ташаббусҳо аз тарафи Эмомалӣ Раҳмон буд, ин шахси далер худашон ба назди мухолифин мерафтанду ба сулҳ даъват менамуданд, сабабгори сулҳ дар Тоҷикистон танҳо Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Он равандҳое, ки дар ҷаҳони имрӯза ба вуқӯъ омада истодаанд, хатари аз байнравии давлатҳоро доранд ва танҳо ваҳдати шаҳрвандон метавонад пеши роҳи ҷанги шаҳрвандии таҳмилию парокандагиро гирад. Ҳодисаҳои имрӯзаи Украина ва Сурия далели онанд, ки ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ бо баҳонаи ҳалли масоили иҷтимоӣ ва дастёбӣ ба демократия хатари бузурги сиёсию иҷтимоӣ дорад. Ҳаракатҳои тундгароёнаи динӣ, аз ҷумла исломӣ ҷаҳонро хеле ноором кардааст. Ҷорӣ кардани фарҳанги таҳаммул дар Тоҷикистон низ як дастоварди муҳим аст. Солҳост, ки дар афғонистон, Ироқу Ливия, Сурия ҳаракатҳои ба ном «демократӣ» якпорчагии ин давлатҳоро халалдор сохта, мардуми он дигар дар талоши осишу амонӣ ҷон ба каф мондаанд. Демократияву пешравии иҷтимоиву иқтисодӣ дар шароите имкон дорад, ки дар он кишвар сулҳу субот мавҷуд бошад.

Маълум аст, ки дар шароити низоми демократӣ, пешвоёни сиёсӣ вазифаҳои функсиналии худро дар давлати ҳуқуқбунёд дар асоси принсипҳои плюрализм, ошкорбаёнӣ ва шаффоф бо риояи ҳатмии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандӣ иҷро мекунанд. Дар ин шароит нақши пешбарандаро пешвоёни ташаббускор мебозанд, қодиранд мустақилона ҳадафҳои сиёсиро муайян кунанд ва самтҳои муҳимтарини амалро ба ҷонибдорони худ нишон диҳанд, ба онҳо барномаи асоснок диҳанд ва онҳоро иҷро кунанд.

Ҳақ ба ҷониби Ҳерберт Дофман узви Парлумони Аврупо аз ҳизби халқии Тироли ҷанубии Италия, роҳбари шӯрои

Ҳизби халқии Аврупо, инчунин роҳбари Гӯруҳи дӯстии Парлумони Аврупо ва Тоҷикистон аст, ки дар мақолаи худ бо унвони «Эмомалӣ Раҳмон ва истиқлолияти Тоҷикистон» (Рӯзномаи "The Brussels Times" http://www.brusselstimes.com/opinion/3917/emomali-rahmon-and-the-independence-of-tajikistan) мегӯяд: «Маҳз ба шарофати талошҳои пайдарпайи Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон аз як фоҷиаи миллӣ амон ёфта, тавонист истиқлолияти худро дар охири асри 20 таҳким диҳад ва ба туфайли он мардуми тоҷик пас аз ҳазор сол дар ҷодаи эҳёи миллӣ, оияндаи шукуфон ва худтаъминкунӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид»[3.1], ки инро нодида гирифтан нобиноии сиёсӣ мебошад. Зеро маҳз Эмомлӣ Раҳмон тавонист Тоҷикистонро аз гирдоби ҷанги бародаркуш бароварда, як дарси сулҳофаринии таърихиро пешниҳод намояд. Ин таҷрибаи Тоҷикистон имрӯз барои бисёр кишварҳое, ки дар чанголи ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор шудаанду хатари фоҷиаи экологии демографии ҷаҳониро доранд, қобили истифода мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун доҳии миллат қувваю заковати худро дар арсаи байналмилаӣ нишон дод, ки имрӯз Тоҷикистонро ҳамчун кафили рушди босуботи давлатҳои рӯ ба инкишоф муаррифӣ менамоянд, ки дар Форуми байналмиллалии «Об барои ҳаёт» аз тарафи меҳмонони боломақом ин фарзия садо дод. Зеро тамоми пешниҳодҳое, ки Президенти давлати мо аз минбарҳои баланди умумиҷаҳонӣ садо доданд қабул шудаанд, ки аз ҷумла пешниҳод дар бораи оби нӯшокӣ, муборизаи муташаккилона зидди терроризму экстримизм. Даъвати Президенти кишвар ба ҳалли проблемаҳои Афғонистон 25 сол пеш, имрӯз воқеъбинонагии худро исбот намуд.

Лидери сиёсӣ ҳамчун қувваи геополитикӣ дар тамоюлҳои геополитикии муосир новобаста аз он, ки шахси мансабдор аст, ё не ҳамчун шахси фаъоли маъруф ва бонуфузи сиёсӣ, дар минтақа машҳур бошаду дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ мустақилона ва навоварона амал намояд. Ҳамчун як қувваи ваҳдатофаранда бошад. "Баррасии институти пешвоӣ ҳамчун сарчашмаи низому субот, пеш аз ҳама мабдаъе, ки дар атрофи худ манфиату муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро ташаккулу рушдиҳанда пиндошта мешавад. Ҳамаи ин чунин асоснок карда мешавад, ки ҷомеа ҳамчун муассисаи мураккаб бояд доимо имкониятҳои худро барои танзими муносибатҳои дохилӣ истифода барад. Ба чунин маъно бахши институтсионалӣ ташаккули сохтмони муносибатҳои мавҷуда ва тадриҷан ба тартиб даровардани онҳоро таъмин менамояд." [6.55] Маҳз чунин хислат Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои тоҷикони ҷаҳон муаррифӣ намудааст. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун пешвои сиёсӣ, шахсест, ки манфиати на танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон, балки манфиати мардуми минтақаро пурра инъикос ва ҳимоя менамояд. Ӯ маҷмӯи сифатҳои барои сиёсатмадор зарурӣро дорост, ӯ меҷӯяд ва метавонад қувваи атрофиёнро муттаҳид созад ва фаъолона ба вазъияти минтақавӣ таъсир расонад, чунин раванд барои ноил шудан ба ҳадафҳое, ки ӯ ҳамчун Лидери сиёсӣ муайян намудааст ва ба миён гузоштааст ҷавобгӯй мебошад. Ҳамин тариқ, Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик Лидери сиёсие мебошад, ки ҳамчун қувваи геополитикӣ дар тамоюлҳои геополитикии муосир миллатро муаррифӣ мекунад. Хусусиятҳое, ки дар илми сиёсатшиносии муосир барои лидери сиёсӣ пешниҳод мешавад, пурра дар Пешвои миллат таҷассум гаштаанд. Дар сиёсатшиносии муосир чаҳор тасвири умумии пешво аксар вақт номбар мешаванд – парчамбардор ё абармард, пешбарандаи кори мардум, ходим ё вазир, соҳибкор, оташхомӯшкун. Роҳбари парчамбардор ё абармард бо диди худ дар бораи воқеият, идеали ҷолиб, орзуи амалишавандаи мардум шуда метавонад, ки намояндагони барҷастаи ин намуди роҳбар Ленин, Мартин Лютер Кинг, Де Гол буда метавонанд. Роҳбари ходим ҳамеша мекӯшад, ки ҳамчун сухангӯи манфиати ҷонибдорон ва дар маҷмӯъ инихобкунандагон баромад кунад, фикрҳои онҳоро гӯш кунад ва проблемаҳои

онҳоро ҳал кунад. Роҳбари соҳибкор бо қобилияти пешниҳоди ғояҳо ва нақшаҳои худ, ба шаҳрвандон ба бартарии онҳо бовар кунонидан, водор кардани онҳо барои амалӣ намудани инғояҳо ва инчунин ҷалби омма ба татбиқи онҳо хос аст. Ва ниҳоят, пешвои оташхомӯшкунандагон мушкилоти шадидтарин, даргирифтани иҷтимоиро ҳал менамояд. Амалҳои Лидери сиёсиро вазъи мушаххас муайян менамояд, ки чтавр ӯ аз ҳалли ин масъалаҳо мебарояд. Дар ҳаёти воқеӣ ин чаҳор тасвири идеалии роҳбарӣ одатан дар шакли холис дар як шахс кам пайдо мешаванд, балки дар сиёсатмадорон дар таносубҳои гуногун омезиш меёбанд. Дар чунин замони пурталотуми шиддатгирии манфиатҳои геополитикии давлатҳои гуногун доштани чунин Лидер, ки ҷавобгар ба талаботи назариявии лидери сиёсӣ барои тоҷикон ин як саодат мебошад. Сарҷамъ намудани беш аз як миллион фирориён, қабули Конститутсия, Рамзҳои миллӣ ва дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ, беҳдошти вазъи иктисодӣ, ичтимоӣ ва сиёсии мамлакат корҳои назарраси Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Зеро "танҳо шахсиятҳои муайян метавонанд, ки пешво шуда тавонанд. Барои Пешво шудан, на танҳо шароит мусоидат мекунад, ки онҳоро пешбарӣ намоянд, балки қонуниятҳои худро дорад.

1. Агар одам дар як шароит пешво шуда тавонанд, дар дигар шароит ҳам вай ин маҳорати худро нигоҳ медорад.

2. Дар натиҷаи мафкураи стереотипӣ, гуруҳ пешвои интихоб кардаашро дар як маврид, дар дигар маврид низ интихоб менамояд.

3. Дар як марҳила пешво шуда, фард обрую эътибор пайдо менамояд, ки барои пешво интихоб шудан дар марҳилаҳои дигар мусоидат менамояд.

4. Одатан шахсеро пешво интихоб мекунанд, ки иродаи қавии ба мақсад расиданро дорад." [4.25]

Чунин назарияҳо хеле зиёданд, ки интихоби Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун пешво таърихан собит намудааст. Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали Истиқлолият ҳамчун лидери сиёсие, ки чун қувваи геополитикӣ дар тамоюлҳои геополитикии муосир Тоҷикистонро сарварӣ менамояд ва пеш мебарад ҳам назарияв ва ҳам амалӣ эътироф шудааст. Пешво дар замони муосири пурталотуми бархурди манфиатҳо бояд манфиати миллату давлаташро аз ҳама баланд гузорад. Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки "На тавозуни қувваҳо, балки мувозинати манфиатҳо, на ҷустани фоида аз ҳисоби дигарон, балки дарёфти мусолиҳаву мадоро, на даъвои саркардагӣ, балки эҳтироми мутақобил аз ҷумлаи унсурҳои барои инсони бохирад ва аз таҷрибаи аср гузашта бархурдор комилан дастрас мебошанд, ки метавонанд ба ҳайси бунёди тартиби нави одилонаи ҷаҳони имрӯза қарор бигиранд..." ин пешниҳоди Пешвои мо аз он далолат мекунад, ки барои рушди босуботу муназзами кишвар ва мардумони сайёра, аз ҷумла Тоҷикистон шароити созгор фароҳам меоварад. [5.3] Имрӯз мо аз пештара бештар бояд дар атрофи Пешвои худ муттаҳид шавем, зеро танҳо ваҳдату ягонагӣ асоси истиқлолият ва рушди босубот шуда метавонад. Сулҳу осоиштагӣ ва якпорчагии давлатамон исботи дурусти интихоби дурусти Лидери имрӯзаи тоҷикон мебошад.

Тӯли 30 соли марҳилаҳои пурпечутоби таърихи навини халқи тоҷик нишон дод, ки имрӯз Тоҷикистон ба кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ рушдёбанда табдил ёфта, кафили ин рушди босубот Президенти он мебошад. Воқеаҳои охирине, ки дар минтақа рӯй медиҳад ва онро чӣ гуна Ҳукумати Тоҷикистон баррасӣ менамояд ва роҳи ҳал меёбад бори дигар нишон медиҳад, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун лидери сиёсӣ қувваи геополитикӣ дар тамоюлҳои геополитикии муосир эътироф мешавад.

**Адабиёт**

1. Тойнби А. (Toynbee A.), Хантингтон С. (Huntington S.), Вызовы и ответы. Как гибнут цивилизации (сборник). ООО «ТД Алгоритм», 2016. https://royallib.com/read/toynbi_arnold/vizovi_i_otveti_kak_gibnut_tsivilizatsii.html#0

2. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 1. Душанбе, 2019. С.167
3. Ҳерберт Дофман. Рӯзномаи “The Brussels Times” http://www.brusselstimes.com/opinion/3917/emomali-rahmon-and-the-independence-of-tajikistan
4. Евтихов О. Стратегии и приемы лидерства. Теория и практика. Санкт-Петербург.2007.238 с
5. Ниг. Ёров Ҳ. Се унсури сиёсати Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе, 2009. 200 с.
6. Хидирова М.У. Лидерство и управление. - Душанбе 2018.156 с.
7. Хадиси Ваҳдат. Душанбе, 2017. 144с.
8. Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ.душанбе, 2017. 253с.
9. Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. - Душанбе, 2021. 588с.
10. Франкл В. Человек в поисках смысла. М.: Прогресс,1990. 368 с.
11. Маҳмудзода М. Ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – омили муҳими рушди давлати соҳибистиқлол // АМИТ "Ховар" (khovar.tj)

## ПОЛИТИЧЕСКИЙ ЛИДЕР КАК ГЕОПОЛИТИЧЕСКАЯ СИЛА В СОВРЕМЕННЫХ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ТЕНДЕНЦИЯХ

**Содики Н. Н.**

*В статье анализируется реальная фигура политического лидера как ключевого субъекта процесса современного общества на примере Лидера нации Эмомали Рахмона. Особенно было показано, по каким заслугам и в каких целях люди избирают лидера и в чем состоит его основные задачи в современном мире.*

***Ключевые слова:*** *лидер, лидер, политика, процессы, конфликт, интерес.*

## POLITICAL LEADER AS A GEOPOLITICAL FORCE IN MODERN GEOPOLITICAL TRENDS

**Sodiki N. N.**

*The article analyzes the real figure of a political leader as a key subject of the process of modern society on the principle of Leadership of Emomali Rahmon. It was especially shown on what qualities and in what circumstances people choose a leader and in what way they support his main tasks in the modern world.*

***Key words:*** *leader, policy, processes, conflict, interest.*

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Имомов А. -** н.и.ҳ., *профессор, сарходими шӯъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ (Тел.: (+992) 918 61 40 36)*

*Мақола ба шарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф ба таърихи ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии соҳибихтиёри Тоҷикистон мухтасар маълумот дода, ба равшан намудани марҳилаҳои асосии он кӯшиш кардааст. Ҳамзамон, вай робитаи ногусастании пайдоиш ва рушди қонунгузории ҷумҳуриро бо раванди таҳия ва қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 қайд кардааст. Тағйироту иловаҳои даврӣ ба Конститутсия заминаи такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.*

*Сиёсати давлатии такмили қонунгузорӣ бо зарурати танзими муносибатҳои нави иҷтимоӣ ва равшаниандозӣ ба ҷанбаҳои иҷтимоию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа алоқамандии ногусастанӣ дорад. Инкишофи рӯзафзуни тарзи нави ҳаёти ҷомеа ба танзими мунтазами ҳуқуқие эҳтиёҷ дорад, ки онро кафолат дода, муҳофизат ва ба рушди он мусоидат кунад.*

***Калидвожаҳо:** давлат, сиёсат, Конститутсия, ҳуқуқ, рушд, қонунгузорӣ, танзимнамоӣ, мукаммалгардонӣ.*

«Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд. Чунин тарзи танзими ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия фаъолияти худро асосан ба идоракунии давлатӣ равона созанд. Аз ин рӯ, ба субъектҳои ҳуқуқэъҷодкунанда, аз чумла вакилони парлумон зарур аст, ки сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд» - аз Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018.

Ташаккулёбии қонунгузории ҳар мамлакат таърихи ба худ хос дорад, ки аз раванди барпоёбӣ ва рушди давлатдорӣ ҷудонопазир аст. Дар солҳои нахустини ташкилёбии давлати шӯравӣ, хусусан, то ташкилёёбии мақомоти олии ваколатдори ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1926) аз тарафи мақомоти марказӣ ва маҳаллии инқилобӣ санадҳои бешумори меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, амал мекарданд. Аммо низоми онҳо муайян набуд ва дар байни онҳо санадҳои қонунгузорӣ кадомҳоанд, муайян кардан имкон надошт. Зеро ки бо мазмуни хоса худи мақомоти намояндагии олии ҳокимияти давлатӣ ташкил наёфта ва ҳатто ибораи «қонун» ба низоми қонунгузории ҷумҳурӣ ноошно буд. Бо даъвати Анҷумани якуми Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон (моҳи декабри соли 1926) ва анҷуманҳои дуюм ва сеюм, аз тарафи онҳо таъсис додани Комиссияи Иҷроияи Марказии ҶМШСТ ва Раёсати он, Шӯрои Комиссарони Халқи Тоҷикистон, комиссариатҳои халқӣ ва бо риояи қоидаҳои мартаботӣ қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳкурсии низоми қонунгузории ҷумҳурӣ гузошта шуд.

Масъалаи навгардонӣ, мукаммалнамоӣ ва такмили қонунгузорӣ ҳамеша боиси таваҷҷуҳ ва эътибор аст. Чунки маҳз бо ҳамин роҳ самаранокии амали санадҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии давраи муосирро танзимкунандаро таъмин кардан мумкин аст. Ва ин раванд хислати мунтазамӣ дошта, асоси босифат қабул кардан ва мукаммал гаштану амал кардани санадҳои қонунгузорӣ мебошад. Ва зиёда аз ин, чи тавре, ки дар Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои

асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2022 қайд гардид: «Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан, амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд. Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэъҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парлумони кишвар талаб менамояд, ки фаъолияти худро ҳамаҷониба тақвият бахшад. Вазифаҳои дар назди мо қарордошта тақозо менамоянд, ки фаъолияти Маҷлиси Олӣ ҷиҳати қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат боз ҳам тақвият бахшида шавад».

Ноил гаштан ба соҳибихтиёрии давлатӣ дар ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нав мебошад. Хусусияти асосии он инъикоси ҳадаф ва хосиятҳои давраи нави рушди ҷомеа ва давлат, мусоидат ба ташаккулёбии муносибатҳои нави ҷамъиятии ба давраи ҷомеаи либералӣ-демократӣ хос мебошад. Чи тавре, ки маълум аст, кори мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ дар давраи нав бо суръат гирифтани навгардонии қонун-гузории давлати иттифоқии шуравии сотсиалистӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар солҳои 1988-1991 оғоз ёфта буд. Дар ҳамин давра дар ҷанини сохтори амалкардаистодаи ҷамъиятӣ ва давлатии шуравии сотсиалистӣ иқдоми навгардонии низоми ҳуқуқ ва қонунгузории мамлакат пеш гирифта шуда буд. Ҳадафи асосии ин иқдом бо роҳи такмил додани асосҳои қонунгузорӣ, ба талаботи давр мувофиқ гардонидани сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии шӯравии сотсиалистӣ иборат буд. Санадҳои ҳуқуқии нави сершумор дар миқёси ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқию мухторӣ қабул карда шуданд ва аксари қонунҳои амалкунанда такмил дода шуданд. Дар байни онҳо санадҳои асосҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятиро такмилдиҳанда зиёд буданд. Яъне ба мукаммал гардонидани қонунгузории конститутсионӣ бештар эътибор дода шуд. Масалан, дар ҳадди иттифоқ чунин қонунҳои соҳаи ҳуқуқи коститутсионӣ, ба монанди Қонун «Дар бораи пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои суиқасд ба баробар-ҳуқуқии миллии шаҳрвандон ва бо роҳи зӯрӣ вайрон кардани ягонагии ҳудуди ИҶШС» аз 2 апрели соли 1990; Қонуни ИҶШС «Дар бораи реҷаи вазъияти фавқулодда» аз 3 апрели с.1990; Қонун «Дар бораи ҳалли масъалаҳои марбут бо баромадани ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз ИҶШС» аз 3 апрели с.1990; Қонун «Дар бораи асосҳои робитаҳои иқтисодии ИҶШС, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухторӣ» аз 10 апрели с.1990; Қонун «Дар бораи забонҳои халқҳои ИҶШС» аз 24 апрели с.1990; Қонун «Дар бораи шаҳрвандии ИҶШС» аз 23 маи с.1990; Қонун «Дар бораи таъмини амали қонунҳо ва дигар санадҳои қонунгузории ИҶШС» аз 24 октябри с. 1990; Қонун «Дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ (референдуми ИҶШС)» аз 27 декабри с. 1990; Қонун «Дар бораи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии ИҶШС дар давраи гузариш» аз 5 сентябри соли1991 ва ғайраҳо қабул карда шуданд.

Дар робита бо рушди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қонунҳои гуногун дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ қабул карда шуданд. Дар масъалаи дар давраи нав ҳифз кардани манфиатҳои миллии тоҷикон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Қонун «Дар бораи забон» аз 22 июли соли 1989 аҳамияти калон дошт. Гарчи қабули он боиси ихтилофи ҷиддии мафкуравии байни гурӯҳҳои тарафдорони нигоҳ доштани забони русӣ ҳамчун забони давлатии ҶТ ва равшанфикрони ислоҳотчӯи ҷавони тоҷик гардид. Бо вуҷуди ин, қонуни мазкур ба оғози бедории сиёсии халқи тоҷик такон бахшид. Қонунҳо «Дар бораи интихоботи Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқи ҶШС Тоҷикистон» аз 23 сентябри с.1989; «Дар бораи интихоботи вакилони халқи ҶШС Тоҷикистон» аз 24 ноябри с. 1989; Қонун «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 сентябри с. 1991; Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи с.1990 ва аз 9 сентябри соли 1991 ва ғайраҳо иқдоми навгардонию тағйиру иловаҳои ҷиддии қонунгузории нави ҷумҳуриро пеш гирифта буданд. Хусусан, таъсиси мансаби олии давлатии Президенти ҶТ ва интихоби он дар такмили сохтори давлатӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ ҳодисаи муҳим гардид.

Қабули Эъломияи соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳуҷҷати хислати таъсисдиҳии ҳуқуқӣ-сиёсӣ аҳамияти махсус дорад. Он ҳамагӣ аз 19 модда иборат аст, аммо ҳолатҳои он дар бораи шакли идораи давлат – ҷумҳурии соҳибихтиёр, моҳияти демократӣ ва ҳуқуқбунёдии давлат, соҳибихтиёрии халқ, усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, волоияти Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, дахлнопазирии ҳудуди Тоҷикистон ба таҳкурсии ғоявӣ ва ҳуқуқӣ-сиёсии таъсисёбӣ ва ташаккули қонунгузории дар заминаи он ташкил ёфта, табдил ёфтанд.

Бо чуқур суръат гирифтани навгардонии қонунгузории шуравии сотсиалистӣ, мавқеи устувор пайдо кардани кушиши демократиконии сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии сотсиалистӣ, азнавсозии самтҳои асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба ихтилофи афкори роҳбарони шуравӣ оид ба моҳияти дигаргунсозиҳо, охири охирон, ба муаммоҳои сарбаста рӯ ба рӯ гардид. Кашолёбии иқдоми мазкур ва ихтилофи манфиатҳои иттифоқ ва ҷумҳуриҳо, хусусан, оштинопазир гаштани мавқеи роҳбарони сиёсии мамлакат боиси пошхӯрии давлати шуравии сотсиалистӣ ва соҳибихтиёрии воқеӣ пайдо кардани ҷумҳуриҳои иттифоқӣ гардид.

Дар як вақт бо идомаи кори таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Тоҷикистон, тавассути санадҳои аҳамияти конститутсионӣ дошта, ба матни Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶТ, ки амал мекард, тағйироту иловаҳо сершумор дохил карда мешуданд, ки моҳиятан ба давраи соҳибихтиёрии рушди давлат хос буданд. Инҳо қонунҳои нави интихоботи демократӣ, таъсиси мансаби Президент ҳамчун сарвари давлат, тағйирдиҳии номи давлат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ҳамин даст кашидан аз таҷрибаи дар номи давлат ифода кардани моҳияти он, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, бекор кардани нақши роҳбаронаи ҳизби комунистӣ, гузоштани заминаи ташаккули низоми бисёрҳизбӣ, эътироф кардани гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи бо давлатҳои хориҷӣ муқаррар кардани муносибатҳои дипломатӣ, консулӣ, таҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Ҳамаи ин ҳолатҳо ва арзишҳои калидӣ тавассути қонунҳои дахлдор дар матни Конститутсияи (Қонуни Асосии) соли 1978 ифода карда мешуданд. Аксари онҳо минбаъд дар Конститутсияи (Сарқонунӣ) ҶТ соли 1994 ҷой ёфтанд.

Таҳкурсии ташаккулёбии қонунгузории Тоҷикистон, асоси ҳуқуқии он - Конститутсияи ҶТ соли 1994 – аввалин дар ҷумҳурӣ конститутсияе, ки дар шакли умумӣ таҷрибаи танзими ҳуқуқии дар марҳилаи соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ ғун гардидаро инъикос намуда, роҳҳои мукаммал намудани қонунгузории давраи навро муайян кардааст. Муносибатҳои ҷамъиятии ба давраи нави рушди ҷумҳурӣ хос, дар заминаи Конститутсияи нав тавассути низоми қонунгузории дар асоси он ташкил ёфта, танзим карда шуданд.

Дар бунёди қонунгузории нави конститутсионии ҶТ ҳолатҳо, усулҳо ва меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсиониро муайянкунанда, аҳамияти махсус доранд. Дар онҳо асосҳо, шаклу моҳияти давлат, хусусиятҳои давлат-дории миллӣ, соҳибихтиёрии давлат ва соҳибихтиёрии халқ, шаклу усулҳои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, ҷойи вазъи инсон ва шаҳрванд дар низоми асосҳои сохтори конститутсионӣ муайян карда шудаанд. Бо мақсади танзими муфассали ин муносибатҳо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии сатҳи гуногун қабул ва амал мекунанд, ки дар маҷмӯъ мувофиқи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ, низоми қонунгузории Тоҷикистонро ташкил менамоянд.

Қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 ба фаъолияти такмилдиҳии қонунгузории конститутсионӣ хотима набахшид, баръакс, дар робита бо ҳолатҳо ва усулҳои нави конститутсионӣ, дар мувофиқа бо ташаккулёбии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, барпо кардани воситаҳои устувори ҳуқуқии идоракунии равандҳои ҷамъиятӣ, мустаҳкам кардани асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба кушиши мукаммалгардонии қонунгузорӣ тақвият бахшид. Меъёрҳои конститутсионӣ тибқи амали мустақими худ муносибатҳои

ҷамъиятиро бевосита танзим менамоянд. Дар ҳолатҳое, ки барои амалӣ намудани онҳо воситаҳои иловагии танзимнамоии ҳуқуқӣ зарур аст, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул карда мешаванд. Ва чунин раванд доимӣ буда, на фақат қабули қонунҳои нави мукаммал, балки мунтазам такмил додани қонунгузории ҷумҳуриро тақозо мекунад. Қувваи мустақиман танзимнамоии меъёрҳои конститутсионӣ дар муқаррарнамоии самти умумии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад, ки тибқи онҳо ҳамаи низоми ҳуқуқӣ ва танзимнамоии ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ барпо карда мешавад. Ин ҳолат хислати конститутсияро ҳамчун манбаи қонунгузории мамлакат боз ҳам устувор мегардонад. Ҳамзамон Конститутсияи ҶТ баробари ҳолатҳои умумӣ дорои меъёрҳои равшани мушаххас мебошад, ки мустақиман, бе ба тарзи илова равшанӣ андохтан дар санадҳои низоми қонунгузорӣ амалӣ мегарданд.

Баробари хислати аввалии меъёрҳои қонунгузорӣ бо мазмуни маҳдуд боз бо дигар хислат, айнан, меъёрҳои ба таркиби он дохилбуда, хислати умумидавлатӣ доштан фарқ мекунанд. Ин пеш аз ҳама ба қонунҳо, инчунин меъёрҳои ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати ҶТ қабул карда, дахл дорад. Парлумони ҷумҳурӣ ба таври касбӣ қонунҳои сершумор қабул менамояд. Аммо ин омил ба нақши Президент ва хусусан Ҳукумат фақат дар равшанӣ андохтан ва инкишофи ҳолатҳои санадҳои қонунгузорӣ маҳдуд намегардад. Дар он ҳолатҳое, ки Парлумон бо сабабҳои гуногун аз ҷумла мураккаб ва ҳануз муайян набудани ҳадди танзими ҳуқуқии муносибатҳои наве, ки тибқи роҳёбии комёбии воситаҳои илмию техникӣ ба таҷрибаи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, танзими аввалии онҳо тавассути санадҳои зерқонунии аз тарафи Президент ва Ҳукумат қабул карда, амалӣ карда мешаванд. Минбаъд бо мурури рушди ингуна муносибатҳо, метавонад танзими ҳуқуқии онҳо тавассути қонунҳо суръат гиранд.

Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ ягон соҳаро номбар кардан имкон надорад, ки бе асоси меъёрии ҳуқуқии дахлдор худ аз худ пайдо ва ривоҷ ёфта тавонад. Чунин асоси меъёрии ҳуқуқӣ пеш аз ҳама Конститутсия – манбаи эътимодноки сиёсии ҳуқуқӣ аст, ки самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузориро муайян мекунад. Дар робита бо ин Конститутсия сарчашмаи тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузории миллӣ мебошад.

Бо соҳибихтиёрии воқеӣ пайдо кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи соли 1994 ҳамаи соҳаҳои қонунгузории ҷумҳурӣ ба раванди навгардӣ ва мукаммалшавӣ дучор гардиданд. Дар мӯҳлати нисбатан кутоҳ асосҳои ҳуқуқии конститутсионии ҳамаи соҳаҳои қонунгузории ҷумҳурӣ тавассути санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ, хусусан, қонунҳои конститутсионӣ танзим ёфтанд. Дар заминаи онҳо ва ё бевосита қонунҳои сершумори ҷорӣ қабул гардида, заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятии нав гузошта шуданд. Бояд қайд кард, ки дар хусуси навгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз чанде барвақт то қабули Конститутсияи соли 1994 чораҷӯӣ карда шуд. Аз ҷумла, мӯҳлати таҳия ва қабули қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ муайян карда шуд.

Мувофиқи Қонун «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1994, № 974 муқаррар карда шуд, ки «Ҳамаи қонунҳо ва санадҳои мазкури ҳуқуқӣ бояд бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду соли мавриди амал қарор гирифтани он қабул карда шаванд.

Қонунҳое, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон конститутсионӣ номида шудаанд, бояд то як соли баъди мавриди амал қарор гирифтани он қабул карда шаванд» [5, 16-19]. Дар мӯҳлатҳои муайяншуда кори навгардонии қонунгузории ҷумҳурӣ тарзе суръат гирифт, ки асосан ҳамаи соҳаҳои қонунгузорӣ дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав танзим карда шуданд. Дар давраҳои муттадили рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ чунин кори бузургро дар як сол ё ду сол ба анҷом расонидан ғайриимкон аст. Аммо дар давраҳои гузариш аз як низоми иҷтимоӣ-

сиёсӣ ва низоми ҳуқуқӣ ба дигар, ҷидду ҷаҳд ва ташаббуси субъектони ҳуқуқ афзоиш меёбад ва навгардонии низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар мӯҳлатҳои кутоҳтарин ба анҷом мерасад. Яъне барпо кардани заминаи сиёсӣ-ҳуқуқии сохтори нави давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳадафи бунёдӣ табдил меёбад ва ба иҷро расонида мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки Қонуни ҶТ дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994 дар кори қаблан муайян кардани асосҳои фаъолияти қонунгузорӣ ва тартиби қабули Конститутсияи нави ҷумҳурӣ манбаи эътимоднок гардид. Дар он ҳануз чор моҳ пештар аз қабули Конститутсияи нав мазмун ва таъиноти асосҳои ислоҳоти конститутсионӣ муайян карда шуда, ба ташаккулёбии қонунгузории нав замина гузошта шуд. Он як навъ санади барномавӣ сиёсӣ-ҳуқуқие гардид, ки мазмун, шакл ва самтҳои асосии ислоҳоти минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кард.

Дар Дебочаи муфассали Қонун дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳои дар пеш истодаи барпо кардани низоми қонунгузории ҷумҳурӣ муайян карда шуданд. Қайд ёфт, ки «Ҳоло барои кушодани роҳ ба сӯи сохтмони давлатӣ демократӣ, ҳуқуқӣ, дунявӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон, таъмини пурратари кафолатҳо ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва обрую эътибори он, тамоми имкониятҳо мавҷуданд». Шӯрои Олӣ бо мақсади собитқадамона амалӣ намудани ислоҳоти конститутсионӣ, таъмини идома ва фаъолияти самарабахши ҳамаи шохаҳо ва савияҳои ҳокимият ва идораи давлатӣ дар рафти навсозии дар пешистода, фароҳам овардани шароит барои сари вақт амал кардани меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияро дар бораи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури амал қарор дода, мувофиқи моддаҳои 1, 2, 5, 99 ва 103-юми Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорро дар ин хусус иборат аз 15 модда қабул кард. Дар онҳо масъалаи ба раъйпурсӣ гузоштани лоиҳаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси мансаби президентӣ дар ҷумҳурӣ ва ҳамзамон ба раъйпурсӣ гузоштани лоиҳаи Конститутсияи нав гузаронидани интихоботи президентӣ ва таъини рӯзи баргузории онҳо, ташкили Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ танзим ёфтанд. Муқаррар карда шуд, ки то мавриди амал қарор гирифтани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи мақомоти давлатии ҷумҳурӣ ваколатҳои худро мувофиқи Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи расман нашр шудани он мавриди амал қарор мегирад. Аз худи ҳамон рӯз амали Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1978, бо ҳамаи тағйирот ва иловаҳо қатъ мегардад.

Чи тавре, ки дида мешавад қонуни мазкур аҳамияти конститутсионӣ пайдо карда, чандин ҳолат ва меъёрҳои он минбаъд ба лоиҳаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дохил гардиданд ва дар раъйпурсӣ маъқул дониста шуданд.

Бо қабул гаштани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 сарчашмаи асосии рушди қонунгузории ҷумҳурӣ, низоми қонунгузорӣ таҳкурсии устувор пайдо кард ва минбаъд ҳамаи кушишҳои қабули қонунҳо ва такмили онҳо дар заминаи Конститутсия суръат гирифтанд.

Ҳамчунин дар қонуни мазкур тартиби нигоҳ доштани қувваи ҳуқуқии санадҳои амалкунанда ва дар ҳадде, ки ба Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтилоф надоранд, амали худро идома додани онҳо, то ташкил ё интихоботи мақомоти нав идома додани фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, тартиби таъсиси Кумитаи назорати конститутсионӣ танзим карда шудааст. Ғайр аз ин, судҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуданд. Ва ҳолати ҷолиби диққати Қонуни мазкур меъёри он дар хусуси «дорои эътибори қонуни конститутсионӣ

доштан ва аз рӯзи қабул шудан мавриди амал қарор гирифтани» он мебошад. Аввалин бор дар таҷрибаи қонунэъҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни ҷорӣ пеш аз дар Конститутсияи ҷумҳурӣ муқаррар гардидан сатҳи қонуни конститутсионӣ доштани худро эълон намуд.

Низоми қонунгузорӣ ба соҳаи муайяни ҳуқуқ дар ҳамбастӣ ва робитаи зич амал мекунад. Мазмуни асосии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар алоқа ба соҳаи муайяни ҳуқуқи миллӣ ташаккул ва ривоҷ меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузорӣ шакли асосии ифодаи берунаи ҳуқуқ мебошад. Масъалаи аз кадом қисмат иборат будани мафҳуми қонунгузорӣ, аз кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил ёфтани он дар сатҳи конститутсионӣ равшан карда нашудааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз ибораҳои «қонун», «қонуни конститутсионӣ», ҳамчунин ибораи васеи «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода шудааст, аммо ба мазмун ва таркиби он ишора карда нашудааст. Ин вазифаро «Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қисман ба иҷро расонидаанд.

Қонуни мазкур дар моддаи 2 мафҳуми «санади меъёрию ҳуқуқӣ», дар моддаи 7 мафҳуми «қонун»-ро муайян кардааст. Дар моддаи 19 ибораи «қабули санади дахлдори қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ» ба тафовути мафҳуми «санади қонунгузорӣ» ва «санади меъёрию ҳуқуқӣ» ишора кардааст. Қисми дуюми моддаи 48 муқаррар кардааст, ки «Маънои зерқонунии санади меъёрию ҳуқуқӣ дар ҷараёни тафсир пурра мувофиқи қонун фаҳмонида ва саҳеҳ гардонида мешавад». Ба ҳамин тариқ, ин қонун ба фарқияти мафҳумҳои «санади зерқонунӣ» ва «санадҳои қонунгузорӣ» ишора карда истодааст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қонуни мазкур мафҳуми «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» асоснок тафсир дода шавад.

Низоми ҳуқуқии доимо тағйирёбанда, рушд ва такмили он табиатан ба тартиб даровардани санадҳои меъёрии амалкардаистода, калонкунии онҳоро тақозо карда, ба низоми муайяни илман асоснок кардашуда, ба нашри ҳар гуна маҷмӯи қонунгузорӣ эҳтиёҷ дорад [6, 56-64]. Баробари ин дар давраҳои мухталифи рушди ҳаёти давлат эҳтиёҷ ба мураттабсозии қонунгузорӣ гуногун шуда метавонад. Вақто ки дар муддати солҳо ҳаҷми калони маводи ҳуқуқӣ ҷамъ мешавад ва шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунанд, ки дар давраҳои гуногуни ҳаёти давлат қабул шудаанд ва ҳамдигарро панаҳ карда дар ҳаҷми маҳдуд ё ки куҳнашуда, амалан қувваи худро аз даст додаанд, мураттабсозии қонунгузорӣ махсусан зарур аст.

Дар шароити моҳиятан ва сифатан азнавсозии низоми ҳуқуқӣ, вақте ки пайвандҳои ҳуқуқӣ бутун аз кор монда, меъёрҳои муносибатҳои муайянро танзимкунанда ба кор намеоянд, ислоҳоти конститутсионӣ зарур мегардад. Ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ноил гаштан ба соҳибихтиёрии давлатӣ ин марҳиларо аз сар гузаронид. Аммо ҷӣ дар он марҳила ва ҷӣ баъдан, дар давраи муосир кори мураттабсозӣ ва такмили қонунгузории конститутсионии ҷумҳурӣ босуръат идома дорад.

Дар солҳои нахустини соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ тавре бо суръат оғоз ва ривоҷ ёфт, ки шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ беист меафзуданд. Ин ҳолат аҳамияти ба низом даровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, калонкунии онҳоро боз ҳам зиёд мекард. Бо мақсади сари вақт ба маҷрои муайян даровардани мураттабсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби интишори қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2000, № 138 «Дар бораи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ҳукумати ҶТ бо қарори аз 20 марти соли 2000, № 127 дар сохтори Дастгоҳи марказии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи таҳияи Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил карда шуд. Бо Фармони мазкури Президент барои омодасозӣ ва нашри Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати Комиссияи махсус ва Низомнома «Дар бораи Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд.

Дар ҷилди 1 Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мазмун ва таркиби мафҳуми қонунгузорӣ маълумот пайдо кардан мумкин аст. Дар моддаи 2 Низомнома дар бораи Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2001, № 73 тасдиқ карда шудааст, санадҳои зерини меъёрии ҳуқуқие дохил карда шудаанд, ки низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз онҳо иборат аст: 1. Конститутсия; 2. Қонуни конститутсионӣ; 3. Кодексҳо ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қонунҳои ҷорӣ); 4. Қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ; 5. Қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ; 6. Қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ; 7. Фармонҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти барои ҳама ҳатмӣ доранд, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тибқи низоми мазкур дар фасли 1 – Асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 9 боб иборат аст, соҳаҳои зерин ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба он дахлдор нишон дода шудаанд:

1. Санадҳое, ки сохтори давлатӣ ва сохтори маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар ва танзим менамоянд;

2. Санадҳое, ки сохтори ҷамъиятӣ ва вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд;

3. Санадҳое, ки падидаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқу озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро танзим менамоянд;

4. Санадҳое, ки низоми интихобот ва ҳуқуқи интихоботро танзим менамоянд;

5. Санадҳое, ки усулҳои ташкил, низом ва фаъолияти мақомоти давлатиро муқаррар ва танзим менамоянд;

6. Санадҳое, ки вазъии ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ – парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамоянд;

7. Санадҳое, ки вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян ва танзим менамоянд;

8. Санадҳое, ки вазъи ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи (идоракунии) марказии ҷумҳуриро муайян ва танзим менамоянд;

9. Санадҳое, ки вазъи ҳуқуқии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамоянд;

10. Санадҳои ҳуқуқие, ки низом ва вазъи судҳои умумӣ ва ҳарбиро муайян ва танзим менамоянд;

11. Санадҳое, ки вазъи ҳуқуқии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамоянд;

12. Санадҳое, ки вазъи ҳуқуқии мақомоти махаллии ҳокимияти давлатиро танзим менамоянд;

13. Санадҳое, ки низоми худидоракунии маҳаллӣ ва мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳотро танзим менамоянд.

Дар нашри аввали ҷилди 1-уми Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002 матни ҳамагӣ 133 санадҳо; Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чоп шуда буданд. Аз он вақт то ҳол раванди навгардонӣ ва такмили қонунҳои соҳаи ҳуқуқи конститутсионии ҷумҳурӣ беист идома дорад.

Аз номгӯи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар Маҷмӯи мазкур нашр шуда, дида мешавад, ки низоми қонунгузории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конститутсия, қонунҳо, қарорҳо, дастурҳо, низомномаҳо иборат аст. Дастурҳо баъди бо қарори палатаҳои дахлдори Маҷлиси Олӣ тасдиқ гардидан, Низомномаҳо бошанд пас аз тасдиқи онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал медароянд. Ба назари ман, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хислати иҷроиявӣ дошта, сарфи назар аз субъекти ҳуқуқэъҷодкунӣ, аз мафҳуми низоми қонунгузорӣ берун буда, ба мафҳуми «санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ» алоқаманданд. Дар Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой додани фақат Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ, фармонҳои хислати меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои таъмини назорати конститутсионии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади мураттабсозии санадҳои қонунгузории ҷумҳурӣ кифоя аст.

Дар адабиёти ҳуқуқии давраи шуравӣ ва давраи муосир ихтилофи назар оид ба мазмуни мафҳуми санадҳои «қонунгузорӣ» вуҷуд дорад. Як гурӯҳ олимон онро бо мазмуни хоси он ҳамчун маҷмӯи фақат қонунҳо, яъне санадҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ – Маҷлиси Олӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда, мешуморанд. Ба ҳамин навъ инчунин қонунҳое низ дахл доранд, ки бо тарзи раъйпурсии умумихалқӣ қабул мегарданд. Мафҳуми қонунгузорӣ бо мазмуни васеъ маҷмӯи на фақат қонунҳо, балки низоми ҳамаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун шакли зоҳирии меъёрҳои дар амал будаест, ки онҳоро аз Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сар карда, то ҳокимияти маҳаллӣ, раисони воҳидҳои маъмурии ҳудудӣ ва сохторҳои таркибии онҳо қабул кардаанд.

Аммо чунин шарҳи мафҳуми қонунгузорӣ воқеан хилофи талаботи мартаботии санадҳои зерқонунӣ, кушиши якранг гардонидани онҳо мебошад, ки ба моҳияти мафҳуми қонунгузорӣ мувофиқ нест. Дар асл бошад, мафҳуми қонунгузорӣ санадҳои сатҳи баланди ҳуқуқӣ, ки аз тарафи Парлумон ва дигар мақомоти олии ваколатдор қабул шудааст робита дорад. Маҳз бо ҳамин мазмун мафҳуми қонунгузорӣ дар луғатҳои тафсирии бузург шарҳ дода шудааст [1, 212-213]. Дар давраи ҷамъияти шӯравӣ ҳам ибораи қонун-гузорӣ дар баъзе сарчашмаҳо ҳамчун шакли берунаи ифодаи ҳуқуқи воқеӣ шарҳ дода шуда, бо мазмуни махдуд ҳамчун низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дониста мешуд. Яъне қонунгузорӣ гуфта санадҳои қонунгузорӣ ва қарорҳои меърии ҳуқуқии

Ҳукумат қабул карда, фаҳмида мешуд [12, 130-131].

Таҳиякунандагони Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми қонунгузориро бо мазмуни васеъ ва маҳдуд чунин фаҳмондаанд. Қонунгузорӣ бо мазмуни васеъ ин низоми тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бо мазмуни маҳдуд (танг) ҳамчун низоми Конститутсия ва қонунҳо, аз ҷумла кодексҳо мебошад [3, 8].

Низоми ҳуқуқии давлат якранг намебошад. Он аз ба ном меъёрҳои аввалӣ (ибтидоӣ, нахустин) иборат буда, интиҳои умумии танзими ҳуқуқӣ, асоси он, усулҳое, ки ба сифати ченаки меъёрии аввалӣ дар танзими муносибатҳои муайян қабул шудааст ва меъёрҳое, ки ба меъёрҳои аввалӣ равшанӣ мендозанд ва ривоҷ медиҳанд ва дар асоси онҳо бароварда мешаванд, муқаррар менамоянд. Меъёрҳои аввалии самтҳо ва масъалаҳои усулии муносибатҳои ҷамъиятиро танзимкунанда, пеш аз ҳама дар қонунҳо – санадҳои мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ё ифодаи бевоситаи иродаи халқ дар шакли раъйпурсӣ, инчунин санадҳои Президент – сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия, санадҳои Суди конститутсионӣ, ки дар доираи салоҳияти онҳо қабул шудааст, ифода меёбанд.

Дар давраи муосири рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои равшани андохтан ба мафҳуми «қонунгузорӣ», чи тавре, ки дар боло қайд ёфт, ду ҳуҷҷати номбаршуда «Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро ба назар гирифтан зарур аст. Дар онҳо кушиш карда шудааст, ки ба мафҳуми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ибораи «қонун» равшанӣ андохта шавад. Аммо таърифи мафҳуми «қонунгузорӣ» дар онҳо ҷой надорад.

Низоми қонунгузории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, сохтори давлатӣ ва сохтори маъмурии ҳудудии ҷумҳурӣ танзим, санадҳои конститутсионӣ оид ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эъломия ва Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатиро дарбар мегирад. Чи тавре, ки маълум аст, Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз дар давраи дар ҳайати ИҶШС қарор доштани Тоҷикистон, даври якум 24 августи соли 1990 ва даври дуюм 9 сентябри соли 1991 қабул ва такмил дода шуд. Дар матни даври якуми Эъломия воқеияти муосири дар ҳайати ИҶШС қарор доштан ва дар ҳамин замина

устувор гаштани мустақилии Тоҷикистон инъикос гардонида шуда буд. Аммо дар як соли амали Эъломияи мазкур дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсию ҳуқуқии мамлакат тағйиротҳое ба вуқӯъ пайвастанд, ки такмили минбаъдаи онро ногузир гардониданд. Мувофиқи Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри соли 1991 он бо чандин ҳолатҳои нав пурра карда шуд, ки онҳо комилан ба соҳибихтиёрии давлатӣ ноил гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос намуданд. Дар матни нави моддаи якуми Эъломия қайд ёфт, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақили демократии ҳуқуқбунёд мебошад». Иқдоми мустақилии Тоҷикистонро дар сатҳи баланди сиёсӣ-ҳуқуқӣ эълон кардан, шаҳодати бебозгашт ба сохтори давлатдории нав қадамгузории ҷумҳуриро ифода мекард. Азбаски иқдоми таҳия ва қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон акнун суръат мегирифт, бинобар ин, ҳолатҳои асосии Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи тағйироту иловаҳо дохил кардан ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 1978) хислати конститутсионӣ пайдо мекард.

Фаъолияти такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дар ин давра бо қабули Қонуни дар боло қайдёфта «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1994 робита дорад. Дар қонуни мазкур аҳамияти чорабиниҳои мустаҳкам кардани заминаҳои сохтори конститутсионии ҷумҳурӣ, роҳҳои гузаштан ба низоми давлатдории нав муайян карда шуданд. Хусусан, тартиби қабули Конститутсия, тартиби ба амал даромадани он, тартиби интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибат ба низоми қонунгузории қаблӣ, тартиби ташаккули қонунгузории Тоҷикистон ва тартиби ба фаъолият шурӯъ кардани Маҷлиси Олӣ танзим карда шуданд. Ҳолатҳои мазкур дар Конститутсияи (Сарқонуни) давраи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой ёфта, дар ҳалли масъалаҳои мубрами асосҳои сохтори конститутсионӣ таъсири муайянкунанда доштанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкурсии ҳуқуқ ва қонунгузории конститутсионии ҷумҳуриро муқаррар ва танзим намуда, асоси қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат гардид. Дар мӯҳлати панҷ соли амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ муайян гардида, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул карда шуданд. Баробари ба вуҷудоии низоми нави ҳуқуқ ва қонунгузории ҷумҳурӣ, вусъат ёфтани таҷрибаи сохтмони давлатӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, зарурияти такмили Конститутсия, тағйироту иловаҳо дохил кардан ба он пайдо гардид.

Ба раванди рушди қонунгузории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъияти муташаниҷи ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат дар солҳои нав соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ таъсири бевосита дошт. Дар шароити идомаи муқобилистии шадиди нерӯҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва то ҳадди ҷанги шаҳрвандӣ расидани он ба шакл, мазмун ва сифати қонунҳо таъсири калон доштанд. Онҳо баробари танзими муқаррарии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ҳамчунин ҳадафи ба эътидол овардани вазъияти ҷумҳурӣ, пешгирии тезутундшавии он ва риояи манфиати гурӯҳҳои мухталафи иҷтимоӣ-сиёсӣ доштанд. Ин омилҳо ғайриихтиёр боиси ҷой ёфтани нуқсонҳо дар раванди қонунгузорӣ мегардиданд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии сохтори давлатӣ ва сохтори маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзимкунанда асосан бо боби якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон робита доранд. Дар онҳо асосҳои сохтори конститутсионӣ муқаррар ва танзим ёфта, дар қонунҳои конститутсионӣ ривоҷ дода шудаанд.

Такмили қонунгузории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мукаммалгардонии худи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 оғоз ёфта, то ҳол ба он се маротиба тағйиру иловаҳо дохил карда шудаанд. Дар ислоҳоти конститутсионии соли 1999 фасли асосҳои сохтори конститутсионӣ бетағйир монд. Шаклу

моҳияти давлат ва асосҳои дигаре, ки дар боби якум танзим шудаанд, ҷавобгӯи марҳилаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон диниста шуданд. Дар натиҷаи раъйпурсии мазкур ба 29 моддаҳои Конститутсия тағйироту иловаҳо дохил карда шуданд, ки бештар ба бобҳои сеюм ва чорум – Маҷлиси Олӣ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доштанд. Дар боби дуюм моддаи 28 ба масъалаи таркиби бисёрҳизбии ҷомеа равшанӣ андохта шуда, ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсии чанде пеш манъшуда, ҳизбҳои хосияти демократӣ, динӣ ва атеистӣ, иҷозат дода шуд.

Дар боби сеюм таркиби дупалатагии Маҷлиси Олӣ, тартиби интихоб, салоҳият, шаклҳои фаъолият ва раванди қонунгузорӣ ба тарзи нав муқаррар карда шуд. Маҷлиси Олӣ – парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ эълон гардид. Ба ҳамин муносибат шартҳо, тартиби нави интихоботи палатаҳои Маҷлиси Олӣ, меъёри намояндагӣ, салоҳияти Маҷлиси Олӣ ва палатаҳои он, усулҳои фаъолияти вакилон, шаклҳои ташкилии фаъолияти палатаҳо, таркиби палатаҳо ва тартиби ташкил ва фаъолияти онҳо, қоидаҳои раванди қонунгузорӣ танзим карда шуданд.

Дар боби чорум вазъи конститутсионии Президенти ҶТ аз нав танзим гардида, муҳлати ваколати он то 7 сол дароз ва кафолати дахлнопазирии ӯ устувор гардонида шуд. Бо тағйирёбии тартиби интихоботи Маҷлиси Олӣ, тартиби раванди қонунгузорӣ, равшанӣ андохтан ба доираи салоҳияти Маҷлиси Олӣ ва палатаҳои он асосҳои робитаи байни Маҷлиси Олӣ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфтанд. Нақши Президент дар ҳалли масъалаҳои сохтмони давлатӣ ва идоракунии мамлакат боз ҳам баланд гардид.

Бо ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар раъйпурсии соли 1999 нақши бунёдкорӣ, хислати созишӣ ва нерӯи ваҳдатбори Конститутсия тақвият ёфта, дар таъмини рушди ҷомеа ва давлат марҳилаи нав оғоз гардид. Аслан, тағйироту иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1999 хислати ислоҳоти конститутсионӣ дошта, чанде ҳолатҳои калидии он барои дурнамои рушди мамлакат заминаи устувор гардиданд.

Такмили минбаъдаи қонунгузории конститутсионии ҷумҳурӣ бо ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ аз 22 июни соли 2003 алоқаманд аст. Иқдоми мазкур, бо мақсади такмили минбаъдаи низоми сиёсӣ ва давлатии кишвар, амиқ гардонидани унсурҳои демократӣ дар ҷомеа, такмили тартиби таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, фароҳам овардани асосҳои конститутсионии инкишофи минбаъдаи иқтисоди озод ва соҳибкорӣ, таъмини субботу оромии баргаштнопазири мамлакат амалӣ карда шуд.

Дар раъйпурсии мазкур ба 54 моддаҳои Конститутсия тағйироту иловаҳои бештар таҳририӣ дохил карда шуданд, ки асосан ҳадафи ивази ном, ибораҳо ва таҳрири забонӣ доштанд. Ҳолати наве, ки дар таркиби Конститутсия пайдо гардид, дар хотимаи матни Конститутсия илова шудани «Муқаррароти интиқолӣ» мебошад [2, 1-9].

Дар боби Асосҳои сохтори конститутсионӣ ба моддаи 5 сарсатри нав бо мазмуни «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд» илова карда шуд. Дар моддаи 6 сарсатри нав «Ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст» пайдо гардид. Ба моддаи 8 сарсатри «Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад» илова карда шуд. Дар боби сеюм оид ба шартҳои интихобшавӣ ба палатаҳои Маҷлиси Олӣ, оид ба номгӯи ваколатҳои палатаҳои Маҷлиси Олӣ баъзе тағйиротҳо пешбинӣ шуданд. Дар боби чорум тағйироти моддаи 65 ба мӯҳлати ваколати ваколати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дошта, муқаррар карда шуд, ки як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду мӯҳлат интихоб шуда наметавонад ва «Интихоби пай дар пайи Президент барои ду мӯҳлат, ки дар қисми чоруми моддаи 65 пешбинӣ шудааст, баъд аз ба охир расидани ваколати Президенти амалкунанда оғоз меёбад».

Дар раъйпурсии соли 2003 дар охири матни Конститутсия илова шудани қисми «Муқаррароти интиқолӣ» дар таҷрибаи рушди қонунгузории консти-тутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон руйдоди нав ва барои равшанӣ андохтан ба баъзе меъёр ва ҳолатҳои Конститутсия воситаи муфид мебошад.

Такмили сеюми Конститутсияи ҶТ соли 1994 дар раъйпурсии 22 майи соли 2016 сурат гирифт. Дар он аз номи ин ҳуҷҷати олии сиёсӣ-ҳуқуқӣ ибораи тоҷикии «Сарқонун», ки зиёда аз бист сол инҷониб (дар дохили қавс) мавҷуд буд, бекор карда шуд. Дар раъйпурсии соли 2016 ҳамагӣ 38 тағйироту иловаҳо ба Конститутсия ворид карда шуд. Аксари онҳо ба монанди тағйиру иловаҳои соли 2003 хислати таҳририӣ доштанд. Ҳамзамон ба моддаи якуми Конститутсия қисми дуюм илова гардид, ки мувофиқи он «Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон – президентӣ мебошад». Иловаи мазкур хислати расмияти дошта, воқеан, шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабули Конститутсияи соли 1994 инҷониб президентӣ буд. Ба моддаи 8 қисми шашум илова гардид, ки мувофиқӣ он «Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хислати миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст». Ҳадафи иловаҳои мазкур таъмини амнияти сиёсӣ ва бехатарии мамлакат аз таъсири ғояҳои бегона мебошад.

Дар раъйпурсии соли 2016 ба моддаи 15 оид ба масъалаи ҳуқуқи пайдо кардани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ андохта шуда, муқаррар карда шуд, ки «Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байнал-милалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад». Иловаи мазкур нуқси дар ҳамин модда ҷой дошта, дар хусуси маҳдуд кардани асоси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайдо кардани шахсро фақат тибқи «… дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад» бартараф кард. Акнун на фақат дар ин асос, ҳамчунин дар асоси «… қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон» шахс ба шаҳрвандии Тоҷикистон соҳиб шуда метавонад.

Дар раъйпурсии мазкур ба моддаи 65 тағйиротҳо ворид карда шуданд ва қисми панҷум дар таҳрири зайл «Маҳдудияти дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат татбиқ намегардад». Яъне барои дар интихоботи президентӣ пешбарӣ шудани Президенти амалкунанда ҳеҷ гуна маҳдудияти конститутсионӣ вуҷуд надорад. Моҳиятан тағйироту иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ба инъикоси вазъи воқеии сиёсӣ-ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беохир гардонидани ваколати он дар мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Аҳамияти тағйироту илова ба моддаи 65 фақат ба мӯҳлати ваколати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд намегардад. Дар асл тавассути ин иқдом таъсисёбии падидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, ки дар таърихи рушди қонунгузорӣ ва конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми аввалин аст ва расмияти сиёсӣ-ҳуқуқӣ пайдо кардани он дар сатҳи олии ҳуқуқӣ анҷом дода шуд.

Бояд қайд кард, ки дар Шарҳи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 субъектони ташаббуси мазкур панҷ асоси зерини зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро номбар кардаанд:

**Якум.** Рушди устувору пайдарпайи ҷомеа, хусусан ҷомеае, ки дар марҳилаи рушд қарор дорад, талаб мекунад, ки меъёрҳои Конститутсия пайваста такмил дода шаванд. Такмили меъёрҳои Конститутсия дар навбати худ тақозо мекунад, ки қонунгузории амалкунанда низ такмил ёбад.

**Дуюм.** Ҳадафи асосии тағйиру иловаҳо дохил кардан ба Конститутсия мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояю ҳифзи онҳо.

**Сеюм.** Ҳадафи дигар таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ, фаъолияту ҳамкориҳои байниҳамдигарии онҳо.

**Чорум.** Бо назардошти рушди забони давлатӣ, баинобатгирии қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2011 № 458 тасдиқ шудааст, зарурат пеш омадааст, ки матни Конститутсия, истилоҳҳо ва ибораву калимаҳои он мукаммал гардонида шуда, вожаву таркибот тибқи қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ дақиқ ва суфтаву равон карда шаванд.

**Панҷум.** Зарурати дигари тағйиру иловаҳои мазкур «... ин ба ҳам мутобиқ намудани меъёрҳои Қонуни асосӣ ба истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад».

Дар робита бо ин асосҳо бояд қайд кард, ки агар аз нуктаи назари таъмини устуворӣ ва риояи қонуни олии давлат будани Конститутсия, мураккаб ва гаронии ҳар як маъракаи раъйпурсии умумихалқӣ оид ба тағйироту иловаҳои дар солҳои 2003 ва 2016 ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, назар карда шавад, як чиз равшан мешавад, ки тартиби ягона, тавассути танҳо бо як роҳи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо дохил кардан ба Конститутсия, омили мукаммал нест. Фақат як мисол барои дарки моҳияти масъала басанда аст. Магар барои дар матни Конститутсия риоя кардани қоидаҳои имлои забон, истилоҳҳо ва ибораву калимаҳо, дақиқ ва суфтаву равон ифода кардани онҳо роҳи ягона гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ аст. Бо роҳи парлумонӣ дарёб кардани ҳалли ин масъала оё ба манфиати кор ва таъмини эҳтироми Конститутсия, эътирофи нақши воқеии Парлумон ҳамчун мақомоти қонунгузорӣ намебошад? Бисёр мамлакатҳо чунин тарҳи ислоҳоти конститутсиониро пешбинӣ кардаанд.

Дар давраи гузариш раванди серҳаракати рушди қонунгузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ, пеш аз ҳама азнавсозии конститутсионӣ ва мукаммал гардонидани татбиқи ҳуқуқ амалӣ карда мешуданд. Дар ҳамин марҳила ва минбаъд мароқ ба мафҳум ва моҳияти қонунгузорӣ тақвият ёфт. Олимони рус ва аз пайи онҳо олимони ватанӣ қонунгузориро бо мазмуни васеъ ва маҳдуд шарҳ медоданд. Ва чунин мешуморанд, ки васе шарҳ додани қонунгузорӣ нақши қонунро беқурб гардонида, қонун ва санадҳои зерқонуниро ба як қатор мегузорад. Шарҳи васеи қонунгузорӣ ин кушиши паст задани қонун, иваз кардани он бо қарорҳои идоракунӣ мебошад [9, 243; 17-19]

Зери мафҳуми қонунгузорӣ бо мазмуни маҳдуд (танг) фақат қонунҳо, бо мазмуни васеъ – қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, фаҳмида мешавад. Аммо дар ҳадди қонунгузорӣ низ мафҳуми ягонаи қонун-гузорӣ равшану возеҳ риоя карда нашудааст. Ҳоло, ки таҳлили қонунгузории моделии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокдори ИДМ барои равшан кардани мафҳуми қонунгузорӣ ва самтҳои рушди он маводи эътимод-бахш мебошад [8, 177-182].

Дар муайянсозии даврахои рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти аз тарафи Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои иштирокдори ИДМ қабули қонунҳои моделии тавсиявӣ, раванди барпоёбӣ ва рушди қонун-гузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро олимон ба марҳилаҳои зерин ҷудо мекунанд: 1) солҳои 1991-1994; 2) солҳои 1995-1999; 3) аз соли 2000 то давраи ҳозира [11, 279].

Ба назари мо тибқи омилҳои муайян рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар қолаби мазкур ҷой гирад. Аммо аз мавқеи рушди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва равобити он бо қонунгузории конститутсионӣ даврабандии қонунгузориро тибқи тағйиру иловаҳои ба он дохил карда шуда дар солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба таври зерин шарҳ додан ба мақсад мувофиқ аст. 1) солхои 1991-1994; 2) солҳои 1995-1999; 3) солҳои 2000-2003; 4) солҳои 2004-2015; 5) соли 2016 то давраи муосир. Бартарии чунин даврабандии рушди қонунгузории конститутсионӣ дар он ифода мeёбад, ки пас аз гузаронидани раъйпурсии солҳои 2003 ва 2016 ва ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститут-

сия иқдоми навгардонии қонунҳои ҷумҳурӣ хеле фаъол гаштанд. Қонунҳо мувофиқи таҳрири нави Конститутсия ба тағйиру иловаҳо дучор гардиданд. Ин омил бо ягонагии низоми қонунгузорӣ робита дошта, моҳиятан бо якдигар дар пайвандӣ амал кардани қонунҳоро ифода мекунад.

Дар ҳар як давраи номбаршуда, баробари қабули қонунҳое, ки муносибатҳои нави ҷамъиятиро танзим менамоянд, ба қонунҳои сершумори амалкунанда тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд. Албатта, раванди навгардонии қонунҳо фақат амали техникии афзоиши шумораи онҳо набуда, ҷараёни қонунгузорӣ фаъолияти мақсаднокӣ ба талаботи гардиши давр мувофиқ гардонидани низоми қонунгузорӣ аст ва онҳоро бе танзими дақиқи ҳуқуқӣ ва тартиби ягонаи ҳуқуқӣ ҳал намудан имконнопазир аст. Ба вуҷудоии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ танзими ихтисосии ҳуқуқиро тақозо мекунанд. Такмили қонунгузории конститутсионӣ дар самтҳои гуногун амалӣ мегардад. Бо мурури рушди минбаъдаи ҷомеа вазифаҳои дар пешистода ҳарчи махсусият пайдо мекунанд ва мураккаб мегарданд ва онҳоро бе танзими дақиқи ҳуқуқӣ, бе итоати онҳо ба тартиби ягонаи ҳуқуқӣ ҳал намудан имконнопазир аст.

Рушди минбаъдаи қонунгузории конститутсионӣ инчунин ба омили пурзӯр кардани мубориза бар зидди ҳаргуна ҳодисаҳои ҳуқуқвайронкунӣ, пешгирии кирдорҳое, ки барои бехатарии ҷомеа ва амнияти давлат хатарнок ба монанди бархурдҳои геополитикӣ, ҷиноятҳои муташаккилонаи нашъамандӣ ва муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир, қочоқи силоҳ, терроризм, экстремизм, радикализм, ифротгароӣ, коррупсия, ҷиноятқорӣ тавассути компутерҳо, ҷиноятҳои муташакилонаи трансмиллӣ, хатарҳои амнияти иттилоотӣ, кибертерроризм, амалиёти хакерӣ ва ғайра вобаста аст.

Қонунгузории муосир бояд тибқи барнома ва консепсияҳои дарозмӯҳлати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ривоҷ ёфта, ба боз ҳам устувор шудан ва пешравии ҷумҳурӣ мусоидат намояд. Дар заминаи мавқеи мазкур дар Тоҷикистон чандин бор барнома ва консепсияҳои рушди қонунгузорӣ ва соҳаҳои ҷудогонаи он қабул карда шуданд, ки дар онҳо роҳҳои боз мукаммал ва такмил додани мазмун ва таъиноти қонунҳо муайян карда шудаанд.

Бо дарки амиқи зарурияти мукаммалгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011 тасдиқ карда шуда буд. Ҳадафи асосии он бартараф кардани нуқсонҳои ҳуқуқ-эъҷодкунӣ дар солҳои соҳибихтиёрӣ, ки ба майлонҳои ихтилофи байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, камаҳмиятӣ ба асоснокии қонунҳо, воситаҳои сусти татбиқи онҳо, рушди бетаносуби ҳуқуқэъҷодкунӣ рӯ ба рӯ гашта буд, иборат гардид.

Самтҳои афзалиятноки Консепсияи мазкур аз инҳо иборат дониста шуданд:

- баланд бардоштани сатҳ ва сифати қонунҳо ва самаранокии татбиқи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёрии давлат, манфиатҳои миллӣ ва бехатарӣ дахл доранд; таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ; такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ тибқӣ рушди ҷомеа, баланд шудани донишҳои касбӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ;

- боз ҳам ривоҷ ёфтани падидаҳои демократӣ, аз ҷумла гуногунақоидии сиёсӣ ва мафкуравӣ, озодии сухан ва ифодаи афкор ва такмили самтҳои дигари

ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ;

- пурзур кардани мубориза бо ҷиноятқорӣ, аз ҷумла бо терроризм, экстремизм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъамандӣ; савдои одамон ва ҷиноятҳои трансмиллӣ;

- бартараф кардани ихтилофи санадҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳамоҳангӣ ва ягонагии фазои қонунгузорӣ дар Тоҷикистон;

- мукаммал гардонидани қонунгузории муосир, таҳия ва қабули қонунҳои нав тибқи талаботи ҷомеа, раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, рушди ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ.

Тибқи ин омилҳо дар Консепсияи мазкур роҳҳои бартарафсозии нуқсонҳои ишора гардида ва таъмини рушди минбаъдаи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд [7, 102-109].

Қайд кардан лозим аст, ки ҳолатҳои дар Консепсияи соли 2011 ҷой дошта, парлумон ва ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барои боз пайгирона амалӣ кардани сиёсати давлатии такмил ва татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар намуд ва талаботи он ба иҷро расид.

Аз тафовут аз давлатҳои иттифоқӣ (федеративӣ), ки қонунгузории конститутсионии онҳо ба «қонунгузории конститутсионии иттифоқӣ» ва «қонунгузории конститутсионии субъектҳои федератсия» ҷудо мешаванд [4, 12-15], дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории ягонаи конститутсионӣ мавҷуд аст ва ҳеҷ гуна қонунгузории рақобатӣ ҷой надорад. Қонунгузории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар марзи ҷумҳурӣ амалкунандаро дарбар мегирад ва риояи усули волоияти қонунҳои конститутсионӣ дар тамоми ҳудудӣ ҷумҳурӣ ҳатмӣ мебошад. Аз ин рӯ, низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон марказонидашуда мебошад ва такмили мунтазами босуботи он ба таъинот ва мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таъсири мусбӣ доранд.

Такмили қонунгузории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таснифи он аз рӯи шакл ҷолиби диққат аст. Сершумории қонунҳо дар гуногунии шакли онҳо ифода меёбад. Ба ҳеҷ як намуди санади ҳуқуқӣ, ғайр аз қонун шаклан тағйирёбӣ, воситаҳои гуногуни таркибии якҷояшавӣ хос нест. Инчунин рангорангии мазмуни қонунҳо шаклҳои мухталифи ифодаи онҳоро тақозо мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба ду ҳадафи асосӣ доштани мафҳуми шакли қонунҳо эътибор дода шудааст. Яке аз онҳо кушодани шакли берунаи хоси қонунҳо, ки ба онҳо дар намудҳо, дар ин ё он шакли танзимнамоӣ, ифодаёбӣ, тартиби амалнамоӣ ва ғайра хос аст. Ҳадафи дигари шакли қонунҳо имкон медиҳад, ки чунин узвҳои самти дохилии онҳо, ба монанди номгӯи онҳо, таркиб ва ташаккули қисмҳо, воситаҳои ифода кардани маводи меъёрӣ ва ғайра равшан карда шавад. Ҳардуи самти шакли қонунҳо бо якдигар узван алоқаманд ва гуё ба якдигар дохиланд. Агар ба таҳлили шакли қонун аз самти берунӣ назар карда шавад, пеш аз ҳама фарқияти онҳоро аз рӯи хусусияти таркибӣ мавзӯи қайд кардан лозим аст. Навъи ба ном қонунҳои мавзӯи мавҷуданд, ки ба онҳо Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои оддӣ ҳамчун санадҳои қонунгузории ягона алоқаманд мебошанд. Ҳар яке аз онҳо воситаи расмигардонии меъёрии таркиби маводи қонун-гузорианд. Тавассути ин омил ҳар як қонуни ҷудогона, ягона дар низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ ҷойи хос дорад [10, 59-68].

Дар шаклгирӣ ва муайянсозии роҳҳои мукаммалгардонии қонунгузорӣ таҳияи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 тасдиқ карда шуд, сиёсати давлатии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан ифода ёфтааст. Консепсияи мазкур дар муайянсозии роҳҳои татбиқи ҳолатҳои нави Конститутсия, ки дар раъйпурсии соли 2016 илова гардиданд, аҳамияти махсус дорад. Илова ба ин дар Паёми ҳар солаи Президенти мамлакат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ба рафти такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дахл карда шуда, самтҳои рушди он муайян карда мешаванд. Чи тавре, ки дар Паёми соли 2022 қайд ёфтааст: «Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан, амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар тақозо мекунад, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд».

**Адабиёт**


1. Большой юридический словарь / Зери таҳрири А.Я.Сухарев, В.Д.Зорькин, В.Е.Крутских. – М.: 1999. - 790 с.
2. Имомов А.И. Конституционно-правовая природа переходных положений Конституции // Давлат ва ҳуқуқ. Государство и право. 2005. № 3. – С. 1-9.
3. Комментарии к Закону РТ «О нормативных правовых актах» / Под редак. М.З.Рахимова. – Д.: 2014. – С.8.
4. Конституционное законодательство субъектов РФ: проблемы совершенствования и использования в преподавании / Под ред. С.А.Авакъяна. –

Издат. Московского университета. 1999. - 296 с.
5. Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 1. – Д.: 2002. - 741 с.
6. Пиголкин А.С. Проблемы систематизации законодательства Российской Федерации // Закон: создание и тольокование. – М.: Спарк. 1998. - 283 с.
7. Рахимов М.З. Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости // Журнал российского права. 2013. № 2. – С.102-109.
8. Саидамирова Ф.Ш. Сущность и основные задачи модельного законодательства межпарламентской ассамблеи Содружества Независимых государств // Известия института философии, политологии и права НАНТ. 2021. № 1. – С.177-182.
9. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права. – Д.: 2008. - 340 с; Нематов А.Р. К вопросу о понятии «законодательство» // Қонунгузорӣ. Законодательство. 2011. № 1. – С.17-19.
10. Тихомиров Ю.А. Теория закона. Изд. «Наука». – М.: 1982. - 257 с.
11. Холиқзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно-правовое развитие Таджикистана. – Душанбе: «Меҳрона-2017». 2019. - 488 с.
12. Юридический Энциклопедический Словарь / Зери таҳрири А.Я.Сухарев. – М.: 1987. - 528 с.

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОЛИТИКА СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Имомов А.**

*Статья посвящена характеристике государственной политики в области совершенствования законодательства РТ. Кратко прослеживая становления истории формирования законодательства суверенной РТ, автор выделяет ее основные этапы. При этом он исходит из неразрывной связи возникновения и развитие законодательства республики с процессом подготовки и принятия Конституции РТ 1994 г. Периодические изменения и дополнения Конституции провоцирует дальнейшее совершенствование законодательства.*

*Государственная политика совершенствования законодательства неразрывно связана с необходимостью регулирования новых общественных отношений и переустройства общественно-политических, социально-экономических и культурных аспектов жизни общества Динамичное развитие нового уклада жизни общества нуждается в постоянном правовом регулирование гарантирующие их защиту и способствующие их развитие.*

**Ключевые слова:** *Государство, политика, Конституция, право, развитие, законодательство, регулирование, совершенствование.*

## STATE POLICY OF IMPROVING LEGISLATION REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Imomov A.**

*The article is devoted to the characteristics of the state policy in the field of improving the legislation of the Republic of Tajikistan. Briefly tracing the formation of the history of the formation of the legislation of the sovereign Republic of Tajikistan, the author highlights its main stages. At the same time, he proceeds from the inextricable connection between the emergence and development of the legislation of the republic with the process of preparing and adopting the Constitution of the Republic of Tajikistan in 1994. Periodic changes and additions to the Constitution provoke further improvement of the legislation.*

*The state policy of improving legislation is inextricably linked with the need to regulate new social relations and reorganize the socio-political, socio-economic and cultural aspects of society. The dynamic development of a new way of life in society needs constant legal regulation that guarantees their protection and promotes their development.*

***Key words:*** *State, policy, Constitution, law, development, legislation, regulation, improvement, development.*

# О НЕКОТОРЫХ ИТОГАХ ВТОРОЙ МЕЖДУНАРОДНОЙ КОНФЕРЕНЦИИ ПО ВОДЕ

**Искандаров А.И. Сангинов Н. Н.** – д.полит.н., профессор, заведующий отделом политических проблем международных отношений ИФПП им. А. Баховаддинова НАНТ

**Сангинов Н. Н. -** к. полит. н., старший научный сотрудник отдела политических проблем международных отношений ИФПП им. А. Баховаддинова НАНТ

*Авторами в настоящей статье с научной точки зрения проанализированы некоторые итоги прошедшей второй международной конференции по воде, которая сыграла положительную роль в поднятии внешнеполитического авторитета республики на международной арене как страны инициатора глобальных проблем.*

*Подчеркивается, что проблема воды, ее нехватка и не рациональное использование актуализировались в последние пять десятилетий. В статье показаны причины этих проблем, которые прежде всего, связаны с двукратном увеличением населения земли. В таком же порядке, а может и больше, возросла нужда в воде и, поэтому человечество постепенно погружается в глобальный водный кризис из – за ее нехватки.*

*По мнению авторов, дефицит воды, правильное использование ее ресурсами вкупе с не решенными пограничными проблемами между некоторыми государствами в различных частях планеты, сегодня становятся причинами раздора, противостояния, порой переходящие в боевые столкновения между ними с использованием различных технологий «гибридных войн».*

*В данном контексте авторами раскрыта еще более важная тема, непосредственно касающаяся водной проблемы как таяния ледников, считающие первоисточниками пополнения запасов пресной воды в стране и мировом масштабе. Основываясь на данные специалистов по воде, авторы указывают на серьезную экологическую угрозу для человечества в перспективе в результате таяния ледников. На этом фоне актуальным становится очередная международная инициатива Республики Таджикистан по спасению ледников, выдвинутая Президентом Республики Таджикистан.*

*Авторы резюмируют, что прошедшее мероприятие по воде, явилась поистине исторической и нашей стране удалось показать мировому сообществу важность решения всех проблем с водой не в одиночку, а коллективно, с привлечением всех стран мира, международных институтов и организаций.*

***Ключевые слова:*** *внешнеполитический имидж, международные инициативы, дорожная карта, форум, водный кризис, ледники, изменение климата.*

Третья декада марта 2023 года была насыщена важнейшими событиями мирового масштаба с участием Республики Таджикистан, которые сыграли положительную роль в упрочении ее внешнеполитического имиджа как зачинателя великих международных инициатив по воде, климату и ледникам, постепенно превращающиеся в долгосрочные мегапроекты, всепланетарного характера.

Так, с 22 по 24 марта в штаб-квартире ООН в Нью-Йорке состоялась международная Конференция по воде. В рамках данного престижного форума, параллельно были проведены еще ряд важных мероприятий как «Дорожная карта на 2025 год: Международный год сохранения ледников»; «Преобразование глобальных экономических институтов для общего блага: призыв к пробуждению от Глобальной комиссии по водной экономике»; «Вода объединяет нас» и др. К ним были приурочены выставки «История развития Таджикистана», «Вода и Навруз – два источника жизни человечества» и т. д., организованные непосредственно Республикой Таджикистан.

Сопредседателями этой международной Конференции выступили Республика Таджикистан и Королевство Нидерландов. Соответственно модераторами были Президент Республики Таджикистан

уважаемый Эмомали Рахмон и, король Нидерландов Виллем – Александр.

Касаясь самой нынешней международной Конференции по воде необходимо отметить, что она по порядку была второй и масштабней по численности участников. По этому поводу Президент Республики Таджикистан подчеркнул следующее: «За последние три дня вторая Водная конференция Организации Объединенных Наций, которая прошла впервые спустя 46 лет, собрала тысячи людей. Мы собрались, чтобы обсудить один из самых насущных вопросов, затрагивающий все сферы, в том числе продовольствие, здоровье, климат, природу, культуру и экономику наших стран. Вода действительно является источником всего живого на планете. Поэтому она способна объединить всех нас. Мы полностью осознаём важность коренного изменения того, как мы понимаем, ценим и управляем водой. Нам необходимо иметь новое видение воды, которое отражает перспективы развития её ресурсов и в то же время способствует укреплению роли ресурсов пресной воды в последующей мировой повестке дня. Республика Таджикистан и Королевство Нидерландов, как принимающие стороны на этой Конференции, плодотворно сотрудничали со всеми вами во всех этапах». **[1]**

Исторические факты свидетельствуют, что первая международная Конференция ООН, посвященная исключительно воде состоялась в городе Мар-дель - Плата Аргентина в 1977 году. Тогда впервые было заявлено, что все люди планеты имеют право на достаточное количество чистой питьевой воды для удовлетворения своих личных потребностей. В контексте этого, в последующие годы были проведены различные водные форумы, приняты множество резолюций ООН по обеспечению человека необходимым количеством питьевой воды, различные концепции, стратегии и другие глобальные документы.

На наш взгляд, столь продолжительный перерыв почти в полвека между первой и второй международными Конференциями связан со следующим фактом. Согласно статистическим данным в 1974 году население земли составляла 4 миллиарда человек, а к 15 ноябрю 2022 года этот показатель достиг 8 миллиардов человек. **[2]**

Как видим за указанный почти пятидесятилетний отрезок времени, население земли увеличилось в два раза. В таком же порядке, а может и больше, возросла нужда в воде и человечество постепенно погружалось в глобальный водный кризис из-за ее нехватки. Тогда об этом говорилось мало. Организация объединенных Наций (ООН) созвав Первую международную Конференцию по воде в 1977 году предупредила о надвигающемся водном кризисе.

Данный вопрос актуализировался с началом 21-го столетия благодаря Республике Таджикистан, которая в лице Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона инициировала ряд известных проектов и стратегий по правильному использованию воды и ее ресурсов (Международный год чистой воды (2003 год); Международное десятилетие действий "Вода для жизни" на 2005-2015 годы; Международный год водного сотрудничества (2013) и Международное десятилетие действий "Вода для устойчивого развития" на 2018-2028 годы и др.), а также проведение нынешней Второй международной Конференции по воде. По итогам мероприятия принято решение, что третья аналогичная международная Конференция уже будет проведена через пять лет – в 2028 году в городе Душанбе. Это еще раз свидетельствует о том, что проблема воды не терпит отлагательств, а быстрых решений. Так, по данным аналитиков ООН по состоянию на сегодняшний день круговорот воды нарушен, экосистемы разрушены, грунтовые воды загрязнены. Два миллиарда человек, каждый четвертый житель планеты, не имеют достаточного доступа к чистой воде. И глобальная нехватка питьевой воды будет продолжать усугубляться. **[3]** Все эти обстоятельства являются тревожным сигналом для человечества сегодня и в перспективе.

Дефицит воды, правильное использование ее ресурсами в купе с не решенными пограничными проблемами между некоторыми государствами в различных частях

планеты, сегодня становятся причинами раздора, противостояния, порой переходящие в боевые столкновения между ними в виде локальных «гибридных войн», в ходе которых используются различные ее технологии как «водные войны», «пограничные войны» и т. д., приносящие большие человеческие жертвы.

Выступая на церемонии открытия второй международной Конференции по воде Генеральный секретарь ООН Антониу Гутерриш привел следующую печальную статистику: почти три из четырех стихийных бедствий связаны с водой; каждый четвертый человек живет вне безопасно управляемых услуг водоснабжения или не имеет доступа к чистой питьевой воды; более 1,7 миллиарда человек не имеют элементарных санитарных условий; полмиллиарда практикуют открытую дефекацию; миллионы девочек и женщин ежедневно тратят много часов на то, чтобы принести воду. [4]

Эту озабоченность Генерального секретаря ООН высказал и, Лидер нации в интервью корреспонденту телеканала ООН. В частности, он подчеркнул: «Анализ показывает, что на планете ситуация с водными ресурсами, особенно с пресной водой, под глубоким воздействием различных вызовов, включая изменение климата, рост населения, урбанизацию и индустриализацию, с каждым годом все больше становится напряжённой». [5]

Здесь же заслуживают пристального внимания и дальнейшей практической реализации следующее выводы и конкретные предложения Президента Республики Таджикистан по выходу из создавшегося водного кризиса мирового масштаба, высказанных им в указанном интервью:

-водные ресурсы находятся под глубоким воздействием изменения климата, урбанизации, роста населения, индустриализации и других;

-анализы показывают, что, несмотря на некоторые продвижения, для достижения Целей устойчивого развития, в том числе шестой цели и других целей, связанных с водой, нам необходимо многократно увеличить наши усилия и действия;

-настало время, когда в системе Организации Объединенных Наций необходимо создать специальную структуру по вопросам воды и назначить специального посла Организации Объединенных Наций по водным проблемам.

-необходимо для обсуждения и анализа действий и обязательств, связанных с водой, регулярно проводить совещания, возможно, раз в два-три года;

-с учетом тесной связи водных ресурсов с другими целями устойчивого развития, проблемы воды должны включаться в мировые повестки дня и обсуждаться на совещаниях высокого уровня. [6]

По нашему мнению, указанные выводы и предложения организационного плана, позволят на международном уровне взять под контроль реализацию принимаемых по линии ООН всех резолюций и решений, более ответственного подхода по искоренению водных проблем, перейти от не рационального использования воды и водных ресурсов к бережливости.

Другой наиболее важным вопросом, связанный с водой является инициированная опять же Республикой Таджикистан – проблема таяния ледников и их спасение. Проведенные анализы со стороны таджикских специалистов - гидрологов показывают, что ныне и в перспективе, серьезную экологическую угрозу представляет стремительное таяние ледников, считающиеся первоисточниками постепенного пополнения запасов пресной воды, в результате глобального потепления. Исходя из чего, проблема спасения ледников актуальна и своевременна тем, что за последние 70 лет в Таджикистане было потеряно около 35% малых ледников. Из 13 тысяч ледников, расположенных в горах Таджикистана, к настоящему времени исчезло более тысячи. А ежегодные разливы рек и сели в весенний период приводят к огромному экономическому ущербу, потерям урожаев и к человеческим жертвам. [7]

Данный вопрос более подробно и всесторонне был отмечен в выступлении Лидера нации на параллельном мероприятии «Дорожная карта на 2025 год: Международный год сохранения ледников». Так, он высказал следующую позицию: «Сегодняшнее мероприятие является первым шагом на пути реализации новой Резолюции Организации Объединенных Наций об объявлении 2025 года Международным годом сохранения

ледников. Его целью, прежде всего, является объединение усилий различных сторон с тем, чтобы сделать эту инициативу успешной и эффективной.

Основной причиной предложения этого шага является вызывающий тревогу вопрос стремительного таяния ледников, который с каждым годом становится все более актуальным, поскольку продолжение этого процесса ставит под угрозу будущее человечества. Согласно Докладу Межправительственной панели по изменению климата об океанах и криосфере (2019 год), к концу текущего века треть мировых ледников может исчезнуть. Только за последние 50 лет в Таджикистане полностью растаяли более 1 тысячи ледников, а общий объем ледников страны уменьшился примерно на треть. По выводам экспертов, последние три года считаются самыми жаркими за весь период метеорологических наблюдений в мире. Очевидно, что продолжение этого процесса, с учетом стремительного роста потребности в воде в связи с ростом населения и развитием экономики, может привести к негативным последствиям.

Уже за последние пять десятилетий показатель обеспеченности чистой водой на душу населения в мире снизился в 2,5 раза, а в Центрально-Азиатском регионе – в 4 раза. Кроме того, таяние арктических и антарктических ледников вызвало повышение уровня океана, что угрожает жизни и благополучию сотен миллионов жителей Земли, особенно в малых островных государствах. Все это вызывает очень серьезную озабоченность». [8]

Поэтому очередная инициатива Президента Республики Таджикистан об объявлении 2025 года – годом спасения ледников, а также 21 марта «Всемирным днем ледников», оформленная соответствующими резолюциями ООН в рамках платформы «Душанбинского водного процесса», еще раз показывает, что Республика Таджикистан очень серьезно воспринимает все проблемы по воде. Несмотря на то, что она признается страной «верховья», где формируются около 60% воды всей Центральной Азии, наша республика всегда выступала и выступает за правильное использования водных ресурсов в масштабе всего региона.

В рамках реализации принятых, в ходе второй международной Конференции по воде резолюций ООН по вышеуказанным проблематикам, намечено проведение ряда мероприятий, актуальным из которых признается третья по счету международная Конференция по спасению ледников. Как ожидается указанное мероприятие пройдет в 2025 году в Республике Таджикистан как инициатора этого вопроса. По этому поводу Президент Республики Таджикистан отметил: «Согласно Резолюции Организации Объединенных Наций, в 2025 году в Республике Таджикистан пройдет международная Конференция по сохранению ледников. Выражаем всестороннюю готовность нашей страны провести эту международную конференцию на высоком уровне, призываем государства-члены Организации Объединенных Наций и другие заинтересованные стороны к сотрудничеству в этом направлении. Мы полагаем, что разработав вместе со странами и заинтересованными сторонами «Дорожную карту» на 2025 год, начнём процесс комплексной и эффективной подготовки к 2025 году и вышеупомянутой конференции. Уверен, что опыт и возможности ЮНЕСКО и Всемирной метеорологической организации, которые согласно Резолюции отвечают за подготовку проведения Года сохранения ледников, в полной мере будут способствовать эффективной реализации его целей. С нашей точки зрения, Всемирный банк, Международное агентство по атомной энергии (МАГАТЭ), Международный союз охраны природы, Водно-климатический альянс и другие партнёры также могут внести свой достойный вклад в успех этой конференции». [9]

Резюмируя сказанное хочется отметить, что прошедшее мероприятие по воде, явилась поистине исторической. Республике Таджикистан удалось показать мировому сообществу важность решения всех проблем с водой не в одиночку, а коллективно, с привлечением всех стран мира, международных институтов и организаций. Это еще раз свидетельствует, что вода символ объединения всех стран и

народов мира во благо их дальнейшего процветания.

Предметом гордости каждого гражданина республики должно быть то, что сегодня благодаря глобальным инициативам Президента Республики Таджикистан в области воды, ледников и другим их аспектам, наша страна получила мировое призвание.

**Литература**


1. Выступление Президента Республики Таджикистан на церемонии закрытия водной Конференции ООН – 2023// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://khovar.tj/rus/2023/03/vystuplenie-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-emomali-rahmona-na-tseremonii-zakrytiya-vodnoj-konferentsii-oon-2023/. Lfn/ Дата обращения: 25.03.2023/.
2. Рост населения Земли: 6 миллиардов за последние 200 лет (обновлено)// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://theworldonly.org/ rost-naseleniya-zemli-6-milliardov-za-poslednie-200-let/ Дата обращения: 31.03.2023/.
3. SRF: Гутерреш призвал все страны мира бороться с нехваткой чистой воды// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https:// russian.rt.com/ inotv/ 2023-03-26/SRF-Guterresh-prizval-vse-strani/ Дата обращения: 27. 03. 2023/.
4. В штаб-квартире ООН открылась конференция по водным ресурсам // Электронный ресурс/ Режим доступа/ https:// kun.uz/ ru/ news / Дата обращения: 28.03.2023/.
5. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон дал интервью корреспонденту телеканала ООН// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://khovar.tj/rus/2023/03/prezident-respubliki-tadzhikistan-emomali-rahmon-dal-intervyu-korrespondentu-telekanala-oon/ Дата обращения: 28. 03. 2023/.
6. .Дефицит воды в Центральной Азии: страны должны пересмотреть политику водопользования // Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://cabar.asia/ru/defitsit-vody-v-tsentralnoj-azii-strany-dolzhny-peresmotret-politiku-vodopolzovaniya/ Дата обращения: 29.03.2023/. [7]
7. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на параллельном мероприятии «Дорожная карта на 2025 год: Международный год сохранения ледников»// Электронный ресурс/ Режим доступа/https://khovar.tj/rus/2023/03/vystuplenie-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-emomali-rahmona-na-parallelnom-meropriyatii-dorozhnaya-karta-na-2025-god-mezhdunarodnyj-god-sohraneniya-lednikov/ Дата обращения: 22.03.2023/.


## ОИД БА БАЪЗЕ НАТИҶАҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ ДУЮМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДОИР БА ОБ

**Искандаров А. И., Сангинов Н. Н.**

*Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллифон аз нуқтаи назари илмӣ баъзе натиҷагириҳо аз Дуюмин Конференсияи байналмилалии доир ба об баргузоршуда, ки дар боло рафтани имиҷи сиёсихориҷии республика дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси кишвари ташаббускори проблемаҳои глобалӣ нақши мусбат бозидаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.*

*Қайд мешавад, ки проблемаи об, норасоӣ ва истифодаи ғайриоқилонаи он дар панҷ даҳсолаи ахир актуалӣ гардидаанд. Дар мақола сабабҳои ин проблемаҳо, ки пеш аз ҳама, бо афзоиши дукаратаи аҳолии рӯйи замин вобастаанд, нишон дода шудаанд. Ба ҳамин тартиб ва шояд зиёдтар аз ин, эҳтиёҷот ба об афзоиш ёфт ва бинобар ин сабаб, инсоният ба тадриҷ ба бuҳрони глобалии норасоии об, дучор шуда истодааст.*

*Ба ақидаи муаллифон, камчинии об, истифодаи оқилонаи захираҳои он якҷоя бо масъалаҳои то ба ҳол ҳалношудаи сарҳадӣ байни баъзе кишварҳо дар нуқоти мухталифи сайёраамон, имрӯз сабаби мунокишаҳо байни онҳо бо истифода аз технологияҳои мухталифи «ҷангҳои омехта», шудаанд.*

*Дар робита ба ин, муаллифон ба мавзӯи боз ҳам муҳимтари мустақиман бо проблемаи об вобастабуда, яъне обшавии пиряхҳо, ки сарчашмаи пуршавии захираҳои оби ошомиданӣ дар мамлакат ва сатҳи ҷаҳонӣ ҳастанд, равшанӣ андохтаанд. Бо такя ба маълумоти мутахассисони соҳаи об, муаллифон ба хатари экологии дар*

*дурнамо барои инсоният дар натиҷаи обшавии пиряхҳо таҳдидкунанда, ишора кардаанд. Бинобар ин, ташаббуси навбатии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, имрӯз муҳиммият касб кардааст.*

*Муаллифон хулоса намудаанд, ки чорабиниҳои доир ба об баргузоршуда воқеъан ҳам таърихӣ буданд. Ба кишвари мо муяссар гардид ба ҷомеаи ҷаҳонӣ актуалӣ будани тамоми проблемаҳои бо об вобастабударо ёдрас карда, таъкид намояд, ки онҳоро на дар алоҳидагӣ, балки бо ҷалби тамоми кишварҳои ҷаҳон, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, метавон ҳал намуд.*

***Калидвожаҳо:*** *имиҷи сиёсихориҷӣ, ташаббусҳои байналмилалӣ, нақшаи роҳ, форум, бӯҳрони об, пиряхҳо, тағйири иқлим.*

## ON SOME RESULTS OF THE SECOND INTERNATIONAL CONFERENCE ON WATER

**Iskandarov A. I., Sanginov N. N.**

*The authors of this article, from a scientific point of view, analyzed some of the results of the second international conference on water, which played a positive role in raising the foreign policy authority of the republic in the international arena as a country initiating global problems.*

*It is emphasized that the problem of water, its shortage and irrational use have been actualized in the last five decades. The article shows the causes of these problems, which are primarily associated with a doubling of the world's population. In the same order, and maybe more, the need for water has increased and, therefore, humanity is gradually plunging into a global water crisis due to its shortage.*

*According to the authors, the lack of water, the proper use of its resources, coupled with unresolved border problems between some states in different parts of the planet, today become causes of contention, confrontation, sometimes turning into military clashes between them using various technologies of "hybrid wars".*

*In this context, the authors reveal an even more important topic that directly relates to the water problem as the melting of glaciers, which are considered the primary sources of fresh water replenishment in the country and on a global scale. Based on data from water experts, the authors point to a serious environmental threat to humanity in the future as a result of the melting of glaciers. Against this background, another international initiative of the Republic of Tajikistan to save glaciers, put forward by the President of the Republic of Tajikistan, becomes relevant.*

*The authors summarize that the past water event was truly historic and our country managed to show the world community the importance of solving all water problems not alone, but collectively, with the involvement of all countries of the world, international institutions and organizations.*

***Key words:*** *foreign policy image, international initiatives, road map, forum, water crisis, glaciers, climate change.*

№3
2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА УНСУРҲОИ ТАРКИБИИ ОН: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ

**Муродов С.А.** – н.и.с. мудири Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
Телефон: (+ 992) 918-41-40-86., Email: Subhonm@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур аз нигоҳи назариявию методологӣ мафҳуми амнияти миллӣ ва унсурҳои таркибии он таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф диққати махсусро ба тафовутҳои байниҳамдигарии мафҳуми амнияти миллӣ равона намудааст. Гуфта мешавад, ки андешаҳои олимон нисбат ба мафҳуми амнияти миллӣ мухталифанд. Гуногунандешии олимон оиди мафҳуми амнияти миллӣ, ба истифодаи қисмҳои таркибии гуногун асос ёфтаанд. Дар натиҷа, муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки амнияти миллиро муҳаққиқон ҳамчун мавҷуд набудани таҳдид ва хавфу хатар ба арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои миллӣ баррасӣ намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Амният, амнияти миллӣ, таҳдид, хатар, манфиатҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ, фард, ҷомеа, давлат, ниҳодҳои давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

Дар даҳсолаи охир мафҳуми «амнияти миллӣ» ба яке аз мафҳумҳои бисёристифодашаванда мубаддал гардидааст. Он бештар дар доираи олимон, коршиносон, сиёсатмадорон, ходимони давлатӣ ва рӯзноманигорон истифода мешавад. Бо вуҷуди бисёр истифодашавандагиаш ин мафҳум дар миёни олимон ва коршиносон гуногун тавсиф ва таъриф дода мешавад.

Мафҳуми «амнияти миллӣ» бори аввал дар мурочиати президенти ИМА Т. Рузвелт ба конгресс, соли 1904 оид ба барқарорнамоии назорати дарёи Панама садо дод. Дар адабиёти илмӣ бошад, номи рӯзноманигори амрикоӣ Уолтер Липпманро низ мегиранд. Липпман аввалин нафаре ҳисобида, мешавад, ки оиди мафҳуми «амнияти миллӣ» фикри мушахассу мухтасари худро баён намудааст. Дар ин бора поинтар истода мегузарем.

Таҳқиқи мукаммалтари мафҳуми амнияти миллӣ баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон оғоз гардид. Баъди солҳои 1947 мундариҷаи мафҳуми мазкур дар зери таъсири воқеияти даври замон, аз ҷумла буҳронҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ мукаммалтар мегардад. Дар Федератсияи Россия бошад мафҳуми «амнияти миллӣ» якумин маротиба дар Қонун «Оиди иттилоот, паҳннамоӣ ва ҳимояи он» соли 1995 истифода гардидааст.

Муҳақиқи рус В.В. Серебрянников «амнияти миллӣ»-ро чунин таъриф додааст: «Амнияти миллӣ – ин фаъолияти одамон, ҷомеа, давлат, ҷомеаи ҷаҳонӣ, миллатҳо нисбати зоҳирнамоӣ (омӯзиш), огоҳнамоӣ, заифнамоӣ, бартарафнамоӣ ва инъикоси хатар ва хавф, ки ба нобуд кардани онҳо, маҳрум намудани онҳо аз арзишҳои фундаменталии моддӣ ва маънавӣ, расонидани хисороти номақбул ба онҳо, маҳкам намудани роҳи прогрессивии инкишофи онҳо қодиранд, ба ҳисоб меравад» [7, с.26]. Чи гунае, ки мебинем В.В. Серебрянников «амнияти миллӣ» - ро ҳамчун як навъи фаъолити одамон, ҷомеа, давлат, аъзоёни ҷомеаи ҷаҳонӣ ва миллатҳо фаҳмидааст. Фаъолияти охириҳо барои омӯзиш, огоҳнамоӣ, заифнамоии хавфу хатарҳое, ки ба арзишҳои фундаменталии моддию маънавии инсоният хатар эҷод менамояд ва инкишофи прогрессивии фард, ҷомеа ва давлатро халал мерасонад, равона гардидааст. Аз ин бармеояд, ки «амнияти миллӣ» - ин фаъолияти бошууронаи субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ буда, ҳадафи ин фаъолият муайян кардан ва дар ҳамин замина заифнамоии хавфу хатарҳое, ки барои рушди прогрессивии фард, ҷомеа ва давлат монеаҳо пеш меоварад, мебошад.

Ба таърифи муҳаққиқи рус В.В. Серебрянников монанд, мо дар ҷои дигар таърифи дигареро во хурдем - он чунин аст: «Амнияти миллӣ – ин маҷмӯи алоқаҳо ва муносибатҳоест, ки чунин тавсифи вазъияти шахсият, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеа, давлат ва миллатро пешниҳод менамояд, ки дар он мавҷудияти устуворӣ ва мустаҳкамӣ, қонеънамоӣ ва амалинамоии талаботҳои ҳаётӣ, қобилияти раднамоии хавфи дохилӣ ва хориҷӣ, худинкишофёбӣ ва прогресс таъмин карда мешавад».

Чигунае, ки мебинем, дар ин ҷо низ «амнияти миллӣ» – ҳамчун маҷмӯи алоқаҳо ва муносибатҳоест, ки тавсифи вазъияти шахсият, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеа, давлат ва миллат фаҳмида шудааст, ва ин алоқаҳо бевосита бо мақсади таъмини устуворӣ ва мустаҳкамӣ, қонеънамоӣ ва амалинамоии талаботҳои ҳаётӣ, қобилияти раднамоии хавфи дохилӣ ва хориҷӣ, худинкишофёбӣ ва прогресс равона шудаанд.

Аммо дар муқоиса ба фаҳмиши «амнияти миллӣ», ки олимони рус онро ҳамчун маҷмуи алоқа ва робитаҳо баҳри таъмини амнияти арзишҳои фундаменталии моддию маънавии инсонӣ мефаҳманд, сиёсатшиносони амрикоӣ амнияти миллиро бо мазмуни дигар фаҳм кардаанд. Ба андешаи онҳо, «амнияти миллӣ – ин қобилияти ҳимояи ягонагии кишвар, таҳкими истиқлолияти он, ҳифзи асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа ва дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати субъекти мустаъқил баромад намудан дониста мешавад» [2, с.36].

Агар мо унсурҳои таркибии мафҳуми амнияти миллии сиёсатшиносони амрикоиро ҷудо намоем, онҳо пеш аз ҳама «қобилияти ҳимояи ягонагии кишвар», «таҳкими истиқлолияти он», «ҳифзи асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа» ва дар системаи муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати «субъекти мустақил» баромад намудани давлат мебошанд.

Тавсифи пешниҳоднамудаи вазири мудофиаи Амрико Г. Браун бошад ба таърифи пешниҳоднамудаи сиёсатшиносони амрикоӣ монандӣ дорад. Г. Браун менависад: «Амнияти миллӣ қобилияти нигоҳ доштани марзу буми давлатӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодӣ бо давлатҳои дигари ҷаҳон, дар сатҳи гуногун аз таҳдидҳои беруна ҳимоя намудани сохтори ҷамъиятӣ, институтҳои ҷамъиятӣ ва низоми идоракунии давлатӣ, зери назорати худ қарор додани сарҳади давлатӣ мебошад» [2, с.38].

Чи гунае, ки мебинем, Г. Браун амнияти миллиро бештар ба қобилияти нигоҳ доштани якпорчагӣ, равобити иқтисодӣ бо давлатҳои дигари ҷаҳон, ҳимоя намудани сохтори ҷамъиятӣ, институтҳои ҷамъиятӣ ва низоми идоракунии давлатӣ, зери назорати худ қарор додани сарҳади давлатӣ аз таҳдидҳои беруна фаҳм кардааст.

Рӯзноманигори амрикоӣ Уолтер Липпман оид ба моҳияти амнияти миллӣ менависад: «Миллат ҳамеша дар ҳолати амният қарор дорад, вақте, ки манфиатҳои худро бо мақсади наҷот ёфтан аз ҷанг ба қурбонӣ намеорад ва дар ҳолати зарурӣ тавонад ин манфиатҳоро бо ҷанг ҳимоя намояд» [8, с.5].

Муҳаққиқ Ҷ. Коллинз бошад амнияти миллиро чунин таъриф додааст: «амнияти миллӣ – илм ва санъати истифодаи қудрати давлат мебошад, ки дар ҳама гуна шароит барои расидан ба ҳадафи худ ва зери назорати худ қарор додани рақибон ба воситаи таҳдид, истифодаи қувва, дипломатия, ҳилаю найранг ва дигар воситаҳои мавҷуда амал намудан зарур аст» [2, с.37].

Таърифи пешниҳоднамудаи муҳаққиқ Ҷ. Коллинз, аз таърифҳои дар боло овардашуда фарқ дорад. Чи гунае, ки мебинем, Коллинз амнияти миллиро ҳамчун илм ва санъати истифодаи қудрати давлат бо мақсади расидан ба ҳадафи худ, дар ҳама шароит ва зери назорати худ қарор додани рақибон ба воситаи таҳдид, истифодаи қувва, дипломатия, ҳилаю найранг ва дигар воситаҳои мавҷуда медонад.

Дар навбати худ сиёсатшиноси амрикоӣ А. Уолферс амнияти миллиро чунин маънидод намудааст: «амният аз лиҳози фаҳмиши объективӣ ҳолате мебошад, ки дар шароити мавҷудияти он ба арзишҳои мавҷудаи ҷомеа ҳеҷ чиз таҳдид наменамояд ва дар фаҳмиши субъктивияш бошад, ҳолате мебошад, ки

дар он одамон барои дар сатҳи зарурӣ қарор доштани ҳимояи арзишҳои мазкур боварӣ доранд» [2, с.38].

Таҳлили таърифҳои дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки баъзе муҳаққиқон «амнияти миллиро ҳамчун ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳатто ба тариқи ҷанг мебинанд» (У. Липпман). Дигарашон – «амнияти миллиро ҳамчун илм ва санъати истифодаи қудрати давлат бо мақсади расидан ба ҳадафи худ дар ҳама шароит ва зери назорати худ қарор додани рақибон ба дилхоҳ воситаҳо медонанд» (Ҷ. Коллинз). Барои муҳаққиқони дигар - «амнияти миллӣ ҳолате мебошад, ки дар шароити мавҷудияти он ба арзишҳои мавҷудаи ҷомеа ҳеҷ чиз таҳдид наменамояд ва одамон барои дар сатҳи зарурӣ қарор доштани ҳимояи арзишҳои мазкур боварӣ доранд» (А. Уолферс).

Ба таърифи У. Липпман монанд, мо таърифи дигари «амнияти миллӣ»-ро во хурдем. Масалан, дар Қонуни Федератсияи Россия «Оиди иттилоот, паҳннамоӣ ва ҳимояи он» қайд карда мешавад, ки «Амнияти миллӣ ин сатҳи ҳимоянамоии манфиатҳои миллӣ аз хавфу хатари беруна ва дохилӣ, ки инкишофи прогрессивии шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин менамояд» [4, с.64], ба ҳисоб меравад.

Агар тарифҳои дар боло овардашуда амнияти миллиро ҳамчун ҳимояи «манфиатҳои миллӣ» ва «арзишҳои миллӣ» нишон диҳанд, дар зер мо таърифҳоеро пеш меоварем, ки амнияти миллиро ҳамчун широити расидан ба истиқлоли иқтисодӣ, устуворӣ, барқарорнамоӣ ва худмукаммалнамоии миллат маънидод менамоянд.

Масалан, ба андешаи муҳаққиқ В. Ларин, «Амнияти миллӣ – ин маҷмӯи шароит ва омилҳое мебошад, ки истиқлолияти иқтисодӣ, устуворӣ ва қобилияти доимии барқарорнамоӣ ва худмукаммалнамоии миллиро таъмин менамояд» [1, с.49].

Амнияти миллӣ – ин низоми мураккаби бисёрсатҳае мебошад, ки дар он доимо равандҳои ба ҳам таъсиррасонӣ ва мухолифати манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат бо хавфу хатари дохилӣ ва хориҷии ин манфиатҳо ба миён меоянд. Амнияти миллӣ дар сатҳи муайян бо системаи бехатарии миллӣ – системаи ташаккулёфтаи қувва, восита ва ташкилотҳои мухталиф, ки вазифаи амнияти миллиро иҷро менамоянд, нигоҳ дошта мешавад.

Муҳаққиқони ватанӣ А.Н. Муҳаммад, М.У. Хидирзода ва Х.К. Сафарализода дар асарҳои худ иброз медоранд, ки ««амнияти миллӣ» ҳифзи шаҳрвандон, ҷомеа ва сохтори давлатиро дар миқёси як кишвар ва давлат дар бар мегирад» [3, с.376]. А.Н. Муҳаммад ва Х.Қ. Сафарализода таърифҳои гуногуни амнияти миллиро таҳлилу таҷзия намуда, ба хулосае омадаанд, ки «амнияти миллӣ – ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию берунӣ мебошад, ки мавҷудияти чунин ҳолат барои таъмини рушди устувори мамлакат хеле зарур дониста мешавад» [2, с.41]. Таҳлилу баррасии андешаҳои мазкур гувоҳӣ аз он медиҳад, ки амнияти миллӣ ҳамчун ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат дониста шудааст.

Ба ғайр аз он, таърифҳое, ки дар боло муаллифони гуногуни хориҷию ватанӣ ба фаҳмишҳои гуногун пешниҳод намудаанд, дар донишномаҳои соҳавӣ (луғатҳои соҳавӣ) ва электоронӣ низ таърифҳои гуногуни мафҳуми «амнияти миллӣ»-ро вохурдан мумкин. Масалан, дар луғати навтарини илмҳои сиёсӣ чунин таърифи амнияти миллӣ пешниҳод шудааст. «Амнияти миллӣ – ин ҷамъи талаботи дохилию хориҷиест, ки баамалбарории онҳо барои таъмини босуботи рушди сиёсӣ, иҷтимоию-иқтисодӣ ва маънавию-фарҳангии ҷомеа, мустаъқилият ва ҳимояи соҳибистиқлолию якпорчагии давлат хидмат менамояд» [6, с.318].

Чигунае, ки мебинем дар ин ҷо амнияти миллӣ ҳамчун ҷамъи талаботи дохилию хориҷӣ нишон дода шудааст ва ин талаботҳо ба хотири замина гузоштанашон ба субот ва рушди сиёсӣ, иҷтимоию-иқтисодӣ, маънавию-фарҳангии ҷомеа ва мустаъқилияту ҳимояи якпорчагии давлат равона мегарданд.

Дар луғати электронии Википедия таърифҳои зерини мафҳуми амнияти миллиро дарёфтан мумкин аст. Масалан,

дар ин сомона «Амнияти миллӣ – қобилияти миллатҳо барои қонеъ гардонидани талаботи муҳиме, ки ҷиҳати худмуҳофизаткунӣ, худмаҳсулдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, бо хавфи камтари зарар барои арзишҳои бунёдии ҳолати имрӯзаи онҳо мебошад» [9] таъриф дода шудааст. Ё ин ки «амнияти миллӣ – ҷамъи андешаҳои расман қабулшуда, дар мақсад ва стратегияи давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию берунӣ, хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, техникӣ, экологӣ, иттилоотӣ бо назардошти шароитҳои мавҷудаи манбаҳо ва имкониятҳо мебошад [9].

Таҳлили таърифҳои овардашуда нишон медиҳад, ки «амнияти миллӣ» аз ҷониби олимону муҳаққиқон дар донишномаҳои соҳавӣ (луғатҳои соҳавӣ) ва электоронӣ ба таври гуногун таъриф дода мешавад. Ҳар як таърифи пешниҳодгардида паҳлуҳои мухталифи амнияти миллиро дар бар мегирад. Ҳангоми таърифдиҳии мафҳуми амнияти миллӣ муаллифон бештар ба чунин ҷанбаҳо, махсусан, ҳифзи якпорчагии давлат, таъмини истиқлолияти давлатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, таъмини устовирии он, мустаҳкамӣ ва таъмини рушду инкишофи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои миллӣ диққат додаанд. Дар баъзе таърифҳо «амнияти миллӣ», хамчун фаъолияти дастаҷамии инсон, ҷомеа ва давлат нишон дода шудааст ва дар дигараш бошад ҳамчун фаъолияти давлат ва санъати истифодаи қувваи он.

Таърифҳои гуногуни олимон, муҳаққиқон ва дар донишномаҳои соҳавӣ (луғатҳои соҳавӣ) ва электоронӣ пешниҳодшударо ба назар гирифта, метавон гуфт, ки дар онҳо бештар аз ҳама диққати асосӣ ба чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди истиқлолият, устуворӣ, мустаҳкамӣ ба қобилият ва инкишоф равона кардаанд. Таҳлил ва муқоисаи таърифҳои пешниҳоднамуда нишон медиҳад, ки ҳар як муаллиф аз нуқтаи назари худ табиати «амнияти миллӣ» - ро ошкор месозад. Ниҳоятан таърифҳои мазкур имконият медиҳанд, то қисмҳои таркибӣ ва калидии мафҳуми амнияти миллиро чунин ҷудо созем:

Қисми зиёди муаллифон «амнияти миллӣ»-ро ҳамчун ҳифзи якпорчагии давлат, истиқлолияти давлатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, институтҳои ҷамъиятӣ, сохтори идоракунии давлатӣ, арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ мефаҳманд; Амнияти миллӣ дар таърифҳо ҳамчун қобилияти шаҳрвандон, ҷомеа, давлат ва миллатҳо барои таҳлил, омӯзиш ва бартараф намудани хатарҳои эҳтимолии харобкунанда аз берун ё аз дохили давлат баррасӣ карда мешавад; Олимон мафҳуми амнияти миллиро ҳамчун маҷмуи арзишҳои хусусияти устувордошта, худтанзимнамоидошта ва умумиятдошта маънидод намудаанд; Амнияти миллӣ ҳамчун низоми фаъолият барои нигоҳдошти низоми иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ нишон дода шудааст; Амнияти миллӣ ҳамчун омили шароитсоз баҳри таъмини рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ - иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ нишон дода мешавад; Инчунин амнияти миллӣ ин набудани хатар ва хавф дар ҳифзи арзишҳои моддию маънавии инсоният маънидод карда шудааст; Қисми дигари таърифҳо иҷозат надодан ба таъҳдид ва хавф ба арзишҳои моддию маънавиро мақсади амнияти миллӣ донистаанд.

Ҳамин тариқ, роҳу воситаҳои гуногуни таърифдиҳии амнияти миллӣ мавҷуд мебошад. Олимон ва муҳаққиқон онро бештар чун ҳимояи объекти хатар нишон дода, қисмҳои мухталифи охиринро гуногун нишон додаанд. Масъалаҳое, ки ба амнияти миллӣ рабт дода мешаванд, аз ҷониби олимон мушаххасан муайян гардидаанд. Агарчи дар сатҳҳои гуногун ақидаҳои олимон монандӣ доранд, вале аз мухолифат орӣ нестанд. Ҷиҳати ягонаи ақидаи олимон дар он инъикос меёбад, ки бехатарии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, низоми ҷомеа ва давлат дар таърифҳо ҷой доранд. Умуман, қисми зиёди муҳаққиқон амнияти миллиро ҳамчун мавҷуд набудани таҳдид ва хавфу хатар ба арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои миллӣ баррасӣ намудаанд.

**Адабиёт**

1. Ларин В. Безопасность развития и развитие безопасности // Свободная мысль. 1996. №7. - С. 49.

2. Махмадов А.Н., Сафарализода Х.К. Национальная безопасность: Учебное пособие. - Душанбе, 2019. - 224 с.
3. Махмадов А.Н., Хидирова М.У., Сафарализода Х.К. Политология: учебник. -Душанбе: Паёми ошно, 2018. -416 с.
4. Молчанов М.А. Дискуссионные аспекты проблемы «национальный интерес» // Полис -2000. - № 1. - С. 64.
5. Мухаммадзода П.А., Сафарализода Х.К. Национальная безопасность как отрасль науки: истоки возникновения и проблемы дальнейшего развития // Международные отношения и безопасность. - 2022. - №1 (1). - С.24-51.
6. Новейший политологический словарь. - Ростов н/Д : Феникс, 2010. - 318 с.
7. Серебрянников В.В. Гражданское общество и проблемы безопасности в России // Вопросы философии. - 1995. - № 2. - С. 26.
8. Lippman W. US Foreign Policy. Boston, 1943. P. 5.
9. https://ru.wikipedia.org (санаи мурочиат: 26.08.2019).

## НАЦИОНАЛЬНАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ И ЕЕ СОСТАВНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ: ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

**Муродов С.**

*В статье с теоретико-методологической точки зрения анализируется понятие национальной безопасности и ее составные элементы. Особое внимание автор уделил различиям между понятиями национальной безопасности. Констатируется, что мнения ученых относительно понятия национальной безопасности расходятся. Различные мнения ученых о понятии национальной безопасности основаны на использовании разных компонентов. В результате автор приходит к выводу, что исследователи рассматривают национальную безопасность как отсутствие угроз и опасностей национальным ценностям и национальным интересам.*

***Ключевые слова:*** *Безопасность, национальная безопасность, угроза, опасность, национальные интересы, национальные ценности, индвид, общества, государство, государственные институты, институты гражданского общества.*

## NATIONAL SECURITY AND ITS STRUCTURAL ELEMENTS: THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ANALYSIS

**Murodov S.**

*The article analyzes the concept of national security and its constituent elements from a theoretical and methodological point of view. The author paid special attention to the differences between the concepts of national security. It is stated that the opinions of scientists regarding the concept of national security differ. Different opinions of scientists about the concept of national security are based on the use of different components. As a result, the author comes to the conclusion that researchers consider national security as the absence of threats and dangers to national values and national interests.*

***Key words:*** *Security, national security, threat, danger, national interests, national values, individual, society, state, state institutions, civil society institutions.*

№3 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ДУРНАМОИ ГУСТАРИШИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

**Ризоён Ш. Ш.** – н.и.с., муаллими калони кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии ҶТ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон(E-mail: Sherali.rizoyon@gmail.com)

*Мақолаи ба таҳлили дурнамои густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон бахшида шуда, арзёбии мухтасари ҷуғрофияи сиёсии кишвар, зарурати бунёдӣ ва амалии он зикр шудааст. Омили равишшиносии рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон, аз қабили манфиатмеҳварӣ, доштани барномаи худии рушди сиёсати хориҷӣ ва аҳамияти хадамоти дипломатии касбӣ бозкушоӣ гардидаанд. Иқдомҳои зерини амалӣ, аз қабили зарурати тавсифи нави сиёсати бисёрсамтии Тоҷикистон, фаъол намудани дипломатияи мардумӣ, роҳандозии ребрендинги Тоҷикистон, рушди мактабҳои таҳлилнависӣ дар сиёсати хориҷӣ ва пӯшиши иттилоотии сиёсати хориҷии Тоҷикистон асоснок шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ, ҷуғрофиёи сиёсӣ, рушди устувор, сиёсати бисёрсамтӣ, ребрендинг.*

Равандҳои муосири сиёсати глобалӣ аҳамияти густариши сиёсати хориҷии кишварро боз ҳам муҳим намудааст, чун ҷаҳон дар остонаи тағйироти бузург қарор дорад. Аз ин рӯ, посухгӯй намудани сиёсати хориҷӣ ба чолишу фурсатҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, инчунин рақобатпазир намудани он аҳамияти махсусро касб мекунад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ 23 декабри соли 2022 зикр намуданд: "солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад. Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва оғози марҳалаи "ҷанги сард" боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқуъ омадани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид" [12]. Шароити ҳозира дар баробари чолишу таҳдидҳо, ҳамчунин фурсатҳои муайянро барои густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба вуҷуд меорад ва ба баҳсу баррасии ҳамин мавзуъ мақолаи мазкур бахшида мешавад.

Дараҷаи пажуҳиши мавзуъ. Ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар осори пажуҳишгарони ватанӣ, аз қабили А.Н.Муҳаммад [9], А.Искандаров [4], Г.Майтдинова [8], Р.Ш.Нуриддинов [11], Ҳ.С.Саидов[18], П.А.Муҳаммадзода [10], Х.Д.Самиев [19], Ф.Н.Салимов [20], А.Н.Шарипов [22], А.Х.Алиҷонова [1], Ф.Т.Бобозода [2], С.А.Солихоҷаева [21], Н.Ш.Дороншоева [3], Ф.М.Юсуфҷонов [23], И.Н.Наимов [7] ва дигарон [14] бозкушоӣ шуда, барои дарки васеи мавзуъ мусоидат мекунад.

Ҳадафи пажуҳиш арзёбии вижагӣ ва фурсатҳо барои густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст. Барои расидан ба ҳадаф чунин вазифаҳо: бозкушоии ҷуғрофиёи сиёсати хориҷӣ, арзёбии омилҳои равишшиносии рушди сиёсати хориҷӣ ва баррасии иқдомҳои амалӣ барои густариши сиёсати хориҷӣ гузошта мешаванд.

## Перомуни ҷуғрофиёи сиёсати хориҷии Тоҷикистон

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар се даҳаи охир аз диди консептуалӣ шакл гирифт ва тамоми самтҳои афзалиятноки он мушаххас шуданд. Бо қабули Консепсияи сиёсати хориҷии амалкунанда дар соли 2015[5] фаҳмиши муосири ҷуғрофияи сиёсии Тоҷикитон дар сиёсати хориҷӣ рӯйи кор оварда шуд. Аҳамияти ҷуғрофиёи сиёсати хориҷӣ дар барномарезии авлавияти беруна дар он аст, ки давлат бояд бар асоси мавқеи

ҷойгиршавии худ роҳбурди равобитро бо кишварҳои дигар тарҳрезӣ намояд [16, с.120]. Ҳамчунин, ҷуғрофиёи сиёсӣ яке аз 4 асли бунёдии моделсозии манфиатҳои миллӣ [16, с.139] дар сиёсати хориҷии давлат аст. Агар бидуни баррасии масъалаҳои назариявӣ ба паҳлӯи амалии мавзуъ назар кунем, саволе пайдо мешавад, ки "барои чӣ ба сиёсати хориҷӣ аз диди ҷуғрофиёи сиёсии Тоҷикистон бояд нигоҳ кунем?". Ба унвони aслҳои амалӣ зикри се зарурат ба мақсад мувофиқ аст:

Якум, мавқеи ҷойгиршавӣ ба таври табиӣ авлавияти сиёсати хориҷиро меофарад. Аз ин дидгоҳ, Чин, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Қирғизистон ба унвони ҳамсояҳо халқаи аввали авлавияти кишварро ташкил медиҳанд.

Дуюм, нуфузи қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ. Тоҷикистон бо ҳар қудрати беруна, ки дар Осиёи Марказӣ нуфуз ва таъсир доранд, бояд равобити ҳасанаро ба роҳ монад. Даст кашидан аз равобит ё нигаҳ надоштани тавозун бо ин қудратҳо ба манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Сеюм, кишварҳои аз диди иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон, ки дар Осиёи Марказӣ манфиатҳои мустақими тавсеаталабӣ надоранд. Ин нукта бо меъёрҳои назарияи равобити байналмилал то ҷойе дар тазодд аст, вале ҳамчун фурсат дар сиёсати хориҷии кишвар барои ҷалби сармоягузорӣ баромад намуда метавонад.

Аҳамияти амалии ҷуғрофиёи сиёсӣ дар пешбурди роҳбурди берунаи кишвар ин қавӣ гардидани дидгоҳи тоҷикистонмеҳвар аст. Чун дар таҳлили вазъ ва равандҳои минтақаву ҷаҳон бояд Тоҷикистон дар марказ гузошта шавад ва мувофиқ бар асоси шинохти манфиатҳои миллии кишвар анҷом гарданд. Зарурати зикри мавзуъ дар он аст, ки баъзан дар навиштаҳои пажуҳишгарони ватанӣ ривояти кишварҳои хориҷӣ барҷаста ҳастанд ва онҳоро ҳамчун афзалияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон қаламдод мекунанд. Моҳияти сиёсати хориҷии кишвар дар моддаи 11-и Конститутсия [Ниг.:6] омадааст, ки aслҳои зеринро дар бар мегирад: амалисозии сиёсати сулҳҷӯёна (i), эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли давлатҳои ҷаҳон (ii), муайян кардани муносибатҳои хориҷӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ (iii), манъи ташвиқоти ҷанг (iv), бар асоси манфиатҳои олии мардум узвият дар ниҳодҳои байналмилалӣ ва равобит бо кишварҳои хориҷӣ (v). Бо назардошти панҷ асли конститутсионии моҳияти сиёсати хориҷӣ ҷуғрофиёи сиёсии кишварро чунин гуруҳбандӣ намудан мумкин аст:

Гурӯҳи якуми давлатҳо – кишварҳои ҳаммарз: Афғонистон, Қирғизистон, Чин ва Узбекистон, ҳамчунин шарикони стратегӣ дар минтақа Қазоқистон ва Туркманистон.

Гурӯҳи дуюми давлатҳо – қудратҳои ҷаҳонӣ ва муддаиёни он, ки манфиатҳои доимии худро дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон доранд: Русия, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Ҳинд, Ҷопон ва Иттиҳоди Аврупо.

Гурӯҳи сеюми давлатҳо – бозингарони минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ: Эрон, Туркия, Арабистони Саъудӣ, Покистон, Кореяи Ҷанубӣ, Исроил.

Гуруҳи чоруми давлатҳо – кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ, ки бо давлатҳои Осиёи Марказӣ робитаи наздик надоранд ва дар минтақа низ дорои манфиатҳои геополитикии доимӣ нестанд: Австралия, Бразилия, Аргентина, ҶАҶ, Нигерия, Ветнам, Малайзия, Индонезия, Сингапур ва ғайра.

Гуруҳи панҷуми давлатҳо – кишварҳои дигари паҳнои пасошӯравӣ.

Гуруҳи шашуми давлатҳо – кишварҳои ҷаҳони Ислом.

Гуруҳи ҳафтуми давлатҳо – кишварҳои дигари ҷаҳон.

Бинобар ин, дар пажуҳишҳои илмӣ дар самти сиёсати хориҷӣ ва сохтусози ривоятҳо дар фазои расонаӣ дар меҳвар қарор додани Тоҷикистон ва манфиатҳои ҳаётан муҳими он мувофиқи мақсад мебошад.

**Омилҳои густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон**

Тавре аз қавли саромади парадигмаи воқеагароӣ дар назарияи равобити байналмилал Отто фон Бисмакр меоранд:

"сиёсат пеш аз ҳама ҳунари истифодаи фурсат аст". Ҳадафи сиёсат ҳифзи манфиатҳои миллӣ мебошад, ки аслан имконпазир ва воқеӣ ҳастанд. Аз рӯйи дидгоҳи мазкур се омили равишшиносии рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити муосирро зикр мекунем:

Якум, манфиатмеҳварӣ дар сиёсати хориҷӣ. Самаранокии сиёсати хориҷӣ маҳз дар давраи буҳронӣ ва ҳассос падидор мешавад, ки то кадом андоза ба ривояти манфиатҳои худ устувор аст. Дар афзалият қарор додани ривоятҳои кишварҳои дигар, ормонгароӣ (агар бо ҳадафи расидан ба авлавияти дарозмуддат набошад), бовар ба мираж, ваъда ва эъломияҳои болобаланд ва ғайра кишварро метавонад ба буҳрони нохоста дучор кунад. Агар аз ин дидгоҳ сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҳлил кунем, маълум мешавад, ки кишвар дар масъалаҳои ҳассоси ҷаҳонӣ "асли бетарафӣ"-ро истифода ва риоя мекунад. Маҳз ҳамин рӯйкард сабаб гардид, ки таъсири манфии таҳаввулоти ҷаҳонӣ нисбатан кам гардад. Ҳамчунин, дар тули се даҳаи худсолорӣ Тоҷикистон нисбат ба "сиёсати водорсозӣ"-и кишварҳои дигар як навъ масуниятро барои худ сохт, ки бар асоси дарки воқеии манфиатҳои миллӣ эҷод шудааст. Аз ин рӯ, идома додани сиёсати хориҷии манфиатмеҳвар ба авлавияти дарозмуддати кишвар мувофиқат мекунад.

Дуюм, доштани барномаи худии рушди сиёсати хориҷӣ. Дар арсаи байналмилалӣ чунин ривоят мавҷуд аст: "агар кишвар аз рӯйи барномаи худ рушд накунад, пас ба абзори пешрафти давлати дигар табдил меёбад". Дарки ин нукта зарурати доштани барномаи худии рушди роҳбурди берунаи кишварро бештар мекунад, ки нақши онро имрӯз Консепсияи амалкунандаи сиёсати хориҷӣ иҷро менамояд. Аз солҳои аввали худсолорӣ рӯйкарди сиёсати хориҷии кишвар бо назардошти тавонмандиҳои воқеӣ таҳия гардид. Ин нуктаро суханронии роҳбари давлат дар Иҷлосияи XVIII-уми Шӯрои олӣ аз 28 декабри соли 1993 собит мекунад: "...мо бояд бояд консепсияи сиёсати хориҷии худро дошта бошем ва ба воситаи он возеҳ дарк кунем, ки дар ҷаҳон чӣ воқеаҳо рӯй медиҳанд ва давлати мо чӣ тавр дар арсаи байналмилилӣ амал кунад [13, с.155]. Гуфтаи мазкур то ҳол аҳамияти худро ҳифз намуда, имрӯз зарурат ба барномарезии дарозмуддати равобити Тоҷикистон ба миён омадааст. Чунин санад агар дар асоси пажуҳиши бунёдии равобити байналмилал дар ду асри охир (i), таҷрибаи зиндаи равобити кишвар бо шарикон (ii), ҳуҷҷатҳои роҳбурдии шарикон аз гузашта то имрӯз ва навъи муносибати онҳо ба Тоҷикистон: аз эъломӣ, то воқеӣ (iii), омилҳои гуногуни таъсиррасон ба сиёсати ҷаҳонӣ ва вазъ дар минтақа (iv), инчунин осори оянданикгарӣ, ки дар андешакадаҳои машҳури ҷаҳонӣ таҳия гардидааст (v) таҳия гардад, ба мақсад мувофиқ мешуд.

Сеюм, хадамоти дипломатии касбӣ. Дар замони худсолории Тоҷикистон хадамоти дипломатии касбӣ созмон ёфт, ки дорои вижаги ва анъанаҳои худ мебошад. Заминаи меъёрию ҳуқуқии хадамоти дипломатӣ комилан шакл гирифта, Вазорати корҳои хориҷӣ мақомоти ваколандор барои пешбурди равобити берунаи кишвар мебошад. Бо қабули Консепсияи амалкунанадаи сиёсати хориҷӣ, тағйироти сохторӣ дар дастгоҳи марказии ВКХ сурат гирифт ва номгузории раёсатҳо мутобиқ ба ҷуғрофиёи сиёсии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд ки падидаи мусбат мебошад. Барои тақвияти ҷойгоҳи байналмилалии Тоҷикистон, таҳлилуояндабинии равандҳои байналмилалӣ, омода намудани кадрҳо мутобиқ ба ҷуғрофиёи сиёсии роҳбурди берунаи кишвар баррасии таъсиси Академияи дипломатии ВКХ [4, с.89] ба мақсад мувофиқ мебошад. Чун ВКХ-и Тоҷикистон дар паҳнои Осиёи Марказӣ ягона вазорате мебошад, ки чунин ниҳоди вижа надорад.

Таҳлили сиёсати хориҷии кишвар нишон медиҳад, ки омилҳои равишшиносии густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон эҷод шуданд. Барои густариши сиёсати хориҷии кишвар зикри панҷ иқдоми амалиро муҳим мешуморем:

Якум, тавсифи нави сиёсати бисёрсамтии Тоҷикистон. Дар шароити имрӯза, дар иртибот ба он пешбиниҳое, ки

дар марҳилаи кӯтоҳмуддат дар арсаи байналмилалӣ метавонад ба вуҷуд ояд, бисёр муҳим аст, ки сиёсати бисёрсамтии Тоҷикистон тафсири нав дода шавад. Вазъи номуайяни сиёсати ҷаҳон чунин амалкардро талаб дорад, чун маҳз фаъол будани Тоҷикистон дар баробари буҳронҳо ва ҳам риояи асли бетарафӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ шароити мусоид меофарад. Имрӯз омӯхтани паҳлуҳои мухталифи сиёсати бисёрсамтии кишвар зарур аст ва зимни анҷоми чунин пажуҳиш таваҷҷуҳ ба рискҳо, таҳдидҳо, осебпазириҳо ва фурсатҳои эҳтимолию воқеӣ ба сиёсати хориҷӣ муҳим мебошад. Бо чунин иқдом ташхиси то кадом андоза воқеӣ будани онҳо сурат мегирад. Арзёбиҳои мазкурро дар шакли алоҳида (аз ҷониби як муаллиф) ва муқоисавӣ (бо ҷалби чанд пажуҳишгар, ки мавқеи гуногун доранд) анҷом додан мумкин аст. Иқдоми мазкур то андозае барои дарки шароит /масъала /мушкилоте, ки дар дарозмуддат моро интизор аст, мусоидат мекунад.

Дуюм, фаъол намудани дипломатияи мардумӣ ва таҳияи ҳуҷҷати вижа дар ин самт. Дипломатияи мардумӣ (Public Diplomacy) бо фарогирии унсурҳои фарҳангию гуманитарӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ҳам афзалияту имконоти худро муаррифӣ намояд ва ҳамчунин тавонмандиҳои неруи нарми худро васеъ истифода намояд. Дипломатияи фарҳангию гуманитарӣ ва тавонмандиҳои он дар шароити Тоҷикистон ба ҳайси унсури дусатҳа [Ниг.:17] баромад меканад. Яъне ҳам ба кишвари ташаббускори иқдом ҳам ба кишвари қабулкунандаи барнома нафъ меорад. Аз рӯйи чунин рӯйкард таҳия ва қабул намудани ҳуҷҷати заминавӣ барои роҳандозии васеи дипломатияи мардуми аз аҳамият холӣ нест.

Сеюм, роҳандозии ребрендинги Тоҷикистон. яке аз масъалаҳои калидӣ дар даҳсолаи чаҳоруми истиқлоли давлатӣ ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон мебошад. Чун дар ташаккули додани имиҷи Тоҷикистон расонаҳои беруна нақши асосӣ доштанд ва яккатор ривоятҳоро дар бораи кишвари мо офаридаанд. Аз ин рӯ, дар дарозмуддат устувору собит гардидани имиҷи мавриди назар, ба тавонмандиҳои мавҷудаи дохилии кишвар иртибот дорад. Таҷрибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва умуман кишварҳои пасошӯравӣ барои тағйир додани имиҷи байналмилалии худ нишон медиҳад, ки онҳо иқдомҳои бисёр ҷиддиро ба анҷом расониданд ва то андозае ҳам муваффақ гардиданд. Ҳар як давлат вобаста ба зарфияти мавҷудаи худ чунин роҳбурдро татбиқ кард. Масалан, Озорбойҷон худро “Сарзамини оташ” тавсиф мекунад, чунки захираҳои зиёди нафту газро дорад. Қазоқистон худро “Сарзамини даштҳои бузург” меномад, ки бархеста аз ҷуғрофиёи ин кишвар аст. Арзёбии таҷрибаи Тоҷикистон дар самти ташаккули имиҷи мусбат нишон медиҳад, ки дар давлати мо низ об ва куҳ ҳамчун унсури айниятдиҳанда истифода мешаванд. Масалан, “Тоҷикистон кишвари обҳои мусаффо” ва ё “Тоҷикистон кишвари кӯҳҳои осмонбус”. Роҳандозии иқдоми мазкур аз вазифаҳои муҳими давлати мо дар даҳаи чоруми худсолорӣ мебошад, то Тоҷикистонро ҳамон тавре, ки мо мехоҳем шиносанд ва чунин шинохт бояд мусбат бошад. Барои ташаккули имиҷи мусбати кишвар ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ намудан аз аҳамият холӣ нест: якум, арзёбии консептуалию равишшиносии масъала: шинохти тавонмандиҳои воқеӣ ва ба тадриҷ муаррифӣ намудани онҳо; дуюм, беҳтар намудани мақоми кишвар дар радабандиҳои гуногуни байналмилалӣ, ба хусус дар соҳаи иқтисод, тиҷорат, ҳуқуқи инсон, озодии баён, илму пажуҳиш ва ғайра; сеюм, роҳандозӣ намудани корзори пухтаю санҷидашудаи иттилоотӣ барои ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон бо дарназардошти вижагии минтақаҳои мавриди назари ҷаҳон. Дар умум, ташаккули имиҷи мусбат аз бахшҳои муҳими сохтори манфиатҳои миллӣ ба шумор меравад ва барои анҷому амалисозии ин иқдом ҷалби неруҳои интелектуалии кишвар бисёр муҳим мебошад.

Чорум, рушди мактаби таҳлилнависӣ дар сиёсати хориҷӣ. Яке аз заминаҳои густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон рушди мактаби таҳлилнависӣ мебошад

[Ниг.:15], ки хидматрасонии арёбии фаврии вазъ ва ояндабинии онро анҷом медиҳад. Дар ин самт аҳамият додан ба нуктаҳои зерин аз аҳамият холӣ нест: якум, роҳандозии мактабҳои кишваршиносӣ (омӯзиши Русия, Чин, ИМА, Туркия, Эрон, Ҳинд, Ҷопон ва ғайра) ва минтақашиносӣ (Осиёи Марказӣ, пасошуравӣ, кишварҳои мусалмоннишин, қораи Авру-по ва ғайра), ки барои пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон имкони пешкаш намудани мулоҳиза ва пешниҳодро дошта бошанд; дуюм, такмили низоми омода намудани кадрҳои соҳаи равобити байналмилал, ки баъди хатми мактаби олӣ дорои маҳорат ва қобилияти таҳлилу ояндабинӣ бошанд; сеюм, дастгирии давлатии фаъолияти ниҳодҳои таҳлилӣ, зиёд намудани шумораи онҳо дар пойтахт, ҷоннок намудани фаъолияти чунин марказҳо дар низоми мактабҳои олии кишвар, ки ба ҷузъ пажуҳиши академикӣ, боз арзёбиҳои амалиро пешниҳод намоянд.

Панҷум, пӯшиши иттилоотии сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Омили мазкур имкони мусоидат ба густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон баромад намуда, барои муаррифии бештари иқдомҳои роҳбурдии кишвар хидмат мекунад. Зарурати якуми иқдом дар он аст, ки фазои расонаии кишвар бештар аз ҷониби коршиносони беруна шакл дода мешавад ва онҳо бештар ривояти кишварии худро тарвиҷ медиҳанд. Зарурати дуюм, пӯшиши иттилоотии васеи фаъолият ва ташаббусҳои байналмилалӣ Пешвои миллат мебошад, то дар баробари забони тоҷикӣ бо забонҳои дигар ба роҳ монда шавад. Зарурати сеюм, шакл додани дидгоҳи тоҷикистонмеҳвар аст, ки дар дарозмуддат ба рушди устувори кишвар мусоидат мекунад. Барои амалисозии иқдоми мазкур таваҷҷуҳ ба се нукта: якум, тақвияти ҳамкориии мақомоти давлатӣ бо коршиносону таҳлилгарони ватанӣ; дуюм, роҳандозии ҳамкориҳои судманд бо коршиносону таҳлилгарони хориҷӣ, ки дар шакл додани афкори умум кишварҳои худ нақш доранд; сеюм, низомманд намудани раванди омода намудани кадрҳои таҳлилгари ватанӣ, мусоидат ба такмили ихтисоси онҳо дар андешакадаҳои машҳури ҷаҳонӣ муҳим мебошад.

Хулоса, амалишавии нуктаҳои боло таъсири муайянро ба густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон мерасонад ва паёмадҳои мусбатро низ ба бор оварда метавонад. Чун масъалаи муҳим таҳияи сенарияҳои мухталифи густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон барои дурнамои кутоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат мебошад, ки онро мутобиқ ба меъёр ва абзорҳои ояндангарӣ метавон таҳия намуд. Дар умум, идома додани пажуҳиши дурнамои густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамеша актуалӣ буда, аҳамияти худро аз даст намедиҳад.

**Адабиёт**


1. Алиджанова А.Х. некоторые аспекты внешней политики Республики Таджикистан на современном этапе // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. -2011. -№3(47). -С.116-122.
2. Бобозода Ф.Т. Сущность, необходимость и перспективы политики «открытых дверей» в Таджикистане //Государственное управление. -2020. –№2(46). -С.112-119.
3. Дороншоева Н.Ш. Государственный суверенитет: новые аспекты формирования внешней политики Республики Таджикистан //Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. -2016. -№2. -С.80-83.
4. Искандаров А. К вопросу об актуальности исследования внешней политики Республики Таджикистан и её перспектив // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. -2020. -№1. -С.85-89.
5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, № 332 тасдиқ шудааст). URL: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1_TJ.pdf
7. Наимов И.Н. Некоторые вопросы совершенствования концепции внешней политики Республики

Таджикистан в контексте современных вызовов и угроз // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2021. -№6. -С.252-257.
8. Майтдинова Г. Таджикистан в геополитических трендах в начале третьего десятилетия XXI в // Постсоветские исследования. -2021. -Т.4. -№1. -С.9-16.
9. Муҳаммад А.Н., Ризоён Ш.Ш. «Неруи нарм» дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ. -2020. -№ 1. -С.80-84.
10. Муҳаммадзода П.А., Малангова И.И. Таҳлили дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. -2020. -№4(72). -С.15-23.
11. Нуриддинов Р.Ш., Шамсиддинзода Ш. Тенденции развития внешней политики Республики Таджикистан // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. -2021. -№3. -С.83-87.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" /23.12.2022. URL: http://president.tj/node/29823
13. Рахмонов Э.Ш. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том первый. –Душанбе: Ирфон, 2006. -480с.
14. Ризоён Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан: структура и специфика: дисс. на соис. ученой степени к.полит.н. - Душанбе: 2017. -185с.
15. Ризоён Ш.Ш. Политическая аналитика и устойчивое развитие Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2020. -№7. -С.310-322.
16. Ризоён Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан. -Душанбе: Дониш, 2020. -С.320с.
17. Ризоён Ш.Ш. Внешняя образовательная миграция молодежи Таджикистана как двухуровневый ресурс «мягкой силы» // Научный журнал «Дискурс-Пи». -2021. -№1. (42). -С.158–175. DOI: 10.24412/1817-9568-2021-1-158-175
18. Саидов Х.С., Наимов И.Н. Некоторые вопросы совершенствования концепции внешней политики Республики Таджикистан в контексте современных вызовов и угроз. -Вестник Педагогического университета. -2020. -№5(88). -С.214-219.
19. Самиев Х.Д. Сиёсати хориҷии кишвари соҳибхтиёр дар шароити тағйирёбии равобити байналмилалии муосир: мубрамият ва таҳлили назариявӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2016. -№3-5. -С.6-11.
20. Салимов Ф.Н. Эмомали Рахмон и внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2020. -№6. -С.284-292.
21. Солихоҷаева С.А. Баъзе авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. -2022. -Т.92. -№3. -С.162-182.
22. Шарипов А.Н. Основные этапы формирования внешней политики Республики Таджикистан // Постсоветские исследования. -2019. -Т.2. –№7. -С.1503-1510.
23. Юсуфджанов Ф.М. Трансформация концептуальных подходов внешней политики Республики Таджикистан в условиях глобальных перемен// Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. -2020. -№1. -С.90-94.

## ПЕРСПЕКТИВЫ РАСШИРЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**Ризоён Ш. Ш.**

*В статье анализируются перспективы расширения внешней политики Таджикистана, дается краткая оценка политической географии страны и отмечается ее базовая и*

*практическая необходимость. Раскрываются методологические факторы развития внешней политики Таджикистана, такие как интересоцентризм, наличие собственной программы развития внешней политики, профессиональная дипломатическая служба. Обоснованы следующие практические меры, такие как необходимость нового описания многовекторной политики Таджикистана, активизация публичной дипломатии, ребрендинг Таджикистана, развитие внешнеполитических аналитических школ и информационная сопровождения внешней политики Таджикистана.*

**Ключевые слова:** *Таджикистан, внешняя политика, национальные интересы, политическая география, устойчивое развитие, многовекторная политика, ребрендинг.*

**PROSPECTS FOR EXPANDING TAJIKISTAN'S FOREIGN POLICY**

**Rizoyon Sh. Sh.**

*The article analyzes the prospects for expanding Tajikistan's foreign policy, gives a brief assessment of the country's political geography and stresses its basic and practical necessity. This paper discusses in detail methodological factors of Tajikistan's foreign policy development, such as interest-centrism, the existence of its own foreign policy development program and professional diplomatic service. The article argues in favor of the following practical measures: the need for a new description of the multi-vector policy of Tajikistan, the activation of public diplomacy, the rebranding of Tajikistan, the development of foreign policy analytical schools and information support of Tajikistan's foreign policy.*

***Key words:*** *Tajikistan, Foreign Policy, National Interests, Political Geography, Sustainable Development, Multi-Vector Policy, Rebranding.*

№3
2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ДАВЛАТИ МИЛЛӢ: МУШКИЛОТ ВА ТАҲДИДҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР (ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН)

**Саидумаров С. С. Н.** – н.и.ф., дотсенти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ, Тел.: 93-501-24-44. E-mail: svd-2010@mail.ru
**Умаров А. Қ.** – н.и.т., дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: 981059889. E-mail: abdullo1189@mail.ru
**Абдуллоев А. Ш.** - ассистенти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ Тел.: 988 88 96 88. E-mail: shaydullozoda@mail.ru

*Дар мақола муаллифон масоили муҳимми мушкилот ва таҳдидҳои замони муосирро ба давлати миллӣ таҳлилу баррасӣ кардаанд. Дар рафти таҳлил мафҳуми давлати миллӣ, пайдоиш, таърихи таҳаввул ва назари донишмандон вобаста ба ин масъала муфассал нишон дода шудааст. Махсусан, назарияҳои эндогенӣ ва экзогенӣ, ки ба пайдоиши давлати миллӣ хосанд, таҳлил гардида, хусусиятҳои хосси фарққунандаи давлати милли аз дигар давлатҳо иъикос гардидааст. Ҳамзамон, таҳдиди хатарҳо ба давлати миллӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои пешгириву муқобилият ба онҳо ба таври мухтасар баён шудаанд.* ***Калидвожаҳо***. *давлати миллӣ, демократия, муҳоҷират, маориф, техника ва технология, ҳувияти миллӣ.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи хеш таъкид намуданд, ки «...солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад»[9]. Дар ҳошияи ҳамин андешаҳо профессори тоҷик С. Ятимов таъкид менамоянд: «Тоҷикон дар тӯли таърих зиёда аз 13 маротиба (Модҳо, Ҳахоманишиҳо, Портҳо, Кӯшониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорҳо, Музаффариён) давлатдорӣ кардаанд. Он дар маҷмуъ, беш аз 2236 солро дар бар мегирад. Шикасти ин салтанатҳои бузургу хурд бо хатои мардум, аъён ва ашрофи худи миллати мо сурат гирифтааст. Иллати аслии сукути онҳоро ҷаҳолат ташкил медод» [17]. Дар замони муосир тарбияи насли дорои худшиносии миллии муккаммал хело масалаи мубрам гаштааст, зеро «... худшиносии миллӣ маҳаки асосии шуури миллӣ ба ҳисоб рафта, ба ҳайси низоми ҳаракатдиҳандаи муносибатҳои арзишӣ ва идаои ақлӣ - барои муайянсозии инсон дар ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ нақши бориз дорад» [12. с. 222]. Бинобар ин, мо шаҳрвандони Ҷумҳурии

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми давлати миллӣ бо мафҳуми миллат пайванд дода мешавад ва ду маъниро дорад: 1. Ҷомеаи давлатии шаҳрвандон; 2. Ҷомеаи миллии сиёсӣ. Давлати миллӣ аввалин маротиба соли 1648 ҳангоми шартномаи Вестфал ба вуҷуд омадааст [6. с. 70-71.]. Дар даврони инқилоби Фаронса (асри XVIII) мафҳуми миллат маънии нав – «миллат – давлат» – ро касб намуд, ки дар қонунҳои конститутсионӣ, байналмилалӣ ва ҳуҷҷатҳои СММ ба ҳамин маъно омадааст [7. С. 401]. Дар байни олимон доир ба пайдоиши давлатҳои миллӣ андешаи ягона вуҷуд надорад, аммо ҳамаи назарияи пешниҳоднамударо метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: эндогенӣ ва экзогенӣ. Тарафдорони назарияи якум, бар он андешаанд, ки давлатҳои миллӣ дар натиҷаи сабабҳои дохилӣ (Т. Гоббс, К. Маркс, Г. Моммзен, М. Вебер, Ю. Хабермас ва ғ.) ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳолати дуюм пайдоиши давлатҳои миллиро ба сабабҳои байналмилалӣ ва гузариш аз сохтори феодалӣ ба миллӣ (Д. Хатчинсон ва Э. Смит) рабт медиҳанд.

Ба андешаи Т. Гоббс асоси ором нигоҳ доштани ҷомеа ва мустаҳкамии давлат дар таҳдиди ҷазо [3. с. 324.] аз тарафи давлат побарҷо буда ва шиорҳои «ҷанг ба муқобили ҳама» [4. с. 307.], «ҳуқуқи ҳама барои ҳама чиз»-ро [3., с. 305.] пешниҳод менамояд. Ба ҳамин мазмун К. Маркс ҳокимияти мутамарказро аз рӯйи иерархияи ба низом даровардашуда асоси ҳокимият медонад. Макс Вебер оромию суботи ҷомеаро аз қудрати давлат шаҳодат намедиҳад, балки аз адолатнокии қонунҳои баровадашудаи давлат вобаста медонад [2. с. 646]. Ба андешаи Ю. Хабермас, мероси маънавӣ ва фарҳангӣ инкишофи минбаъдаи давлати миллиро муайян мекунанд [17. с.425]. Ба ҳамин мазмун, намояндагони усули экзогенӣ аз байн рафтани давлатҳои динӣ ва бо таъсири омилҳои берунӣ ба вуҷуд омадани давлатҳои миллӣ медонанд.

Мушкилоти асосии усулҳои эндогенӣ ва экзогенӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо як омилиро (ё дохилӣ ё берунӣ) барои пайдоиши давлатҳои миллӣ муҳим арзёбӣ менамоянд. Ба андешаи мо барои омӯзиши давлатҳои миллӣ усули омехтаи бонизомро пешниҳод намудан лозим аст, зеро ҳангоми ба вуҷуд омадани давлат танҳо як омил нақш бозида наметавонад. Барои пешрафти давлатҳои миллӣ омилҳои зиёд заруранд ба мисли дар давраи аввал мушкилиҳои мутобиқшавӣ, давраи гузариш, ташаккули институтҳои ҷомеа, элитаи ҷомеа, таъриху фарҳанг, сатҳи ҷаҳонбинӣ ва шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, аз ҳама муҳимтараш ташаккули ҳувияти миллӣ ва ғайра нақш мебозанд.

Пас аз таъсиси давлатҳои миллӣ муносибатҳои байналмилалӣ дар асосӣ принсипҳои умумиэътирофшуда тағйир ёфтанд. Муҳимтараш ин ки бартарӣ додан ба яке аз давлатҳо то андозае коҳиш ёфт ва амнияти давлатҳои хурд дар асоси созишномаи СММ таъмин карда мешавад.

Бо вуҷуди ҳамаи гуфтаҳои боло дар замони муосир ҳамагуна давлати миллиро, ки Тоҷикистон истисно нест, хатарҳои гуногуни дохилию берунӣ пайгиранд. Ба мисли равандҳои ҷаҳоншумулӣ, минтақавӣ, сиёсӣ, тағйири арзишҳо, пайдоиши тафриқа дар ҷомеа ва элитаи сиёсӣ, заиф гардидани ҳувияти миллӣ, ихтилофҳои миллӣ, сепаратизм, муҳоҷирати оммавӣ, паст гардидани дониши замонавии аҳолӣ, рақобатпазир набудани молҳои истеҳсолии давлат ва ғайраҳо мебошанд.

Дар маҷмуъ, барои ташаккули давлатҳои миллӣ як чанд бухрони замони муосир ба мисли мубориза тезутунди давлатҳои абарқудрат, тағйирёбии мувозинати қувваҳои ҷаҳонӣ, ба вуҷуд омадани блокҳо ҳарбию иқтисодӣ ва муборизаҳои пуршиддати ширкатҳои фаромиллӣ таҳдид менамоянд. Ҳамаи гуфтаҳои боло биниши хосро талаб менамоянд, илова бар ин, мо баъзе аз он омилҳоеро таҳлил менамоем, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ айни замон ва ё дар оянда таъсири бевосита мерасонанд ва ё расонида метавонанд.

**Якум,** кӯшиши интиқоли демократияи ғарбӣ ба дигар давлатҳо ва зиёд намудани нуфузи давлатҳои Ғарбӣ (ИМА, ИА ва ғ.) дар байни аҳолии дигар минтақаҳо. Дар аввал, давлатҳои ғайриаврупоӣ кӯшиш намуданд, ки сохтори давлати миллии аврупоӣ (хоҳ бевосита ё бавосита) – демократияи ғарбро бунёд намоянд, аммо чунон ки таърих гувоҳ аст аксарияти чунин таҷриба ба аз байн рафтани ё ҳокимияти сиёсӣ ва ё худи давлат оварда расонид (инқилобҳои давлатҳои Африқоӣ ва Осиёӣ мисол шуда метавонанд). Бунёди давлати миллӣ пеш аз ҳама бояд ба зеҳну зеҳнияти миллӣ мутобиқ бошад, зеро зеҳнияти миллӣ – «низоми образҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки метавонад дар асоси фаҳмишҳои коллективонаи миллат доир ба олам ва мавқеи онҳо дар ин олам маънидод гардад. Зеҳнияти миллӣ дар раванди ташаккул (дар зинаи генетикӣ, геноиҷтимоӣ, иҷтимоӣ) ва инкишофи ганҷури миллӣ вазифаи якмаром рушд ёфтани онро таъмин менамояд» [13., с.50].

Яке аз сиёсатмадорони муваффақи асри XX сарвазири собиқи Сингапур Ли Куан Ю ба ҳисоб меравад, ки шакли демократияи шарқиро тарафдорӣ намуда, зиёда аз 30 сол ин кишварро аз

давлатҳои қашшоқтарин ба яке аз пешрафтатарини дунё оварда расонид. Дар яке аз мусоҳибаҳояшон таъкид менамоянд, ки мардуми Шарқ асосан дар доираи фарҳанги коллективизми оилапарастӣ тарбия ёфтаанд ва барои онҳо оила аз ҳама чизи муқаддас ба ҳисоб меравад ва дар ҷои дигар таъкид менамояд, ки аз ҳад зиёд будани демократия ба бетартибӣ оварда мерасонад, ки ба пешрафти давлат халал мерасонад. Илова бар ин, таъкид менамояд, ки барои сохтани демократияи ҳақиқӣ даромади аҳолии давлат бояд ниҳоят баланд бошаду аксарияти мардум дорои саводу дониши мукаммали ҳуқуқи бошанд [5. с. 110].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳар як кишвар низоми давлатдории худро дар робита ба урфу одат, фарҳанг ва маънавиёти аҳолии худ месозад. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд, яке аз хусусиятҳои фарққунандаи демократии мо ба вуҷуд овардани қонунҳои миллӣ ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳисоб мераванд, ки ба зеҳну зеҳнияти мардуми тоҷик хоссанд. Барои аҳолии давлатҳои ғарбӣ пешниҳоди чунин қонун кобили қабул нест.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил пас аз пош хӯрдани ИҶШС ба вуҷуд омада бошад ҳам, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба бухрони вазнин (ҷанги шаҳрвандӣ, ки зиёда аз даҳ миллиард доллар зарари иқтисодӣ ва садҳазор аҳолии хешро аз даст дод) дучор гардид, ки аксарияти муҳаққиқон онро ҷанги таҳмилӣ ном бурданд. Яъне бо таъсири қувваҳои беруна мардуми тоҷикро бар зидди якдигар шуронида, аз он хостанд ва ё то андозае тавонистанд манфиат ба даст биёранд.

**Дуюм**, муҳоҷират. Боиси тазаккур аст, ки рушди давлати миллии навбунёди миллати тоҷик баъд аз солҳои дуҳазорум шуруъ гардид, ки айни замон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон устуворона ба пеш рафтаистодааст. Бо вуҷуди ҳамаи пешравиҳо омилҳои демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо барои пешрафти давлати мо монеа мегузоранд. То ҳол дар Тоҷикистон барои ташаккули давлати миллӣ корҳои зиёде ба анҷом расонидаанд, аммо баъзе душвориҳо низ ба чашм мерасанд. «Дар 30 соли охир аҳолии Тоҷикистон аз 5,5 миллион ба 9,8 миллион нафар расид, яъне 1,8 баробар зиёд шудааст»[20], ки нисбат ба ҳамаи давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таносуби зиёдшавӣ баландтар аст. Аз як тараф зиёдшавии аҳолии Тоҷикистон бартариятҳо дорад, ки пеш аз ҳама шумораи тоҷикон зиёд мегардад, аммо аз тарафи дигар муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон хело зиёд мебошад. Мувофиқи баъзе аз сарчашмаҳо аз панҷсад ҳазор то якуним миллион нафар аҳолии Тоҷикистон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дорад. Албатта, муҳоҷирати меҳнатӣ барои баъзе давлатҳои фоида калон овардаасту меорад, аммо аксарияти муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба корҳои нисбатан камарзиш ва ё сиёҳ машғуланд, ки боиси таасуф аст. Дар баробари ҳамаи ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани неруи зеҳнии муҳоҷирон чандин корҳоро ба анҷом расонидааст, ба мисли ҷалби онҳо ба марказҳои касбомӯзӣ ва ғ. Мушкилии асосӣ дар он аст, ки савияи дониши аксарияти муҳоҷирон хело паст мебошад, ки нисбати онҳо фиребгарию қаллобӣ дар кишварҳои муваққатан маскуниашон хело зиёд ба чашм мерасад. Масъалаи дигари ташвишовар дар муҳоҷирони меҳнатӣ ва умуман аҳолии наврасу ҷавони Тоҷикистон майли кам доштан ба касбҳои замонавии техникӣ мебошад. Натиҷаи қабули довталабони соли 2022 нишон дод, ки қабули довталабон ба ин соҳа аз нисф кам аст ва дар баъзе ихтисосҳо ҳатто си чил фисадро ташкил медиҳад. Аз ин бармеояд, ки ё таълим дар мактабҳои миёна дуруст ба роҳ монда нашудааст ва ё худи наврасону ҷавонон тафаккури дарки фанҳои дақиқ, табиӣ ва техникиро надоранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020–2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» эълон карда бошанд ҳам, аммо дар маҳалҳо ин икдомҳо дар сатҳи зарурӣ амалӣ намегарданд. Олимони соҳаи психология кайҳо боз дар тадқиқотҳои худ исбот намудаанд, ки барои дарки кору фаъолият дар соҳаҳои техникӣ пеш аз ҳама қобилияту тафаккур накши асосӣ мебозанд. Зеро дар илми психология қобилиятҳоро ба хусусӣ ва умумӣ фарқ мекунанд. «Қобилиятҳои хусусӣ – имкониятҳои фардӣ – психологии шахсанд, ки иҷрои бомувафаққияти фаъолиятҳои алоҳидаро таъмин менамоянд» [10. с.324].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки қобилияти хусусии инсон амалҳои мураккабро фаро мегирад ва бинобар ин, рушди онҳо барои инсон хело манфиатовар аст ва дар сурати ба авҷи аълои қобилияти хусусӣ расидан лаёқат ба вуҷуд меояд. Масъалаи дигаре, ки психологҳо барои рушди хонандагон, диққати бештар додаанд, типҳои тафаккур мебошанд. Олими рус Давидов В.В. ду типи тафаккур: эмперикӣ ва назарявиро муайян намудааст. «Типи назарявии тафаккур аломату хосиятҳои муҳимми ашёву ҳодисаҳоро ҷудо мекунаду имконият медиҳад, ки ҳангоми дида баромадани масъалаи додашуда на ҳалли хусусии он, балки барои ҳамаи ҳолатҳои якҷинса мувофиқ буда ёфта мешавад» [10. с.261]. Боиси тазаккур аст, ки таълиму тарбия дар аксарияти мактабҳои Тоҷикистон ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва илова бар ин, аксарияти муаллимон дониши хуби касбию психологӣ надоранд ва аз мавзуи қобилият ва тафаккур огаҳ настанд. Илова бар ин, мутахассисон хуб медонанд, ки дар ҳолати қобилияту тафаккури хуб надоштан омӯзиши фанҳои дақиқ аз ҷониби хонандагон дуруст сурат намегирад. Дар ҳолате, ки омӯзгор мавзуъҳои тафаккуру қобилиятро намедонад ба хонанда дониш медиҳаду халос, аммо педагогикаи имрӯза дигар чизро талаб мекунад. Дар шарҳи ин масъала метавон мақоли мардуми Ҷопонро мисол овард: «Ба камбағал моҳӣ надеҳ, моҳигириро ёд деҳ»! Камбағал ба маънои шахсе, ки ягон чизро намедонад, маънидод мешавад. Дар мактабҳои миёна ва донишгоҳҳои мо беҳтар аст, ки ба азёд намудани формулаҳо ва мисолҳо маҳдуд нашавему усулҳои нозуки кор кардани ин формулаҳо ва мисолҳоро ба донишандӯзон омӯзонем.

Мушкилоти дигар он аст, ки аксарияти муҳассилин хондани китобҳои бадеӣ ва илмиро нағз намебинанд. Агар сабаби онро ҷӯё шавем пас мебинем, ки муқассири он ҷомеа, пеш аз ҳама оила, мактаб ва муҳит ба ҳисоб мераванд, ки дар мақолаҳои оянда ин мавзуъро муфассалтар дида мебароем.

**Сеюм** – яке аз қувваҳои таъсиркунанда ба давлатҳои миллӣ рушди босуръати технологияҳои муосир дар ҷомеа мебошад. Тоҷикистон бо вуҷуди истиқлоли беш аз сисолааш дар баъзе соҳаҳои техлогияи имрӯза ба пешравиҳо ноил гаштааст, ки ин ҳам аз сиёсати давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст. Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2021 чунин таъкид намуданд: «Бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд» [8]. Дар ҷумҳурӣ доир ба ин масъала барномаҳои мушаххас таҳия гардид ва имрӯз татбиқашон идома дорад, аммо то ба ҳадди имкон ин барномаҳо амалӣ нагаштаистодаанд, зеро масъалаи меҳварӣ ду мушкилӣ дорат: Якум, масъалаи иқтисодӣ ва дуюм, масъалаи кадрӣ. Ба назари инҷониб масъалаи кадрӣ дар баъзе аз соҳаҳо болотар меистад, зеро замони муосирро замони информатсионӣ

меноманд. Барои таҳияи барномаҳои компютерӣ пеш аз ҳама мутахассисони барномасоз лозим аст, ки мо дар ин соҳа на он қадар пешравиҳои ҷиддӣ дорем ба истиснои якчанд маркази барномасозӣ (Шедевр, Реалтех, Пиксель, Nasr Innovation Technology, LLC, Центр обслуживания Saturn Online, Маркази Mohir innovation group, Avesto Group, Смарт Сату, Ama Group, Soft Group, Hi-Tech.TJ, IT-компания Colibri ва Справочник компаний Таджикистана. Diyor. TJ [22]), ки дар бозори кишвар пештозанд. Мутаассифона, доир ба сифату сатҳи коргузории ин ширкатҳо дар Тоҷикистон ягон тадқиқоти муфассал гузаронида нашудааст. Аммо аз ВАО имрӯзаи ҷумҳурӣ на он қадар хабарҳои пешравии ин ширкатҳоро дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон вомехӯрем. Гуфтаҳои боло маънои онро доранд, ки то ҳол мо иқтидори ин соҳаро ба таври комил истифода накардаем.

Дар соҳаи рушди технология имрӯз Тоҷикистон мутаассифона, ягон маҳсулоти бозоргири ҷаҳониро истеҳсол намекунад ва умед дорем, ки барномаҳо ва озмунҳои ҳукуматӣ дар ояндаи наздик натиҷаи дилхоҳ ба бор меоранд.

**Чорум** – нақши асосиро масъалаи тағйирёбии ҳувият мебозад. Беҳуда мутахассисон нақши ҳувияти миллиро ҳамчун субъекти фаъолияти иҷтимоӣ-таърихӣ, ки дорандаи низоми рушдёфтаи комуникатсионӣ, ба душ гирифтани ҳисси масъулияти ягона, шуури ягона, худшиносӣ, зеҳният, мақсади ягона ва ғ. нишон диҳанда, баҳо намедиҳанд. Дар замони муосир масъалаи рушди ҳувияти миллӣ яке аз масъалаҳои зарурӣ барои давлатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро ташаккули босурати илму техника, махсусан, интернет ҷаҳони имрӯзаро ба як деҳкада монанд кардааст. Барои давлати мо тарбияи насли наврас дар асоси фарҳанги миллӣ ва баланд бардоштани ҳувияти миллӣ маъсалаи аввалиндараҷа меистад ва бинобар ин, бояд хусусиятҳои психологӣ – синусолии онҳоро ба эътибор гирифт, зеро насли навраси имрӯзаро насли виртуалӣ низ ном мебаранд. Муҳаққиқи тоҷик Тураев Ф.Р. дар рисолаи хеш барои дарки ҳаматарафаи масъала аз тарафи насли наврас ва ҷавон мафҳуми «тафаккури клипи» (кал. англ. clip, «қисми матн», «буридан»)-ро ба миён гузоштааст ва таъкид менамояд, ки дар раванди таълим ва тарбияи насли наврас дар раванди ҷаҳоншумулӣ таъсири «тафаккури клипӣ»-ро ба шуур ва ҷаҳонбиниашон ба назар гирем. Муҳимтар аз ҳама ҷанбаҳои мусбати ин падидаро истифода бурда, аз ҷанбаҳои манфии таъсиргузори он ба идрок ва психикаи онҳо дурӣ ҷуст [14. с. 133]. Як ҷиҳати фарққунандаи замони муосир дар он аст, ки ахбор дар як кутоҳтарин вақт ба тамоми дунё паҳн мегардад ва аҷибаш дар он аст, ки хабарпаҳкунандагон чунон онро орову торо медиҳанду барои манфиати худ истифода мебаранд, ки ҳар бинанда моҳияти сиёсати онҳоро дарк карда наметавонад. Дар ин ҳолат моро зарур меояд, ки ба тадқиқотҳои охири илми психология ва педагогика такя намуда, насли наврасро дар руҳияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ тарбия намоем, ки албатта аз сохторҳо ва шахсони масъул меҳнати зиёди мӯшикофонаро талаб менамояд.

Дар идома қайд намудан зарур аст, ки мо бояд ба унсурҳои ҳувияти миллӣ аҳаммияти махсус диҳем, ки инҳоянд: унсурҳои когнитивӣ, унсури аффективӣ ва унсури рафтор. Унсури когнитивӣ – ҳолатҳои эмотсионалӣ ва идоранамоии рафторро фаро мегирад, унсури аффективӣ - муҳаббат ба давлат буда, шаҳрванд ҳангоми дар ҷойе буданаш худро бехатар ҳис мекунад ва унсури рафтор – ҳар як фарди миллат пешравии хешро бояд пешравии миллаташ донад. Мо шаҳрвандони Тоҷикистон бояд унсурҳои ҳувиятро ба эътибор гирифта, насли наврасро дар асоси онҳо тарбия намоем, зеро ҳар як миллат дар таърихи худ шахсони зиёди бонуфуз дорад. Моро зарур аст, ки бахри тарбияи насли наврас чеҳраҳои ин гун одамонро ҳамчун идеал биофарем, то ин ки дар байни дигар миллатҳо худро ҳамчун миллати соҳибтамаддун ва дорандаи идеали миллӣ нишон диҳем [11. с. 245].

Ногуфта намонад, ки дар баробари андешаҳои зикршуда, дигар омилҳои таъсиррасон ба амнияти давлати миллӣ вуҷуд доранд, ки онҳо таҳқиқоти махсусро тақозо менамоянд.

Дар хулоса гуфтан мумкин аст, ки мо тоҷикон барои ба ояндагон давлати мутамарказу пешрафтаи иқтисодиро боқӣ гузоштан якчанд тасмимҳоро имрӯз бигирему пайи амалии онҳо шавем:

а) зери сиёсати пешгирифтаи давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гардем;

б) сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Тоҷикистонро боз ҳам равнақ диҳему ба омӯзиши фанҳои дақиқ аҳаммияти ҷиддӣ диҳем;

в) баҳри пурратару амиқтар омӯхтани сохтори миллати тоҷик, писхология, зеҳн ва зеҳнияти он таҳқиқотҳои бунёдӣ гузаронем.

**Адабиёт**


1. Балашова, К. И. Национальные культуры в контексте всемирной глобализации / К. И. Балашова. - Текст: непосредственный // Молодой ученый.-2021.-№27(369).-С.291-294.
2. Вебер М. Избранные произведения: - М.: Прогресс, 1990. - 808 с.
3. Гоббс Т. Левиафан, или Материя, форма и власть государства церковного и гражданского. – М.: Мысль, 2001. – 478 с.
4. Гоббс, Т. О гражданине // Гоббс Т. Избр. произв.: в 2 т. - М., 1964. - Т. 2. - 731 с.
5. Интервью Ли Куан Ю Фариду Захария в Foreign Affairs 73 (1994) - P. 109-127.
6. Капто, А.С. Вестфальский мир 1648 г. Энциклопедия мира. - М., 2002. - 707с.
7. Национальное равноправие. Равноправие граждан // Большой юридический словарь. - 1235 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар 21.12.2021 https://www.flickr.com/photos/khadamotimatbuot/albums/72177720295418367 (санаи дархост 22.03.2023).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»дар 23.12.2022.http://prezident.tj/node/29823(санаи дархост 5.04.2023).
10. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ.– Душанбе. “Собириён”, 2010. – 336с.
11. Саидумаров С. С., Сарфарозова Н. Г. Социально-философский анализ генезиса национального самосознания // Бюллетень науки и практики. Электрон. журн. 2017. №5 (18). С. 239-247. Режим доступа: http://www.bulletennauki.com/saidumarov (дата обращения 15.05.2017).
12. Саидумаров С.С., Сарфарозова Н. Моҳият ва хусусияти худшиносии миллӣ // Ахбори АМИТ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №4 (265) 2021. С. 222-228.
13. Саидумаров С., Сарфарозова Н. Зеҳнияти миллӣ - маҳаки асосии ганҷури равонии миллат // Паёми филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Том 2, №4, - Душанбе, 2022. – С. 47–59, ISSN 2709-6246, УДК 172.1
14. Тураев Ф.Р. Личность в социо–культурном пространстве трансформирующегося таджикистанского общества: Дис... канд. на соискание учёной степени кандидата философских наук: 09.00.11/. - Душанбе – 2021. - 164 с.
15. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷҁёни макотиби олӣ.– Душанбе . “Собириён”, 2010. – 336с.
16. Уровень счастья: рейтинг стран в 2023 году https://mentamore.com/ socium /uroven-schastya.html ( санаи мурофиат 29.03.2023.).
17. Ятимов С. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) https://khovar.tj/2023/01/tavono-buvad-ar-k-dono-buvad-andesha-o-

peromuni-payomi-peshvoi-millat/(санаи мурочиат 22.03.23).
18. IT-компании в Душанбе https://mapage.ru/it-dushanbe санаи дархост 22,03,2023.

## НАЦИОНАЛЬНОЕ ГОСУДАРСТВО: ПРОБЛЕМЫ И УГРОЗЫ СОВРЕМЕННОГО ПЕРИОДА (НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКИСТАНА)

**Саидумаров С.С., Умаров А.К., Абдуллоев А.Ш.**

*В статье авторы проанализировали и обсудили важные проблемы и угрозы современности для национального государства. В ходе анализа подробно показано понятие национального государства, его происхождение, история развития и взгляды ученых на этот вопрос. В частности, анализируются эндогенная и экзогенная теории, характерные для возникновения национального государства, и раскрывваются отличительные черты национального государства от других государств. При этом кратко описаны угрозы национальному государству на примере Республики Таджикистан и пути их предотвращения и противодействия.*
***Ключевые слова.*** *национальное государство, демократия, миграция, образование, техника и технологии, национальная идентичность.*

## THE NATIONAL STATE: PROBLEMS AND THREATS OF THE MODERN PERIOD (ON THE EXAMPLE OF TAJIKISTAN)

**Saidumarov S.S., Umarov A.K., Abdulloev A.S.**

*In the article, the authors analyzed and discussed the important problems and threats of our time for the nation state. The analysis shows in detail the concept of the nation state, its origin, the history of development and the views of scientists on this issue. In particular, the endogenous and exogenous theories characteristic of the emergence of the nation state are analyzed, and the distinctive features of the nation state from other states are revealed. At the same time, threats to the national state are briefly described on the example of the Republic of Tajikistan and ways to prevent and counter them.*

***Key words.*** *Nation state, democracy, migration, education, technique and technology, national identity.*

№3
2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# МЕСТНОЕ САМОУПРАВЛЕНИЕ И ПРОБЛЕМЫ ЕГО РЕАЛИЗАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Кодиров З. К. -** к.ф.н., дотсент Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
Тел: (+992) 907730885, E-mail: zohir-85@mail.ru

*В статье рассматриваются проблемы, препятствующие осуществлению функций местного самоуправления как социального института в Республике Таджикистан. Местное самоуправление выполняет ряд важнейших функций, социальное значение которых отражается в деятельности его субъектов при реализации своих полномочий в рамках своей компетенции, установленной законодательством. Основные проблемы, ограничивающие возможности соответствующим образом выполнять органами местного самоуправления свои функции – это, с одной стороны, отсутствие в законодательстве чёткого определения понятия «полномочия» и «компетенция», а, с другой стороны, отсутствие конкретного разграничения пределов деятельности местных органов государственной власти и органов местного самоуправления.*

***Ключевые слова:*** *органы самоуправления посёлков и сёл, функции органов местного самоуправление, полномочия и компетенции органов местного самоуправления, возлагаемая полномочия органов государственной власти, исключительная полномочия органов местного самоуправления, вопросы местного значения.*

Правительство Республики Таджикистан предпочитает одну из ключевых целей национального развития в построении эффективной системы государственного управления, которая заложит основу для дальнейшего устойчивого экономического развития и сокращения бедности. Эффективная система государственного управления, наряду с другими элементами, также включает в себя местное самоуправление с конкретным разделением функций и полномочий, материальных и финансовых ресурсов, обеспечивающих эффективность и качество услуг, предоставляемых населению [5].

При изучении вопросов, связанных с самоуправлением посёлков и сёл, в большинстве случаев зарубежные исследователи сталкиваются с проблемами определения категорий населённых пунктов, особенно различия между посёлком и сёлами как административно-территориальными единицами.

К категории посёлков относятся населённые пункты, на территории которых расположены важные экономические объекты (промышленные, строительные организации, железнодорожные станции и прочее), а также образовательные учреждения, лечебно-оздоровительные и социально-культурные учреждения, торговые организации, организации общественного питания, коммунальных услуг, с численностью населения не менее 2 тысяч человек.

В исключительных случаях к категории посёлков могут быть также отнесены населённые пункты с численностью до 2 тысяч человек, если они считаются административными, экономическими и культурными центрами и имеют реальную возможность для дальнейшего экономического развития и роста численности населения в ближайшем будущем (п.4, с.6 Конституционного закона РТ от 28 февраля 2013 года под № 482) [2].

К категории сёл относятся населённые пункты, достигшие определённого уровня благоустройства, с численностью населения не менее 50 человек, более половины населения которых заняты сёльскохозяйственной деятельностью. В исключительных случаях к категории сёл могут быть отнесены отдалённые и труднодоступные насёленные пункты с численностью населения менее 50 человек. (п. 5, с. 6

Конституционного закона РТ от 28 февраля 2013 года под № 482) [2].

В зависимости от вышеперечисленных категорий на территории посёлков и сёл устанавливалось местное самоуправление. В части регулирования деятельности органов местного самоуправления статья 78 Конституции Республики Таджикистан провозглашает, что «Органом самоуправления в посёлке и сёле является Джамоат, порядок образования, полномочия и деятельность которого регулируется законом». Дальнейшее регулирование отношений, связанных с местным самоуправлением Конституция ссылается на Законом Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл», принятым 5 августа 2009 года № 549 [3].

В структуре местного управления Республики Таджикистан особое место занимает местное самоуправление, которое осуществляется на территории посёлков и сёл. В стране насчитывается 430 посёлковых и сельских джамоатов (Орган местного самоуправление в Республики Таджикистан), из них 60 посёлковых и 370 сельских. В частности, в ГБАО насчитывается 45 джамоат, Согдийской области – 115, Хатлонской области – 155 и районах подчиненных республики – 115, где на их территории проживает более 75 % населения страны [10].

Следует отметить, что местное самоуправление не ограничивается только на территорией джамоата посёлков и сёл, но и реализуется на территории махаллей, которые организованы в форме махаллинских советов, местных комитетов и жилищных комитетов. Их деятельность регулируется Законом Республики Таджикистан «Об органах общественной самодеятельности» от 5 января 2008 года за № 347 [4].

Махалла выступает как единственная территориальная единица, в которой исторически сложилось традиционное самоуправление таджиков. В зависимости от географического положения и расселения населения территориальная единица кроме махалла еще называли «гузар» (квартал), «кӯй» (улица), «деҳа» (сёло), «қишлоқ» (кишлак), а в некоторых районах — с учетом количества дворов , оно делится на «даҳа (десяти)». Также выражались «сада (сотня)» и «ҳазора (тысяча)». Именно слово «деҳа (деревня)» обозначало число «десять» и означало десять дворов [6, 44].

Самоуправление посёлков и сёлдеятельность населения посёлков и сёл, непосредственно или через органы самоуправления посёлков и сёл под свою ответственность в целях решения социальных, экономических и культурных вопросов, имеющих местное значение, с учетом общесоциальных интересов, национальных традиций и местной специфики.(с.1 Закон РТ «Об органах самоуправления посёлков и сёл») [3].

Несмотря на то, что Закон Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл» регулировал отношения, связанные с местным самоуправлением с организационно-правовыми, экономическими и финансовыми основами на соответствующем уровне, и с течением времени произошли некоторые изменения и внесены в него дополнения. Однако проблемы в определении общественного или государственного характера местного самоуправления, его основных функций как социального института, объема исключительных полномочий, дублирования полномочий, порядка и механизмов наделение полномочий, хозяйственно-финансовых отношений и рабочие единицы органов самоуправления посёлков и сёл все еще остаются нерешёнными

В Закон РТ «Об органах самоуправления посёлков и сёл» о функциях органов местного самоуправления не посвящены ни главы и ни статьи. Содержание и соотношение «функции» заменены такими понятиями, как «сфера деятельности», «полномочия» и «компетентность» [7, 149]. То есть функции используются в рамках деятельности местного самоуправления для решения вопросов местного значения.

Еще одним вопросом, препятствующим определению функций органов местного самоуправления, является отсутствие конкретного разграничения полномочий в деятельности органов местного государственная власть и органов местного самоуправления. Примерами тому могут служить полномочия по направлению «осуществление контроля и охраны земель посёлков и сёл», «осуществление общего контроля за строительством» и другие.

В Законе не указан полный перечень полномочий, которыми обладают посёлковые и сельские джамоаты. Часть полномочий установлена в иных законодательных актах и, как специальные полномочия посёлковых и сельских джамоата, выходит за рамки регулирования закона, занимая неопределенное положение среди полномочий местных исполнительных органов государственной власти.

Большинство полномочий джамоатов посёлок и сёл знакомы их представителям. Но есть и такие полномочия, которые требуют конкретизироваться в законе, чтобы дальнейшие действия и мероприятия осуществлялись джамоатам посёлком и сёл, а какие из них осуществлялись органами местного государственный власти. Также в ходе изучения практической деятельности органов самоуправления посёлков и сёл было определено, что джамоаты иногда осуществляют полномочия, не имеющие правового основания, а их реализация относится к уровню других органов управления.

Эти полномочия реализуются джамоатами без специальных механизмов наделение полномочии и конкретных процедур финансирования. Например, реализация ряда полномочий в направлении сбора налогов, управления жилищно-коммунальным фондом и обороны требует чрезмерных затрат времени и финансовых ресурсов, которые джамоаты не могут себе позволить.

В Закон Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл» иметь место дублирование полномочий между председатель джамоата и самой джамоат– как социальным институтом. Есть ряд полномочий, которые по логике и смыслу должны были войти в полномочия председатель джамоата, но в условиях неправильного разделения они отданы в полномочия самой джамоаты, или наоборот. Например, подготовка программ экономического и социального развития посёлков и сёл (статья 11) должна находиться в ведении председателя джамоата.

Также создание коммунальных предприятий и других предприятий, кооперативов, мастерских, ремесленных мастерских и других организаций должно входить только в компетенцию главы джамоата, но это положение продублировано полномочиями джамоата.

Стоит отметить, что полномочия четко не разграничены. С этой точки зрения необходимо четкое определение «исключительных» и «делегированных» полномочий, а также рассмотрение порядок и механизмов делегирование органам местного самоуправления отдельных государственный полномочии с точки зрения практических и законодательных аспектов.

Как показал анализ, большинство полномочий перегружены и неясны, а иногда ответственные лица джамоатов даже не знают, за что они несут ответственность. В этой связи, полномочия, которые определенны в контексте «вопросов местного значения» (содержание и благоустройство дорог, улиц, площадей, культурных учреждений, источников водоснабжения, местных рынков, а также содержание кладбищ и обеспечение чистоты местности от мусора), весьма ограничены и требует более детальной информации в действующем законодательстве.

Джамоат несёт ответственность за сбор двух видов налогов: 1) налог на недвижимость и 2) налог на транспорт. В соответствии с Законом Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл» джамоат обеспечивает своевременное поступление налогов, страховых и других обязательных платежей в государственный бюджет, способствует сбору налогов и других платежей. Однако, на самом деле, все виды налогов и сборов собирает сам джамоат, хотя налоговое законодательство предусматривает термин «содействие» джамоата.

Эффективность местного самоуправления зависит не только от децентрализации и четкого закрепления полномочий органов местного самоуправления, но и от уровня профессионализма сотрудников джамоатов посёлков и сёл. Чтобы определить деятельность и эффективность развития органов местного самоуправления, нам необходимо проанализировать возможности джамоата на уровне кадровой политики, что очень актуальна для большинства джамоатов посёлков и сёл.

Государство в рамках нормативных правовых актов закрепляет за органами самоуправления посёлков и сёл отдельные полномочия на основании договоров и путем финансирования расходов на их реализацию. Внедрение этих полномочий удвоило нагрузку на сотрудников джамоата и создало необходимость в создании дополнительного рабочего штата. Рабочие единицы в аппарате джамоата, который подтверждено Постановления Правительства Республики Таджикистан от 3 марта 2011 года за №115 «О типовой структуре посёлковых и сельских джамоатов Республики Таджикистан», ограничены численностью населения. Для 6 тысяч человек установлено 6рабочих мест и более 35 тысяч человек всего 14 рабочих мест.

При проведении курсов повышения квалификации для государственных служащих в АГУПРТ большинство сотрудников джамоатов посёлков и сёл (83%) отметили, что джамоаты посёлков и сёл нуждаются в дополнительном персонале. В среднем для выполнения каждого поручения требуется от 1 до 3 сотрудников. Количество штатных сотрудников аппарата председателя джамоата не соответствует объему полномочий джамоата, и они не в состоянии своевременно выполнять делегированные государственные полномочия. Учитывая ограниченные финансово-экономические условия джамоатов, в сегодняшних условиях выделять дополнительный штат очень дорого. Если бы все джамоаты были обеспечены дополнительными источниками финансирования, тогда не было бы необходимости выделять или не выделять дополнительный штат, а так джамоаты могли бы нанять любого специалиста и без выделения штата. Сотрудники джамоата отметили, что было бы хорошо, если бы полномочия джамоатов были расширены в области экономических и финансовых отношений (51,3% джамоатов), в области организационной деятельности (48,7% джамоатов), в области социальной защиты, благоустройства и охраны окружающей среды (38,5% джамоатов), в сфере правопорядка, общественного порядка и обороны (20,5% джамоатов).

Из-за нехватки штатов (64% джамоатов), источников финансирования (24% джамоатов) и других факторов (12% джамоатов) джамоаты посёлков и сёл не могут нанять необходимых специалистов. Главный вопрос в этой сфере - материальная и финансовая база.

В ряде джамоатов есть инструкции о разделении должностных полномочий в соответствии с полномочиями, установленными законом, но реальность показывает, что сотрудники выполняют свои обязанности вне рамок должностной инструкции. Этот фактор указывает на то, что на законодательном уровне полномочия четко не определены и не разграничены. Кроме того, есть вопросы, связанные с гармонизацией (переложением) структур управления в джамоате.

Большинство полномочий, особенно связанных с экономическим развитием, необходимо пересмотреть в соответствии с действующим законодательством. Вопросы, связанные с финансированием делегированных полномочий и механизмом их реализации, требуют дополнительной практической и законодательной подготовки. В частности, пересмотреть распределение средств, полученных в результате нотариальных операций и ЗАГСа между органами местного самоуправления и Министерством юстиции.

Результаты анализа финансового положения показали, что вопросы, связанные с бюджетом джамоата на законодательном уровне, до сих пор не решены полностью. Для достижения этой цели необходимо разработать примерный бюджет джамоатов с привлечением экспертов и опытного персонала джамоатов посёлков и сёл и внести соответствующие изменения и дополнения в бюджетное и налоговое законодательство. Конечно, это невозможно сделать без четкого определения собственности местного самоуправления, разработки механизмов организации и получения дополнительных источников бюджета джамоата, без предварительного тестирования и без руководства и методологической поддержки Министерства финансов Республики Таджикистана.

Реализация бюджетных отношений на уровне джамоатов соответствует Стратегии управления государственными финансами.

С 2012 года вопросы децентрализации бюджетных отношений апробированы в нескольких джамоатах страны. Включение бюджета джамоата в систему государственных финансов Республики Таджикистан может еще больше улучшить процесс развития, планирования и бюджетной независимости джамоатов.

Текущая ситуация с планированием бюджета деятельности джамоатов очень проста. На уровне джамоатов статьи расходов финансируются на минимальном уровне, в случае, когда уровень доходов от налогов, собираемых в джамоатах, превышает затраты на содержание аппарата джамоата и жилищно-коммунальных услуг. В настоящее время, необходимо решить ряд вопросов, которые нуждаются в изучении. В частности, углубленный анализ доходов и расходов джамоатов, определение минимальных стандартов социального финансирования учреждений на территории джамоата в рамках бюджета джамоата, анализ республиканских налогов и определение доли удерживаемых налогов для деятельности органов местного самоуправления и другие вопросы данного характера.

Для повышения осведомленности и финансовой ответственности необходимо проводить тренинги со специалистами джамоатов по вопросам планирования и составлению бюджета. Для эффективного осуществления прав граждан, местному самоуправление необходимо устранить существующие недостатки в Законе Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл» путем внесения изменений и их совершенствования. В частности, вопросы о неопределенностимеханизмов делегирования полномочий и порядка их финансирования, дублирования полномочий между органами местного самоуправления и местными исполнительными органами государственной власти, бюджетной независимости и поиска источников реальных бюджетных доходов джамоатов, в соответствии с положением законодательства, сохранить определенный процент денежных средств из республиканских налогов, выделение дополнительных штатных единиц, в частности, отраслевых специалистов и т.д. должны быть отражены в отраслевом законодательстве и других нормативных актах.

В целях эффективной реализации функций и полномочий органов самоуправления посёлков и сёл необходимо принять следующие меры:

- устранить недостатки Закона Республики Таджикистан «Об органах самоуправления городов и сёл» путем внесения изменений и дополнений;
- посредством социологического опроса, функционального и законодательного анализа разграничить полномочия местных исполнительных органов государственной власти и органов самоуправления посёлков и сёл;
- разработка порядок и механизмы наделение отдельных государственные полномочии, их финансирования и единая форма административного договора;
- пересмотреть нормативные правовые акты, регулирующие систему государственного управления на местном уровне и местного самоуправления, и устранить имеющиеся противоречия путем внесения изменений и дополнений;
- в целях повышения знаний и финансовой ответственности работников джамоата необходимо проведение обучающих курсов по вопросам бюджетного планирования, планирования проектов и привлечения капитала для развития посёлков и сёл.

В рамках объявления «Годов развития сёла, туризма и народных промыслов» (2019-2021) наряду с развитием сельской инфраструктуры было бы хорошо, если бы вопросы, связанные с деятельностью органов местного самоуправления были рассмотрены в нормативных правовых актах как основной фактор развития института местного самоуправления.

Таким образом, в настоящее время существует ряд вопросов, которые необходимо изучить. В частности, комплексный анализ доходов и расходов джамоата в рамках бюджетов джамоата, определение минимальных нормативов социального финансирования учреждении, который находится в территории джамоатов, анализ общегосударственных налогов и определение доли налогов на деятельность местного самоуправления и другие вопросы.

**Литература**

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года (с изменениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года);
2. Конституционный закон Республики Таджикистан «О порядке решения вопросов административно - территориального устройства Республики Таджикистан» от 28 февраля 2013 года,№ 482;
3. Закон Республики Таджикистан от 5 августа 2009 г. за № 549 «Об органах самоуправления поселков и сел» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2009. - № 7-8. Ст. 503.
4. Закон Республики Таджикистан от 5 января 2008 г. за № 347 «Об органах общественной самодеятельности» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2008. - № 1. Ст. 12.
5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, от 01 декабря 2016г., № 636, 104 с.
6. Абдураимов М. Пережитки сельской общины в узбекском кишлаке Хумсан [Текст] // М. Абдураимов, "Советская этнография". - 1959. - №4. - С. 43-54.
7. Велихов Л.А Основы городского хозяйства. Часть вторая. Общее учение о городе (1928) в книге Говоренковой Т.М. «Читаем Велихова вместе»./Велихов Л.А. – М.: ЗИЦ «Муниципальная власть», 1999. – 480с.;
8. Лебедев О.Т., Аламшоев А.К., Мокеева Т.В. Основы менеджмента/ Изд-во Политезнического университета им. П.Великого, СПб.:2017. – 359 с.
9. Мухторов К.Т. Конституционно-правовые основы организации местного самоуправления в Республике Таджикистан: автореф. дис. …канд. юрид. наук. М.:, Душанбе 2012. 27с.;
10. Чичерин Б.Н. Курс государственной науки / Б.Н. Чичерин. - М, 1884. Т.1. - 456с.
11. 68 процентов административных зданий в посёлков и сёл нуждаются в ремонте. Газета «Садои мардум» от 08 октября 2019, №120 (4070) [электронный ресурс] // http://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/68-darsadi-bino-oi-ma-murii-sha-raku-de-ot-ba-ta-mir-niyoz-dorad / ( Дата обращения: 25.09.2021 г.).

## ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Қодиров З. Қ.**

*Дар мақола масъслаҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба иҷрои вазифаҳои худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд. Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад, ки аҳамияти иҷтимоии онҳо дар фаъолияти субъектҳои он ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ дар доираи салоҳиятҳое, ки дар қонунҳои танзимкунанда муқаррар гардидаанд, ифода меёбад. Мушкилоти асосие, ки имконияти мақомоти худидоракунии маҳаллиро барои иҷрои дурусти вазифаҳояшон маҳдуд мекунанд, аз як тараф, дар қонунгузорӣ ба таври мушаххас маънидод нагардидани мафҳумҳои «ваколат» ва «салоҳият» ва аз ҷониби дигар бошад, муайян накардани доираи мушаххси фаъолияти макомоти худидоракунии маҳаллӣ ва макомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ*

***Калидвожаҳо:*** *мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, вазифаҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ваколат ва салоҳиятҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ваколатҳои вогузоршавандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ваколатҳои истисноии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ.*

## THE LOCAL SELF-GOVERNMENT AND PROBLEMS OF ITS IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Qodirov Z.Q.**

*The article analyses the basic problems impeding implementation of the functions of local governance as a social institution in the Republic of Tajikistan. The Local self-government performs a number of important*

*functions, the social significance of which is reflected in the activities of its subjects in the exercise of its powers within its competence established by law.*

*The main problems limiting possibility to adequately fulfil functions by local governance - it is, on the one hand the absence of legislation clear definition of the concept of "authority" and "competence" and on the other hand, the absence of a specific differentiation of limits of the activities of local governmental bodies and local self-governance.*

***Key words:*** *self-governance bodies of settlements and villages, local governance functions, powers and responsibilities of the bodies of local self-governance, exceptional powers of local governance, local issues.*

№3 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ СОЛИМИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ЗАМОНИ МУОСИР

**Давлиёрова С. Т.** - н.и.ф., дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи Осиёи Марказии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
Тел.: 985294097, E-mail: dsafargul@mail.ru

*Дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир таълиму тарбияи солими ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани ҳисси худшиносии онҳо мавзӯи мубрами рӯз маҳсуб ёфта, тақозо менамояд, ки ҷавонони асри 21-ро, ки асри пешрафту тараққиёти илм, техника, технологияи муосиртарин мебошад, дар руҳияи ҳисси баланди худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тарбияи солими ҷавонон ва фаъолияти озодонаи онҳо тамоми шароитҳои мусоидро фароҳам намудааст. Ҷавонони худшиноси замони Истиқлолро дар шароити ҷаҳонишавии замона мебояд, ки аз ин неъмати бебаҳо манфиат бардошта, донишҳои замонавиро аз худ намуда, дар ҳифзи манфиатҳои волои миллию давлатӣ ва марзу буми Тоҷикистони азиз саҳми арзандаи хешро гузоранд.*

***Калидвожаҳо:*** *тарбияи солим, ватанпарастӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, худшиносии миллӣ, худшиносии ҷавонон, худогоҳӣ, экстремизм, терроризм, арзишҳои маънавӣ, манфиатҳои милливу давлатӣ.*

Тарбияи солими ҷавонон дар руҳияи худшиносии миллӣ чунин маъно дорад, ки ҳар як ҷавон бояд аввал худашро шиносад, илму донишро аз худ намояд, ҷаҳонбинии хешро ба замон мутобиқ гардонад, халқу миллат ва Ватани худро дӯст дорад, манфиатҳои ҷамъиятиро аз манфиатҳои шахсӣ боло гузорад, барои ҳифзу ҳимояи Ватан ва сарзамини худ омода бошад. Ҳамин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тарбияи ҷавонон як қатор қонуну санадҳоро қабул кардааст, ки барои фаъолияти озодона ва сареҳияти кори онҳо шароити мусоид фароҳам меорад ва имрӯз ҷавонон аз шароиту имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ кору фаъолияти босамар доранд. Дар ҳамин замина масъалаҳои марбут ба тарбияи дуруст ва ҳадафмандонаи ҷавонон дар шароити тағйирёбанда ва раванди ҷаҳонишавии ҷаҳони муосир аҳамияти махсус ба худ касб менамояд.

Имрӯз ҷавонони саодатманди Тоҷикистон дар ҳақиқиат насли худшиноси замони Истиқлол, неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад. Ҷавонон дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд. Соҳибистиқлол шудани кишварамон роҳи моро ба сӯйи фардо ҳамвортар ва осонтар мегардонад, зеро давлати мо дар паноҳи халқи худ ва халқ дар паноҳи давлати хеш аст.Ҷаҳду талоши давлати тозаистиқлоли мо ҳам барои он аст, ки ҳамаи ҳамдиёрони азизи мо давлатманд шуда, забони халқҳои пешрафтаро омӯзанд. Техника ва технологияи ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯро аз худ кунанд, эҷодкор ва созанда бошанд. Боигарии ҳар як шаҳрванд дар якҷоягӣ сарват ва тавоноии тамоми мамалакат аст [3;498]. Дар ҳақиқат, ҷавонон қувваи бузург ва ояндасози ҷумҳурии мо буда, маслиҳат ин аст, ки ягон масъалаи умдаи ҳаёти кишвар бидуни иштирок ва назардошти манфиатҳои онҳо пеш бурда нашавад. Зеро имрӯз воқеан ҳам бар дӯши ҷавонон таърих масъулияти басо бузург гузоштааст, тақдири ояндаи ҷумҳурӣ ва миллати мо, қабл аз ҳама, аз кору фаъолият ва меҳнати ҳалоли ҷавонон вобаста аст. Дар ҳақиқат

ҷавонон неруи қавии пешбарандаи ҳар як давлат ва ҷомеа мебошанд ва аз ин хотир ҳамеша ҳукумату давлат ба онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ сиёсати давлатии ҷавонон, яке аз ҷузъиётҳои таркибии сиёсати давлатии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамояд. Дар марҳилаи имрӯза, ки ҷомеаи ҷаҳониро равандҳои манфии ҷаҳонишавӣ фаро гирифтааст дар чунин айём ҳифзу ҳимояи сулҳу ваҳдат ва якпорчагии кишвар аз мардуми мо масъулияти баланд, ватанхоҳӣ ва худогоҳии миллиро тақозо мекунад. Ҳамин аст, ки Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ махсусан ба ҷавонон такя намуда, пайваста қайд менамоянд, ки: “Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпарвар, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд” [2;48]. Тавре, ки мебинем, рӯз ба рӯз сиёсати ҷомеаи ҷаҳонӣ дигаргун гашта истодааст, дар чунин вазъият “вазифаи аввалиндараҷаи ҷавонон ин омӯзиши илму ҳунар, аз бар намудани ихтисосҳои навтарин ва техникаю технологияи ҳозиразамон аст. Мо бояд дар ҷавонон ҳисси ватандӯстиро парвариш намоем. Ҷавонон ҳатман дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳӣ ба камол расанд ва барояшон ҳар як пораи хоки Тоҷикистон азизу муқаддас бошад. Ҳифз кардани Ватанро барои худ шарафи бузург доданд. Ҷавонон нерӯи пешбар ва созандаи кишвар буда, дар пешравии ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон саҳми арзанда мегузоранд. Дар ҳамин замина таъкид кардан ба маврид аст, ки дар таҳкими худшиносӣ дар замони ҷаҳонишавӣ дарки ҳисси ватандӯстӣ нақши бориз дорад. Чунки ватандӯстӣ хислатест, ки инсонро сарфи назар аз куҷо зиндагӣ карданаш ба хотири ободии Ватан ба хидмат сафарбар мекунад. Хушбахтона, бисёре аз ҳамватанони мо, ки имрӯз бо амри тақдир берун аз кишвар ба сар мебаранд, бо сухану амали ватандӯстонаи худ Тоҷикистонро пуштибонӣ мекунанд ва кӯшиш мекунанд, ки бо ормонҳои ватандӯстонаи худ ба кишвари худ кӯмак кунанд. Ин аст, ки худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад [7;134]. Дар ҳамин замина бояд иброз намуд, ки ҷаҳонишавӣ тақозои замон буда, дар раванди босуръати ҷаҳони муосир таҳавулоту дигаргуниҳое ки дар ҳаёти ҳаррӯза ба вуқӯъ мепайвандад аз ҳама ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ тақозо менамояд, ки бояд дар ҳама самтҳо, аз ҷумла илм, фарҳанг, забон, адабиёт, санъат, маориф, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат ва ҳуқуқ аз тарзу усулҳои ҷадиду муосир корбарӣ намоянд. Ҷаҳонишавӣ ин омезишу якҷояшавии тамаддуну фарҳанги ҳалқияту миллатҳои гуногун ё ба ибораи дигар бархӯрди тамаддунҳо, рушди босуръати соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии давлатҳои мутамаддин мебошад. Дар воқеъ таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор месозад, ки зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳӣ ва муқаддас доштану ҳифз намудани арзишҳои истиқлолияти давлати соҳибистиқлоламонро аз даст надиҳем. Чунки вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, зиёд гардидани равияву созмонҳои террористиву экстремистӣ ва дигар зуҳуроти таҳдидовари хатарнок метавонад сулҳу суббот ва ҳаёти орому осудаи мардумони кишвари моро халалдор намояд. Дар хотир бояд дошта бошем, ки тақдири миллат, ободиву осудагӣ ва ҳифзи ин марзу бум, аз ҳар як сокини кишвар вобастагии калон дорад. Ифтихори миллӣ, зиракию ҳушёрии сиёсӣ вазифаи ҷонии ҳар шахси бомаърифат буда, аз он иборат мебошад, ки Ватанамон Тоҷикистонро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифзу ҳимоя намоем ва онро азизу муқаддас донем зеро ба қадри Ватан-Модар, муқаддасоти миллӣ, истиқлолият, ваҳдату ягонагӣ, суботу озодӣ, рамзҳои давлатӣ, арзишҳои волои ахлоқӣ, забони модарӣ ва таъриху маданияти халқи худ расидан ва барои наслҳои ояндаи худ гузоштани мероси

арзанда мо бояд аз имрӯз талош намоем. Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки фарзандони хеш ва насли ояндаро дар руҳияи ватандӯстию ватанхоҳӣ, ҷавонмардию далерӣ, одобу ахлоқ ва маърифатноки тарбия намуда, онҳоро аз фиребу найранги душманон муҳофизат намоем. Яқин аст, ки ҷавонони даврони соҳибистиқлол ватандӯстони асил буда, дар ободонию фидои ватани азизамон ҳиссаи бузургу беназир мегузоранд. Ҷавонон аз хатоҳои гузашта бояд сабақ омӯзанд ва дар раванди минбаъдаи таърих муттаҳиду муттафиқ бошанд, ваҳдату якдилиро пеша кунанд [4;86].

Масъалаи экстремизм ва терроризм тайи даҳсолаҳои охир ба яке аз масъалаҳои хеле ҷиддии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, аз ин рӯ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бештари баромадҳои хеш ба ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ин ба он хотир аст, ки пеши роҳи ҷавононе, ки ба гирдоби ташвиқоту тарғиботи гуруҳҳои ифротӣ гирифтор шудаанд, пешгирӣ карда шаванд.Терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятториҳо, бахусус, солҳои охир барои аҳли башар, аз ҷумла, минтақаи мо ба таҳдиди ҷиддӣ табдил ёфтаанд. Дигар хатари ҷиддие, ки метавонад оромиву суботи ҷомеаи моро халалдор созад, шомилшавии баъзе ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мебошанд [6].

Ҳар давлату миллат ҳамон вақт ба пешрафти намоён ноил мегардад, ки соҳиби ҳофизаи таърихӣ ва эҳсоси баланди худшиносию худогоҳӣ бошад. Таҳкими ҳисси худшиносӣ ва дарки ватанпарастию худогоҳии миллӣ дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ боз ҳам дар он зарур аст, ки мо дар ҳамин замина тавонем ватанамонро аз ҳар гуна хатарҳои идеологӣ эмин нигоҳ дорем. Ҳар як кишвар дар ҷаҳон барои рушд ва тараққиёт ва таҳкими ватандорӣ обрӯ ва нуфизи ватандорӣ дар навбати аввал ба зеҳну хирад неруи созандаи ҷавонон такя намуда, ояндаи дурахшони худро бо он алоқаманд менамояд. Ҷамъият ва кишваре, ки ба тарбия ва маърифат, инкишофи зеҳнӣ, серҳаракатии ҷавонони худ аҳамияти аввалиндараҷа намедиҳад ба гумон аст, ки ба дараҷаи баланди тараққиёт соҳиб гардад. Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихию фарҳанги сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад [8;210].

Ҷавонон бояд забони модариро дӯст бидоранд ва анъанаҳои миллиро фаромӯш насозанд таърихи халқи худро бидонанд ва дар баробари ин ба арзишҳои умумибашари арҷ гузоранд. Ғояи худшиносию худогоҳӣ моро водор месозад, ки чеҳраи миллӣ расму русум ва одобу фарҳанги халқи худро ба таври шоиста ба оламиён муаррифӣ намоем ва аз ҷаҳони бози имрӯз барои фардои хеш сабақҳои арзанда гирем.

Ҷавонон қувваи бузурги ҳам зеҳнӣ ва ҳам ҷисмонӣ мебошанд ва бе истифода аз ин қувва мо наметавонем рушди давлати худро таъмин карда бошем. Бо назардошти ин нукта давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба насли ҷавони кишвар таваҷҷуҳи ҳамаҷониба доранд ва пайваста дастгириҳои эшон ба ин қишри ҷомеа равона гардидааст. Ҳамеша кӯшиш ба он мекунанд, ки ҷавонони мо соҳибкасбу соҳибмаълумот бошанд, забонҳои хориҷиро омӯзанд, соҳиби донишҳои замонавӣ бошанд ва пеш аз ҳама худшиносу худогоҳ бошанд ва тавонанд, ки рисолати баланди ватандорӣ ва рисолати пуршарафи ватансозиро ба дӯш гирифта тавонанд, бошарафмандӣ давлату миллати худро ҳифз намоянд, рушду тараққиёти давлати худро таъмин карда бошанд. Сатҳи рушду нуфузи ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чи андоза дорои маърифати сиёсию фарҳангӣ ва касбу дониши муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд. Дар замони муосир ҳуҷуми идеологияҳои мухталиф ҷомеаи ҷаҳониро ноором сохта таъсири манфии худро дар қишрҳои гуногуни башарият гузошта истодааст. Ин гуна

ҷараёнҳо моро водор месозад, ки ба дарку маънии аслии мафҳумҳои худшиносии миллӣ, худогоҳӣ, ватанпарастӣ, дӯст доштани марзу буми худ, эҳтиром ва бузургдошти арзишҳои маънавӣ ва миллӣ бирасем ва қадри чунин арзишҳои хешро донем. Баъзе афроде низ ёфт мешавад, ки гуруҳҳои гуногун ташкил карда бо сӯистифода аз аркони дини мубини ислом ҷавононро ба худ ҷалб намуда ва дар натиҷа даст ба ҷиноят зада, ҳаракату амалиётҳои террористӣ анҷом медиҳанд. Агар ҷавононро аз хурдӣ ба мафҳумҳои худшиносӣ ошно намуда, дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намоем, мақсади аслии худшиносиро ки камоли маънавию ахлоқист аниқ дарк менамоянд. Ҳар як шаҳрванди миллат бояд ҳисси миллӣ дошта, аз зинаҳои ташаккулёбӣ ва нақши он дар ҷомеаи имрӯза огоҳ бошад, ки ин яке аз самти асосии тарбия намудани ҷавонон дар руҳияи худшиносии миллӣ, хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Бинобар ин мо бояд ҷавононро дар руҳияи худшиносию худогоҳӣ ва он сафарбар намоем. Дар воқеъ замони имрӯза тақозо менамояд, ки ҷавонон дар руҳияи ҳушёрии сиёсӣ ва ҳисси масъулиятнокии баланд тарбия карда шаванд. Бе иштибоҳ сафи ҷавонони ватандӯсту худшиносу худогоҳ хеле зиёданд ва онҳо метавонанд бо чунин рафтору амали неки худ дигарон низ ба чунин роҳи созандагию бунёдкорӣ ва ҳифзу нигоҳдошти якпорчагии ватану устувории ваҳдат ҳидоят намоянд. Муҳимтарин василаи баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии онҳо иномӯзиши таърихи пурғановати миллати худ ба ҳисоб меравад. Танҳо худшиносии миллӣ, аз таърих огоҳ будан, ибрат гирифтан ягона роҳе мебошад, ки майли ҷавононро ба сӯи ҳар гуна ҳаракатҳои иртиҷоӣ коҳиш диҳад. Аз ин рӯ мебояд, ки дар раванди тарбияи ватанпарастӣ ва худшиносии ҷавонон ҳамаи субектҳои тарбия бояд барои расидан ба як ҳадаф талош варзанд, ки ин ҳадаф пеш аз ҳама таъмини ягонагии Тоҷикистон ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи худшиносӣ аст.

Имрӯз ба инсоният хатари рӯзафзуни халалдор гардидани низоми байналмилалӣ ва дар сурати аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ наандешидани чораҳои заруриву саривақтӣ ҳатто комилан аз ҳам фурӯ рехтани он таҳдид менамояд. Ҳамаи ин зуҳуроти номатлуби асри мо боиси торафт коҳиш ёфтани эътимоди байни кишварҳо гардида, метавонад амнияти байналмилалиро ба хатару таҳдидҳои бештари миқёси ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ созад. Бар асари хатару таҳдидҳои замони муосир ва афзоиши омилҳои зиёди ноустуворӣ суботу низоми миёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар бисёр минтақаҳои олам халалдор гардида истодааст. Мутаассифона, имрӯз ҷаҳони моро мавҷи бесобиқаи терроризм, ифротгароӣ, тундгароии динӣ, сиёсисозии дин аз ҷониби доираҳои манфиатҷӯ, низоъҳои қавмиву мазҳабӣ ва ҳолоатҳои ҳамчун василаи сиёсӣ истифода гардидани нерӯи низомӣ фаро гирифтааст. Омилҳои мазкур суботу амнияти минтақаҳои гуногуни оламро ҷиддан ноустувор гардонида, оқибатҳои манфии дарозмуддатро ба бор меорад. Чунин таҳаввулоту ҳодисаҳои харобиовари солҳои охири сайёра, аз ҷумла вусъатёбии таҳдиду хатарҳои муосир ба амнияти кишварҳои минтақа ва ҷаҳон моро водор месозанд, ки ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои мусаллаҳ минбаъд низ ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда, иҷтидори мудофиавии мамалакатро бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо пайгирона тақвият бахшем. Бо назардошти вазъи бисёр мураккабу пешгӯинашавандаи минтақа ва ҷаҳон тарбия кардани кадрҳои баландихтисос ва ватандӯсту ватанпарвар чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар, бунёди муассисаҳои нави таҳсилоти ҳарбӣ,дар ҳайати сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис додани ҷузъу томҳои махсус вазифаи муҳимтарину аввалиндараҷаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самт мебошад. Ҳимояи амнияти давлат, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии ҷомеа вазифаи танҳо сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин кори ниҳоят муҳим, яъне ҳифзи

давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осудаи мардум бояд ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти халқи тоҷик шарик, масъул ва саҳмгузор бошад. Ҳамчунин вазъи кунунии минтақа водор месозад, ки бо ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарварӣ ба хотири таъмини амнияти Ватани азизамон, ҳифзи сулҳу субот, оромии кишвар ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ ҳамеша омода бошанд. Ҳимояи амнияти ҷомеа ва давлат, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ имрӯз масъалаи муҳимтарини фаъолияти ҳаррӯзаи хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад[5]. Қобили тазаккур аст, ки муносибат нисбат ба ватандӯстӣ дар ҷаҳони муосир бо ду усули муқобил пешниҳод шудааст. Тарафдорони гурӯҳи аввал мегӯянд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ватандӯстӣ атавизм ба шумор меравад, намояндагони гурӯҳи дувум ватандӯстиро ҳамчун алтернатива ба фарҳанги ҷаҳонишавӣ ва космополитизм баррасӣ менамоянд, ки ҳифзи махсусияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва мустақилияти халқҳоро фароҳам меорад. Мутаносибан ҳарчи бештар ҷаҳонишавӣ худро ошкор намояд,- ҳамон қадар кишвар мебояд оид ба ҳифзи томияти тамаддунӣ андешад, ҳарчи бештар ғояҳои ватандӯстона ва муқаррарот дар фарҳанги ин ё он ҷомеа мубрам мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон болоравии аҳамияти ватандӯстӣ ҳамчун асоси муттаҳиднамоии ҷомеа ҷараён дорад, зеро маҳз дарки ватандӯстонаи инсон муайянкунандаи мавқеи шаҳрвандӣ ва фаъолшавии иҷтимоии он ба шумор меравад. Раванди эҳёи шуури ватандӯстона ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад: масъалаи беҳдошти сифати ҳаёти тоҷикистониҳо; вазифаи тарбияи оилавӣ; ҷустуҷӯи роҳҳои ташаккули шуури таърихӣ; ҷустуҷӯи шаклҳои истифодаи васеи ҷанбаи рамзӣ ва маросимӣ дар кори идеологӣ ва тарбиявӣ; таносуби оқилонаи рамзҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ.

Бояд гуфт, ки ватандӯстӣ яке аз сифатҳоест, ки барои насли наврас зарур буда, дар тамоми консепсияҳои муосири пешгӯинамоӣ ифода меёбад. Ташаккули ватандӯстӣ бо ташаккул ва рушди айнияти шаҳрвандии ҷавонон алоқамандии зич дорад [1;12].

Вобаста ба ин, мо ба ҷалби тамоми ниҳодҳо, аз ҷумла оила, маҳалла, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту мақомотҳои давлатӣ тавонистем аз бисёр ҷиҳат наслеро тарбияву ба камол расонем, ки аз ҷиҳати донишу заковат, худшиносию ватандӯстӣ ва зиракиву ҳушёрӣ битавонад, ки хешро аз мушкилоти ҷаҳонишавӣ ҳифз намояд ва дастовардҳои миллиаманро ҳимоя карда, чун гавҳараки чашм онҳоро аз ҳама гуна ҳаводис дифоъ созад. Ҷавонон аз хатоҳои гузашта бояд сабақ омӯзанд, дар раванди минбаъдаи таърих муттаҳиду муттафиқ бошанд, ваҳдату якдилиро пеша кунанд. Чунки дар оянда маҳз аз байни ҷавонон пешвоҳои сиёсӣ, роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳо, вазорату муассисаҳо ва ғайраҳо ба камол мерасанд. Мо ки роҳи бунёди ҷомеаи демократиро пеш гирифтаем, бояд ба таҳаммули гуногунҳизбиву гуногунфикрии сиёсӣ одат кунем ва онро эътироф намоем [4;86].

24 декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»-ро ба имзо расониданд. Қонуни мазкур бо мақсади тарбияи софдилона ва фидокорона ба Ватан, пос доштани аҷдодону рамзҳои миллӣ, саъю кӯшиш баояндаи боз ҳам ободи кишвар ва рӯзафзунӣ, некӯаҳволии мардум, тарбия намудани шаҳрвандон таҳия ва қабул шудааст. Азбаски Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст, ин қишри ҷомеа насли меросбари ин кишвар маҳсуб мешавад. Андешидани тадбирҳои судманд, таҳкими заминаи ҳуқуқии тарбияи ватандӯстӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию фарҳангӣ барои таълим, бозомӯзӣ, ихтисос ва ташаккули ҳисси баланди шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва фарҳанг кафили дахлнопазирии давлат ва ифтихори халқ мебошанд [9].

Хулоса, ҷавонони Тоҷикистон қисмати муҳим ва ҷудонопазири ҷомеаи

муосири кишвар буда, яке аз неруҳои созанда ва пешбарандаи ҷомеа ба хотири таъмини рушди устувор ва амнияти саросарӣ ба ҳисоб меравbooand. Аз ин рӯ, масъалаҳои марбут ба ташаккули тарбияи солими ҷавонон бахши асосии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистонро ташкил дода, ба ҳаллу фасли дурусти ин масъала ва дурнамои инкишофи он махсусан дар шароити зудтағйирёбандаи замони муосир таваҷҷуҳи муҳим дода шавад.


**Адабиёт**

1.Қурбонов С.М. Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) Автореф. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.Душанбе - 2019, саҳ. 12.

2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. 23 декабри соли 2022. Душанбе: “Шарқи озод”, 2022. - 48с.

3.Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал.-Душанбе: Ирфон, 2001 - 511с.

4.Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. Душанбе “Ирфон”, 1995 - 205с.

5.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори 27- солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ. 22.02.2020, ш.Душанбе. Манбаи электронӣ. https://jumhuriyat.tj/prezidenti-t/216. Санаи муроҷиат: 15.03.2023с.

6.Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 25-солагии таъсисёбии Гвардияи Миллӣ 03.09.2020, ш.Душанбе. Манбаи электронӣ. http://dushanbe.sud.tj/press/. Санаи муроҷиат: 06.03.2023с.

7.Сайидзода З.Ш. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон.- Душанбе: ҶДММ “Контраст” 2017,- 464с.

8.Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. Душанбе, Ганҷ-Нашриёт, 2018, - 436с.

9.Эмомалӣ Насриддинзода. Воспитание патриотизма - главный фактор развития государства и общества. Манбаи электронӣ. http://www.narod naya.tj/. Санаи муроҷиат: 23.01.2023


## ФОРМИРОВАНИЕ ПРАВИЛЬНОГО ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЕЖИ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОЙ ГЛОБАЛИЗАЦИИ


**Давлиёрова С.Т.**



*В условиях меняющихся современного мира формирование правильного воспитания молодёжи в духе патриотизма и повышение их чувства самосознания считается актуальной темой дня, и требует от молодежи 21 века, века прогресса и развития современной науки, техники и технологии, быть воспитанными в духе высокого чувства самосознания и национального самопознания. Правительством Республики Таджикистан создано все благоприятные условия для обучения молодежи и ее свободной деятельности. Сознательная молодежь времен независимости в условиях современной глобализации должна воспользоваться этим бесценным даром, овладеть современными знаниями, внести ценный вклад в защиту национально-государственных интересов и границ родного Таджикистана.*



***Ключевые слова:*** *правильное воспитание, патриотизм, защита границ Родины, национальное самосознание, самосознание молодёжи, экстремизм, терроризм, духовные ценности, национально-государственные интересы.*


## FORMATION OF THE PROPER UPBRINGING OF YOUTH IN THE CONTEXT OF MODERN GLOBALIZATION


**Davliyorova S. T.**



*In the conditions of the changing modern world, the proper upbringing of youth in the spirit of patriotism and increasing and their sense of self-consciousness is considered the topic of the day, and requires the youth of the 21st century, the century of progress and development of modern science, technology and technology, to be brought up in the spirit of a high sense of self-consciousness and national self-knowledge. The Government of the Republic of Tajikistan has created all*

*favorable conditions for the education of young people and their free activities. Self-conscious youth of the times of independence in the conditions of modern globalization should take advantage of this invaluable gift, acquire modern knowledge, make a valuable contribution to the protection of national-state interests and the borders of their native Tajikistan.*

***Key words:*** *proper upbringing, patriotism, protection of the borders of the Motherland, national identity, youth identity, extremism, terrorism, spiritual values, national-state interests.*

№3
2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

## МИНБАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҶАВОН
## ТРИБУНА МОЛОДЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ
## ROSTRUM OF THE YOUNG RESEARCHERS

** ** **

# НАҚШИ НБО «РОҒУН» ДАР ТАҲКИМИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Хуррамзода М. Х. -** унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail:huramzodamuminsho@gmail.com; Тел.: 988040370.

*Дар мақолаи мазкур муаллифон қайд намудаанд, ки дар замони истиқлоли давлатӣ вобаста ба раванди сиёсати энергетикии Тоҷикистон падидаи муҳимми сиёсию ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад, ки аҳаммияти он дар таҳкими манфиатҳои миллии кишвар нақши бориз дорад. Яке аз падидаҳои муҳими сиёсӣ, мавриди баҳрабардорӣ қарор додани навбати якум ва дуюми Неругоҳи барқи обии "Рогун" маҳсуб меёбанд.*

*Ҳалли масъалаи мазкур, тавассути натиҷагирӣ дар паёмҳои ҳамасолаи Роҳбари сиёсии давлат мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷойгоҳи неругоҳи мазкур ва дигар неругоҳҳои мавҷуда дар таҳкими манфиатҳои миллии Тоҷикистон муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегарданд.*

*Дар мақола муаллифон ибрози назар менамоянд, ки раванди сиёсати энергетикии мамлакат бо дарназардошти вусъат бахшидани корҳои сохтмонӣ дар НБО-и "Роғун" ба мавзуи мубрами ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ табдил гардида, ҷанбаҳои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии он дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсусро ишғол кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *энергетика, сиёсат, раванд, минтақа, манфиат, миллӣ, таҳким, истиқлолият, неругоҳ, умумимиллӣ, иншоот.*

Идома бахшидани корҳои сохтмонӣ дар неругоҳҳои барқи обии "Роғун" ва "Сангтӯда-1" дар доираи масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва музокироти дуҷониба асос ёфта, аҳаммияти муҳимми нақшаҳои дар пеш истодаи Роҳбари давлат ба таҳкими истиқлоли энергетикии мамлакат заминаи воқеӣ мегузорад.

Идома додани корҳои сохтмонӣ дар НБО "Роғун" ва НБО "Сангтӯда-1" дар раванди истиқлоли сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии давлат маънидод шудааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳанӯз соли 2001 чунин қайд карда шудааст, ки идомаи сохтмони неругоҳҳои барқи обии "Сангтӯда" ва "Роғун", ки оид ба ин масъала Ҳукумати ҷумҳурӣ музокироти дахлдор бурда истодааст, аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок мебошанд. Зеро бе анҷоми муваффақиятноки иншооти мазкур таъмини истиқлоли энергетикии мамлакат хело ҳам душвор аст [3,83].

Бояд зикр намуд, ки шароити имрӯзаи ҷомеа дар он ифода мегардад, ки сохтмони неругоҳҳои барқии Сангтӯдаю Роғун, нақби Анзоб, роҳҳои мошингарди Мурғоб-Кулма-Қароқурум-Душанбе-Ҷиргатол ва кони гази Хоҷа Боқирғон ба сифати ҳадафи умумимиллӣ арзёбӣ гардида, ба истифода додани объектҳои зикршуда барои расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва инчунин бо мақсади рушди иқтисодиёти кишвар зарур шуморида мешавад.

Дар Паёми соли 2002 аз он ҷумла зикр карда шудааст, ки дар шароити имрӯза дар назди ҷомеаи мо ҳадафи умумимиллии сохтмони неругоҳҳои барқии Сангтӯдаю Роғун, нақби Анзоб, роҳҳои мошингарди Мурғоб-Кулма-Қароқурум, Душанбе-Ҷиргатол, кони гази Хоҷа Боқирғон қарор доранд, ки бе расидан ба онҳо истиқлоли энергетикӣ

ва рушди иқтисодиёт аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, ҳамаи имкониятҳоро истифода бурда, дар навбати аввал сохтмони ин объектҳоро таъмин намудан зарур мебошад [4, 83].

Бо истифода аз шароиту имконоти мавҷудаи давлат ва Ҳукумати кишвар ҷиҳати маблағгузорӣ намудани иншооти гидроэнергетикии мамлакат, аз ҷумла НБО-и "Роғун" дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ соли 2003-юм масъалаи сармоягузориҳо ва маблағгузорӣ аз дигар сарчашмаҳои иқтисодиёти кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Тазаккур бояд дод, ки ҳоло ҳамаи маблағҳои мавҷуда, аз ҷумла сармоягузориҳои бо ин мақсад ҷалбшуда ва маблағҳои аз фурӯши саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок ба даст омада барои идомаи сохтмони иншоотҳои мазкур равона карда шудаанд [1, 346-347].

Раванди бомайлони иншоооти сохтмонӣ дар доираи ҳадафи стратегии кишвар, яъне расидан ба истиқлоли энергетикии кишвар тавассути идома бахшидани корҳои сохтмонӣ дар НБО-и "Роғун" ва таҳияи лоиҳаҳои интиқоли барқ аз нуқтаи назари сиёсию иқтисодӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди интиқоли қувваи барқи аз иншооти гидроэнергетикии мамлакат тавлидшаванда мусоидати фаъол хоҳад кард. Масъалаи мазкур дар Паём чунин ишора карда шуд: "ҳоло аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон таҳияи лоиҳаи сохтмони хатти интиқоли барқе, ки қисми ҷануби кишварро бо шимоли он мепайвандад ва музокирот барои идома додани сохтмони Неругоҳи барқи обии "Роғун" ҷараён дорад" [2,128-129].

Мавриди зикр аст, ки талошҳои пайвастаи Роҳ бари давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар хусуси инкишофи минбаъдаи соҳаи энергетика тавассути ба роҳ мондани созишномаҳои дуҷониба бо шарикони рушд яке аз равандҳои муҳимми дипломатию сиёсӣ маҳсуб мегардад. Созишномаҳои дуҷониба имкон фароҳам меовард, ки корҳои сохтмонӣ тавассути ҷалби сармоягузориҳо манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷонибҳоро тақвият мебахшад.

Бо мақсади ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд, созишномаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷиҳати ба анҷом расонидани сохтмонҳои азими ҷумҳурӣ, ба монанди неругоҳҳои барқи обии "Роғун", "Сангтӯда-1" ва оғози "Сангтӯда-2" ба имзо расиданд [5,337].

Ҳамин тавр, бо мақсади мавриди баҳрабардорӣ қарор додани як қатор иншооти гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ба роҳ мондани муносибатҳои байналмилалӣ ва дар ин замина бо расмиёти дипломатӣ ҳаллу фасл намудани проблемаҳои иқтисодии объектҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои дахлдор асос гузошт.

Бо дарназардошти ин, Ҳукумати Тоҷикистон пайваста кӯшиш мекунад, ки рушди босуботи соҳаи энергетика таъмин карда шавад. Дар доираи ин ҳадафҳо солҳои охир дар кишварамон неругоҳи барқи обии "Помир-1" ва 26 неругоҳи хурди барқӣ ба истифода дода шуда, тибқи шартномаҳои сармоягузорӣ бо ширкатҳои Россия ва Эрон сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, аз ҷумла "Роғун", "Сангтӯда-1" ва "Сангтӯда-2" оғоз карда шуд [6, 69-97].

Дар заминаи ба имзо расидани Созишномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд масъалаҳои маблағгузориҳои давлатӣ ба иншооти гидроэнергетикии кишвар, аз ҷумла Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2 мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Масъалаи маблағгузориҳо ба иншооти мазкур дар натиҷаи ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳое, ки ҳамчун шарики стратегӣ эътироф мегарданд, мавриди амал қарор дода шуд ва Тоҷикистон мавқеи худро тавассути идома додани корҳои сохтмонӣ дар неругоҳҳои барқи обӣ ба масъалаи таъмини пурраи эҳтиёҷоти кишвар ва зиёд кардани содироти неруи барқ муайян кард.

Ҳукумати Тоҷикистон барои рушди энергетика ҳамчун самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ ба маблағи беш аз 1 миллиарду 800 миллион сомонӣ

сармоягузории давлатиро равона карда, инчунин барои сохтмони Неругоҳи барқи обии “Сангтӯда-1” ду миллиарду 70 миллион сомонӣ ва НБО “Сангтӯда-2” ҳафтсаду шаст миллион сомониро чун сармоягузории мустақим ҷалб намудааст. Татбиқи барномаҳо доир ба сохтмони неругоҳҳо, аз ҷумла 17 неругоҳи хурд, ки дар мамлакат сохта шуда истодаанд, имконият фароҳам меоварад, ки масъалаи таъминоти барқи ноҳияҳои дурдасти кишвар боз ҳам беҳтар карда шавад [7, 514].

Мавриди зикр аст, ки НБО-и “Роғун” аз рӯйи хусусият ва шаклгирии он нав оғоз нашудааст, балки он аз даврони шӯравӣ идома ёфта, дар замони истиқлоли давлатӣ барои идома додани корҳои сохтмонӣ дар неругоҳ маблағгузориҳо барои ворид намудани техникаю таҷҳизот равона карда шудааст. Ҷиҳати ба охир расонидани сохтмони ин иншооти бузурги тақдирсоз Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи “Неругоҳи барқи обии Роғун” таъсис дода шуда, оиннома ва сохтори идоракунии он тасдиқ гардид.

Дар робита ба ин, аз ҷониби Пешвои миллат Ҳукумат вазифадор карда шуд, ки бо истифода ва ҷалби тамоми захираву имкониятҳо барои мавриди баҳрабардорӣ қарор додани навбати аввали Неругоҳи барқи обии “Роғун” тадбирҳои мушаххас ва амалӣ андешида шаванд. Барои ба истифода додани 2 чархаи он, яъне навбати аввали Неругоҳи барқи обии “Роғун”,бо ҳисоби мутахассисону коршиносони байналмилалӣ тахминан аз 500 то 600 миллион доллари амрикоӣ лозим аст. Мо ният дорем, ки аз соли оянда аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои бунёди ин неругоҳ қариб 100 миллион доллари амрикоӣ равона созем. Агар мо хуб кӯшиш кунем, дар зарфи 3 - 4 сол бо истифода аз технологияи пешрафта метавонем навбати аввали Неругоҳи барқи обии “Роғун”-ро ба истифода диҳем [8, 394 - 395].

Аз нуктаи назари сиёсию иқтисодӣ яке аз сабабҳои кам истеҳсол гардидани неруи барқ дар иншооти амалкунанда, куҳнаю фарсуда гардидани дастгоҳҳо ва гилпуршавии зери онҳо ба ҳисоб меравад. Масалан Неругоҳи барқи обии “Норак” аз соли 1972 ва Қайроққум аз соли 1956 фаъолият менамоянд. Таҷҳизоту дастгоҳҳои технологӣ дар ин иншоот хеле кухнаву фарсуда шудаанд. Бар замми ин, қаъри обанбори онҳо бинобар таҳшиншавии гил торафт баланд гардида, ғунҷоиши об дар онҳо маҳдуд шуда истодааст.

Барои он ки ба мардум фаҳмотар шавад, ба таври сода баён мекунам: барои чӣ мо барқ кам истеҳсол мекунем? Яке аз сабабҳояш ин аст. Як соли охир нисбат ба се соли гузашта неругоҳҳои мавҷудаи Тоҷикистон беш аз 1 миллиарду 300 миллион кВт/соат кам неруи барқ истеҳол карданд. Дар зери обанбори Норак аллакай беш аз 500 миллион метри мукааб гили такшиншуда хобида, ғунҷоиши онро кам кардааст. Дар Қайроққум бошад, беш аз 1 миллиард метри мукаабро такшини гил фаро гирифтааст ба ботлоқзор табдил ёфта истодааст [9, 398].

Бо дарназардошти он ки азнавсозии неругоҳҳои мазкур, тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ ва маблағҳои худӣ ба роҳ монда шавад ҳам, лекин фазои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар тақозо менамояд, ки рафти корҳои сохтмонӣ ва маблағгузории давлат ва Ҳукумати кишвар ба иншооти гидроэнергетикии мамлакат коҳиш наёбад.

Дар ин радиф, ҷиҳати барқарор намудани иқтидорҳои мавҷудаи энергетикӣ ва сохтмони иншооти нави соҳа, инчунин ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ мувофиқи мақсад хоҳад буд. Дурнамои рушди соҳаи энергетика ба он нигаронида шуда буд, ки нақшаҳо бояд амалӣ гарданд. Дар айни ҳол сохтмони неругоҳҳои барқи обии Роғун, Сангтӯда -1 ва Сангтӯда-2 босуръат идома дорад; моҳҳои наздик неругоҳи Сангтӯда-1 пурра ба истифода дода мешавад; бунёди неругоҳи Сангтӯда-2 соли 2011-ум ба анҷом расонида хоҳад шуд [10, 389-390].

Бояд қайд намуд, ки баррасии масъалаҳои НБО-и “Роғун” дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ба рушди иқтисодиёт ва ҳифзи манфиатҳои

миллию ҷамъиятӣ асос меёбад. Таклифу пешниҳодҳои Роҳбари давлат вобаста ба инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла нақши НБО-и “Роғун”-ро дар раванди сиёсати энергетикӣ бо паёмадҳои нек арзёбӣ карданд. Дастгирӣ намудани эҳёи Роғун аз ҷониби шахсиятҳои касбу кори мухталиф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нишонаи пуштибонӣ ва ҳамовозӣ ба Мурочиатномаи Сарвари давлат доир ба дастгирии моддиву маънавии сохтмони Неругоҳи барқи обии “Роғун” пазируфта мешавад.

Раванди дастгирии сиёсати Роҳбари давлат доир ба саҳмгузории НБО-и “Роғун” мазмунан чунин хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегирад.

Аз нуқтаи назарӣ сиёсӣ ва бо мақсади дарки манфиатҳои миллию ҷамъиятӣ бояд ҷараёни фурӯши саҳмияҳои ҷамъияти саҳҳомии “Неругоҳи барқи обии Роғун” ба маҷбурсозӣ ё фишороварӣ ба роҳ монда нашавад. Зеро ба андешаи Пешвои миллат дастгирии молиявии Роғун кори ватандӯстонаи ҳар фарди бонангу номус ва саҳми дурандешонаи мардуми Тоҷикистон барои ояндаи худ ва фарзандону наберахояшон мебошад. Ин кор бояд озодона сурат гирад, зеро ба воситаи фишороварӣ кори сохтмон баракат намекунад.

Барои таъмини амнияти энергетикӣ ва паст кардани сатҳи вобастагии кишвар аз воридоти сӯзишворӣ сарфаю сариштакорӣ захираи муҳим мебошад.

Ҳамчунин, бо туфайли бунёди НБО-и “Роғун” аз рӯйи энергоғунҷоиши истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ба мамлакатҳои тараққикарда наздик шудан дар назар дониста мешавад [11, 335-337].

Аз ҳамин нуқтаи назар, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар раванди сиёсати энергетикии Тоҷикистон рушди бомайлони соҳаи энергетика масъалаи ҳаётан муҳимми ҷомеа дониста хоҳад шуд. Дар ин самт аз роҳу усулҳои манфиатбахш ва захираю имкониятҳои мавҷудаи Тоҷикистон истифода карда, роҳҳои инкишофи соҳаи энергетикаи кишвар муайяну муқаррар карда мешавад. Чунин тадбирҳо далели воқеии он аст, ки бо мақсади таъмини ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бо неруи барқ дар давраи соҳибистиқлолии кишварамон дар маҷмуъ 241 неругоҳи барқи обии хурд сохта, ба истифода дода шудааст. Мутобиқи «Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи неругоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» то соли 2020 дар қаламрави мамлакат сохтмони 190 неругоҳи хурди барқи обӣ пешбинӣ шудааст [12, 316].

Тадбирҳои андешидашудаи давлат ва Ҳукумати кишвар, ҷиҳати марҳала ба марҳала ба истифода додани неругоҳҳои барқи обӣ дар ҳудуди кишвар барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат нигаронида шудааст ва ин тадбирҳо оянда масъалаҳои зиринро муайян менамояд.

1. Тадбирҳои андешидашаванда оид ба сохтмони иншооти обию энергетикӣ дар навбати аввал ба ҳалли мушкилоти муҳимми имрӯза, аз ҷумла мунтазам бо барқ таъмин намудани аҳолӣ.

2. Фароҳам овардани шароити мусоид доир ба фаъолияти корхонаҳои кишвар, истифодаи самараноки захираҳои обӣ.

3. Заминагузорӣ доир ба таъмини рушди устувори кишвар бо дарназардошти ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ.

Бо мақсади амалӣ гардидани нақшаҳои рушд ҷиҳати тақвият бахшидани сиёсати энергетикии кишвар, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин рафъи баъзе монеагиҳо дар хусуси асосноккунии техникии НБО-и “Роғун”, дар асоси мурочиати Ҳукумати Тоҷикистон Бонки ҷаҳонӣ корҳои ташхисиро оид ба асоснокии техникӣ ва арзёбии таъсири иҷтимоиву иқтисодии ба анҷом расонидани сохтмони Неругоҳи барқи обии “Роғун”-ро бо ҷалби ширкатҳои бонуфуз ва мустақили ҷаҳонӣ гузаронида истодааст [13,2].

Механизми асосноккунии техникии НБО-и “Роғун” ва арзёбии таъсири иҷтимоию иқтисодии он, эътимоднокии неругоҳро дар сатҳи байналмилалӣ аз нигоҳи илмӣ-техникӣ муайян менамояд. Ва масъалаи пешниҳоди асосноккунии техникии НБО-и “Роғун” бо ташаббуси худи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст. Боиси хушнудист, ки

зимни татбиқи ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид “Энергияи устувор барои ҳама” Тоҷикистон дар қатори панҷ мамлакати дунё ба ҳайси кишвари пилотӣ пешниҳод шудааст. Ба вазорату идораҳои марбута лозим аст, ки бо сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид ҳамкории созандаро ба роҳ монда, аз имкониятҳои ин барнома ба шакли беҳтарин истифода намоянд [14, 3].

Чунин усули кор имкон медиҳад, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба сифати ташаббускор доир ба тақвият бахшидани сиёсати энергетикии кишвар, ки он ба нафъи давлат ва минтақа мебошад, эътибори хоса пайдо намуданро дар бар мегирад. Дар ин замина, тадбирҳои мушаххас доир ба бунёду барқарор намудани иншооти энергетикии мамлакат, аз ҷумла таъмини аҳолии минтақа бо барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза амалӣ гардид. Солҳои охир дар асоси нақшаву тадбирҳои стратегӣ бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ лоиҳаҳои ҳаётан муҳимми энергетикӣ, ба монанди неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1, хатҳои интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол» ва «Лолазор-Хатлон», хатти интиқоли барқи байни Тоҷикистону Афғонистон, корҳои барқарорсозии неругоҳи Роғун, таҷдиду навсозии иншооти амалкунандаи энергетикии Норак, Қайроққум, Сарбанд, Помир ва Варзоб амалӣ гардида истодаанд. Ҳамзамон бо ин, якҷо бо шарикони рушд, аз ҷумла бо Бонки Умумиҷаҳонӣ корҳои таҳқиқотии лоиҳаи неругоҳи Роғун, инчунин таҳияи лоиҳаи хатти интиқоли барқи байналмилалии “CASA -1000” идома доранд [15,2 ].

Раванди сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳалли масъалаҳои мувофиқашудаи муносибатҳои байналмилалӣ танзим гардид. Махсусан идома ёфтани корҳои сохтмонӣ дар НБО-и “Роғун” дар давраи муайян тавассути нақшаи мувофиқашудаи Бонки Умумиҷаҳонӣ сурат гирифта, чунин усули кор шафофияти кори неругоҳро дар хусуси бехатарӣ ва боэътимодии неругоҳ нишон медиҳад.

Аз тарафи коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ барои қобили қабул эътироф намудани лоиҳаи НБО-и “Роғун” 12 ҳисобот мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки мазмунан таҳқиқи марҳалавиро дар бар гирифта, ба масъалаҳои арзёбии техникӣ-иқтисодӣ, таъсирҳои экологӣ-иҷтимоӣ ва муҳандисӣ-техникӣ равона гардидааст. Коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ, зимни пешниҳоди ҳисоботи марҳалавӣ ба таҳқиқи хулосаи иҷро, тарҳрезӣ, моделсозии истифодаи обанбор, идоракунии муҳити зист ва бехатарии сарбанд машғул шуда, дар натиҷа ба хулосаи асосӣ омаданд, ки сохтмони тарҳи Неругоҳи барқи обии “Роғун” ба муҳити зист хатар эҷод накарда, баръакс барои рушди иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Фазои ватандӯстӣ ва эҳсоси худшиносии миллии ҷомеа дар иртибот ба Муроҷиатномаи Роҳбари давлат дар хусуси саҳмгузорӣ намудан ба НБО-и “Роғун” ҳамчун идеяи миллӣ эътироф гардида, майдони сохтмон ба корзори ҳиммату ҷавонмардӣ, озмоиши нангу номус табдил ёфт. Чунки Роғун на танҳо манбаи нуру рӯшноӣ, балки санги маҳаки номуси миллӣ, шарти иқтидору пойдории давлати Тоҷикистон ва омили асосии таъмини амнияти миллӣ мебошад.

Ҳамзамон ҳолат ва дурнамои НБО-и “Роғун” дар шароити муосир собит намуд, ки бо дарназардошти мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани Неругоҳи барқи обии “Роғун” дар навбати аввал сохтмони корхонаҳои алюминӣ ва истеҳсоли нуриҳои азотӣ низ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Инчунин, бо далели он ки оянд аи неругоҳ барои кишварҳои минтақа ягон хатар надорад ва тибқи нишондоди олимону мутахассисони соҳа он ба ҳама меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқат мекунад, пас ба хулосае омадан зарур аст, ки аҳаммияти неругоҳи мазкур ба манбаи оби тоза ва барқароршавандаи захираҳои обию энергетикӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ, инфрасохтори муносиб ба он метавонад беҳбудии миллионҳо одамонро тибқи меъёрҳои экологӣ беҳтар созад.

**Адабиёт**


1. Масъулият дар назди замон: Паём дар ҷаласаи якуми якҷояи Маҷлиси миллӣ

ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 апрели соли 2000 // Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ. 4. – С. 346-347.
2. Масъулият дорои фардои миллат: Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 апрели соли 2003 // Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ. 4. – С. 128-129.
3. Паём ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 18 апрели соли 2001 // Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ. 4. – С. 83.
4. Паём ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 18 апрели соли 2001 // Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ. 4. – С. 83.
5. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 2004 // Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ. 4. – С. 337.
6. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 апрели соли 2005 // Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Душанбе: Ирфон, 2006. – Ҷ.6. – С. 69-97; Ҷумҳурият. – 2005. – 19 апрел; Минбари халқ. – - 2005. – 20 апрел.
7. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2006 // Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Душанбе: Ирфон, 2006. – Ҷ.6. – С. 514.
8. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 апрели соли 2008 // Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Душанбе: Ирфон, 2009. – Ҷ.8. – С. 394-395.
9. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 апрели соли 2009 // Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2010. – Ҷ. 9. – С. 398.
10. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 24 апрели соли 2010 // Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2011. – Ҷ.10 . – С. 389–390.
11. Паём ба Маҷлиси Олӣ “дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 20 апрели соли 2011 // Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. –Душанбе: Ирфон, 2012. – Ҷилди 11. – С. 335-337.
12. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 20 апрели соли 2012 // Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2012. –Ҷ. 12. – С. 316
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ҳақиқати Суғд. –2013. – 27 апрел. С.2.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: 23-юми апрели соли 2014, шаҳри Душанбе // Паёми Душанбе. – 2014. – 24 апрел. С-3.
15. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20. 01. 2015, шаҳри Душанбе [Матн] // Паёми Душанбе. – 2015. – 23 январ. С-2.

## РОЛЬ РОГУНСКОЙ ГЭС В УКРЕПЛЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ ТАДЖИКИСТАНА

**Хуррамзода М. Х.**

*В статье автор отмечает, что в период государственной независимости в связи с процессом энергетической политики Таджикистана возник важный политический и социальный феномен, значение которого имеет явную роль в укреплении национальных интересов страны.*

*Одним из важнейших политических явлений является эксплуатация первой и второй очереди Рогунской ГЭС.*

*Решение этого вопроса по итогам обсуждается в ежегодных посланиях политического лидера государства, а расположение этой электростанции и других действующих электростанций признано важным и своевременным в укреплении национальных интересов Таджикистана.*

*В статье автор показывает, что процесс энергетической политики страны с учетом расширения строительных работ на Рогунской ГЭС стал важной темой общественно-политической жизни, а аспекты ее социально-экономической и политической развития занимают особое место в посланиях Президента Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *энергетика, политика, процесс, регион, интерес, национальный, укрепление, независимость, власть, национальный, объект.*

## THE POSITION OF "ROGUN" IN THE ASSESSMENT OF THE NATIONAL INTERESTS OF TAJIKISTAN

**Khurramzoda M. K.**

*In this article, the author noted that at the time of state independence, an important political and social phenomenon arose in connection with the process of the energy policy of Tajikistan, the importance of which has a clear role in strengthening the national interests of the country.One of the most important political phenomena is the exploitation of the first and second stages of the "Rogun" hydropower plant.*

*The solution of this issue is discussed through the results in the annual messages of the political leader of the state, and the location of this power plant and other existing power plants are considered important and timely in strengthening the national interests of Tajikistan.*

*In the article, the author show that the country's energy policy process, taking into account the expansion of construction works at the "Rogun" NPO, has become an important topic of public and political life, and the aspects of its social, economic and political development occupy a special place in the messages of the President of the Republic of Tajikistan. has done.*

***Key words:*** *energy, policy, process, region, interest, national, strengthening, independence, power, national, facility.*

№3 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# «ИСЛАМСКИЙ ЭМИРАТ» В СЕРДЦЕ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ИЛИ ПОСЛЕДСТВИЯ ЗАПАДНОЙ ПОЛИТИКИ В АФГАНИСТАНЕ

**Юсупов Ф.Ф**.- соискатель Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана, старший преподаватель Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан, полковник (Тел.: (+992) 935606946)

*В данной статье автор анализирует появление "Исламского эмирата" как новой страницы в истории Исламской Республики Афганистан, его последствия и угрозы для мирового сообщества. После захвата власти со стороны террористического движения "Талибан" обстановка в Афганистане стала ещё сложнее. Приход к власти в Исламской Республике Афганистан террористического движения "Талибан" и созданию там "Исламского эмирата" является прямым последствием политики западных государств в этом регионе. В настоящее время на таджикско-афганской границе продолжают активизироваться члены таких международных террористических организаций, как «Аль-Каида», «Исламское государство», «Джамаат Ансаруллах», «Партия Исламского возрождения», «Исламское движение Узбекистана», «Исламское движение Восточного Туркестана», особенно вновь созданное отдельное крыло «Исламского государства», известное как «Вилаят Хорасан», которое намерено взять под контроль исторический Хорасан. Международная террористическая организация «Вилаят Хорасан» состоит из более 5 тысячи наёмников, прибывших из разных стран.*

*Согласно мнению автора от «Исламского эмирата» исходит серьёзная угроза не только Республике Таджикистан, но и всем странам Центральной Азии и России.*

***Ключевые слова**: международная террористическая организация, исламский эмират, экстремизм, терроризм, захват власти, дезинформация, антиправительственные структуры, безопасность, политика, угроза, гражданская война, государственный переворот.*

Складывающаяся военно-политическая обстановка в Исламской Республике Афганистан, которая имеет большую протяжённость государственной границы с Республикой Таджикистан, делает уровень экстремисткой и террористической угрозы в Таджикистане в настоящее время очень высоким. Скопление различных террористических группировок на территории Афганистана, таких как – «Движение Талибан», «Исламское государство», «Партия исламского возрождения», «Исламское движение Узбекистана», «Аль-Каида», «Хизб-ут-Тахрир», «Кавказский эмират», «Джамоат Ансоруллох», «Техрик пакистанских талибов», «Джамаат шариат», «Джабхат-ан-Нусра» и многих других, повышает угрозу исламского радикализма, экстремизма и фундаментализма не только для Таджикистана, но и для государств Центральной Азии, России и Китая.

Сегодняшняя обстановка в Афганистане напоминает Ирак и Сирию, где до сих пор продолжаются вылазки террористических группировок. Возникает вопрос кому нужен «Исламский эмират» в сердце Центральной Азии и против кого будет направлена его экстремистско-террористическая идеология и военная машина?! Данный вопрос на сегодняшний день волнует всё мировое здравомыслящее сообщество. 15 августа 2021 года власть в Афганистане захватили международное террористическое движение «Талибан», где до сих пор устанавливают свои законы и порядки.

Чтобы более глубоко понять геополитику сверхдержав и их борьбу за своё влияние в мире, вернёмся в историю, так с 1979 по 1989 годы после ввода советских войск в Афганистан, данная война унесла более 1 миллиона жизней афганцев и более

16 тысяч жизней советских солдат. Война которая продолжалась 10 лет, так и не смогла положить конец неустойчивой внутренней ситуации в Афганистане, постоянные политические конфликты, мятежи и перевороты до сих пор раздирают афганский народ на части. Ещё в 1979 году после прихода к власти Хафизулла Амин развернул невиданные репрессии против своих политических противников. В то время эти события вызвали огромный поток беженцев в Иран и Пакистан. Страна стояла на пороге гуманитарной катастрофы, что в свою очередь создало социальную базу для рождения и сплочения сильной оппозиции.

Бывший Президент ИРА Хафизулла Амин, желая найти выход из сложившейся ситуации, а также продемонстрировать сильному северному соседу - Союзу Советских Социалистических Республик (далее СССР) свою независимость, попытался наладить контакты с администрацией Белого дома (США), чем вызвал сильное раздражение и серьёзные опасения Москвы. Соединённые Штаты вовсе не стремились влезать в сложный афганский узел, тем не менее, дестабилизация на южных рубежах Советского Союза в период холодной войны весьма удачно вписывалась в долгоиграющую стратегическую доктрину США. Америка не только не скрывала попытки Хафизулла Амина установить с ней контакты, но и всячески способствовала утечке информации. Более того, по дипломатическим каналам и каналам ЦРУ была налажена поставка тончайшей, хорошо продуманной дезинформации, суть которой сводилась к стремлению США укрепиться в Афганистане. Так, из различных источников в Москву стала поступать дезориентирующая информация о том, что Вашингтон собирается разместить на территории Афганистана ракеты среднего радиуса действия, способные достигать любой цели на территории СССР [2;65].

Правительством Советского Союза, было принято решение о вводе на территорию Афганистана, 12 декабря 1979 года, ограниченного контингента советских войск для совершения государственного переворота и приведения к власти лидера Народно-Демократической партии Афганистана Бабрак Кармаля.

США, чья закулисная внешнеполитическая игра спровоцировала ввод советских войск, поспешила вмешаться в афганский конфликт, наладив бесперебойную поставку вооружений, также отправляла моджахедам своих инструкторов.

На тот период, коалиция США - Саудовская Аравия - Пакистан, создали мощную организацию «Международный исламский интернационал» на основе призыва добровольцев и наёмников со всех концов исламского мира для «священного джихада» в Афганистане. С начала войны через Пакистан прибыло более 100 тысяч добровольцев и наёмников из арабских стран, которые воевали против СССР [2;91].

Сегодня Афганистан напоминает шахматную доску, на которой ведут свою игру США, Россия, Иран, Турция, Китай и Пакистан. И каждый игрок рассчитывает на свою победу [1;10]. После захвата власти движением «Талибан» (15 августа 2021 г.) неоднократные переговоры о создании инклюзивного Правительства в этой стране не увенчались успехом. В настоящее время террористическая организация «Талибан» состоит из переброшенных американцами из Сирии – группировок «Исламского Государства», «Аль-Каида», «Фронт-ан-Нусра», «Лива-аль-Джихад», «Ахрор-аш-Шам», «Исламское движение Узбекистана», «Исламское движение восточного Туркестана», ТЭО «ПИВТ» (+ военное крыло «Ансоруллох») и другие, которые контролируются и финансируются так называемой «Коалицией», куда входят - Катар, Саудовская Аравия, Пакистан во главе с США.

Талибы – часть пакистанского общества и продукт пакистанских спецслужб. Костяк этой террористической организации составляют пакистанские пуштуны. Им чужды афганская культура, духовная общность всех народов Афганистана. Миссия талибов – уничтожить эту духовную общность, опустошить мозги подрастающего поколения и установить господство мракобесие в стране. Только так можно завоевать Афганистан[1;19].

Важно подчеркнуть, что США, покидая Афганистан, оставили «Талибам» оружие на сумму 85 миллиардов долларов, при этом большая часть этого оружия не

тронута. Сегодня военная мощь международного террористического движения «Талибан», захвативших целое государство, превосходит военную мощь многих развитых государств [1;52].

Опасность заключается в том, что Афганистан превратился в центр притяжения радикальных сил из Центральной Азии и Кавказа. В этих регионах много спящих ячеек, симпатизирующих талибам. Победа талибов взбодрила их, и они потянулись к Афганистану. Уже сейчас запрещённая ТЭО «Партия исламского возрождения Таджикистана», после неудачной попытки государственного переворота в сентябре 2015 года в Таджикистане нашла «политическое убежище» в Европе, в настоящее время она всячески одобряя режим «Движения Талибан» подаёт голос талибам и предлагает «дружбу и сотрудничество» [1;25].

Тревогу вызывает тот факт, что вблизи наших границ, то есть северных регионов Афганистана действуют многочисленные вооружённые группы «Исламского государства», «Ансорулло» (военное крыло ПИВТ), «Джабхат-ан-Нусра» «Ахрор –ул-Шам», которые действуют под флагом Талибан. Главари этих террористических группировок живут в селениях, расположенных вблизи границ, со своими семьями. Вот этот факт лишний раз свидетельствует о том, что перед ними поставлены далеко идущие задачи – нашествие в регионы Центральной Азии и далее на Кавказ для создания Халифата. В этих регионах много спящих ячеек, симпатизирующих террористам. Первыми встанут спящие ячейки в Таджикистане, сорок тысяч (40000) членов запрещённой террористической «Партии исламского возрождения Таджикистана», находятся под влиянием фанатичного духовенства, они никуда не делись. При первой же возможности они взбодрятся и пополнят ряды террористов [1;33].

В связи с чем важно подчеркнуть, что движение «Талибан» в Афганистане неоднороден, там имеются две группировки соперничающие между собой. Кандагарская группа представителем которой является эмир Хайбатулло Охунзода. Вторая группа – восточная группа паштунов представители сети Джалолуддина Хаккани. В настоящее время Афганистан контролируется полностью талибами, кроме некоторых групп районов. Однако вооружённая оппозиция не представляет собой единое целое. В настоящее время у оппозиции нет единства и общего лидера. Сын Ахмадшаха Масуда -Ахмад Масуд представляет собой человека являющегося реальным лидером, но без внешней поддержки он не сможет добиться какого-либо успеха. В тоже время национальный фронт сопротивления Афганистана во главе с Ахмад Масудом утверждает, что движение «Талибан» направили на северо-восток Афганистана 16 главарей иностранных террористических групп (один из них всем известен гражданин Республики Таджикистан - Шарипов Мухаммад под псевдонимом «Махди Арсалон», уроженец Гармского района).

В Афганистане живут значительное количество таджиков, узбеков, туркмен, часть которых вступили в ряды «Талибан». Несмотря на это «Талибан» на ключевые должности ставит пуштунов. «Талибы» постоянно твердят, что Афганистан принадлежит пуштунам, но если вы хотите власти – таджикам указывают идите в Таджикистан, узбекам указывают идти в Узбекистан, туркменам то же самое идти в Туркменистан.

МИД Российской Федерации склоняется поддерживать руководство движения «Талибан» и постоянно имеет с ними контакты. А с другой стороны, силовые структуры Российской Федерации больше заинтересованы в поддержке вооружённой оппозиции. Данное суждение зиждется на заявлении секретаря совета безопасности РФ Николая Патрушева, который сделал на совещании спецслужб стран СНГ. В ходе которого он подверг критике «Талибан» и подчеркнул опасность проводимой политики пуштунизации.

Важно отметить, что Президент Республики Таджикистан, Лидер нации и основатель мира и национального согласия, уважаемый Эмомали Рахмон при встрече с Министром иностранных дел Пакистана Махмудом Курейши заявил, что: «Таджикистан не будет признавать никакого другого правительства, сформированного в этой стране путём угнетения и преследования, без учёта позиции всего

афганского народа, особенно всех его национальных меньшинств» [1;32].

Председатель Совета улемов Таджикистана Саидмукарам Абдулкодирзода в своей статье «То, чем занимаются талибы не является исламом» подверг резкой критике действия «Движения Талибан», которые заключаются в массовых казнях военнопленных бывшей Афганской армии, женщин и детей, ущемление прав женщин, запрет их учёбы и работы. Данные действия талибов не имеют ничего общего с традиционной религией ислама, который в свою очередь проповедует справедливость и доброту, запрещает убийство военнопленных, женщин и детей. Также С. Абдулкодирзода отметил, что если мы посмотрим на историю талибов как в прежние времена так и сейчас, то с уверенностью можно сказать, что они для Афганистана и Центрально-Азиатского региона представляют серьёзную опасность. Главный муфтий добавил, что неужели в этой террористической организации не имеются образованных людей, которые, бы знали основные каноны религии ислама. Террористическое Правительство не может и не способно управлять государством [4;2].

В этом контексте, благодаря политической мудрости главы государства, Президента Республики Таджикистан, Лидера нации и основателя мира и национального согласия, уважаемого Эмомали Рахмона, 18 октября 2022 года, в городе Душанбе была организована и проведена Международная конференция высокого уровня на тему «Международное и региональное сотрудничество в области безопасности границ и пограничного контроля для борьбы с терроризмом и предотвращения передвижения террористов».

Бинобар ин барои мубориза бо чунин мушкилот давлатҳои минтақа барномаҳоеро барои кӯмаки молиявӣ ба оилаҳои ҷавон дар назар гирифтаанд. Баргузории туйҳои домодиву арӯсии дастиҷамъӣ ба тадриҷ дар Арабистони Саудӣ, Аморoти Муттаҳидаи Араб ва давлати Уммон ба ҳукми анъана даромада, сабукиҳои қобили мулоҳизаро барои оилаҳои ниёзманд фароҳам намуда истодааст.

Филип Агии англис, мушовири мустақил доир ба масъалаҳои пулӣ, боварӣ дорад, ки: «Сармоя яке аз бузургтарин сабаби барҳам хӯрдани оилаҳо ҳаст». Ин андешаро вай бо лаҳни таънаомез чунин менигорад: «Руёи тӯйу маросимро бо руёи зиндагӣ иваз кунед, барои доштани издивоҷ рӯёҳое лозим нест, ки зери қарзи сангин биравед”[2, 239-240].

Ташвиқ барои баргузории маросими камхарҷу оддӣ, бо истифодаи либосҳои хоксорона дар маъракаҳо аз талошҳое ҳастанд, ки ташкилотҳои хайрияи кишвари Британияи Кабир барои коҳиши хароҷоти туйҳо анҷом медиҳанд. Хароҷоти баргузории туйи домодиву арӯсӣ дар кишвари Британияи Кабир 21 ҳазор долларро ташкил мекунад[2, 240].

Дар давлати Чин барои раҳоӣ ёфтани мардум аз ин гуна қарзу харҷу сарфҳои бемаънӣ қонунеро ба тасвиб расониданд, ки тибқи он шаҳрвандон вазифадор мешаванд, ки дар тӯйи домодиву арусӣ ва маросимҳои азодорӣ маблағи муайян сарф намоянд. Ин ду маросим аз асоситарин суннатҳои мардуми ин кишвар маҳсуб мегардад. Ҳамчунин дар маъракаи тӯй ҷои нишаст аз 69 адад набояд зиёд бошад ва адади мошинҳои дар ақди никоҳ иштирок мекарда, шаш ададро ташкил медиҳад[2, 240].

Баргузории маъракаҳои бодабдаба ва серхароҷот домани мардуми Ҳиндустонро ҳам раҳо накарда истодааст ва ин мусобиқаҳои бемантиқ дар миёни мардум рӯз то рӯз шиддат гирифта, мардумро ба андеша оварда аст, ки дар ин маврид чӣ бояд кард? Тӯйу сурҳо дар Ҳиндустон рӯз то рӯз пурмасрафтар мешаванд. Бисёре аз туйҳои домодиву арӯсӣ ба ҷашнҳои бузург табдил ёфта, чандин рӯз идома мeёбанд. Баъзан роҳҳои мошингузарро баста, руи роҳҳо бо истифода аз баландгуякҳо бо мусиқӣ ва сару садо рақсу бозӣ мекунанд, ки боиси норозигии атрофиён, махсусан ронандаҳо мегарданд. Ҳастанд ҳолатҳое, ки соҳибони чунин ҷашнҳо ҳатто чархбол истифода мебаранд. Баъзан ҷашнҳо дар меҳмонхонаҳои панҷситорадор бо иштироки ситораҳои синамои ҳинд бо хароҷоти миёншикан баргузор мегардад. Тайи солҳои охир вазъи баргузории маъракаҳои хурсандӣ бо суръат вазнинтар шуда истодааст, чунки “қишри нави ҷомеа” мехоҳанд дороии худро ба дигарон бо ҳамин шева нишон диҳанд. Аз руи маълумотҳои расмӣ, солона 12 миллион маросими тӯйи домодиву арӯсӣ кишвар баргузор мешавад, ки харҷи умумии онҳо беш аз 25 миллиард долларро ташкил медиҳад. Ин омор солона тақрибан 30 дарсад афзоиш ёфта истодааст. Намояндаи парлумони Ҳиндустон Ронҷият Ронҷон, аз ҳизби “Конгресс”-и кишвар тарҳи наверо бо номи “Лоиҳаи издивоҷ” ё "Сабти маҷбурӣ ва ҷилавгирӣ аз харҷҳои изофӣ" таҳия кардааст. Дар ин

лоиҳа гуфта шуда аст, ки ҳар нафаре беш аз 500 ҳазор рупия (муодили 7500 доллар) дар туйи домодиву арӯсиаш харҷ кунад, бояд 10 дарсади онро ба фонди махсус, ки барои издивоҷи табақаҳои камбизоати аҳолӣ пешбинӣ шудааст, бипардозад то ки табақаи ниёзманди аҳолӣ тавонанд аз ин ҳисоб маъракаҳои туйи арӯсиашонро анҷом диҳанд[2, 240-241].

Ба саволи хабарнигор дар хусуси он ки "Мардуме, ки пул доранд ва мехоҳанд маросими тӯйи фарзандашро бодабдаба анҷом диҳад, оё ин амал хилофи ташаббуси шумо нест? Ҷаноби Ронҷон чунин посух мегӯяд: "Ба назари шумо риёкорона нест, агар чунин тӯйҳои пурмасрафро иҷозат медиҳем дар ҳоле, ки мардум ҷон мекананд то рӯзона як луқма нон пайдо кунанд ва миллионҳо нафари дигар дар кишвар дар факр умр ба сар мебаранд?"[2, 241].

Илова ба андешаҳои дар боло зикршуда, дар зер якчанд маълумоти иловагии омориро меорем, то хонанда ба андеша равад, ки исроф ҳам аз нигоҳи динӣ ва ҳам ахлоқӣ то чи андоза барои ҷомеа хатарнок ва номатлуб аст.

Дар ҷаҳон айни замон зиёда аз 870 миллион нафар кӯдак ғизои кофӣ барои хӯрдан надоранд, ки дар натиҷа ҳамасола боиси марги 2,6 миллион кӯдаки то панҷсола мешавад. Теъдоди 66 миллион кӯдаки синну соли марҳилаи синни ибтидоӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд дар саросари ҷаҳон, гурусна ба мактаб мераванд, ки 23 миллион нафари онҳо дар кишварҳои африқоӣ умр ба сар мебаранд. Ин оморҳо, тавассути Дафтари барномаи ҷаҳониии ғизои Созмони Миллали Муттаҳид таҳия шудааст. Ҳоло бубинем, ки кишварҳои дигар барои ҷилавгирӣ аз исрофи маводи ғизоӣ чӣ тадбире андешида истодаанд[2, 241].

Барои мисол, дар давлати Фаронса қонуни манъи партофтани маводи ғизоиро баъд аз маросиму маъракаҳои хурсандӣ дар тарабхонаҳо ва ё фурӯхта нашудани онҳо тавассути супермаркетҳо ба тасвиб расонидааст. Бар асоси ин қонун фурӯшандагон вазифадоранд маводи ғизоиро, ки мӯҳлати истифодабариашон наздик мешавад, бояд ба таври ройгон ба ташкилотҳои хайриявӣ супоранд. Ташкилотҳои хайриявӣ вазифадор шудаанд, ки ин маводи ғизоиро дар байни камбизоату ниёзмандон тақсим намоянд[8].

Дар Италия қонуне ба тасвиб расидааст, ки тибқи он исрофи 1 миллион тонна маводи ғизоиро дар тӯли як сол дар ин кишвар ҷилавгирӣ мекунад. Ҳадаф аз қабули ин қонун, коҳиш додани ғизоӣ пасмондаи тарабхонаҳои Италия аст. Ва ин бо мақсади мубориза бо гуруснагӣ ва истифодаи самараноки пасмондаи маводи ғизоӣ дар тарабхонаҳо мебошад. Масъалаи зоеъ шудани маводи ғизоӣ баъд аз тӯйҳои чандмиллионӣ ва дигар тарабхонаву ошхонаҳо танҳо хоси кишвари Италия нест, чунин манзара дар аксари кишварҳои Аврупоӣ ба назар мерасад[2, 242].

Дар асоси эъломияи Барномаи кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид ҳудуди сеяки маводи ғизоӣ дар саросари ҷаҳон исроф ва зоеъ мешавад дар ҳоле, ки бо ин қадар маводи ғизоӣ метавон 200 миллион шахси гурусна ва ниёзмандро сер намуд.

Бар асоси талоши навбатии Созмони Милали Муттаҳид фурӯшандагон ва истеъмолунандагони маводи ғизоии чунин давлатҳо метавонанд ба шакли назаррасе барои баҳадар надодани 1 миллиону 300 ҳазор тонна маводи ғизоӣ дар сол иқдоми наҷиб амалӣ намоянд.

Ин иқдом бо унвони "фикр кунед, бихӯред, ҳифз кунед, талафи маводи ғизоиро кам кунед" тавассути барномаи муҳити зисти Созмони Милали Муттаҳид роҳандозӣ гардидааст.

Тибқи гуфтаи мудирияти иҷроияи барномаи муҳити зисти Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаҳоне, ки 7 миллиард инсон умр ба сар мебаранд ва то соли 2050 эҳтимолияти теъдоди инсоният ба 9 миллиард нафар расиданро дорад, талафи маводи ғизоӣ аз назари иқтисодӣ, экологӣ ва ахлоқӣ ҷоиз нест. Аз руи ҳисоби камтарин солона аз се як ҳиссаи маводи ғизоии тавлидшуда дар ҷаҳон ба арзиши 1

триллион доллар беҳуда зоеъ мегардад[2, 243].

Овардани мисолҳо ва намунаи баргузории маъракаҳо дар ин ё он кишвари дуру наздик ба хотири он аст, ки бори дигар таъкид гардад, қабули қонуни танзими анъана ва ҷашну маъракаҳо дар кишвари мо мисоли барҷастаи дурбинии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон буда, дар баробари амаликунонии садҳо барномаҳои муваффақ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи дохили кишвар ва масъалагузории сатҳи байналмиллалӣ мақоми хосро касб намудааст. Пас аз таҳқиқу баррасӣ ба хулосае омада метавонем, ки воқеан қонуни қабулгардида дар кишварамон комилан демократӣ ва дар асоси хостаҳои аҳли ҷомеа аст. Боиси зикр аст, ки аксари ин кишварҳои зикргардида, пас аз ислоҳоте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, дар сояи ин ислоҳотҳо ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Боиси ифтихор ва қаноатмандист, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ба низом даровардани маъракаҳои туйю сур ва азодорӣ, балки фарохтар аз он ҳимояи манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон ва сарфакорона истифода намудани маводи ғизоӣ мебошад, мисли он ки дар масоили истифодаи самараноки оби тоза дар ҷаҳон мавқеи сазовори худро касб намудааст. Ба андешаи мо, омӯзишу баррасии ҷиддитару илман асосноки мавзуи баррасишаванда, барои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар ва берун аз он аз фоида орӣ нест. Бо боварӣ метавон гуфт, ки паҳлуҳои мавзуи мазкур ба таҳқиқу омӯзиш ниёз доранд.

**Адабиёт**


1. Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Ҷ. III. -Душанбе: Эр-граф, 2018. -296 с.;
2. Мирзозода А. Шикасти тилисм (Маҷмӯи мақолаҳо дар мавзӯи танзими расму оин, баъзе масъалаҳои мубрами рӯз ва иқдомҳои созанда). –Душанбе: Балоғат, 2021. -314 с.;
3. Маҷмуаи санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим. –Душанбе: Эр-граф, 2018. -71 с.;
4. Қонуни миллӣ-арзиши миллӣ (Маҷмӯи мақолаҳои Мизи мудаввар дар мавзӯи «15 соли амали Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамо» (ш. Душанбе, 8.06. 2022). –Душанбе: Балоғат, 2022. -200 с.;
5. Қонуни миллӣ- кафили зиндагии шоиста. Маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба 8-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». -Душанбе: Балоғат, 2015. -176 с.;
6. Пышная свадьба погубит узбека. Необходимы радикальные меры. Нусхаи элктронӣ: http://uz-rek.com/ru/useful-quotes/pyshnaja-svadba-pogubit-uzbeka- (санаи муроҷиат: 15.06. 2013);
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ аз 24.05.2007 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2007. – № 62 (21269); Ҳафт соли сарфаю сариштакорӣ (Натиҷагирӣ аз риояи Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «»Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ). -Душанбе: Эр-граф, 2014. -208 с.;
8. Французские гипермаркеты предоставляют волонтёрам просроченные пищевые продукты. Электронная версия: https/resorse. Co/articie/French-sypermarkets-enter-yoluhtary-food-waste-aqreement-10437 (санаи муроҷиат: 21.05.2013).


## СОЦИАЛЬНАЯ ТЕНДЕНЦИЯ УПОРЯДОЧЕНИЯ ТРАДИЦИЙ, ПРАЗДНИКОВ И ОБРЯДОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Мирзозода А. Ф.**

*Статья посвящена выяснению культурно-социальных факторов принятия Закона Республики Таджикистан «Об упорядочении традиций, праздников и*

*обрядов в Республике Таджикистан», прогрессивному и гуманистическому содержанию и сути этого документа, экономических и социальных достижений и расрпространение этого уникального опыта национального законодательства Таджикистана в ряде зарубежных стран. Автор ссылается на статистические данные Комитета по делам религий, регулированию традиций и национальных праздников при Правительстве Республики Таджикистан, материалы научно-практических республиканских конференций и круглых столов, посвященных теоретическим и практическим вопросам реализации данного закона, на этой основе доказывает огоромную роль этого важного нормативного документа в снижении уровня бедности - одной из стратегических целей Республики Таджикистан. Подчеркивается, что этот уникальный опыт национального законодательства Таджикистана в настоящее время в некоторых дальних и ближних странах мира, таких как Узбекистан, Афганистан, Франция, арабские страны и др. стало объектом исследованию и практитческого пользования.*

***Ключевые слова:*** *право, регулирование, социальная норма, традиция, праздник, обряд, культура бережливости.*

## SOCIAL TREND OF ORDERING TRADITIONS, HOLIDAYS AND RITUALS IN MODERN CONDITIONS

**Mirzozoda A. F.**

*The article is devoted to clarifying the cultural and social factors of the adoption of the Law of the Republic of Tajikistan "On streamlining traditions, holidays and rituals in the Republic of Tajikistan", the progressive and humanistic content and essence of this document, economic and social achievements and the dissemination of this unique experience of the national legislation of Tajikistan in a number of foreign countries. The author refers to the statistics of the Committee on Religious Affairs, Regulation of Traditions and National Holidays under the Government of the Republic of Tajikistan, materials of scientific and practical republican conferences and round tables on theoretical and practical issues of the implementation of this law, on this basis proves the enormous role of this important regulatory document in poverty reduction is one of the strategic goals of the Republic of Tajikistan. By the way, it is emphasized that this unique experience of the national legislation of Tajikistan has now become the object of research and practical use in some distant and near countries of the world, such as Uzbekistan, Afghanistan, France, Arab countries, etc.*

***Key words:*** *law, regulation, social norm, tradition, holiday, ritual, culture of thrift.*

№3 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# МОҲИЯТИ ХУДТАТБИҚШАВИИ ИҶТИМОИИ ШАХС ДАР ФАЛСАФАИ МУОСИР

**Болтаева М. Н.** – муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.(Тел.: 92-779-65-57)

*Дар мақола дар асоси таълимоти олимону муҳаққиқон нишон дода шудааст, ки худтатбиқшавӣ ҳамчун рушди шахсӣ, худбаёнкунӣ, ба камол расидан ва боло рафтани инсон дар зинаҳои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоӣ, татбиқи имкониятҳои "Ман" тавассути кӯшишҳои шахсии худ, якҷоя эҷод кардан, якҷоя фаъолият намудан бо одамони дигар ва амсоли он ба механизмҳои гуногун такя мекунад. Аз ҷумлаи чунин механизмҳо таҳия ва амалисозии стратегияи ҳаёт, тарбия ва гузариши тадриҷӣ ба худтарбиякунӣ, тамринҳои психологӣ ва амсоли он буда, худтатбиқшавии шахсӣ, касбӣ, эҷодӣ, иҷтимоии шахсият ва дигар навъу намудҳои онро таъмин месозанд. Дар асоси ин муаллиф ба хулоса расидааст, ки худтатбиқшавии иҷтимоӣ ба ташаккули шахсият мусоидат намуда, ба ӯ имконият медиҳанд, ки дар ҳамбастагӣ бо дигарон ба нафъи ҷомеа хизмат намояд.*

***Калидвожаҳо***: *худтатбиқшавӣ, худтатбиқшавии иҷтимоӣ, стратегияи ҳаёт, экспрессия, эвдемония, экстериоризатсия, худтарбиякунӣ.*

Худшиносӣ ва худогоҳии фардӣ ҳамчун фаъолияти бошуурона ва мақсадноки маърифатӣ барои ташаккули образи «ман»-и шахсият ва пайваста рушд додани он арзёбӣ гардида, моҳияти онро мутафаккирон ва муҳаққиқони гузаштаву муосир бо тарзҳои гуногун шарҳу тафсир кардаанд. Аммо як чиз равшан аст, ки худшиносӣ паҳлӯҳои назариявӣ ва амалӣ дошта, худтатбиқшавӣ, аз ҷумла, худтатбиқшавии иҷтимоии шахсият, ҷанбаҳои амалии онро дар бар мегиранд. Дар ин мавзуъ низ файласуфон ва олимони соҳаҳои дигари илм андешаҳои ҷолиб баён намудаанд, ки метавонанд барои худтатбиқшавии иҷтимоии шахс амалан кӯмак намоянд.

Худтатбиқшавиро дар илми муосир, асосан, дар пайравӣ аз Арасту шарҳ додаанд, ки расидан ба "эвдемония" (эҳсоси саодат)-ро танҳо тавассути татбиқи имкониятҳои потенсиалии худ имконпазир донистааст. Аз ин рӯ, худтатбиқшавиро низ мухтасаран чун татбиқи имкониятҳои шахсият, амалӣ сохтани таъйиноти инсон ва ормонҳои ӯ медонанд. Худтатбиқшавии иҷтимоӣ бошад, раванди рушди шахсият барои қонеъгардонии талаботи иҷтимоии худ мебошад.

Агар ба адабиёти илмии мавҷуда муроҷиат намоем, дар он ҳамчун ҷанбаҳои амалии худшиносӣ чунин мафҳумҳо – "худмуайянкунӣ", "худтанзимкунӣ", "худтатбиқшавӣ" ва ғайраро дучор меоем. Аммо, аз нуқтаи назари мо, маҳз худтатбиқшавӣ вазифаҳои амалии худшиносӣ ва худшиносии иҷтимоии фардро иҷро менамояд. Маҳз ҳаминро ба эътибор гирифта, психологи амрикоӣ А. Маслоу худтатбиқшавиро ҳамчун хосияти табиӣ, ғаризавии инсон эътироф кардааст. Аз ҷониби дигар, дар миёни талаботи биологию ғаризавии инсон ин донишманд худтатбиқшавиро олитарин талаботи инсонӣ ва танҳо хосси инсон, на ҳамаи организмҳои зинда, шинохтааст. Аз ин рӯ, ӯ худтатбиқшавиро ҳамчун ташаккули ботинӣ, қонеъгардонии талаботи олии инсонӣ, "рушди ботинии он чизе, ки аллакай дар организм ҳаст, дақиқтараш, он чизе, ки организм он мебошад" [7; 120] таъриф дода, сабаби онро дар талаботи инсон ба рушд дидааст, на бо сабаби мавҷуд будани ягон камбудие дар тиннати инсон, ки он бояд пурра карда шавад. Дар маҷмуъ, худтатбиқшавӣ, аз нигоҳи А. Маслоу, рушди шахсӣ, худбаёнкунӣ, ба камол расидан

ва боло рафтани инсон дар зинаҳои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоияш мебошад.

Барои худтатбиқшавии шахс дар таълимоти А. Маслоу мавҷуд будани шароити мусоид ва роҳҳои расидан ба он пешбинӣ гардидааст. Ӯ экспрессия (зуҳури равшани эҳсосот, афкор), қонеъгардонии талаботи заминавии инсон, бартараф сохтани хавфу хатарҳои ба ӯ таҳдидкунанда, фаҳмиши амиқи худӣ, худталқинкунӣ ва таъсири шахсиятҳои бонуфуз, мубориза бо симптомҳо ё нишонаҳои манфии ягон хислат, инчунин фардикунонӣ ва рушдро ҳамчун роҳҳои расидан ба худтатбиқшавӣ ҳисобида, ҳамаи ин механизмҳоро дар маҷмуъ, "роҳҳои аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қобили қабули тағйири шахсият" [7; 150] номидааст.

Дар асари олимони россиягӣ Клочко В.Е. ва Галажинский Э.В. "Худтатбиқшавии шахсият: нуқтаи назари системавӣ" дар тафовут аз асари А. Маслоу "Ҳавасмандӣ ва шахсият» асосан масъалаҳои назариявии худтатбиқшавӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, аммо доир ба баъзе ҷанбаҳои амалии он низ мавод ба даст овардан имкон дорад. Олимони мазкури россиягӣ дар асоси фаҳмиши худтатбиқшавӣ фаҳмиши дигарро - инсон ҳамчун системаи психологии худташаккулёбанда, ки ба худҳаракаткунӣ ва худмуайянсозӣ қобилият дорад, гузоштаанд. Ҳамзамон, Клочко В.Е. ва Галажинский Э.В. таъкид доштаанд, ки худтатбиқшавӣ ҳамчун гузариши имконият ба воқеият ин худрушдёбии инсон ҳамчун системаи комили худташаккулёбанда буда, имкониятро ба сарчашмаи фаъолнокии ӯ табдил медиҳад, зеро маҳз фаъолият моҳияти инсон, худии ӯ, рисолат ва таъйиноти ӯро дар табиат ва ҷомеа муайян месозад. Вобаста ба ин, олимони мазкур моҳияти худтатбиқшавиро бо такя ба ақидаҳои дигар муҳаққиқон чунин тавзеҳ додаанд: "татбиқи имкониятҳои "Ман" тавассути кӯшишҳои шахсии худ, якҷоя эҷод кардан, якҷоя фаъолият намудан бо одамони дигар (аз гирду атрофи наздику дур), ҷомеа ва олам дар кулл" [5; 10].

Клочко В.Е. ва Галажинский Э.В. дар чунин ақидаанд, ки таҳқиқ ва бадастории худтатбиқшавӣ аз як қатор омилу шароитҳо вобастаанд, ки миёни онҳо маҳсули худтатбиқшавӣ, яъне чӣ натиҷае ба даст омадааст ва он барои чӣ ба инсон зарур аст, кӣ ба худтатбиқшавӣ машғул аст ва сатҳи эҷодкорию имкониятҳои шахсият дар кадом ҳолат қарор доранд, муҳим мебошанд. Инчунин, худтатбиқшавӣ аз раванди пайдошавии мушкилот дар фазою вақти субъективии шахс ва олами ботинии шахсият, самтгириҳо, ҳавасмандиҳо, интихоби ӯ, алоқамандӣ бо ҳаёт ва амсоли он вобаста аст. Аз ҷониби дигар, ин олимони россиягӣ, худтатбиқшавиро чун раванди бепоён донистаанд, ки пайваста бо сабаби васеъшавии ҳудудҳои шахсият тағйир мепазирад [5; 133-134].

Дар асари К.А. Абулханова-Славская "Стратегияи ҳаёт" бошад, масъалаҳои маънии зиндагӣ, чӣ тавр дуруст сохтани дурнамои ҳаёти шахсӣ ва нақши худтатбиқшавӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои шахсии стратегӣ гузошта шуда, ҳалли худро пайдо намудаанд. Муаллифи консепсияи мазкур оид ба стратегияи ҳаёти шахс таъкид менамояд, ки ҳар як инсон мехоҳад, ки дар ҳаёти шахсиаш худии худ бошад, дигарон ӯро дар ин кор ёд надиҳанд ва имкон диҳанд, ки худи ӯ ба худтатбиқшавӣ дар рафти зиндагӣ ноил гардад. Барои расидан ба ин ҳадаф ӯ пешниҳод мекунад, ки ҳар як шахс бояд стартегияи ҳаёти худро дошта бошад. "Стратегия як қонуни универсалӣ, тарзи худамалишавии инсон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ӯ мебошад. Азбаски ҳар як нафар зиндагиашро худаш месозад, стратегияи ҳаёт низ дастоварди инфиродӣ, кашфиёти ҳар як нафар аст. Дар натиҷаи ин ҳар як инсон ҳамон ҳаётеро дорад, ки худаш онро сохтааст" [1; 7].

Стратегияи ҳаёт ҳамчун роҳи универсалии худтатбиқшавии шахс, аз нуқтаи назари К.А. Абулханова-Славская се аломати асосӣ дорад: интихоби самт ва тарзи асосии ҳаёт, муайянкунии ҳадафҳо ва марҳалаҳои расидан ба онҳо; ҳаллу фасли зиддиятҳо

дар ҳаёт бо мақсади расидан ба мақсаду ҳадафҳои гузошташуда ё худ татбиқи амалии ниятҳои шахсӣ; ташаккули арзишҳои ҳаётӣ ба тариқи инфиродӣ, расидан ба онҳо ва эҷоди арзишҳои нав. Вобаста ба ин дар консепсияи мазкур механизмҳои татбиқи стратегияи ҳаёт ё роҳҳои худтабиқшавӣ низ таҳия гардидаанд. Дар ин самт К.А. Абулханова-Славская ду навъи механизмҳои худтатбиқшавиро пешниҳод кардааст, ки яке мусбат ва дигаре манфӣ аст, яъне якеро бояд қабул кард ва дигаре бояд инкор карда шавад.

Механизмҳои манфии худтатбиқшавиро муаллифи консепсияи стратегияи ҳаёт механизмҳои худфиребӣ номидааст. Аз ҷумла, "механизми гузориши масъулият ба дигарон" – шахс ба худтатбиқшавӣ нарасида, волидайн, одамони атрофаш, шароит, ҷомеаро ба ин гунаҳгор медонад. Ё худ, инсон ба дигарон дар тарзи ҳаёт, урфу одат, сару либос ва амсоли он тақлид намуда, худро шахсияти асилу нотакрор меҳисобад, ки дар асл ин тавр нест ва дар ниҳояти кор ӯ "ман"-и худиро аз даст медиҳад.

Ба механизмҳои мусбати худтатбиқшавӣ, ки аз талаботи табиии шахс ба ҳисоб меравад ва барои зуҳури "ман"-и инсон мусоидат мекунад, К.А. Абулханова-Славская чунин унсурҳоро муҳим медонад: маърифати "нақш ва аҳаммияти ирода ва ақл барои ҳаёти инсон"; дарки дурусти "таносуби даъвоҳо, худтанзимкунӣ ва қаноатмандӣ" [1; 4, 122]. Инҷо дар назар аст, ки барои тарҳрезии дурусти стратегияи ҳаёт ва таъмини худтатбиқшавии шахс ҳар як нафар бояд ирода ва ақлу фаросати худро таҳти худназораткунӣ қарор диҳад ва даъвоҳои худро нисбат ба дигарон ва ба худ, қаноатмандиии худро аз ҳаёт ба таври дуруст худи шахс танзим намояд.

Агар барои донишмандони болозикр худтатбиқшавӣ ва механизмҳои гуногуни амалишавии он муҳим бошанд, пас Б.Г. Ананйев дар таҳқиқоти бунёдии худ "Инсон ҳамчун предмети маърифат" бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоии ин масъала таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ фардиятро ҳамчун предмети тарбия, шароити тарбия ва маҳсули тарбия, инчунин синтези як қатор хосиятҳо ҳамчун системаи худтанзимшаванда дониста, қайд мекунад: "Ҳам дар таҷрибаи клиникӣ ва ҳам дар таҷрибаи чандинсолаи педагогикӣ ягона ба маънии фардият ин падидаи беназир аст, зеро он оламы ботинии худ, худогоҳӣ ва худтанзимкунии рафторҳояшро дорад, ки ҳамчун ташкилкунандаи рафтори "ман" ташаккул ёфта, амал мекунад" [2; 82]. Аз ҷониби дигар, шахсият мавҷуди иҷтимоӣ буда, худогоҳӣ ва худтатбиқшавии он низ маҳсули рушди иҷтимоӣ мебошад.

Ба ақидаи Б.Г. Ананйев, манзараи субъективии худтатбиқшавии ҳар як шахсият инфиродӣ бошад ҳам, вале он асосан аз санаҳои биографӣ-таърихӣ ва дар маҷмуъ, аз шароити таърихии даврон ва тарзи ҳаёти халқ дар ин марҳалаи таърихӣ вобастагӣ дорад. Механизмҳои худтатбиқшавиро бошад, чунин омилҳо ташкил медиҳанд – тарбия ва гузариши тадриҷӣ ба худтарбиякунӣ, яъне табдил ёфтани шахс аз объект ба субъекти тарбия, нақшаҳои ҳаётӣ барои зиндагии мустақилона, интихоби касб, майлҳои арзишӣ ба ин ё он шакли ҳаёти ҷамъиятӣ, идеал ва ҳадафҳои шахс ва амсоли он [2; 140].

Ба ҳамин тариқ, таҳлили асарҳои боло оид ба худтатбиқшавӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо асосан ба чунин гуруҳи масъалаҳо вобаста ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст: муайянсозии мафҳуми худтатбиқшавӣ, шаклҳои он, роҳҳои худтатбиқшавӣ, монеаҳое, ки дар ин роҳ ба вуҷуд меоянд, аломатҳои шахсони ба худтатбиқшавӣ расида ва ғайра.

Оид ба мафҳуми худтатбиқшавӣ сухан ронда, бояд таъкид намуд, ки онро ҳамчун татбиқи имкониятҳои шахсият бо мақсади амалӣ сохтани таъйиноти инсон ва ормонҳои ӯ шинохта, ин мафҳумро ба ду маънӣ – ҳамчун раванд ва ҳадаф шарҳ додаанд. Аз ҷониби дигар, тахминан ҳама мутафаккирон, муҳаққиқон ва муаллифон раванди худтатбиқшавиро беохир донистаанд, зеро ҳар гуна шахс, ҳатто одамони тавассути худтатбиқшавӣ ба дараҷаи шуҳрату маъруфият ва соҳибнуфузӣ расида ҳам, боз имконияти рушди минбаъдаро доранд.

Дар асарҳои мавриди таҳлил қароргирифта дар бораи чунин шаклҳои худтатбиқшавӣ – шахсӣ, касбӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ сухан меравад. Худтатбиқшавии шахс аз синни хурдсолӣ мустақилона ва таҳти роҳбарии волидон, наздикон ва омӯзгорон оғоз гардида, дар тамоми тули ҳаёти инсон идома меёбад. Худтатбиқшавии касбӣ бо соҳиб гаштани инсон ба ягон касбу ҳунар, гирифтани дараҷаи муайяни таҳсилот шуруъ шуда, дар рафти фаъолияти меҳнатӣ тавассути сатҳи бадастовардаи касбияти шахсият зуҳур мекунад. Аз қобилияти эҷодкории инсон дар тамоми самтҳои фаъолият худтатбиқшавии эҷодии ӯ ба вуқуъ мепайвандад, ки он махсусан дар соҳаҳои санъат, адабиёт, илм, техника ва технология ва амсоли он ба таври равшантар зуҳур мекунад. Худтатбиқшавии иҷтимоӣ бошад, чунонки дар ибтидои фасл низ зикр намудем, ҳамчун раванди рушди шахсият барои қонеъгардонии талаботи иҷтимоии худ мақоми пайдокардаи ӯро дар ҷомеа (дар оила, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеа дар кул) ва фаъолияти ҷамъиятӣ (дар соҳаҳои сиёсат, идоракунии ҷомеа ва давлат, фаъолият дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ниҳодҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғ.) муайян месозад.

Роҳҳои расидан ба худтатбиқшавӣ дар асарҳои таҳлилшуда, дар маҷмуъ, бо гузоштани ҳадафи мушаххасу дастрас, таҳия ва татбиқи нақша ё стратегияи расидан ба ҳадафи гузошташуда ва фаъолияти ҳамаҷониба барои роҳандозии нақшаи сохташуда нишон дода мешавад. Зимни ин, раванди анҷомнашаванда будани худтатбиқшавиро ба эътибор гирифта, аз ҷониби мутахассисон тавсия дода мешавад, ки шахс бояд мунтазам омӯзад, ягон чизи нав ва ё ягон фаъолияти навро аз худ кунад. Дар ин росто, ба ақидаи мо, принсипе, ки имрӯз дар маорифи ҷаҳонӣ амалӣ шудааст, яъне таҳсилоти муттасил ё омӯзиш дар тамоми тули ҳаёт як воситаи хуби расидан ба худтатбиқшавӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки ба ҳайси монеаҳое, ки метавонанд дар роҳи худтатбиқшавӣ ба вуҷуд оянд, дар асоси асарҳои баррасишуда ва умуман, адабиёти дигари соҳавӣ, инҳо танбалию коргурезии худи шахс, тасаввуроти нодуруст дар бораи дастрас набудани ҳадаф, тағйир надодани нақшаи амал тибқи шароити мавҷуда ва амсоли он ҳисобида шудаанд. Дар ҳар сурат, аз душвориҳо натарсида, сари вақт бартараф сохтани онҳо, истифода аз имкониятҳои худ дар сатҳи ҳадди аксар, дуруст муайян сохтани маънии ҳаёт аз ҷониби шахс имконият медиҳанд, ки ҳар як инсон ба худшиносию худогоҳӣ ва худтатбиқшавии фардию иҷтимоӣ ноил гардад.

Ва ниҳоят, дар асарҳои боло, ки мухтасаран тавзеҳ додем, оид ба аломатҳои шахсони ба худтатбиқшавӣ расида сухан меравад. Ин аломатҳоро асосан дар таълимоти А. Маслоу мебинем. Дар маҷмуъ бошад, онҳо дар шакли қобилияти фарқ гузоштан миёни воқеият ва хаёлот, худбаҳодиҳии равшан, масъулиятшинос будан, худкифо будани шахс, омодагӣ барои тағйир додани нақшаҳои худ, худмавзунӣ, таҳаммулпазирӣ, хиёнат накардан ба арзишҳо, идеалҳои худ ва ҷомеа ва амсоли он ифода меёбанд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҷузъиёти масъалаи худтатбиқшавӣ низ дар таҳқиқоти муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки натиҷаҳои онҳо метавонанд барои тақвияти ҷанбаҳои амалии худшиносӣ дар шакли худтатбиқшавии иҷтимоии шахс мусоидат намоянд. Аз ин қатор монографияи муҳаққиқи рус В.В. Байлук “Инсоншиносӣ. Худтатбиқшавии худогоҳона ҳамчун қонуни муваффақият”-ро қайд кардан мумкин аст, ки дар он “худшиносии ҳақиқӣ асоси ҳама гуна худтатбиқшавии мусбат, роҳ ба сӯи муваффақият” [3; 92] шинохта шудааст. Ин муҳаққиқ асосан ба монеаҳо дар роҳи худтатбиқшавии шахс таваҷҷуҳ намуда, чунин омилҳоро дар ин роҳ таъсиргузори манфии асосӣ донистааст: надоштани таваҷҷуҳ ва манфиат барои худшиносии бошуурона; огоҳӣ надоштан аз илмҳои инсоншиносӣ ва кӯшиш накардан барои бартараф сохтани ин ноогоҳӣ; истифода накардани донишҳо оид ба инсон дар раванди худтатбиқшавӣ; нобоварӣ ба имкониятҳои худшиносӣ ва шаккокият дар нисбати он ва ғайра.

Баъзе муҳаққиқон меҳнатро яке аз роҳҳо ва механизмҳои муҳимми худтатбиқшавии шахс ҳисоб кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус С.Б. Кондратйева баррасиҳои фалсафӣ-иҷтимоии масъалаи худшиносӣ, нақши муносибати «ман» ва «дигар»-ро дар раванди худогоҳӣ таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки фаҳмиши хусусиятҳои хоси «ман» аз ҷониби шахсият асоси худтатбиқшаии ӯро ташкил медиҳад. Барои худтатбиқшавӣ инчунин идеалҳои шахсият, озодӣ ва эҷодкории ӯ нақши муҳим бозида, зуҳур ва таҷассуми қобилиятҳои шахсият дар ҳаёт, ҳадаф ва талаботи ӯ тавассути фаолияти худи ҳамин шахсият сурат мегиранд. Дар ин росто, С.Б. Кондратйева барҳақ қайд мекунад, ки дар раванди меҳнат ва фаъолияти меҳнатии худ "инсон на танҳо маҳсулоти мушаххас истеҳсол мекунад, ки талаботи моддии ӯро қонеъ менамоянд, балки то андозаи муайян талаботи коммуникативӣ, когнитивии худ ва навъҳои дигари онро низ таъмин мекунад" [6; 17].

Ба монанди ҳамин, муҳаққиқи дигари рус В.В. Пантелеева механизмҳои ҳавасмандиро барои худтатбиқшавии шахс дар фаъолияти касбӣ таҳқиқ намуда, ба ҳайси омили миёнрав дар кори фаъолгардонии ин раванд омодагии психологии шахсиятро ба фаъолияти инноватсионӣ зимни иҷрои вазифаҳои касбӣ эътироф менамояд, ки алоқаҳои якчандмеъёриро миёни равандҳои психологӣ дар самти иҷрои вазифаҳо ва рушди шахсият ба анҷом мерасонад. Ба сифати омилҳои ҳавасмандӣ ба худтатбиқшавии шахсият бошад, мотивҳои ботинӣ, маърифатӣ, худэҳтиромкунӣ, мусобиқавӣ будан, интизорӣ ба натиҷаҳо ва амсоли он эътироф гардидаанд. Мотив ё ҳавасмандиҳои зикршуда, ҳамзамон, "метавонанд ба сифати шароити зарурӣ барои рушди шахсият тавассути худтатбиқшавӣ ҳам дар марҳалаи фаъолияти касбӣ ва ҳам дар марҳалаи таҳсилоти касбӣ ҳисобида шаванд" [8].

Масъалаҳои худтатбиқшавиро дар калонсолӣ муҳаққиқи рус И.В. Солодникова таҳқиқ намудааст. Ӯ зимни ин одамони 30-60-соларо дар назар дорад, ки ба онҳо чунин аломатҳо хос мебошанд: масъулияти болиғи иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ, сатҳи зиндагии муносиб, гузаронидани вақти фориғ бо тарзи қонеъкунанда, имконияти кӯмак ба дигарон, муносибатҳои шаклгирифтаи оилавӣ, мутобиқшавӣ ба тағйироти биологии организм ва амсоли он. Вобаста ба ин, муҳаққиқи мазкур муҳтавои иҷтимоишавиро дар калонсолӣ иборат аз "худтатбиқшавӣ тавассути таҷрибаҳои гуногуни иҷтимоӣ, эҷодкорӣ, раванди баргардонидани сармоягузории ҷомеа ба шахсият"[9; 34] шумурда аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар модели консептуалие, ки И.В. Солодникова оид ба худтатбиқшавӣ дар дар калонсолӣ таҳия намудааст, шароити худтатбиқшавӣ (иҷтимоӣ ва фардӣ), муқаррароти иҷтимоии он ва раванди худтатбиқшавӣ, ки тавассути аз сар гузаронидани траекторияи (роҳи) инфиродӣ сурат мегирад, шарҳу тавзеҳи муфассали худро ёфтаанд. Муаллифи ин консепсия инчунин механизмҳои худтатбиқшавиро нишон медиҳад, ки аз ҳувиятсозӣ ё идентификатсия, худсабабиятии шахсият, бунёди маъниҳои шахсӣ, экстериоризатсия (таҳвили амали психикии ботинӣ ба амали воқеӣ) иборат мебошанд. Ба ҳайси сатҳҳои худтатбиқшавӣ бошад, траекторияи инфиродии он, траекторияи меъёрии худтатбиқшавӣ ва вуҷуд надоштани ҳеҷ гуна худтатбиқшавӣ дар шахсони калонсол хизмат мекунанд, ки меъёрҳои субъективӣ ва объективӣ доранд. Натиҷаи худтатбиқшавӣ, аз нуқтаи назари И.В. Солодникова, ин "барои ҷомеа – ташаккули намунаи бомуваффақиятии шахсият, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул аст, барои инсон – рушди шахсӣ ва ташаккули шахсияти муваффақ, мутаҳаррик ва хеле хуб мутобиқшаванда" [9; 13] ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки И.В. Солодникова яке аз аввалинҳо шуда доир ба худтатбиқшавии манфӣ дар фалсафаи муосир масъалагузорӣ намудааст. Ӯ дар ин самт зикр мекунад, ки худтатбиқшавӣ танҳо моҳияти "просотсиалӣ" (рафтори барои ҷамъият манфиатовар) дошта метавонад. Агар барои худтатбиқшавӣ механизмҳои деструктивӣ мавриди истифода қарор гиранд, пас онро на худтатбиқшавӣ, балки "девиатсия" (каҷравӣ) номидан мумкин аст, ки на

танҳо меъёрҳои умумиқабулшудаи иҷтимоиро вайрон мекунад, балки бо хавфу хатари худ ба ҷомеа таҳдид мекунад. Инҷо амалҳое чун рафтори ғайримуқаррарӣ, аҷибу ғариб, вайронкунии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, таҷовузкорӣ ва зӯроварӣ, худканорагирӣ, мутобиқ нашудан ба гурух ё ҷомеа дар кул ва амсоли он дар назар дошта шудаанд. Дар замони муосир инчунин, гаравидан ба ҳаракатҳои экстремистию террористӣ, пайвастан ба низоъҳои байнимиллӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва ғайраро натиҷаи худтатбиқшавии манфӣ медонанд, ки ҳамчун рафтори девиантӣ шахсияти инсонро мешиканад.

Чунонки маълум аст, дар даврони муосир дар натиҷаи интишори васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, махсусан рушди шабакаҳои интернетӣ, олами маҷозӣ ба вуҷуд омада, дар баробари олами воқеӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти шахс ва ҷомеа таъсири худро гузоштааст. Маҳз бо ҳамин сабаб инсони муосир имконият пайдо кардааст, ки на танҳо тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вақти фориғи худро ташкил намояд, балки ҳатто ба фаъолияти меҳнатию касбӣ машғул гардад. Аз ин рӯ, имрӯз метавон комилан дар бораи худшиносӣ, худогоҳӣ ва худтатбиқшавии шахс дар олами маҷозӣ низ сухан ронд. Дар ин самт муҳаққиқи рус Н.В. Водянова андешаҳои ҷолиб оид ба ҷанбаҳои фалсафӣ-антропологии худтатбиқшавии шахсият дар фазои интернетӣ баён намудааст.

Н.В. Водянова худтатбиқшавиро ба ҳайси синтези аломатҳои антропологии шахсият, аз қабили худайниятдиҳӣ, камолот, кушода ва озод будани инсон, фаъолнокии эҷодӣ ва амсоли он тавсиф намуда, онро як шакли таҷассумсозӣ, ашёикунонӣ ва кушодашавии универсалии нерӯҳои моҳиятии инсон қаламдод мекунад. Ба ақидаи ӯ, дар замони муосир фазои нав – воқеияти виртуалӣ, маҷозӣ пайдо шудааст, ки ба инсон имконияти зиёд медиҳад, ки потенсиали эҷодии худро кушода, бо ин роҳ худтатбиқшавии иҷтимоии худро таъмин намояд. Ин масъаларо дар мисоли блогосфера – соҳаи интернетие, ки дар он шахсони блоггер ба навъҳои гуногуни фаъолияти маҷозӣ машғул буда, тавассути муошират ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо дигарон дар робита қарор доранд, Н.В. Водянова чунин тавзеҳ додааст: “Инсони блогер кӯшиш карда, ки худро дарёбад ва “ҷамъ намояд”, навиштаҳои сифати шахсӣ дошта бо имконияти дахолати интерактивӣ ба онҳо эҷод мекунад, барои шарҳи мушоҳидакунандагони берунӣ ҷой ҷудо мекунад ва саъй мекунад, ки на танҳо шунида шавад, балки худро бо кӯмаки дигарон бубинад ва фаҳмад, комилӣ ба даст орад. Бо ҳамин тарз транстсендентсияи худӣ дар Интернет ба вазифаи бадастории худӣ ва ташаккули мавзунии ботинӣ, ба дастории худайниятдиҳӣ хизмат мекунад” [4; 17].

Хулоса, худтатбиқшавӣ ҳамчун рушди шахсӣ, худбаёнкунӣ, ба камол расидан ва боло рафтани инсон дар зинаҳои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоӣ, татбиқи имкониятҳои “Ман” тавассути кӯшишҳои шахсии худ, якҷоя эҷод кардан, якҷоя фаъолият намудан бо одамони дигар ва амсоли он ба механизмҳои гуногун такя мекунад. Аз ҷумлаи чунин механизмҳо таҳия ва амалисозии стратегияи ҳаёт, тарбия ва гузариши тадриҷӣ ба худтарбиякунӣ, тамринҳои психологӣ ва амсоли он буда, худтатбиқшавии шахсӣ, касбӣ, эҷодӣ, иҷтимоии шахсият ва дигар навъу намудҳои онро таъмин месозанд. Ҳамаи ин масъалаҳо дар фалсафаи муосир баррасӣ гардида, тавсияҳои асосан аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои ташаккули шахсият дар самти фардӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамаи ин ба ташаккули шахсияте, ки соҳиби худшиносии фардӣ мебошад, мусоидат намуда, ба ӯ имконият медиҳанд, ки дар ҳамбастагӣ бо дигарон ба нафъи ҷомеа хизмат намояд.

**Адабиёт**

1. Абульханова-Славская К.А. Стратегия жизни. – М., 1991. - 299 с.
2. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. - СПб.: Питер, 2001.-288с.
3. Байлук В.В. Человекознание. Самопознавательная самореализация личности как закон успеха: – Екатеринбург, 2014. - 95 с.
4. Водянова Н.В. Самореализация личности в пространстве интернета: философско-антропологический

аспект. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата философских наук. – Челябинск, 2009. – 21 с.
5. Клочко В.Е., Галажинский Э.В. Самореализация личности: системный взгляд.-Томск,1999.-154 с.
6. Кондратьева С.Б. Самопознание и самореализация личности в труде: социально-философский подход. Автореф. дисс. на соискание ученой степени кандидата философских наук. – М., 2009. – 21 с.
7. Маслоу А. Мотивация и личность. – СПб.: Питер, 2019. – 400 с.
8. Пантелеева В.В. Мотивационные механизмы, опосредствующие гармоничную самореализацию личности в профессиональной деятельности С. 8 // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2019. – № 4 (апрель). – // http://e-koncept.ru/2019/192013.htm. (санаи мурочиат: 07.07.2023).
9. Солодникова И.В. Самореализация личности в зрелом возрасте (социологический анализ). Автореф. дисс. на соискание ученой степени доктора социологических наук. - М., 2007. – 56 с.

## СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНОЙ САМОРЕАЛИЗАЦИИ ЛИЧНОСТИ В СОВРЕМЕННОЙ ФИЛОСОФИИ

**Болтаева М. Н.**

*В статье на основе учения ученых и исследователей показано, что самореализация – это личностное развитие, самовыражение, совершенствование и продвижение человека на личностных и общественных ступенях жизни, реализация возможностей «Я» через личные усилия, совместного творчества, совместную деятельность с другими людьми и т.п., b полагается на разные механизмы. К числу таких механизмов относятся разработка и реализация жизненной стратегии, воспитание и постепенный переход к самовоспитанию, психологические упражнения и др., обеспечивающие личностную, профессиональную, творческую, социальную самореализацию и других ее видов. На основании этого автор пришел к выводу, что социальная самореализация способствует формированию личности и дает ему возможность служить на благо общества совместно с другими.*

***Ключевые слова:*** *самореализация, социальная самореализация, жизненная стратегия, экспрессия, эвдемония, экстериоризация, самовоспитание.*

## THE ESSENCE OF THE SOCIAL SELF-REALIZATION OF THE INDIVIDUAL IN MODERN PHILOSOPHY

**Boltaeva M. N.**

*Based on the teachings of scientists and researchers, there is shown in this article that self-realization is personal development, self-expression, improvement and advancement of a person at personal and social levels of life, realization of the possibilities of the "I" through personal efforts, joint creativity, joint activities with other people, etc., relies on different mechanisms. These mechanisms include the development and implementation of a life strategy, education and a gradual transition to self-education, psychological exercises, etc., providing personal, professional, creative, social self-realization and its other types. Based on this, the author came to the conclusion that social self-realization contributes to the formation of personality and gives him the opportunity to serve for the benefit of society together with others.*

***Key words:*** *self-realization, social self-realization, life strategy, expression, eudaimonia, exteriorization, self-education.*

# РОЛЬ РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН В УКРЕПЛЕНИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**Азиззода Г.** - соискатель кафедры международных отношений ТГУПБП
e-mail: aziz-1773@mail.ru

*В статье автор отмечает многовекторность во внешней политике Таджикистана, за которой стоят национальные интересы государства. Таджикистан с первых дней обретения независимости выступал и продолжает выступать за укрепление и развитие всесторонних отношений партнёрства между государствами региона. Автор отмечает, что защита мира, стабильности и обеспечение прочной безопасности в Центрально-Азиатском регионе находятся во главе ключевых приоритетов внешней политики Республики Таджикистан. В статье указывается, что Таджикистан является сторонником дальнейшего расширения позитивного, многовекового и созидательного опыта дружественного сосуществования народов Центральной Азии, и укрепление сотрудничество со странами региона, совместные усилия по борьбе против современных угроз является одним из важнейших задач нашей страны*

***Ключевые слова:*** *Политика открытых дверей, региональная безопасность, национальный интерес, развитие межгосударственных отношений, борьба против современных угроз.*

В современном быстро меняющемся мире в условиях глобализации и других реалий геополитического и геостратегического характера многовекторность во внешней политике Таджикистана – это необходимость, за которой стоят национальные интересы государства. Данный курс, объявленный Президентом Республики Таджикистан, уважаемым Эмомали Рахмоном, и заложенный в документах, регулирующих внешнеполитическую направленность государства, проводится нашей страной продуманно и последовательно. Основатель мира и национального единства-Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в ежегодном Послании к Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 21-декабря 2021 отметили , что «Главный принцип метода «открытых дверей», которого мы придерживаемся и осуществляем в своей внешней политике, означает налаживание и развитие отношений дружбы, добрососедства, партнерства, плодотворное сотрудничество с зарубежными странами, международными и региональными организациями и международными финансовыми структурами»[1.]

Прежде всего быстро меняющаяся ситуация в мире, обретение устойчивого характера опасными явлениями современности, в том числе терроризмом и экстремизмом, контрабандой оружием, незаконным оборотом наркотиков, киберпреступностью и другими транснациональными преступлениями, которыми обеспокоено человечество, побуждают нас придавать первостепенное внимание вопросам обеспечения безопасности страны.[1]

В настоящее время в мире в целом и в нашем регионе в частности продолжают происходить неоднозначные процессы. Это подорожание нефти и газа, прогнозируемый ООН глобальный продовольственный кризис, напряженность вокруг Афганистана и другие проблемы. Мы учитываем, что многие из этих проблем носят глобальный характер и затрагивают интересы большинства стран мира, в том числе Таджикистана. Исходя из национальных интересов, географического расположения и других особенностей, наша страна строит свои взаимоотношения с другими государствами. Нашими ключевыми партнерами из соседних стран являются

Казахстан, Кыргызстан, Туркменистан, Афганистан, Иран, а среди крупных держав - это прежде всего Россия, Китай и Соединенные Штаты. Каждая из этих стран во внешней политике Таджикистана занимает свое место. Одновременно с решением множества совместных вопросов, естественно, у нас возникают проблемы. И хотя они не носят конфронтационного характера, их решение требует определенного времени.

Таджикистан с первых дней обретения независимости выступал и продолжает выступать за укрепление и развитие всесторонних отношений партнёрства между государствами региона. Ощутимым стало понимание того, что без стабильности в регионе Центральной Азии, без динамичного социально-экономического развития стран региона, без углубления и расширения интеграционных процессов на этом пространстве сложно представить дальнейший устойчивый рост государств региона. Таджикистан благодаря последовательной реализации своей внешней политики, к сегодняшнему дню также сумел внести значительный вклад в дело рассмотрения и решения различных глобальных проблем.

На этой основе Таджикистан на международной арене получил признание как ведущая страна в решении актуальных вопросов безопасности, воды, экологии и изменения климата.

Защита мира, стабильности и обеспечение прочной безопасности в Центрально-Азиатском регионе, находятся во главе ключевых приоритетов внешней политики Республики Таджикистан.

Необходимо отметить, что в системе межгосударственных отношений Республики Таджикистан соседние государства региона занимают приоритетные позиции. Таджикистан является сторонником дальнейшего расширения позитивного, многовекового и созидательного опыта дружественного сосуществования народов Центральной Азии. Укрепление сотрудничество со странами региона, совместные усилия по борьбе против современных угроз является одним из важнейших задач нашей страны. Народы Центральной Азии связаны друг с другом многовековыми узами братства и добрососедства, а также имеют общую историю, религию, культуру и традиции. Обладая энергетическим и природным потенциалом, уникальными транспортно-коммуникационными возможностями, Центральная Азия имеет важное геополитическое значение и процессы, происходящие в регионе, оказывают влияние на развитие многих стран и целых регионов. При этом, хотел бы отметить, что в современных условиях государства Центральной Азии играют важную роль в решении актуальных проблем, связанных с укреплением региональной безопасности.[4]

В конце XX - начале XXI века в процессе изменения миропорядка вместо угрозы тотального ядерного уничтожения цивилизации возникли новые глобальные угрозы и вызовы – международный терроризм и сепаратизм, национальный, религиозный и другие формы экстремизма, наркоторговля и организованная преступность, региональные конфликты и угроза распространения оружия массового уничтожения, финансово-экономические кризисы, экологические катастрофы и эпидемии. С учетом реалии сегодняшнего дня перед международным сообществом стоит задача поиска и совершенствования системы безопасности, путем развития сотрудничества в сфере борьбы с новыми глобальными вызовами и угрозами безопасности. [2.с.102.] Обеспечение безопасности на любом уровне (национальном, региональном или международном) — важная и довольно сложная проблема, которая не раз становилась предметом оживленных дискуссий. рассматриваются вопросы обеспечения безопасности в Центрально-Азиатском регионе. что для эффективного противодействия сохраняющимся угрозам важна дальнейшая интеграция стран Центральной Азии в сфере безопасности. Между тем весомым аргументом в пользу кооперации государств региона в этой сфере является существование общих внешних угроз и вызовов, с которыми, как показала практика, ни одна страна не в состоянии справиться в одиночку, какой бы сильной она ни была.

Одной из важнейших внешнеполитических инициатив Правительства Республики Таджикистан по праву это выступления Основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на Международной конференции по борьбе с наркотиками в Центральной и Южной Азии, 15-17 мая 2006 г., Согласно этой инициативы, основу единой концепции составляет согласованная, скоординированная законодательной базы и усилению борьбы с коррупцией, что призвано способствовать повышению эффективности борьбы с наркотиками. Правительство страны считает, что незаконный оборот наркотических средств представляет собой один из самых опасных вызовов человечеству. [ 5] В ходе проведения юбилейного саммита ШОС в столице Таджикистана были приняты важные решения по вопросам обеспечения международной информационной безопасности и борьбы с трансграничной организованной преступностью.

Ключевое место в дискуссии занял вопрос Афганистана. Государства-члены совместно выразили заинтересованность в стабильном Афганистане, свободном от террора, войны, наркотиков и бедности.[6]

Борьба против угрозы распространения экстремизма и международного терроризма, незаконного оборота наркотических средств и других организованных транснациональных международных преступлений занимает важное место во внутренней и внешней политики Республики Таджикистан. Поэтому Республика Таджикистан всячески стремится усилить борьбу против этих негативных явлений, приводящих к дестабилизации нормальной системы международных отношений. Участие в работе политической конференции ООН по подписанию Конвенции ООН о борьбе против организованной международной преступности, которая состоялась ещё в декабре 2000 года в Италии, показала твердую позицию Правительства Республики Таджикистан и его политического руководства в борьбе против любых подобных угроз.

Республики Таджикистан в решении вопросов региональной безопасности в Центральной Азии сыграет важную роль. Так как, Таджикистан благодаря последовательным усилиям уже многие годы обеспечивает не только свою безопасность, но и безопасность региона и постсоветских стран, являясь щитом на пути распространения наркотиков, оружия, терроризма и экстремизма. Вопросы противодействия терроризму и экстремизму постоянно находится в центре внимания Лидера нации, Президента нашей страны, уважаемого Эмомали Рахмона и Правительства Республики Таджикистана. В стране в сфере борьбы с терроризмом и экстремизмом действуют такие нормативно-правовые акты: Закон Республики Таджикистан «О борьбе с терроризмом» от 16 ноября 1999 года; Закон Республики Таджикистан «О борьбе с экстремизмом» от 8 декабря 2003года; Национальная стратегия Республики Таджикистан по борьбе с терроризмом и экстремизмом на 2016-2020 годы; Концепция государственной политики Республики Таджикистан в области религии от 4 апреля 2018 года; Государственная программа по воспитанию патриотизма и укреплению национального менталитета молодежи Таджикистана на 2018-2022 годы от 1 марта 2018 года. В последние годы введены изменения в Уголовный кодекс Республики Таджикистан, где предусматриваются статьи, ужесточающие наказание за экстремизм и террористическую деятельность. В 2018 году подписан Указ Президента Республики Таджикистан о Национальной Концепции противодействия легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, финансированию терроризма и финансированию распространения оружия массового поражения на 2018-2025 годы от 5 марта 2018 г. Также, введено изменение в статью 28, Конституции Республики Таджикистан, запрещающей создание политических партий религиозного характера. Кроме того, в Республике Таджикистан в целях упорядочению религиозных традиций и обрядов, с 3-мая 2010 года функционирует Комитет по религии, упорядочения традиций, торжеств и обрядов при Правительстве Республики Таджикистан. [10.С.501]

Ярким примером может служит успешное председательство Республики Таджикистан в ШОС в 2020-2021 годах, в рамках которого, несмотря на все сложности, связанные с пандемией, были предприняты действенные меры по дальнейшему развитию многопланового сотрудничества в рамках Организации, велась кропотливая, комплексная работа, результативно и эффективно продвигались действенные меры по укреплению ШОС и повышению ее авторитета. Китайская газета «Жэньминь Жибао», пакистанские информационные агентство «DNA News» и «Islamabad Post Daily», Российско-китайская мультимедийная платформа «Россия-Китай: главное» опубликовали статью Генерального секретаря ШОС Владимира Норова об итогах Душанбинского саммита ШОС.[7]

Прежде всего необходимо отметить, что Заседание Совета глав государств-членов ШОС продемонстрировало твердую приверженность государств-членов к «шанхайскому духу» и общее стремление к углублению многопланового сотрудничества в сферах политики, безопасности, торговли и экономики, а также расширению культурно-гуманитарных связей. Поскольку обобщая опыт прошедших двух десятилетий и оценивая перспективы, государства-члены твердо убеждены, что успешная деятельность ШОС способствовала превращению региона в пространство прочного мира и гармонии.

В Нью-Дели 20-декабря в ходе встречи с министрами иностранных дел стран Центральной Азии, участвующих в 3-ем заседании Диалога Индия - Центральная Азия, Премьер-министр Республики Индия Нарендра Моди высоко оценил 20-й юбилейный саммит Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) и другие международные и региональные мероприятия, которые были проведены в Таджикистане.[8]

В Концепции внешней политики Республики Таджикистан отмечено, что при непосредственном влиянии глобализационных процессов проблемы, вызовы и угрозы современности приобрели глобальный характер и превратились в фактор беспокойства для человеческой цивилизации. Эти вызовы и угрозы группируются следующим образом:

- нестабильное и неравномерное экономическое развитие, усиление конкуренции за выход на мировые рынки и стратегические ресурсы, углубление финансово-экономических кризисов;

- рост международного терроризма, контрабанды наркотиков и оружия, транснациональной организованной преступности;

- распространение политического и религиозного экстремизма, этнического и расового противостояния, цивилизационной и идеологической конфронтации;

- внутригосударственные и региональные конфликты, фанатизм и этнический и расовый сепаратизм, эскалация политической напряженности в различных регионах мира и др.[4]

Главный вывод из всего сказанного и из процессов и тенденций, происходящих в мире в различных регионах, состоит в том, что ни одно государство в ближайшие годы не может оставаться в стабильности и спокойствии и обеспечить собственную безопасность иначе, чем в составе единого регионального пространства и более масштабного интеграционного объединения и союза по созданию единой системы коллективной безопасности на Евразийском пространстве.

«Поэтому, как и раньше,- подчёркивает наш Президент Эмомали Рахмон,- мы приложим все усилия для того, чтобы наш регион был регионом дружбы, сотрудничества, партнерства и взаимопомощи. В этом плане опора на коллективные меры и действенное сотрудничество с проверенными и надежными стратегическими партнерами, как и прежде, будет составлять основное содержание внешней политики Таджикистана».[9.с.189]

В этой связи, государствам Содружества Независимых Государств, государствам членам ОДКБ и ШОС, так же как и Евразийскому Экономическому Союзу, необходимо будет принять ряд совместных мер кардинального и масштабного характера для прорыва в

проведении социально-экономических реформ, развития экономики и обеспечения коллективной безопасности в ближайшую перспективу.

**Литература**


1. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики».URL:https://khovar.tj/rus/2021/12/poslanie-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-lidera-natsii-uvazhaemogo-emomali-rahmona-ob-osnovnyh-napravleniyah-vnutrennej-i-vneshnej-politiki-respubliki/ (дата обращения: 10.08.2023)
2. Зарифи Х Многовекторная дипломатия Таджикистана.-Душанбе, «Офсет» 2009.- 351 с.;
3. Зарифи Х.Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ.- Душанбе, «Ирфон», 2011.- 456 с.;
4. Концепция внешней политики Республики Таджикистан. URL:https://www.mfa.tj/ru/main/view/988/kontseptsiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan(дата обращения: 12.08.2023)
5. Президент Таджикистана: безопасность Центральной Азии – неотъемлемая часть глобальной безопасности. URL:https://news.un.org/ru/interview/2018/03/1326581(дата обращения: 13.08.2023)
6. Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ. URL: http://www.president.tj/rus/novostee_150506.htm. (дата обращения: 15.08.2023)
7. Владимир Норов: Решения, принятые на саммите ШОС в Душанбе, имеют эпохальное значение и открывают новую веху в поступательном развитии Организацииаявление для прессы по итогам заседания Совета глав государств-членов Шанхайской организации сотрудничества. URL:http://president.tj/ru/node/26542(дата обращения: 04.09.2023)
8. Нарендра Моди высоко оценил юбилейный саммит ШОС и другие международные мероприятия в Таджикистане. URL:https://khovar.tj/rus/2021/12/narendra-modi-vysoko-otsenil-yubilejnyj-sammit-shos-i-drugie-mezhdunarodnye-meropriyatiya-v-tadzhikistane/(дата обращения: 03.09.2023)
9. Илм ва амнияти миллӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, -2017, -С.389
10. Пешвои миллат эҳёгари тамаддуни тоҷикон. //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ДДҲБСТ.- Хуҷанд: «Ношир», 2019. – С.501.


## НАҚШИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ


**Азиззода Ғ.**



*Дар мақола муаллиф оиди сиёсати бисёрсамтаи кишвар ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ маълумот гирд овардааст. Зикр карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ҷонибдори таҳким ва рушди муносибатҳои судманд бо бо давлатҳои минтақа буд.Муаллиф қайд намудааст, ки ҳифзи сулҳ ва амнияти минтақа дар маркази сиёсати хориҷии кишвар дошт.Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори густариши ҳамкориҳои судманд бо давлатҳои минтақаи Осиёи Мапказӣ мебошад. Мубориза дастаҷамъона бурдан бар зидди зуҳуроти номатлуб яке аз вазифаҳои маркази сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбад.*



***Калидвожаҳо:*** *Сиёсати «дарҳои кушод», бехатарии минтақавӣ, манфиати миллӣ, рушди муносибатҳои байнидавлатӣ мубориза бар зидди хатарҳои муосир*


## THE ROLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN STRENGTHENING OF REGIONAL SECURITY


**Azizzoda G.**



*In this article, the author investigated the multi-vector nature of Tajikistan's foreign policy, which is based by the national interests of the country. From the first days*

*of gaining of its independence Tajikistan has encouraged and continues to promote to the strengthening and development of comprehensive partnership and relations among the states of the region. The author notes that the protection of peace, stability and the provision of continuing security in the Central Asian region are at the center of the key priorities of the foreign policy of the Republic of Tajikistan. The article indicates that Tajikistan is an active supporter of further expansion of positive, continuing and creative experience of friendly coexistence of the peoples of Central Asia, strengthening of cooperation with the countries of the region and development of joint efforts to combat modern threats.*

***Key words:*** *open door policy, regional security, national interest, development of interstate relations, fight against modern threats.*

№3 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН БАХШИ МУҲИМИ СИЁСАТИ СОҲАВӢ

**Абдусаломзода М. А.** - унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ

*Дар мақола раванди пайдоиши асосҳои назариявии сиёсати ҷавонон, усулҳои асосии омузишу таҳлили он, сохтор, марому мақсад, низом ва функсияҳои сиёсати ҷавонон баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин усулҳои асосие, ки дар тартиб додани сиёсати ҷавонон муфиданд ва истифода мешаванд, номбар шудаанд. Муаллиф иброз медорад, ки сиёсати ҷавонон падидаи тағйирёбанда аст ва мувофиқи тағйир ёфтани вазъи дохиливу берунӣ бояд такмил ёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷавонон, сиёсати ҷавонон, сиёсати давлатии ҷавонон, ҳаёти сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, талаботу манфиати ҷавонон, усул.*

Омӯзиши ҷавонон ва сиёсати ҷавонон таърихи қадима дорад ва афкори мутафаккирони пешин ба пайдоиш ва рушди асосҳои назариявии ин масъала замина гузоштанд. Ҳануз Афлотун ва Арасту ба ин масъала диққат доданд ва оиди тарбияву таълим, мавқеъ ва нақши ҷавонон дар давлат-полис изҳори ақида намуданд. Дар ин маврид ақидаи Арасту маълум аст, ки навишта буд: «Ба гумон аст, ки касе машкук бошад ба он ки қонунгузор бояд таваҷҷуҳи хосса ба тарбияи ҷавонон зоҳир намояд, зеро дар давлате, ки чунин нест, сохтораш хароб мегардад» (1;628).

Ақидаи Афлотун низ бобати ҷавонон хеле ҷолиб аст, ӯ масъалаи нобаробарии синфиро байни ҷавонон матраҳ месозад ва қайд мекунад, ки ҷавонони ашрофзода имконоти зиёд доранд, вале «аз ҷиҳати маънавӣ нозпарварда, аз ҷиҳати ҷисмонӣ танбал, руҳан заъиф ва дар сахтиҳову хурсандиҳо ноқавӣ ва ғайрифаъол мебошанд» (2;342). Ҷавонони табақаҳои поён, аз диди Афлотун, аз бисёр ҷиҳат ноқис ва маҳдуданд ва аз ин сабаб метавонанд ҳангоми низоъҳои сиёсӣ фаъол гарданд ва ба устувории низоми сиёсӣ зарба зананд.

Дар давраи асримиёнагӣ ба тарбияи динии ҷавонон таваҷҷуҳи беандоза вуҷуд дошт. Масалан, Н.Кузанский ба тарбияи маънавии ҷавонон ишора карда буд: «ҷавонон ҳанӯз таҷриба надоранд ва бояд дасти онҳоро гирифт ва ба дарки фавқулаён бурд (3;188). Ин чунин маъно дошт, ки тамоми андеша ва фаъолияти ҷавонон мебоист дар ҳудуди чаҳорчубаи меъёрҳои динӣ қарор мегирифт ва ин вазъ ба шароити таърихии он давра мувофиқ буд.

Дар асрҳои 17-18 ақоиди нав нисбати ҷавонон ва нақши онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ба вуҷуд меояд ва сабаби ин мустақар шудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, побарҷо шудани арзишҳои демократӣ-буржуазӣ буданд. Мутафаккирони ин давра, ба ном равшанфикрон ва маорифпарварони давраи Эҳё – К.А.Гелветсий, П.А.Голбах, Д.Дидро, Ҷ.Локк ва дигарон дар бораи ҷавонон ибрози ақида намуданд. Аз ҷумла, К.А.Гелветсий радикализми динии асримиёнагиро зери нақд гирифта, самаранокии тарбияи динии ҷавононро зери шубҳа гузошт. Мувофиқи назари ӯ, бояд ҷавононро ба иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоӣ ҷалб намуд, вагарна сохти ҷамъиятӣ аз дохил коҳиш меёбад. Яъне, ин мутафаккир қувваи пешбаранда ва мутаҳаррик будани ҷавононро дар ҷомеа қайд карда, таваҷҷуҳи ҳукуматдоронро ба ин табақа ҷалб намудааст. Бояд гуфт, ки ин мутафаккирони равшанфикр ақидаҳои пешрафтаи зиёд бобати ҷавонон иброз доштанд, вале мутаассифона аксарияти онҳо амалӣ нагаштанд.

Сабаб дар он буд, ки вазъ ва шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии он давр барои қабули чунин ақоид омода набуд ва андешаҳои ин

равшанфикрон ҷавобгӯи замон набуданд, вале барои пайдоиши минбаъдаи афкор ва таълимот оиди ҷавонон, ҳамчун табақаи ҷудогонаи ҷомеа асос гузоштанд.

Дар асрҳои 19-20 асосҳои назариявии сиёсати ҷавонон такмил ёфтанд. Маълум ва асоснок карда шуд, ки ҷавонон субъекти ҳаёти сиёсӣ ҳастанд, иштирокчии раванди иҷтимоӣ-сиёсӣ буда, ояндаи давлату ҷомеаро муайян месозанд. К.Маркс навишта буд: «Таърих ба ҷуз ивазшавии паёпайи наслҳо чизи дигаре нест ва ҳар насл сармояву қувваҳои истеҳсолии насли пешинро дар шароити нав истифода мебарад ва аз тарафи дигар, шароиту вазъи куҳнаро ба воситаи фаъолияти нав иваз менамояд» (4;44-45). То кунун оиди масъалаи ҷавонон ва сиёсати ҷавонон, ки мавзӯи баҳси илмҳои гуногун аст (фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ғ.) нуқтаҳои назари гуногун ба вуҷуд омаданд. Аввалан, аз тарафи муҳаққиқони ин масъала ба мафҳуми «ҷавонон» таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мешавад. Агар таҷрибаи олимони хориҷӣ, аз ҷумла олимони русро, ки таҷрибаи олимони Амрико ва Аврупоро таҳлил кардаанд, ба инобат гирем, метавонем В.В.Касянов, В.Т.Лисовский, И.С.Кон, П.И.Бабочкин, И.М.Илинский, О.Е.Гришин, А.В.Шумлов ва дигаронро номбар кунем, ки ҳангоми таҳқиқоти худ мафҳуми ҷавононро аз ҳар ҷабҳа тавзех доданд.

Нисбати мафҳуми «сиёсати ҷавонон» низ нукоти гуногун вуҷуд дорад. Дар ин маврид А.А.Зеленин, О.А.Коряковцева, П.А.Меркулов, А.Л.Елесеев, Д.В.Аронов, Е.В.Добренкова, С.О.Елишев ибрози ақида намудаанд. Дар умум онҳо иброз доштанд, ки сиёсати ҷавонон ин системаи ақоиду назарот ҳаст, ки интегратсияи ҷавононро ба ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеа таъмин месозад ва он сохтор ва вазоифи худро дорад.

Масъалаи сиёсати ҷавонон аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ – Асадуллоев Р.Н., Ашуров С.Б., Набиев В.М., Ҳакимов Ш., Миралиён К.А. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Мувофиқи ақидаи ин муҳаққиқон, вазифаи асосии сиёсати ҷавонон иборат аст аз ҳифзи иҷтимоии ҷавонон, яъне ҳифзи ҳаққу ҳуқуқи онҳо ва аз ин ҷиҳат давлат кафили фароҳам овардани шароит ва замина барои рушди ҷавонон мебошад (5;69-72). И.М. Илинский сиёсати ҷавононро аз ҷиҳати фалсафӣ-сиёсӣ тавзеҳ дода иброз медорад, ки «сиёсати манфии ҷавонон» вуҷуд дорад, ки он як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро дарбар мегирад, ки баръакси мақсадҳои воло, имконият ва талаботу манфиат ва хоҳишҳои ҷавононро оиди иштирок дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ маҳдуд мекунанд (7;143). Бояд гуфт, ки сиёсати ҷавонон ба воситаи қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ; фаъолияти ниҳодҳои гуногуни ҷавонон, ҳизбҳои сиёсӣ, муассисаҳои ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардад. Дар ҳаёт ҷорӣ шудани сиёсати ҷавонон шуури сиёсӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, худшиносии миллии ҷавононро мустаҳкам мегардонад.

Таълимоти назариявии сиёсати ҷавонон методологияи худро дорад. Методологияи ҳар як илм системаи принсипҳо, равишу усулҳои муайянро дарбар мегирад ва асоси таҳқиқоти илмиро муайян мекунад. Аз ин ҷиҳат, ҳангоми омӯзишу таҳқиқи сиёсати ҷавонон бояд мафҳумҳои «сиёсати давлатӣ», «сиёсати иҷтимоӣ», «сиёсати давлатии ҷавонон»-ро баррасӣ намоем, зеро маҳз ин мафҳумҳо имкон медиҳанд то хусусияту ҷузъҳои таркибии сиёсати ҷавононро таҳлил намоем. Таҳқиқи асосҳои назариявию методологии сиёсати ҷавонон имкон медиҳад, ки вазъи объективии онро равшану возеҳ муайян созем, хулосаҳову натиҷаҳоро таҳлил намуда, андешаву идеяҳои навро пешкаш намоем. Яке аз методҳои асосии таҳқиқи сиёсати ҷавонон методи нормативӣ-арзишӣ мебошад, ки он таносуби муносибатҳову равандҳои сиёсиро бо арзишҳои гуногун - ахлоқӣ, динӣ, идеологие, ки хоси ҷавонон ҳастанд, муайян месозад. Ба ақидаи мо, ин метод маҳдуд аст, зеро ҷавонону насли наврас вобаста ба шароити зист, таълиму тарбия, табақабандии ҷомеа метавонанд ҳомили арзишҳои гуногун ва мутафовит бошанд. Яъне, сиёсати ҷавононро пурра ба ин ё он системаи арзишҳо вобаста кардан лозим нест,

зеро меъёру арзишҳои ҷавонони сокини пойтахт аз арзишҳои ҷавонони ноҳияҳои дурдаст фарқ доранд, ҳамчунин меъёру арзишҳои ҷавонони табақаҳои гуногуни ҷомеа низ мутафовитанд. Аз ин сабаб, ин метод хусусияти субъективӣ дорад ва аз тарафи дигар, имкон медиҳад то арзишу идеалҳои ормониву хаёлӣ сохта шаванд, ки ин боиси аз ҳақиқати реалӣ дур шудани ҷавонон мегардад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки дар таҳқиқи сиёсати ҷавонон ин метод корношоям аст, зеро он яке аз ҷабҳаҳои муҳими сиёсати ҷавононро – ҷабҳаи ахлоқиро ба назар мегирад.

Яке аз самтҳои фундаменталии омӯзиши сиёсати ҷавонон методи низомӣ (системный метод) мебошад, ки аз тарафи Т.Парсонс, Д.Истон, Г.Алмонд коркард шудааст. Ин метод имкон медиҳад, ки сиёсати ҷавонон чун мавзӯи алоҳида, ё аниқтар, предмети мустақили таҳқиқ баррасӣ шавад ва ҷузъҳои алоҳида ва функсияҳои сиёсати ҷавонон муайян ва мушаххас шаванд. Масалан, сиёсати ҷавононро метавонем ба зернизомҳо ҷудо намоем: сиёсати минтақавӣ, давлатӣ, иҷтимоӣ ва ғ. Ба болои ин, ба воситаи ин метод метавонем таҳлили институтҳои сиёсие, ки сиёсати ҷавононро татбиқ менамоянд (ҳизбҳои сиёсӣ,ҳаракоту муассисаҳои иҷтимоӣ), ҳамчун як системаи муайян, ки вазоифи худро доранд, анҷом диҳем. Дар ин маврид мебояд аз методи структуравӣ-функсионалӣ, ки аз тарафи Г.Алмонд коркард шудааст, истифода бурд. Бартарии ин метод дар он аст, ки имкон медиҳад, то сохтори дохилии ин ё он низом ва робитаҳои байни ҷузъҳои он муайян ва таҳлил шаванд. Ин метод нишон медҳад, ки ҳангоми тағйир ёфтани сохтор ва функсияҳо худи низом ҳам тағйир меёбад ва ҳатто пош мехӯрад ва мақсаду вазоифаш дигар мешавад. Аз ин рӯ, агар ба воситаи методи низомӣ (системный метод) метавонем ҷой ва вазифаи сиёсати ҷавононро дар рушди ҷомеа муайян созем, пас ба воситаи методи структуравӣ-функсионалӣ метавонем сохтори дарунии низомро таҳлилу таҳқиқ намоем. Бо ин ду методи дар боло зикршуда, методи институтсионалӣ вобастагии зич дорад. Ин метод илми сиёсатшиносиро бо ҷиҳатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷомеа устувор ҳастанд, мепайвандад. Аз ин сабаб, методи институтсионалӣ ба меёрҳои Конститутсия, ҳуқуқи ҷавонон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд, имкони таҳлил кардани пайдоиш ва ташаккули институтҳои сиёсиеро, ки сиёсати ҷавононро амалӣ мегардонанд, фароҳам меорад. Яке аз методҳои пурсамар ин муқоиса мебошад. Ба воситаи он муҳаққиқон метавонанд ҳодисаву равандҳои сиёсии ба ҳам монандро, ки дар давлату кишварҳои гуногун ва ҳатто минтақаҳои гуногуни як кишвар рух медиҳанд, муқоиса ва таҳлил намоянд. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минтақаҳои гуногун иборат аст, ки бо баъзе ҷиҳатҳои иҷтимоиву фарҳангиву иқтисодӣ тафовут доранд ва барои тартиб додани сиёсати босамари ҷавонон мебоист аз усули муқоиса истифода бурд, то тамоми хусусиятҳои хосси ҳар минтақа ба инобат гирифта шаванд.

Ҳангоми тартиб додани сиёсати ҷавонон истифодаи методи сотсиологӣ низ аҳамияти зиёд дорад, ки он робитаи байни вазъи иқтисодии ҷомеа ва ҷавонон, яъне арзишҳо, мақсаду нақшаҳои ояндаи онҳоро муайян месозад. Маълум аст, ки хоҳишу мақсаду мароми шахс, аз ҷумла ҷавонон, аз вазъияти иқтисодии ҷомеа сар мезанад. Масалан, ҷомеаи имруза ин ҷомеаи истеъмолӣ аст ва он дорои арзишҳои ба худ хос мебошад, ки талаботу манфиати ҷавононро муайян мекунад. Ва ҳангоми тартиб додани сиёсати ҷавонон ин ҷиҳат бояд ба назар гирифта шавад.

Дар солҳои охир, бо сабаби рушди илмҳое, ки ҷабҳаҳои гуногуни инсонро амиқ меомӯзанд - нейропсихология, психологияи иҷтимоӣ, антропология ва ғ. дар таҳқиқи сиёсати ҷавонон методҳои антропологӣ, психологӣ ва методи бихевиористикӣ (бихевиоризм) ки ба ҳам алоқаи зич доранд, нақши зиёд доранд. Методи антропологӣ дар илми сиёсатшиносӣ ба ақидаву назари гуманистӣ нисбати инсон такя мекунад. Методи психологӣ бошад, имкон медиҳад, ки рафтори сиёсии ҷавонон, аз ҷумла рафтори сиёсии лидерҳои

ташкилоту ҳаракатҳои сиёсии ҷавонон таҳлил шаванд. Ҳамчунин ба воситаи ин метод метавон сабабҳои психологии ин ё он рафтори сиёсии ҷавонон, сабабҳои иштироки онҳо дар маракаҳои гуногуни сиёсӣ, раванди ташаккули шуури сиёсии онҳо, таъсири политтехнология ба эҳсосу шуури ҷавонон омӯхта ва таҳлил шавад.

Самаранокии методи психологӣ дар он аст, ки он механизмҳои асосии рафтори сиёсии ҷавонон, аз ҷумла, темперамент, қобилияту истеъдоди ақлӣ, хусусиятҳои зершуур ва ғайраро равшан мекунад. Методи бихевиористикӣ сабабу ангезаҳои рафтори инсонро меомӯзад ва дар таҳлили рафтори сиёсии ҷавонон хеле муфид аст. Яъне, ҳар як рафтори инсон реаксияи ҷавобӣ ба омил, ангеза мебошад. Ангезаи қавитарину устувортарин манфиат ба шумор меравад. Пас, агар мо талабот, шавқу завқ ва манфиатҳои ҷавононро муайян намоем, рафтори онҳоро чун реаксия - аксулҷавоб ба инҳо пешгӯӣ карда метавонем. Ва баръакс, барои муайян кардани сабаби ҳар гуна рафтори ҷавонон мебоист ангезаи онро пайдо кард. Вале ноқисии ин метод дар он аст, ки ҷиҳати маънавии инсонро – ҳиссиёт, ахлоқ, арзишҳоро ба назар намегирад. Яъне, ҳар як шахс дорои олами маънавии худ аст ва ҳамон як ангеза вобаста ба маънавиёти шахси алоҳида реакция, яъне рафтори ҷавобии мутафовитро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, ҳангоми тартиб додан, таҳқиқу таҳлили сиёсати ҷавонон аз тамоми усулҳо истифода бурдан зарур аст, зеро ҷамъан онҳо камукост ва норасоиҳои якдигарро бартараф менамоянд.

Дар баробари ин усулҳо дар таҳқиқи сиёсати ҷавонон методҳои эмпирикӣ низ истифода мешаванд: истифода аз омор, таҳлили ҳуҷҷатҳо, пурсиши анкетавӣ, контент-анализ ва ғ. Масалан, методи контент-анализ имкон медиҳад, ки дараҷаи фаъолнокии сиёсии ҷавонон муайян шавад, усули статистикӣ барои муқоиса ва муайян кардани вазъи ҷавонон дар низоми иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа истифода мешавад. Вале бояд қайд кард, ки омӯзиши моҳияти падидаҳову зуҳуроти сиёсӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон кори серҷабҳа аст ва маҳз истифода аз тамоми усулҳои баррасишуда имкон медиҳад, ки ҷабҳаҳои ҷудогонаи сиёсати ҷавонон равшан шавад.

**Адабиёт**


1. Аристотель. Политика. М: Мысль, 1983.
2. Платон. Государство. М: Мысль, 1994.
3. Кузанский Н. О предположениях. М: Мысль 1979.
4. Маркс К, Энгельс Ф. Сочинения. Т.3. М, 1995.
5. Зеленин А.А. Национальная модель реализации молодёжной политики в США// Вестник Кемеровского государственного университета. 2009 №4 (40).
6. Ильинский И.М. Молодёжь и молодёжная политика. Философия. История. Теория. М: Голос 2001.
7. Меркулов Г. А., Елисеев А.Л., Аронов Д.В. Негативная молодёжная политика как составляющая государственной политики в отношении молодёжи// Власть 2005 №2.


## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ КАК ВАЖНОЙ ЧАСТИ ОТРАСЛЕВОЙ ПОЛИТИКИ


**Абдусаломзода М.А.**



*В статье рассматривается процесс становления и развития теоретических основ молодёжной политики, излагаются основные методы, которые эффективно раскрывают суть и содержание, цели и задачи, структуру и функции молодёжной политики. Обосновывается идея о динамичном характере молодёжной политики, обусловленном тенденциями, происходящими как в самом обществе, так и на международной арене.*



***Ключевые слова**: молодёжь, молодёжная политика, государство, государственная молодёжная политика, политическая жизнь, потребности и интересы молодёжи, метод, методология.*

# THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF YOUTH POLICY AS AN IMPORTANT PART OF SECTORIAL POLICY

**Abdusalomzoda M.A.**

*The article discusses the process of formation and development of the theoretical foundations of youth policy, outlines the main methods that effectively reveal the essence and content, goals and objectives, structure and functions of youth policy. The idea and dynamic nature of youth policy, due to trends occurring both in society itself and in the international arena, are substantiated.*

***Key words****: youth, youth policy, state, state youth policy, political life, needs and interests of youth, method, methodology.*

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ ДАР РАВАНДИ РАҚАМИКУНОНИИ ҶОМЕАИ ТОҶИК

**Салимов Ю. -** докторанти ДДОТ ба номи С.Айнӣ
Тел.: (+992901034010); Yusufsalimov@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур нақши технологияҳои иртиботӣ дар ҷомеаи рақамӣ баррасӣ шудааст. Мақсади тадқиқот баррасии раванди ташкили иртибот дар ҷомеаи рақамӣ, муайян кардани аҳамият ва мавқеи онҳо дар фазои ягонаи иттилоотӣ мебошад.*

*Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи рақамикунонӣ ва робитаи рақамӣ, инчунин Намудҳои асосии иртибот дар ҷомеаи рақамӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки омили муҳиме, ки ба туфайли он рақамикунонӣ дар ҷомеа ба ривоҷ ёфт, рушди интернет мебошад.*

*Дар мақолаи худ муаллиф исбот менамояд, ки дар айни замон зарфияти рушди дурнамои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба чунин омилҳо асос меёбад: гузариш ба иқтисодиёти дониш, ки яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Интернет, рақамикунонӣ, технологияҳои иртиботӣ, ҳукумати электронӣ, амнияти иттилоотӣ, истиқлоли технологӣ,ҷомеаи иттилоотӣ.*

Тоҷикистон аз оғози соҳибистиқлоли худ дар давраи гузариш қарор дорад. Соҳибистиқлолияте, ки онро метавон ҳамқадами ташаккули ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ шуморид. Шояд барои ҳамин, ба таъсири то ҳол қавии иқтисоди нақшавии аз даврони саноатӣ мерос монда нигоҳ накарда, вижагиҳои даврони иттилоотӣ соҳаҳои мухталифи ҷомеаро фаро гирифта истодаанд. Маҳз дар чунин давраи ҳассос таҳия ва қабули сиёсатгузориву тасмимгириҳои воқеъбинона ва огаҳмандона дар бунёд ва такмили масири созандае барои рушди ҷомеи иттилоотии ватанӣ ҳамчун узви фаъоли ҳамсанги ҷаҳониаш саҳмгузор буда метавонад.

"Дар давраи Индустрия 4.0 ё инқилоби чоруми саноатӣ рақамикунонӣ бо технологияҳои муосири он омили муҳими рушди ҷомеаҳои муосир мебошад"[1,98].

Пажӯҳишу тадқиқотҳо, гузоришҳои гуногун, мисолҳои омӯзишӣ дар асоси таҷриба ватанӣ ва дигар санадҳои марбута ҳамчун сарчашмаи таҳлилу тавсияҳои бо додаҳои воқеӣ пуштибонӣ шуда, имкон фароҳам оварда метавонанд, ки сиёсатгузориву тасмимгириҳои ин раванд огаҳмандона бошанд. Дастрасӣ ба чунин санадҳо ҳам ба забони давлатӣ ва ҳам ба забонҳои маъмул ба мисли англисиву русӣ имкон фароҳам меоварад, ки ҳолати кунунии рушди ҷомеа дар муқоиса бо давраҳои гузаштаи хеш ва бо ҷомеаҳои дигар муқоиса гашта, аз ҷониби ҳам олимону коршиносони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ арзёбӣ гардад. Инчунин истифодабарии чунин арзёбии муҷаҳҳаз бо нишондиҳандаҳои фарогир барои дарёфти бартариҳои сабқатпазири кишвар дар ҳудуди минтақа ва ҳатто берун аз он манфиатбор аст. Чунин рӯйкард дар таҳкими мавқеи иқтисодӣ ва ҳатто сиёсии кишвар дар ҳудуди минтақа ва ҷаҳон саҳми худро гузошта метавонад.

Пешбаранда ва сабабгори асосии дар як муддати басо кӯтоҳи таърихӣ фарогир шудани ин ҷомеаи навбунёд технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) мебошанд, ки Интернет намунаи маъмули онҳо мебошад. Афзоиши босуръати ТИК ва татбиқи онҳо дар равандҳои рушд ин ҷомеаро фарогир кардаанду фарогирӣ боз ҳам рӯзафзун аст. Тамоюлҳои имрӯзаи ТИК басо пуртазоданд, ки форматҳои нави технологӣ метавонанд дар кишварҳои дар ҳоли рушд пештар аз кишварҳои рушдкарда татбиқ шаванду бозоргир бошанд. Таҷрибаи бозори ватании ТИК тасдиқи чунин воқеият мебошад. Форматҳои навтарини технологияҳои мобилӣ ба монанди 3G

(аз соли 2005), 3.5G (аз соли 2008), 4G (WiMAX – соли 2010, LTE – соли 2012) дар бозори имрӯзаи Тоҷикистон воситаҳои муқаррарии дастрасианд, ҳол он ки кишварҳои рушдкарда аз онҳо мумкин истифода ҳам набаранд.

Ҷомеаи иттилоотӣ мафҳуми нав буда, онро ҳамчун ҷомеаи донишбунёд низ муаррифӣ менамоянд. Гарчанде ҳастанд назарҳое, ки ҳарду мафҳумро аз ҳам ҷудо мекунанд. Масалан, гузориши ЮНЕСКО «Сӯи ҷамъиятҳои донишбунёд» [2].

Ҳангоми шиносоӣ бо мафҳуми ҷомеаи донишбунёд ёдовар шудан аз мафҳуми дигаре, ки дар рушди чунин ҷомеа саҳми бевосита дорад, ногузир аст. Ин мафҳум «иқтисоди донишбунёд» мебошад, ки дар пажӯҳиши мазкур ҳамчун «иқтисоди иттилоотӣ» васеъ истифода бурда шудааст. Ҳарду ин мафҳум ҳаммаъниианд ба мисли ду мафҳуми нави боло.

Тавре ки Уша Реддӣ қайд менамояд, «ҷомеаи донишбунёд аз иқтисодиёти донишбунёд фарқ дорад»[3]. Иқтисоди донишбунёдро ҳамчун истеҳсоли маҳсулоту хизматҳо дар асоси дониш муаррифӣ намудан мумкин аст, ки ба навовариҳои ТИК сахт алоқаманд мебошад. Дар ин сурат чи донишу маҳсулот ва чи ТИК бештар аз ҷониби дигар кишварҳо истеҳсол мегардад. Бо истинод аз гузориши ЮНЕСКО, ин олими соҳаи рушд ҷомеаи донишбунёд гуфта ҳамон ҷомеаеро мепиндорад, ки қобилияти баланди бунёду татбиқи дониш баҳри рушди инсонро дорост. Албатта, ҳамчун ашёи хом дар ин раванди истеҳсолӣ иттилоот истифода бурда мешавад.

Татбиқи ТИК-ро дар ҳалли масъалаҳои гуногун дар саросари соҳаҳо ва умуман рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа коршиносону олимони бахши рушд ҳамчун ТИК барои рушд (ТИКР) шинохтаанд. Агар иқтисоди донишбунёд ба ТИК ва навовариҳои он сахт алоқаманд бошад, ҷомеаи донишбунёд ба ТИКР чунин муносибат дорад. Агар дар ҳолати аввалӣ ТИК бештар воситаҳо ва ё медиа дастрасӣ ба донишу хизматҳои дигарон эҷодкарда бошад, дар ҳолати охир ТИК ба заминаи ангезандаи бунёдкориву эҷодкорӣ табдил меёбад.

Яке аз олимони маъруфу сермаҳсули соҳаи мазкур, профессори Донишгоҳи Манчестер ва директори Маркази информатикаи рушд Ричард Ҳикс (Heeks 2005) дарёфтани шеваи хоси маҳалро дар раванди ТИКР муҳим мешуморад. Ӯ қотеъона мегӯяд, ки яке аз омилҳои муҳими барор дар раванди ТИКР-и кишварҳои рӯ ба рушд пайравӣ кардан аз пайраҳа ё таҷрибаи маъмули дар шароити ватанӣ тавлидшуда ва ё «муқимӣ гашта» мебошад. Чунки дар ҳар гуна раванди нав, ва ТИКР саросар аз равандҳои нав иборат аст, дарк кардани соҳибмулк будан ба он ангезандаи басо қавии саҳмгузории ҷонибҳои ҳавасманд мебошад. Бе ҳамкориҳои бисёрҷонибаи воқеъбинона бошад, расидан ба ҳадафҳои рушд ниҳоят мушкил мегардаду бештари талошҳои раванд ноком мемонанд.

Барои дарки беҳтари мафҳуми ҷомеаи иттилоотӣ онро таҳлил намуда, сипас вижагиҳо ё хусусиятҳои ин давраро бо вижагиҳои ҷомеаи саноатӣ, ки ҳанӯз ҳам дар ҳаёти мо вуҷуд доранд муқоиса намудан мувофиқи мақсад мебуд. Дарки амиқи худи мафҳуми иттилоот ба фаҳмиши беҳтари мафҳуму моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат карда метавонад. Иттилоот чист? Олимони соҳаи иттилоот ва ТИКР иттилоотро ҳамчун мафҳуми мобайнии додаҳову дониш шинохтаанд. Агар занҷираи мафҳумҳои марбут ба иттилооти ин соҳаро тасвир намоем дар ибтидои он додаҳо ё ба истилоҳи англисӣ data ва дар интиҳояш ҳикмат ҷойгир мешаванд. Иттилоот пас аз додаҳо ҷойгир шуда, ҳамчун замина дар тавлиди дониш хизмат менамояд. Аз ин нигоҳ, иттилоот ин додаҳои коркардшуда барои қонеъ намудани ниёзи корбар мебошад. Дар навбати худ иттилооти таҳлилшуда ба дониш табдил меёбад. Бо суханони дигар, агар додаҳо маҳсулоти хом барои эҷоди иттилоот бошанд, худи иттилоот чунин нақшро дар эҷоди дониш мебозад.

Дар ин асос, чунин хулоса бароварда метавонем, ки мафҳуми ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеаеро муаррифӣ менамояд, ки дар он маводҳо бештар аз

пештар, яъне давраи саноатӣ, дар асоси иттилооту дониш истеҳсол гардида, тадриҷан ба муносибатҳо дар ҷомеа таъсири худро мерасонанд.

Тавре, ки ваъда дода будем, барои осонии кор чанде аз чунин муносибатҳои ду давраро ба ҳам муқоиса менамоем. Модоме, ки сухан сари истеҳсолот рафт, аз он оғоз мекунем. Тоҷикистони давраи саноатӣ кишваре буд, ки бештар дастнигари дигар кишварҳо буд. Ҳатто дар соҳаи аграрӣ, ки бештари истеҳсолоти иқтисоди миллӣ дар он сурат мегирифт. Масалан, аксарияти техникаи аграрии дар ин раванд фаъолона истифода бурда мешуда воридотӣ буд. Барои ба роҳ мондани истеҳсолоти бештари маҳсулоти техникӣ маблағгузориҳои ҳангуфт талаб карда мешуд.

Чунин ҳолат сари истеҳсоли маҳсулоти зеҳнӣ низ боқӣ мемонд. Чунки дастрасӣ ба он бештар дар шакли моддӣ сурат мегирифт. Масалан, асар, ки худ моликияти зеҳнӣ дониста мешавад танҳо дар шакли китоби қоғазӣ дастрас буд. Ҳатто агар, шумораи чунин китобҳо ниҳоят зиёд ҳам мебуданд, дастрасӣ ба чунин мавод маҳдуд буд, чунки мерасид замоне, ки китобҳо пурра фурӯхта ва ё тақсим мешуданд. Барои талаботи аз нав пайдошударо қонеъ кунонидан боз нашри нав ногузир буд.

Ҳадафи ниҳоии рушди ҷомеаи донишбунёд дар сатҳи байналмилалӣ, ки дар Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲДҲ) таҷҷассум гардидааст, рушди инсон ё некӯаҳволии мардум мебошад. Рушди иқтисодӣ, ки дар болоравии ММД (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) дида мешавад, дигар ба мисли даврони саноатӣ ҳадафи ниҳоии рушд набуда, яке аз 3 воситаест барои расидан ба он, яъне ба рушди иқтидори инсон. Ду воситаи муҳими дигар ин сатҳи маърифатнокӣ ва тандурустӣ мебошад.

Ҷомеаи иттилотӣ ё донишбунёд ҷомеаест инсон-меҳвар. Бо баровардани рушди инсон ба маркази таваҷҷӯҳи равандҳои мухталиф кишвар имконияти худро дар гузаштан аз истеъмолкунандаи иқтисоди донишбунёд ба истеҳсолкунандаи он таҳким мебахшад. Имрӯз, Тоҷикистон дар иқтисоди донишбунёд қарор дорад, ки далели он дастрасӣ ба махзанҳои иттилоотиву дониш ва хизматҳои ба онҳо асосёфта мебошад. Масалан, дастрасӣ ба Интернет. Тавре, ки пажӯҳиши мазкур нишон медиҳад чунин дастрасӣ густариш ёфта истодаасту, корбарони ватании Интернет, ҳатто нафарони дар ҳаёти воқеӣ ба созандагии маънавӣ машғул буда, ин шабакаро ҳамчун сарчашмаи бузурги истифода ё истеъмол дарёфтаанд.

“Ба андешаи мо, рақамикунонӣ ба равандҳои такрористеҳсоли сармояи инсонӣ, бахусус дар ду самти муҳими он – маориф ва тандурустӣ низ таъсир хоҳад гузошт. Рақамизатсияи ҷомеа ба системаи маориф ва махсусан дар бораи он, ки чӣ гуна таълим ва омӯзиш чӣ гуна амалӣ мешавад, донишҳои гирифташуда ва дастрас чӣ гуна баррасӣ хоҳанд шуд ё бояд ба назар гирифта шаванд, таъсири назаррас хоҳад дошт”[4,80].

Хизматрасониҳои электронӣ дар соҳаҳои гуногун дар афзоишанд. Чунин хизматрасониҳоро ба 3 категория ба мисли (а) намуди электронии хизматҳои анъанавӣ (пардохт, чипта, эълон); (б) хизматҳои электронии арзиши изофа меоварда ба шабака (NGN, SMS, MMS, омӯзиши фосилавӣ, тибби фосилавӣ); (с) хизматҳои нави электронӣ (видеоконф-ронс, вебинар, низоми иттилоотии идораи хоҷагии қишлоқ) ҷудо намудан мумкин аст. Хизматҳои мувофиқ ба категорияҳо овардашуда дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон расонида мешаванд.

Шабакаи терминалҳои ҳамаҷоҳозири пардохти хизматрасониҳои электронӣ, заминаи фарогири боэътимоди дастрасӣ ба чунин хизматҳоро омода намудааст. Хизматҳои мазкур новобаста аз муҳлати «умрашон» дар бозор бо хизматҳои муқаррарӣ дар сабқатанду худ муқаррарӣ шудан доранд. Масалан, чиптаи электронӣ имрӯз дар бозор басо маъмул аст. Ё фармоиши онлайнии реклама дар нашрияи чопӣ ва пардохти электронии он. Бо каме маҳдудият хизматҳои банкинг, ҳам интернет ва ҳам мобилӣ, маъмул гашта истодаанд. Пардохти ҳаққи муштарии алоқаи мобилӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар дастрасанду маъмул.

Ҳамин тариқ, татбиқи технологияҳои рақамӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа рӯзафзун буда, соҳаҳои мухталифи онро фаро гирифта истодааст. “Технологияҳои рақамӣ одамонро аз ҳар тараф иҳота мекунанд: онҳо дар ҳар як хона, муассиса, корхона, корхона, беморхона, мактаб, донишгоҳ мавҷуданд”[5].Дар баробари мусоидат дар такмили хизматрасониҳои анъанавӣ то ба шакли электронии онҳо (э-чипта, э-пардохт, банкинг), татбиқи оқилонаи ТИК дар рушди хизматҳои арзиши изофа меоварда ба шабака (NGN, SMS, MMS, омӯзиши фосилавӣ) ва эҷоди хизматрасониҳои нав (вебинар, видеоконфронс) мусоидат менамояд. Татбиқи ТИК дар маориф, тандурустӣ, хоҷагии қишлоқ низ натиҷаҳои назаррас доранд.

Коршиносону олимони соҳаи ТИКР дар раванди интегратсия ТИК дар фаъолияти муассиса яке аз омилҳои муҳимро азнавсозии равандҳои фаъолияти онро мешиносанд. Ин рӯйкард татбиқи ТИК-ро камхароҷоту табиӣ мегардонад. Вагарна, татбиқи ТИК ба информатикунонии равандҳои кӯҳнаву такрор андар такрор мубаддал мегардад.

Инчунин, сарфи назар кардан аз иқтидори фарҳанги иттилоотӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ба мушкилиҳои нав оварда метавонад. «Ҳар сол хатарҳо ва мушкилоти марбут ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ зиёд мешаванд”[5,97].

Баробари афзудани шумораи корбарон дар ҷомеа моҳияти рушди фарҳанги иттилоотӣ низ меафзояд. Таҷрибаи ватанӣ далели чунин ҳамбастагӣ буда метавонад. Масалан, маҳдуд намудани дастрасӣ ба дастгоҳҳои мобилӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ мебошад, ки вокуниш ба заифии фарҳанги иттилоотии корбарони ин дастгоҳҳо буд. Мутаассифона, чунин чора ҳалли мушкилии номбурда нашуда истодааст, чунки ба оқибатҳои ин мушкилӣ тамаркуз кардааст. Роҳи боэътимоди ҳалли ин мушкилӣ омӯзонидани қоидаҳои нетикэт (дастрасӣ ба шабакаи Интернет) ва мобикэт (дастрасӣ ба шабакаи мобилӣ) буд метавонад, ки ба рушди фарҳанги иттилоотии корбарон равона гардидааст. Аз болоравии чунин фарҳанг муассисаву созмонҳо низ манфиати бевоситаи худро дарёфта метавонад. Масалан, истифодаи ҳадафноки таҷҳизоту шабакаҳо ва вақти пурқимат.

Рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар сатҳи миллӣ ва ҳамгиро ё ба истилоҳ интегратсияи он ба ҳамсанги он дар сатҳои ҷаҳонӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба шумор меравад, ки дар Стратегияи давлатии «ТИК барои рушди ҶТ» дарҷ гардидааст. Ҷонибҳои мухталифи ҳавасманди ҷомеа дар ин раванд саҳмгузор буда метавонанд. Далели чунин тасдиқ Шӯро оид ба ТИК-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҳайати он ҳамаи ҷонибҳои ҳавасманд ҷалб гардидаанд.

**Адабиёт**


1. Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации// Известия ИФПП НАНТ- №1.-2022. С.98-103.
2. Toward Knowledge Societies //http://unesdoc.unesco.org/images /0014/001418/141843e.pdf [Санаи дастрасӣ 12.12.2022] Манбаи электронӣ.
3. Редди У. Муқаддима ба ТИК барои рушд //http://www .unapcict. org/pr [Санаи дастрасӣ 19.12.2022] Манбаи электронӣ.
4. Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как фактор воспроизводства человеческого капитала в период глобализации // Известия ИФПП НАНТ- №3.-2021.-С.78-82.
5. Цифровизация и ее место в современном мире // https://www.gd.ru/articles/ 10334-tsifrovizatsiya [Санаи дастрасӣ 11.11.2022] Манбаи электронӣ.
6. Хайдаров Р.Дж. Виртуальное пространство как источник новых угроз для ОДКБ// Известия ИФПП НАНТ- №2.-2021.-С.96-99.

# РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ЦИФРОВИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА

**Салимов Ю.**

*В данной статье рассматривается роль коммуникационных технологий в цифровом обществе. Цель исследования - изучить процесс организации коммуникаций в цифровом обществе, определить их значимость и место в едином информационном пространстве.*

*Обсуждается опыт зарубежных стран в области цифровизации и цифровой связи, а также основные виды связи в цифровом обществе. Автор подчеркивает, что развитие Интернета является важным фактором, благодаря которому развилась цифровизация в обществе.*

*В своей статье автор доказывает, что на данный момент потенциал развития информационно-коммуникационных технологий базируется на следующих факторах: переход к экономике знаний, что является одним из основных факторов развития цифровой экономики.*

**Ключевые слова:** *Интернет, цифровизация, коммуникационные технологии, электронное правительство, информационная безопасность, технологическая независимость, информационное общество.*

# THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE PROCESS OF DIGITALIZATION OF THE TAJIK SOCIETY

**Salimov Y.**

*This article discusses the role of communication technologies in the digital society. The purpose of the study is to study the process of organizing communications in a digital society, to determine their significance and place in a single information space.*

*The experience of foreign countries in the field of digitalization and digital communications, as well as the main types of communications in a digital society, is discussed. The author emphasizes that the development of the Internet is an important factor due to which digitalization has developed in society.*

*In his article, the author proves that at the moment the potential for the development of information and communication technologies is based on the following factors: the transition to a knowledge economy, which is one of the main factors in the development of the digital economy.*

***Key words:*** *Internet, digitalization, communication technologies, e-government, information security, technological independence, information society.*

# СОЦИАЛЬНОЕ НЕРАВЕНСТВО В ТАДЖИКИСТАНСКОМ ОБЩЕСТВЕ
## (результаты социологического исследования)

**Гардоншоев А. М.** – докторант PhD факультета философии Таджикского национального университета
E-mail: gmalishrer@gmail.com; Тел.**:** (+992) 550 10 35 10.

*В статье социальное неравенство рассматривается как сложное явление, связанное со многими социальными и экономическими факторами. Особое внимание автор уделяет социальному неравенству в новейшее время и иллюстрирует его характерные особенности. На основе анализа результатов, проведенного им социологического исследования по изучения общественного мнения, показывается отношения граждан Таджикистана к проблеме социального неравенства в обществе.*

***Ключевые слова:*** *социальное неравенство, экономическое неравенство, доход, гендерное неравенство, социальный статус, социальная стратификация, социологическое исследование.*

Социальное неравенство представляет собой сложное явление, связанное со многими социальными и экономическими факторами. Не так давно по Соединенным Штатам Америки прокатилась волна беспорядков, из-за полицейского насилия, ставшей причиной гибели афроамериканца Джорджа Флойда. Публикация видеозаписи его ареста вызвала широкую реакцию населения во многих американских городах. Люди вначале выражали свое недовольство злоупотреблением полицией своей властью, но затем недовольство переросло в один из видов социального неравенства – антирасистское движение. Это один из очевидных примеров социального неравенства в современном обществе. В разных своих проявлениях и формах социальное неравенство существует в обществах с давних времен.

Американский социолог Джерард Ленски показал, что уровни и степени социального неравенства меняются в зависимости от стадии развития общества. В обществе охотников-собирателей неравенство было более выраженным, в земледельческом обществе уровень социального неравенства в обществе был уже ниже, однако, социальный статус политических вождей, купцов и духовенства был очень высок. В индустриальном обществе социальное неравенство менее выражено, чем в аграрном.

Из истории известно, что 10 апреля 1912 года океанский лайнер «Титаник» вышел в Атлантический океан, чтобы пройти путь из Саутгемптона в Нью-Йорк, но 14 апреля 1912 года столкнулся с огромным айсбергом и затонул в океане. Весть о гибели более 1600 человек облетела весь мир [5]. Но если посмотреть на эту страшную аварию с точки зрения социального неравенства, у одной части пассажиров корабля «Титаник» было больше шансов выжить. Более 60% пассажиров высшего класса были спасены, потому что они находились в верхней части корабля и для них было предоставлено больше спасательных шлюпок. Выжили только 36% пассажиров среднего класса, и 24% пассажиров низшего класса [2, с. 336]. Отсюда становится понятно, что представители низших классов больше подвержены социальным рискам.

Социальное неравенство в последнее время представляет собой форму социальной стратификации, при которой индивиды, социальные группы, слои, классы находятся на разных уровнях вертикальной социальной иерархии, их потребности и возможности удовлетворяются неодинаково. Люди имеют различный доступ к материальным и духовным ресурсам, правам и свободам, и привилегиям [4].

В современном мире существует несколько видов неравенства и дискриминации, таких как расовое неравенство, экономическое неравенство, возрастное неравенство (эйджизм) и гендерное неравенство.

Автором проведено социологическое исследование, целью которого являлось изучение общественного мнения относительно отношения граждан к проблеме социального неравенства в таджикистанском обществе.

В качестве объекта исследования выступили жители города Душанбе. Предметом исследования было изучение проблемы социального неравенства в таджикистанском обществе. В исследовании приняли участие 144 респондентов. Опрос проводился в июне-июле 2022 года [3].

Более половины респондентов (52,8%) считают, что самым распространенным видом социального неравенства в современном мире является экономическое неравенство. По мнению около четверти респондентов (26,4%) наиболее распространенным видом социального

неравенства в современном мире — это несправедливость. При этом более пятой части опрошенных (23,6%) отметили неравенство жизненных возможностей, а другая пятая часть (20,1%) выбрали расовое неравенство как один из относительно распространенных видов неравенства.

Результаты исследования показывают, что большинство респондентов осведомлены о видах социального неравенства и больше всего знают о материальном и экономическом неравенстве. По этой причине ответственным органам власти в Таджикистане следует принять необходимые меры для снижения интенсивности экономического неравенства.

По мнению 49,3% респондентов, основная причина социального неравенства в Таджикистане – это низкий уровень дохода. Также треть респондентов (29,9%) считают коррупцию одним из причин социального неравенства. Пятая часть респондентов (22,9%) отметили несправедливое распределение имущества как причину социального неравенства. Из результатов исследования видно, что большинство респондентов считают основной причиной социального неравенства экономические факторы. В то же время опрошенные перечисляли другие причины социального неравенства, составляющие небольшую долю ответов, такие как проводимая социальная политика, отсутствие профессии, неумение правильно использовать доход, лень, местничество и др.

Подавляющее большинство респондентов (77,1%) отметили, что хоть раз в жизни сталкивались с последствиями социального неравенства. Пятая часть опрощенных (20,1%) считают, что никогда не сталкивались с социальным неравенством.

По мнению половины респондентов (50,7%) социальное неравенство наиболее распространено в предпринимательской сфере. Также четверть респондентов (27,1%) отметили - в профессиональной сфере, 22,2% – в здравоохранении, 19,4% – в семье, 13,2% – в религии.

Согласно анализу результатов исследования, социальное неравенство в большей степени распространенно в сфере предпринимательской деятельности. Большинство граждан Таджикистана занято в сфере малого и среднего бизнеса и испытало на себе влияние социального неравенства. В сфере профессиональной деятельности социальное неравенство связано с коррупцией и местничеством. Именно эти нежелательные факторы препятствуют профессиональному развитию и эффективной деятельности граждан .

Социальное неравенство существует во всех обществах, но имеются возможности и способы снять остроту проблемы и не дать ей разрасти до социального конфликта. Например, существуют экономические меры, которые могут способствовать снижению интенсивности социального неравенства, такие как повышения уровня минимальной заработной платы; социальные меры: бесплатное образование и здравоохранение, повышение пенсии и пособии по безработице, меры по налогооблажению, связанные, с объемом и наличием товаров, подоходным и социальным налогами или налогом на наследство (такой налог существовал в Индии в 1964-1966 годах, ставка которого составляла 40%).

Большая половина респондентов (72,2%) отметили, что социальное неравенство можно преодолеть, но 18,1% респондентов выразили, что преодолеть социальное неравенство невозможно. Большинство респондентов, отметивших, что можно преодолеть социального неравенства, не смогли дать ответ как это сделать.

Из результатов социологических исследований и анализа научных материалов видно, что для снижения накала социального неравенства в обществе, в первую очередь, необходимо обратить внимание на профессиональное самоопределение подростков и молодежи. В случае выбора подходящих профессий, ремесел и достижения высокого уровня профессионализма граждане собственными усилиями приобретут достойный уровень жизни и социального положения Качественное образование граждан и повышение уровня их правового сознания и правой культуры способствует снижению уровня социального неравенства.

Государство должно помогать нуждающимся и уязвимым группам населения найти достойную работу и достаточный доход, защищать права инвалидов и принять программы и государственные стратегии, законы по снижению уровня социального неравенства. Именно эффективная социальная политика государства способствует снижению уровня социального неравенства и его негативных последствий.

Зачастую вместо принятия соответствующих мер по снижению уровня социального неравенства, меняют не суть, а внешний вид. Вернёмся к началу статьи о большом протесте в Америке против расового неравенства. Компания Mars Inc. решила заменить логотип изображением афроамериканца на упаковке риса и соусов «Дядюшка Бен», поскольку такой дизайн бренда считался неполиткорректным [7]. Компания «Нестле» отказалась от производства мороженого под маркой Eskimo Pie, чтобы не обижать жителей севера [1]. В то же время Warner Media решила временно прекратить показ фильма 1939 года «Унесенные ветром» на платформе HBO Max из-за ссылки на южноамериканское рабство [6].

Словом, социальное неравенство – серьезная проблема, затрагивающая все современные общества и многие поколения. Универсальных рекомендаций и предложений по решению проблем социального неравенства не существует. Следует признать, что проблемы социального неравенства обостряются и требуют решения изнутри. Невозможно изменить социальное неравенство и жизнь людей, меняя название мороженого, имена людей и названия компаний.

**Литература**

1. «Дочка» Nestle в США создала оскорбительное для эскимосов название «Эскимо». [Электронный ресурс]. URL: https://www.dw.com/ru (дата обращения: 05.09.2022).
2. Масионис Дж. Социология. - 9-е изд. – СПб: Питер, 2004. — 752 с.
3. Проблема социального неравенства в таджикистанском обществе. // Отчет результата социологического исследования (дата проведения исследования: май соли 2022 г.)
4. Социальное неравенство в современном мире: позиция эксперта. [Электронный ресурс]. URL: https://www.ieie.su/events/interviews/12-08-20.860.html#:~:text=% (дата обращения: 05.09.2022).
5. Титаник. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%... (дата обращения: 09.05.2022).
6. HBO Max удалил из каталога фильм «Унесенные ветром» на фоне протестов в США. [Электронный ресурс]. URL: https://www.interfax.ru/culture/712582 (дата обращения: 05.09.2022).
7. Mars сменил название бренда Uncle Бен на Бен Оригинал. [Электронный ресурс]. URL: https://www.interfax.ru/world/728331 (дата обращения: 05.09.2022).

## НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН (натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ)

**Гардоншоев А. М.**

*Дар мақолаи мазкур нобаробарии иҷтимоӣ ҳамчун падидаи мураккаби ҷомеа баррасӣ шудааст. Муаллиф ба нобаробарии иҷтимоӣ дар замони муосир диккати махсус дода, онро бо мисолхои равшан нишон додааст. Аз ҷониби муаллиф тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд, ки ҳадафи он омӯзиши афкори омма дар бораи муносибати шаҳрвандон ба мушкилоти нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон буд, ки натиҷаи он дар мақола нишон дода*

*шудааст. Масъалаи дигаре, ки муаллиф ба он таваҷҷуҳ кардааст, барҳам додан ё коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Дар хотима муаллиф роҳу воситаҳои коҳиш додани нобаробарии иҷтимоиро дар ҷамъият нишон дода, ба чунин хулоса меояд, ки роҳҳои универсалии барҳам додани нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷамъият вуҷуд надоранд.*

## SOCIAL INEQUALITY IN THE TAJIKISTAN SOCIETY (result of a sociological research)

**Gardonshoev A. M.**

***Калидвожаҳо:*** *нобаробарии иҷтимоӣ, нобаробарии иқтисодӣ, даромад, замонавӣ, табъиз, нобаробарии нажодӣ, нобаробарии гендерӣ, тадқиқоти сотсиологӣ.*

*This article examines social inequality as a complex social phenomenon. The author pays special attention to social inequality in modern times and illustrates it with illustrative examples. On the part of the author a sociological study was conducted, the purpose of which was to study the public opinion concerning the attitude of citizens to the problem of social inequality in Tajikistan society, the result of which is shown in the article. Another issue that the author focuses on is the elimination or reduction of social inequality in the society. In conclusion, the author outlines ways and means of reducing social inequality in society and concludes that there are no universal ways to eliminate social inequality in society.*

***Key words:*** *social inequality, economic inequality, income, modernity, discrimination, racial inequality, gender inequality, sociological research.*

№3 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# РУШДИ РОБИТАҲОИ ДИПЛОМАТӢ ВА СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

**Салимов А. -** ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: salimov@osiyoavrupo.tj ; тел: 92-861-40-27.

*Дар мақолаи мазкур ташаккул ва рушди равобити сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар даврони соҳибистиқлолӣ дарҷ карда шудааст. Дар сиёсати хориҷии бомуваффақи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз шарикони афзалиятноки минтақавӣ Ҷумҳурии Туркия маҳсуб меёбад. Доираи васеи муносибатҳои дӯстонаи миёни ду кишвар заминаи таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ дошта, дар ташаккул ва рушди ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия нақши муҳим дорад. Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ муносибатҳои дипломатии миёни ду кишвар дар фазои мусоиди эътимод ва заминаи зарурии сиёсию ҳуқуқӣ сурат гирифта, дар мавқеъгирии наздик ва яксони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар ҳалли масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Дар густариши ҳамкории мутақобилаи судманди ду кишвар Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон Туркия, ки аз ҳайати ходимони боломақоми давлатии ду кишвар таъсис дода шудааст, нақши калидӣ мебозад.*

***Калидвожаҳо**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркия, сиёсати хориҷӣ, соҳибистиқлолӣ, ҳамкории муштарак, Созишнома.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани мақоми давлати соҳибистиқлол ба ташаккули консепсияи сиёсати хориҷии худ шурӯъ намуда, мавқеи худро дар ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд. Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ягона ва дунявӣ дар муддати 31 соли истиқлолияти хеш тавонист мақому мавқеи сиёсии худро бо барқарор намудани муносибатҳои судманд бо кишварҳои олам, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ қавӣ гардонад.

Эълон доштани сиёсати «дарҳои боз» аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар охири соли 2002 пас аз қабул шудани Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вукӯъ пайваст [10]. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии «дарҳои боз»-ро пайгирона дар амал татбиқ намуда, эҷоди воситаҳои самарабахши ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва кӯшишҳои байналмилалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳоро барои омода намудани аксуламали муносиб дар муқобили таҳдид ва хатарҳои замони муосир имконпазир мешуморад.

Дар ин раванд густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳо хеле ба маврид арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, равобити дипломатӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, ки аз шарикони муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, аз 29 январи соли 1992 ҳусни оғоз мегирад. Ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Туркия дар шаҳри Душанбе 22 марти соли 1992 як қадами ҷиддӣ барои ба роҳ мондани ҳамкории муштарак миёни ду кишвар ба шумор меравад. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Анқара моҳи декабри соли 1995 ифтитоҳ гардид. Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истанбул дар соли 2011 ба кор шурӯъ намуд. Моҳи апрели соли 1996

бошад дар Душанбе дафтари Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (TİKA) кушода шуд [8]. То имрӯз ҳар ду ҷониб мунтазам муколамаи сиёсии доимиро давом дода истода, вобаста ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ аз мавқеъҳои ба ҳам наздик баромад менамоянд.

Соли 1993 миёни Тоҷикистон ва Туркия Созишнома оид ба принсипҳои муносибатҳои дӯстона имзо гардид. Президенти Ҷумҳурии Туркия Сулейман Димерел аз миёни роҳбарони кишварҳои хориҷӣ дуввумин шахсе буд, ки новобаста ба вазъи ноороми дохилӣ соли 1995 бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкории зич бо ҳукумати вақти кишвар ба Тоҷикистон расман ташриф овард[12, 13].

Моҳи декабри соли 1995 вазири вақти корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Н. Назаров ҳамчун роҳбари гурӯҳи корӣ бо мақсади ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Анкара ба Ҷумҳурии Туркия сафар намуд[15, 138].

Бояд зикр намуд, ки охири соли 1995 ва ибтидои соли 1996 марҳилаи оғози ҳамкории васеъ миёни Тоҷикистон ва Туркия ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин давра роҳбари кишвари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи майи соли 1996 ба Ҷумҳурии Туркия ташриф оварданд, ки дар ин раванд 10 созишномаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба дар самти ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ, канорагирӣ аз андозбандии дукарата, нақлиёти байналмилалии автомобилӣ, илмҳои тиб ва тандурустӣ, маориф, сайёҳӣ, консулгарӣ, ҳамкориҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи масъалаҳои шаҳрвандӣ, тиҷоратӣ ва ҷиноятӣ, инчунин баёнияи муштарак ба имзо расонида шуданд. Моҳи апрели ҳамон сол бошад, бо мақсади таҳким бахшидани ҳамкорӣ дар самти ҳамкории байнипарлумонӣ гурӯҳи кории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо даъвати раиси парлумони Ҷумҳурии Туркия - Маҷлиси Бузурги Миллии Туркия (МБМТ) бахри иштирок дар 95-умин маҷлиси ҳамкории байнипарлумонӣ ба шаҳри Истанбул сафари корӣ анҷом доданд [9, 19].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи октябри соли 1998 дар доираи робитаҳои фарҳангӣ ба Ҷумҳурии Туркия сафар намуда, ҳамзамон дар маросими таҷлили ҷашни 75-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Туркия ширкат доштанд. 19-25 сентябри соли 2000 гурӯҳи кории Ҷумҳурии Туркия таҳти роҳбарии муовини Президенти Ҷумҳурии Туркия оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Абдулҳак Чой ба шаҳри Душанбе ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи якҷояи Комиссияи муштараки иқтисодии Тоҷикистон ва Туркия ташриф овард. Дар ҷаласаи мазкур 3 санади муҳими муштарак, аз ҷумла: Созишномаи ҳамкориҳои дарозмуддати тиҷоратию иқтисодӣ, Протокол дар бораи ҳамкориҳои техникӣ ва Протоколи ҷаласаи якуми Комиссияи муштараки иқтисодии Тоҷикистон ва Туркия ба тасвиб расонида шуд[3, 126].

Моҳи ноябри соли 2001 сафари расмии Президенти Туркия Аҳмад Неҷат Сезер ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Туркия Аҳмад Неҷат Сезер масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ду кишвар баррасӣ гардид. Инчунин масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавии мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта, ҳар ду ҷониб табодули афкор намуданд. Дар раванди сафари мазкур санадҳои дуҷониба оид ба эъломияи муштарак роҷеъ ба рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ, созишномаҳо дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва психотропӣ, инчунин ҳамкорӣ дар соҳаи алоқа ба имзо расиданд[3, 126].

Дар таърихи 22 январи соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Туркия ташрифи расмӣ оварданд. Дар раванди ин сафар Раиси Ҳукумати Тоҷикистон мақбараи Мустафо Камол Отатуркро, ки дар маҳаллаи Анит Кабири шаҳри Анкара воқеъ аст, зиёрат

намуданд. Пас аз анҷоми мулоқоти расмӣ дар қароргоҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия вохӯрии Сарвари давлати Тоҷикистон бо роҳбари давлати Туркия баргузор гардид, сипас музокироти сарони давлатҳо дар чаҳорчӯби равобити дуҷониба бо иштироки доираи васеи намояндагони ду кишвар, ҳайатҳо оид ба ҳамкориҳои мутақобилаи судманди Тоҷикистон ва Туркия, инчунин созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар робита ба ин, иштироки мутахассисон ва ҷалби сармояи туркӣ барои рушди босуръати иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳайати ин кишварҳо як оғози муҳим ва судманд арзёбӣ гардид.

Дар натиҷаи музокирот ҳайати намояндагони тарафҳо дар ҳузури роҳбарони ду кишвар 6 санади муштарак, аз ҷумла, баёноти сиёсӣ, созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, стандарти-кунонӣ, рушди робита бо Раёсати туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (ТИКА), ҳамчунин барномаи ҳамкории дарозмуд-дати тиҷоратӣ-иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт[14].

Ҳангоми мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сарвазири Ҷумҳурии Туркия Раҷап Тайип Эрдоған масъалаҳои мубрами робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва роҳҳои рушди он низ муҳокима гардиданд. Вобаста ба доираҳои васеи масъалаҳо ҷонибҳо зарурати фаъолгардонии ҳамкориҳои мутақобила, аз ҷумла дар бахшҳои гидроэнергетика, сохтмон, илму техника ва маорифро мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки 15-17 марти соли 2009 сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Туркия сурат гирифт. 15 март Президенти Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи бинои нави Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Анкараи Ҷумҳурии Туркия иштирок карданд. Дар нимаи дуюми ҳамон рӯз пас аз парвоз ба шаҳри Истанбул Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул ва сарвазири Туркия Раҷаб Тайип Эрдуғон мулоқот анҷом доданд. Зимни сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоиши V (панҷум)-и ҷаҳонии об ва маросими муаррифии гузориши ЮНЕСКО, ки рӯзи 16 март баргузор гардида буд, иштирок ва суханронӣ намуданд[3, 149].

Қобили зикр аст, ки соли 2009 дар таърихи муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия як давраи босифати дорои хусусиятҳои хоса маҳсуб ёфтааст. Хусусияти хоса гирифтани он дар сафари аввалини Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 28-30-юми майи соли 2009 бешубҳа саҳифаи нав дар таърихи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия гардидааст, ки зимни сафари мазкур сарварони ҳар ду давлат дар фазои дӯстона ва ҳусни тафоҳум масъалаи рушди ҳамкориҳои сиёсӣ ва дуҷонибаро баррасӣ намуданд. Дар ҷараёни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо раиси хукумати Туркия масоили минтақавӣ ва байналхалқӣ, аз ҷумла мубориза алайҳи терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мавриди баррасӣ қарор гирифт. Илова бар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки умед аст сафари Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул ба Ҷумҳурии Тоҷикистон такони наверо дар густариши равобити дуҷониба фароҳам хоҳад овард[12, 32].

Моҳи сентябри соли 2011 дар пойтахти Ҷумҳурии Туркия шаҳри Анкара бахшида ба таҷлили ҷашни 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули расмӣ доир гардид, ки чорабинии мазкур аз ҷониби Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия ташкил карда шуда буд. Дар ин маросим вазири рушди Ҷумҳурии Туркия Ҷавдет Йилмаз ва як қатор намояндагариҳои хориҷии муқими Туркия: намояндагони

диаспораҳои тоҷик, тоҷирон, инчунин васоити ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ ширкат намуданд. Зимни суханронии худ сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия Фаррух Шарипов қайд намуд: "Истиқлолият неъмати бебаҳоест, ки тоҷикон баъди чандин садсолаҳо ба даст оварданд. Дар давоми 20 соли соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон тавонист сарвати беарзиш, яъне ваҳдати миллиро ба даст оварад, инчунин дар соҳаҳои иқтисод, сиёсат, фарҳанг ва иҷтимоӣ муваффақ гардад". Дар навбати худ, вазири рушди Ҷумҳурии Туркия Ҷавдет Йилмаз оид ба муштаракоти бузурги фарҳангӣ ва таърихии ду ҷониб ибрози ақида намуда, дар мисоли шоир ва мутафаккир Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ишора намуд[12, 39].

20 октябри соли 2011 дар раванди мулоқоти вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Туркия дар Тоҷикистон Меҳмет Мунис Дирик масъалаҳои рушди муносибатҳои ду кишвар ва ҳамкориҳои минтақавӣ баррасӣ гардида, оид ба вазъи феълии Ҷумҳурии исломии Афғонистон табодули афкор намуданд. Зикр гардид, ки ҷониби Тоҷикистон айни замон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, то ин ки дар кори конференсияи Истанбул оид ба Афғонистон дар мавзӯи «Амният ва ҳамкорӣ дар қалби Осиё», ки баргузории он 2 ноябри соли 2011 дар шаҳри Истанбул дар назар дошта шудааст, саҳмгузор бошад[2, 259].

Барои саҳми бузург дар ҳифзи истиқлолият, демократия, мақоми давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ҷасорат дар идоракунии давлат, яъне давлатдорӣ, таъмини ваҳдати миллат, рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба ва муносибатҳои дӯстона бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон раиси Раёсати бунёди адибон ва рӯзноманигорони Туркия Ҳорун Токак ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷоизаро дар шакли гулдони маҳсули кори дастӣ бо акси роҳбари кишвар тақдим намуд. Зимни суханронӣ дар маросими супоридани ҷоиза Ҳорун Токак аз ҷумла қайд кард, ки Эмомалӣ Раҳмон дар шароити хеле душвор барои Тоҷикистон ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва якпорчагии давлати тоҷикон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ба истиқрори сулҳу ваҳдат дар ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат намуд. Ҳарун Токак бо ишора ба дӯстӣ ва наздикии ду халқ ёдовар шуда қайд кард, ки фарҳанги мардуми турку тоҷик дар давоми асрҳо аз як сарчашма ғизо гирифтаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ ба Бунёди адибон ва рӯзноманигорони Туркия барои саҳми хоса гузоштан дар рушди дӯстии ду кишвар изҳори миннатдорӣ намуда, қайд намуданд, ки Тоҷикистон омодааст бо кишвари Туркия дар ҳама соҳаҳо, хусусан дар соҳаи илму фарҳанг муносибатҳои худро густариш диҳад..."[12, 42].

Дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Туркия моҳи декабри соли 2012, дар навбати аввал, сарвари давлати тоҷикон ҷиҳати эҳтиром гузоштан ба мероси волои таърихӣ, фарҳангии мардуми турк оромгоҳи Мустафа Камол Отатуркро зиёрат намуданд. Зимни мулоқоти президентони ду кишвар – Эмомалӣ Раҳмон ва Абдулло Гул изҳори қаноатмандӣ аз равобити сиёсии сатҳи олии ду кишвар, муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мутақобилаи судманд изҳор гардид. Бо иштироки ҳайати васеи ду кишвар масъалаҳои ҳамкории миёни Тоҷикистон ва Туркия дар бахшҳои иқтисод ва тиҷорат, саноат, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, илму техника ва ҷалби сармоя баррасӣ гардиданд. Инчунин, масоили вазъи феълии минтақавию ҷаҳонӣ, таҳким ва густариши ҳамкорӣ дар доираи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Пас аз анҷоми музокирот дар ҳузури сарони ду давлат 9 санади ҳамкории муштарак дар соҳаҳои фарҳанг, энергетика ва саноати маъданҳои кӯҳӣ, кишоварзӣ, ҷавонон ва варзиш, ҳамкорӣ миёни Бонки миллии Тоҷикистон бо Бонки марказии Ҷумҳурии Туркия ва дигар бахшҳо ба имзо расид.

Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул дар нишасти матбуотии аз

натиҷаи сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Туркия баргузоргардида, чунин зикр намуд: "Мо аз имконоти фарохи Тоҷикистон, хусусан дар соҳаҳои гидроэнергетика ва маъданҳои кӯҳӣ хуб огоҳем ва ба густариши ҳамкорӣ дар ин бахшҳо манфиатдорем. Туркия аз иқдомоти Тоҷикистон доир ба истифодаи босамари захираҳои обиаш низ пуштибонӣ мекунад"[7].

Бояд зикр намуд, ки 17 декабри соли 2012 мулоқоту музокироти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия идома ёфта, мулоқоти навбатӣ бо сарвазири Ҷумҳурии Туркия Раҷап Тайип Эрдоған баргузор гардид. Сарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки муносибатҳои миёни ду кишвар дар фазои эътимод, дӯстӣ ва созандагӣ бо мусоидат ва саҳми арзишманди дафтари Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (ТИКА) дар Тоҷикистон ва Комиссияи муштараки иқтисодӣ бомуваффақият ҷараён дорад. Дар навбати худ, Раҷап Тайип Эрдоған иброз намуд, ки ҷониби Туркия пайвастани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Созмони Ҷаҳонии Савдо (ВТО) хуш қабул намуда, умед дорад, ки он метавонад дар афзоиши ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар мусоидат намояд[6].

Дар самти таҳким ва рушди муносибатҳои миёни вазорату идораҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар ин давра як чанд вохӯриҳову мулоқотҳо сурат гирифтанд. Аз ҷумла, 28 январи соли 2014 дар пойтахти Ҷумҳурии Туркия шаҳри Анкара машварат дар сатҳи роҳбарияти вазоратҳои корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия баргузор гардид. Дар ин музокирот масъалаҳои мубрами муносибатҳои дуҷониба дар бахшҳои сиёсат, тиҷорат, иқтисодиёт, нақлиёт ва энергетика, фарҳанг, маориф ва дигар соҳаҳо баррасӣ гардиданд[1, 25].

Дар риштаи рушди ҳамкориҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия 7 апрели соли 2017 машваратҳои сиёсӣ бо иштироки ҳайати Тоҷикистон бо роҳбарии муовини Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомиддин Зоҳидӣ ва ҳайати Туркия бо роҳбарии муовини вазири корҳои хориҷии ин кишвар Умит Ярдим доир гардиданд, ки зимни он масъалаҳои рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Туркия ва роҳҳои таҳкими минбаъдаи ҳамкории мутақобилаи судманд дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, маориф ва фарҳанг, амният ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шуданд[4].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар раванди рушди равобити дипломатӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ду кишвар боздидҳои расмии роҳбарияти олии ду кишвар, мулоқоту гуфтушунидҳои пурмуҳтавои онҳо, ки дар фазои ҳусни тафоҳум ва созандагӣ сурат мегиранд, нақши калидӣ доранд. Дар тӯли 31 соли муносибатҳои дипломатии ду кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 маротиба ба Ҷумҳурии Туркия (майи соли 1996; октябри соли 1998, ноябри соли 1999, январи соли 2006, марти соли 2009, декабри соли 2010 ва декабри соли 2012) ва Президенти Ҷумҳурии Туркия 4 маротиба ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (сентябри соли 1995, ноябри соли 2001, майи 2009 ва июни соли 2019) ташрифи расмӣ анҷом доданд [17].

Комиссияи муштарак оид ба ҳамкорӣ дар самти мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ҷиноятҳои муташаккилона, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ миёни мақомоти қудратии ду кишвар дар доираи созишномаи муштарак аз соли 2001 фаъолият дошта, ҷаласаи чоруми Комиссияи муштарак 12-уми декабри соли 2017 дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташриф ва иштироки намояндагон аз Сарраёсати бехатарии Вазорати корҳои дохилии (ВКД) Туркия баргузор гардид[11].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон санаи 29-уми марти соли 2021 бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия Мевлут Чавушоғлу, ки ҷиҳати иштирок дар 9-умин

Конференсияи “Қалби Осиё-Раванди Истанбул” ба Тоҷикистон ташриф оварда буд, масоили ҳамкориҳои васеи миёни ду кишвар дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорату сармоягузорӣ, энергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, илму маориф, тандурустӣ, инчунин ҳамкориҳо дар самти амният, мубориза бар зидди хатару таҳдидҳои терроризм ва экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва ғайраҳо мавриди табодули афкор қарор дода шуд[6].

Дар доираи таҳким ва густариши ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар соҳаи ҳарбӣ-низомӣ Вазири мудофиаи миллии Туркия Хулуси Акар 30-уми июни соли 2021 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда бо Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковник Шералӣ Мирзо мулоқот анҷом дод. Дар рафти мулоқоти вазирони ду кишвар Хулуси Акар зикр намуд, ки ҷониби кишвараш омодааст бо Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди терроризм ва ҳифзи марзу бум табодули таҷриба намояд. Ҳамчунин Хулуси Акар қайд намуд, ки муносибати ду кишвар минбаъд низ ба таври мусбӣ идома хоҳад ёфт ва оид ба аҳамияти созандаи ҳамкории Тоҷикистон ва Туркия дар мубориза бар зидди созмони террористии FETÖ ишора кард. Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо дар навбати худ ба густариши ҳамкориҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ва Қувваҳаи Мусаллаҳи Туркия ибрози андеша намуд ва қайд кард, ки бояд кишварҳо дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкориҳои ба ҷонибҳо судмандро ба роҳ монанд [16]. Боиси зикр аст, ки дар ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ ин аввалин ташрифоти ҷониби Туркия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар раванди ташрифи Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковник Шералӣ Мирзо ба Ҷумҳурии Туркия санаи 21-уми апрели соли 2022 дар шаҳри Анкара вохӯрӣ ва мулоқот бо Вазири мудофиаи миллии Туркия Хулуси Акар доир гардида, Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мудофиа ба имзо расид. Зимни мулоқоти мазкур ҳайати тарафҳо масоили амнияти дуҷониба ва минтақавӣ, ҳамчунин дурнамои ҳамкориҳоро дар соҳаи саноати ҳарбӣ низ муҳокима намуданд[13].

Ҳамин тавр, эҷоди ҳамкориҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия нишон медиҳад, ки дар муддати сипаришуда равобити дипломатии ду кишвар ба таври хоса мавқеи худро дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ касб намуда, рӯз ба рӯз вусъат ёфта истодааст. Таҳким ва густариши ҳамкориҳои мутақобилаи судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳури Туркия аз оғози замони истиқлолият то инҷониб таърихи бой дошта, дар таъмини амнияти минтақавӣ ва баланд бардоштани мақом ва мавқеи Тоҷикистон дар низоми ҳамгироии минтақавӣ аҳамияти хоса дорад. Интизор меравад, ки ин ҳамкориҳои гуногунҷанба дар таъмини рушди босуръати равобити дипломатӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия барои мавриди истифода қарор додани имкониятҳои мавҷуда ва сарчашмаҳои истифоданашуда ва инчунин дар ҳалли масъалаҳои мураккаби мубрами минтақавӣ, байналмилалӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини босуръати рушди онҳо дар солҳои минбаъда мусоидат хоҳад кард.

**Адабиёт**


1. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник – 2014 г. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы. –Душанбе: «Ирфон», 2015.- 415с.
2. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник-2011 г. Душанбе: “Ирфон”, 2012.- 599с.
3. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 1. (Под общей редакцией Хамрохона Зарифи) Душанбе: «Ирфон», 2009. – 296с.
4. Машваратҳои сиёсӣ байни Тоҷикистон ва Туркия дар Анкара. Манбаи электронӣ: https://khovar.tj/2017/04/mashvarat-oi-

siyos-bajni-to-ikiston-va-turkiya-dar-an-ara/. (Санаи муроҷиат: 08.06.2022)
5. Мулоқот бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия Мевлют Човушоғлу. Манбаи электронӣ: http://www.president.tj/node/25372 (санаи муроҷиат: 29.07.2022)
6. Мулоқот бо Сарвазири Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайип Эрдоган. Манбаъи электронӣ: http://president.tj/node/3868. (Санаи муроҷиат: 29.07.2022.)
7. Мулоқоту музокироти расмии Тоҷикистону Туркия дар сатҳи олӣ. Манбаъи электронӣ: http://president.tj/node/3877. (Санаи муроҷиат: 19.07.2022.)
8. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Туркия. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи электронӣ: www.mid.tj. (Санаи муроҷиат 26.03.2022.)
9. Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004 гг.). Душанбе: ООО "Контраст", 2010. - с. 445
10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 27 январи соли 2015 таҳти № 332.
11. Ҷобиров Н. Рушди муносибатҳои бо ВКД Туркия. Бойгониии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Манбаи электронӣ: https://www.vkd.tj/index.php/tj/2020-01-18-07-50-18/khabar-o-bojgon-/16369-rushdi-munosibat-o-bo-vkd-turkiya. (Санаи муроҷиат 12.08.2022)
12. Шарофов Э.У. История таджикско-турецкого сотрудничества (1991-2011). Душанбе: «Издательство РТСУ», 2015.- 168с.
13. Elmira Ekberova. Анкара и Душанбе нацелены на развитие военного сотрудничества. В Анкаре подписано рамочное соглашение об оборонном сотрудничестве. Электронный ресурс: https://www.aa.com.tr/ru/турция/анкара-и-душанбе-нацелены-на-развитие-военного-сотрудничества/2569004
14. http://www.president.tj/guzorishho Tyrkiya.html
15. Pınar AKÇALI. Bağımsızlıktan Günümüze Türkiye-Tacikistan İlişkileri. Cilt 2, Sayı 5 (Bahar 2005), s. 138-160.
16. Sarp Özer, Abdulrahman Yusupov. Анкара готова к углублению оборонного сотрудничества с Душанбе. Глава Минобороны Турции Хулуси Акар прибыл с визитом в Таджикистан. Электронный ресурс: https://www.aa.com.tr/-ru/анкара-готова-к-углублению-оборон-ного-сотрудничества-с-душанбе/2290439 Дата обращения: 30.09.2022.
17. https://www.mfa.tj/ru/main/view/25/otnosheniya-tadzhikistana-s-turtsiei (санаи муроҷиат: 28.01.2023)

## РАЗВИТИЕ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКИ ТУРЦИИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

**Салимов А. Х.**

*В статье описывается становление и развитие политических отношений между Республикой Таджикистан и Турецкой Республикой в период независимости. Турецкая Республика считается одним из приоритетных региональных партнеров в успешной внешней политике Республики Таджикистан. Широкие дружеские отношения между двумя странами имеют историческую, культурную и религиозную основу и играют важную роль в становлении и развитии взаимовыгодного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Турецкой Республикой. За годы независимости дипломатические отношения между двумя странами проходили в благоприятной доверительной атмосфере и на необходимой политико-правовой основе, обеспечивали благоприятные условия для тесного и равноправного позиционирования Республики Таджикистан и Турецкой Республики в решение актуальных региональных и международных проблем. В расширении взаимовыгод-*

*ного сотрудничества между двумя странами ключевую роль играет Межправительственная комиссия Таджикистана и Турции, которая была создана из числа высокопоставленными чиновниками двух стран.*

***Ключевые слова***: *Республика Таджикистан, Турецкая Республика, внешняя политика, независимость, двустороннее сотрудничество, Соглашения.*

## DEVELOPMENT OF DIPLOMATIC AND POLITICAL RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF TURKEY IN THE PEROID OF INDEPENDENCE

**Salimov A. H.**

*This article describes the formation and progress of political relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Turkey during the independence. The Republic of Turkey is considered one of the priority regional partners in the successful foreign policy of the Republic of Tajikistan. Broad friendly relations between the two countries have a historical, cultural and religious basis and play an important role in the formation and progress of mutual beneficial cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Turkey. In years of independence, diplomatic relations between two countries have been held in the climate of confidence and on the basis of political and legal necessaries, providing favorable conditions for close and equal positioning of the Republic of Tajikistan and the Republic of Turkey concerning actual regional and international issues. In expanding mutual beneficial cooperation between two countries the Intergovernmental Commission of Tajikistan and Turkey, which was created from among high-ranking officials of the two countries plays a key role.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, Republic of Turkey, foreign policy, independence, mutual cooperation, Agreements.*

№3 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ТАШАККУЛЁБИИ ҶАРАЁНИ РАВШАНФИКРӢ ДАР ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Беков Д. -** ходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
(E-mail: didavar1989@list.ru; тел.: 111-22-55-90)

*Мақолаи мазкур доир ба ташаккулёбии ҷараёни равшанфикрӣ дар фарҳанги халқи тоҷик баҳс мекунад. Ҷараёни мазкур дар фарҳанги тоҷик зери унвони маорифпарварӣ рушд намудааст. Маорифпарварон кушиш менамуданд, то ин ки ҷомеаи қафомондаи худро ба як ҷомаи пешрафтаи муосир мубаддал гардонанд. Илова бар ин Садриддин Айнӣ баъди Инқилоби Октябр, огоҳона ва ҷасурона кори Аҳмади Донишро идома дод. Зимни тадқиқотҳои таърихӣ, адабӣ ва фарҳангии худ миллати тоҷикро ба худаш ва ба ҷаҳониён бисёр ба таври шоиста ва равшанфикрона шинос намуд. Дар ин марҳилаи таърихи халқи тоҷик маҳз ҳамин худшиносии равшанфикр ва расонидани огоҳиҳои таърихӣ ва миллӣ ба ҷомеа аз ҳама кори муҳим ва мубрам буд, ки С. Айнӣ ин корро хеле ҷолиб ва хирадмандона анҷом дод.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷараёни равшанфикрӣ, маорифпарварӣ, Садриддин Айнӣ, Абдуррауф Фитрат, Мирзо Сироҷиддини Ҳаким, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Саид Аҳмадшоҳи Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷаи Асирӣ.*

Зикр намудан ба маврид аст, ки имрӯз бояд бидонем, аҷдоди мо дар давраҳои таърихсозии гузашта, чи андешаҳо доштаанд ва масъалаҳоеро, ки замони нав лаҳза ба лаҳза пеши онҳо мегузошт, чи тавр ҳал кардаанд. Илова бар ин баррасии таҷрибаи гузаштагон аз шартҳои асосии комёбӣ дар ҳалли масъалаҳои бузурги замони муосир ва оянда низ мебошад.

Яке аз чунин давраҳо ки андухтаҳои маънавии он барои имрӯз аҳамияти ҷудогона дорад, давраи маорифпарварӣ дар таърихи адабиёт ва фалсафаи иҷтимоии тоҷикон аст. Чунон ба назар меояд, ки таълимоти маорифпарварон метавонад бисёре аз мушкилҳои имрӯзи моро осон кунад. Бинобар ин лозим медонем, ки ҳоло ба ҷустуҷӯҳои фалсафии баъзеҳо аз андешапардозони равшангарии поёни асри 19 ва оғози асри 20 як нигоҳи кӯтоҳе биандозем. Маорифпарварӣ дар таърихи тоҷикони Осиёи Миёна тахминан 50 солро дар бар мегирад ва аз охири сеяки асри 19 оғоз ёфта, пас аз инқилоби Руссияи соли 1905 номи ҷунбиши ҷадидонро гирифта, асосан бо инқилоби Бухоро дар соли 1920 ба охир расида аст. Агарчи осори Аҳмади Дониш (1826-1897), ки сарвари маорифпарварон буд, аз даҳаи 20-уми асри бистум диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда аст. Инчунин муҳаққиқоне чун С.Айнӣ, Э.Бертелс, З.Раҷабов, А.Баҳоуддинов, Р.Ҳодизода, Ғ.Ашуров, И.Шарипов ва чанде дигар хеле ҷидду ҷаҳд ба харҷ додаанд, то ақидаҳои фалсафӣ ва иҷтимоиву сиёсии ӯро бишносанд. Эҷодиёти маорифпарварони ибтидои асри бист Мирзо Сироҷ, (Мирзо Сироҷи Ҳаким, духтур) Собир 1877-1914), Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ (1875-1919), Саид Аҳмадшоҳи Сиддиқии Аҷзӣ (1865-1927), Абдурրауфи Фитрат (1886-1938), Тошхоҷаи Асирӣ (1864-1915) ва дигарон ҳануз мавриди таҳқиқи муфассал қарор нагирифтаанд. Ин насли дувуми маорифпарварони тоҷик ки дар оғози асри бист фаъолият доштанд, баъзе аз онҳо дар сафи муассисони ҳизби коммунистии Бухоро буда, дар инқилоб ширкат варзидаанд, бо вуҷуди инҳо дар замони Шӯравӣ аз охири даҳаи бистум иртиҷоӣ ва аксулинқилобӣ эълон гардиданд. Аз ин рӯ таҳқиқи осору фаъолияти аксари онҳо манъ буд, ва онҳоро дар навиштаҳо фақат бо суханони ношоиста ном гирифтан имкон дошту бас.

Агар ба заминаҳои ин масъала таваҷҷӯҳ кунем, чунин ба назар мерасад, ки ҳарчанд Осиёи Миёна манбаъи моли хоми саноати Русия буд, ва зулми мустамликадорон сахт монеъи пешрафт омад, ба ҳар ҳол ҳатто дар Бухоро, ки муносибатҳои феодалии дақёнусӣ (кӯҳна) устувор буд, насими замони наве аз Урупо ва Русия вазидан гирифт, ва пеши чашми дурбини маорифпарварон, уфуқҳои тозае намудор омад. Аксари онҳо медонанд, ки давраи наве дар таърихи миллат наздик мерасад, ва мехостанд фаро расидани онро суръате бахшанд. Соҳибназарони нимаи дуюми асри 19 воқеъияти пурдаҳшати замонро қатъиян рад карданд. Аҳмади Дониш ба чашми худ дида буд, ки "умури миллатеву давлате ихтилофи куллӣ ёфта, осудагӣ, аз миёни фуқаро карон (дурӣ) гирифт" ва ҳоли кишвар аз "амирони ҷоҳил ва олимону сипоҳиёни гумроҳи ғофил" ба табоҳӣ кашид. Инсонпарварон наметавонистанд чунин воқеъиятро қобили қабул, ва қобили муросо донанд. Вале онҳоро умед тарк намекард ва "ҳар касе барои таҷдиди давлату миллат чашм медарид, лекин асаре боздид намегардид" [7,с.75].

Ин аст, ки дар ҷомеае умеди таърихӣ пайдо шуда буд. Равшангарон ба пешвози ояндаи неке, баъзеҳо ҳатто ба пешвози эҳёи миллӣ камар баста буданд, ва мехостанд фикрҳоро ба ҷавлон оварда, фардои таърихро тарҳрезӣ кунанд. Мо бояд бидонем, ки маорифпарварон масъалаҳоеро, ки замони бухронии охири асри 19 ва оғози асри 20 пеш мегузошт, чи тавр ҳал кардаанд, чӣ фикрҳое пеш овардаанд, чӣ идеалҳое доштанд. Посухи ин пурсишҳо барои имрузи мо хеле зарур мебошанд.

Маорифпарварон низ андаке пештар аз ин ва дар шароити наздик ба имрӯз маҳз бо чунин суолҳое ҷавоб ҷустанд. Пас ҳатман бояд бубинем, ки онҳо чӣ посуххое ёфтаанд. Чун аз ин дидгоҳ ба мероси маорифпарварони тоҷик менигарем, аз ҳама пештар мебинем, ки ба масъала бо ҷиддияти тамом ва ба ниҳояти амиқбинӣ, аз роҳи дарки фалсафии моҳияти замони худ ва масъалаҳои ояндаи миллат наздик шуданд. Кушише дар роҳи шинохти фалсафии замон муҳимтарин нуктае дар маорифпарварии тоҷикист. Маорифпарварии тоҷикӣ пеш аз ҳама таълимоти фалсафист, ки асоси маънавию ахлоқии ҷомеа ва фардои онро меҷӯяд, таҳкурсии илмию назарии як эҳёи миллиро поягузорӣ мекунад. Ва баъзе аз маорифпарварон бештар рӯ ба сӯи фардо доштанд, ғами фардоро бештар аз ғамҳои он рӯзи худ мехурданд. Он гоҳ ки Бухоро зери ҳукми русҳо даромад ва муносибатҳои тозаи иҷтимоиву иқтисодӣ оғоз ёфта, роҳе ба сӯи як давраи нави таърихӣ аз дур намоён шуд, Аҳмади Дониш ба андӯхтаҳои афкори фалсафӣ такя оварда, ба таҳлили ҳартарафаи рӯйдодҳои воқеъияти иҷтимоӣ ва равандҳои таърихӣ пардохт. Вай бо пайдо овардани моҳияти рӯйдодҳо, бо дарки фалсафии воқеъияти рӯз фардои эҳтимолиро пай бурдан хост, то ба мазмуну муҳтавои иҷтимоиву маънавии ҷомеаи оянда таъсир расонад, ояндаро ба ҷараёни матлуб равона созад. Тадқиқи бадеии Дониш бештар доғтарин масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ахлоқу одоби муосирони худро дахл кардааст, ва бо нозукбинии реалистӣ анҷом ёфтааст. Устод С. Айнӣ таъкиде дошт, ки чун соли 1901 бо шарофати ғамхориҳои Садри Зиё (1865-1932) нахустин бор бо китоби Аҳмади Дониш "Наводир-ул-вақоеъ" шинос шуд, гуфтааст, ки онҷо рӯйдодҳои воқеъии замонро "бо тасвири реалӣ-тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, дидам" [11,с.153]. Ба пиндори мо ҳақ ба ҷониби он адабиётшиносон аст, ки осори адабии Донишро ба реализми маорифпарварӣ нисбат додаанд. Тасвири воқеъияти Бухоро, манзараҳои назаррабои зиндагии мардумони рус, назари диққаткорона бо урфу одат ва тававвуроту ақидаҳои аврупоиён, ки дар навиштаҳои Аҳмади Дониш мебинем, барои муқоисатан аз назар гузаронидани шароити иҷтимоии мухталиф имкон фароҳам овард. Чашмандози Дониш пургустариш ва ҳамаҷӯй буда, ҷомеаи Бухоро ва баъзе ҷиҳатҳои ҳаёти

кишварҳои дигарро фаро гирифтааст. Дар “Ҳикояти Ҳоҷӣ” яке аз персонажҳо, ки фарҳангист, мегӯяд: “Моро аз лавозим (заруриёт) аст, ки таҳқиқи милали аҳли олам кунем ва сара (солим) аз сақат (носолим) маълум кунем” [11,с.154]. Ин аст, ки Аҳмади Дониш фарқ кардани сара аз сақат, яъне шинохти ҳақиқатро вобаста ба густариши нигоҳи фарогирии “милали олам” (миллатҳои ҷаҳон) медонад, паси сар кардани маҳдудбинӣ ва дарбастагии феодалиро яке аз шароитҳои расидан ба ҳақиқати зиндагӣ мешуморад.

Бо чунин назаре нигаристан ба Ғарб ва Русия натанҳо ба Сироҷӣ хос аст, балки бисёр маорифпарварони дигар низ аз ақибмондагӣ раҳоӣ ёфтани Осиёи Миёнаро алоқаманд ба фарогирии фарҳанги пешқадами аврупоӣ медонистанд ва умед доштанд, ки фарҳанги аврупоӣ пеши чашми мардуми Осиёи Миёна як дунёи нави ҷолиб хоҳад кушод, фикру андешаи тоза, тасавбуроти наве дар бораи ин ки зиндагӣ ва ҷомеа чигуна бояд бошад, хоҳад овард. Аз ин рӯ барҷастатарин намояндагони адабиёти ҷадида Абдулқодири Шакурӣ, Беҳбудӣ, Аҷзӣ, Фитрат, Асирӣ, Айнӣ ва дигарон таблиғгари маданияти Аврупо буданд. Баррасии диққаткоронаи воқеъияти рӯз ду самт дошт: аз як тараф воқеъияти иҷтимоии кишвари худ ва аз сӯи дигар кишварҳои Шарқу Ғарб, хусусан Русия ва Аврупоро таҳқиқ карданд. Ақидаҳои маорифпарварон дар асоси баррасии муқоисавии доманадори замони худ-баррасии низоми иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии гуногун, ҳатто хилофи якдигар ташаккул ёфта буд. Нахустин бор дар таърихи афкори фалсафии Осиёи Миёна таҷрибаи иҷтимоиву фарҳангии Русия ва Ғарб бо ҷиддияти тамом ба доираи назар даромада, дар ташаккули ақидаҳо нақше гузошт. Густариши чашмандоз, бартараф гардидани дарбастагии феодалӣ, ба чашми ибратҷӯӣ нигаристан ба мардуме, ки фарҳанги гуногун ва дину оини мухталиф доранд, боиси камолоти фалсафаи иҷтимоии маорифпарварон гардид.

Маълум аст, ки Аҳмади Дониш дар асарҳояш инкишофи иҷтимоъии Бухорои замонашро хеле бо вусъат инъикос додааст ва инро муҳаққиқон ҳамаҷониба қайд кардаанд. Фитрат ҳам дар оғози қарни бист дар китоби “Мунозира” (1911) ва “Баёноти сайёҳи Ҳинд” (1912) муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодиро амиқан таҳлил карда, вазъи саноати пешаварию косибӣ, кишоварзӣ, фарҳангро як-як нишон дод. Як фарқи маорифпарварони Бухоро аз ҷадидони Туркистон он аст, ки масъалаи давлатдорӣ ва низоми давлатиро низ аз чанд ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор доданд. Бисёр масъалаҳои дигаре, метавон гуфт, ки ҳар чи ба ҳаёти онрӯзаи халқу кишвар дахл дошт, ҳама ба доираи диққати маорифпарварон даромада аст. Аз ин миён масъалае ҳаст, ки ба хусус диққати маорифпарварони Бухороро бештар аз ҳама ба худ кашида, ҳамаҷониба баррасӣ шудааст. Ин ҳам бошад, масъалаи маънавият аст. Масъалаи асосии эҷодиёти Аҳмади Дониш ва Абдуррауфи Фитрат масъалаи ҳастии маънавии инсон ва ҷомеа мебошад. Аз ин сабаб аст, ки Аҳмади Дониш аз таърих бештар ба фарҳанги маънавӣ: асосҳои ислом, таърихи фалсафа, калом, ирфон, ахлоқ ва монанди инҳо, ба таълимоти Ғаззолӣ, Алии Ҳамадонӣ, Ҷомӣ, Бедил ва ғайра диққат дода буд. Назариёти фалсафию ахлоқи худи ӯ дар натиҷаи ҳамин баррасии роҳи чандинасра ва таҳлили тамоюлоти иҷтимоиву ахлоқии замони муосир ташаккул ёфтанд. Мақсад аз он ҷӯяндагиҳои Аҳмади Дониш ин буд, ки шахс ва ҷомеа ба худшиносии маънавӣ бирасанд ва “халқ бидонанд, ки барои чи омаданд ва бар чи буданд ва чӣ карданд” [5,с.284]. Мақсад, таъмини худогоҳии маънавии миллат буд.

Идеалҳои иҷтимоии равшангарони барҷастаи тоҷик аз ҳамин дарки амиқи бунёди маънавии ҳастии инсон ҳосил шуда буд. Онҳо ҷомеаи ояндаро низ аз ҳамин дидгоҳи маънавӣ мехоҳанд ва мехостанд, ки марҳилаи тозаи таърихи халқҳои Осиёи Миёна даврони пирузии маънавият бошад: вазифаҳое, ки

равшанфикрон дар пайи иҷрои он буданд ва ҷомеаро ба иҷрои он сафарбар кардан мехостанд, устувор намудани пояи маънавии зиндагонӣ буд. Бисёр мебинем, ки маорифпарварон дар навиштаҳои худ аз паст рафтани маънавият дар ҷомеа, аз ривоҷ ёфтани бемаънавиятӣ шикоят мекунанд. Ин аст, ки рӯ овардан ба таърих аз хоҳиши бозгаштан ба оғозгоҳи маънавӣ, расидан ба асли маънавии худ зарур омада буд, то ки давраи навини таърихи миллат аз аввал ҷои пое бар маънавияту ахлоқи аслӣ дошта бошад. Ба назар мерасад, ки вазифаҳо, ки равшангарон пеши аҳли ҷомеа гузоштаанд, дар оғози қарни бист, мукаммалтар аз ҳама дар севумин асари Абдуррауфи Фитрат рисолаи "Раҳбари наҷот" баён шудааст. Ин рисола гувоҳӣ медиҳад, ки Фитрат ба анъанаҳои чандинасраи ҳаёти маънавии миллат, ба бозҷустҳои маънавии Аҳмади Дониш садақоте дошт ва он анъанаҳоро давом додан мехост.

Бухоро ба ҳайси маркази илму дини тоҷикон дар аввали асри XX майдони афкори маорифпарварон ва андешамандони ҷадиду куҳанро васеъ намуда буд. Дар ин замон осори зиёди публисистӣ ва таърихӣ рӯйи чопро дида, рӯзномаҳои даврӣ аз кишварҳои мухталифи Осиёи Марказӣ ворид мегардиданд. Яке аз ин асарҳои таърихӣ ва публисистӣ "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро"-и устод Садриддин Айнӣ мебошад. Ин асар, аслан «Таърихи инқилоби фикрӣ ё таърихи усули савтия ва инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ном дошта, Устод онро моҳи июни соли 1917 таълиф намуда, охирин саҳифаҳои китобро 7 феврали соли 1918 навишта будааст [1,с.212].

Устод С. Айнӣ дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», пеш аз ҳама, ба мубрамтарин масъалаи инсонӣ бедорӣ ва инқилоби фикрӣ ҷиддӣ ва муфассал таваҷҷуҳ мекунад. Муаллиф дар он аз даxолат варзидани намояндагони аксар кишварҳои дуру наздик дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ ёдовар шуда, бинобар авзои ҳамонвақта аз фаъолияти ашхоси мубаллиғ изҳори андеша намудааст: "Қозӣ Мир Бадриддини қозиқалон ҳам яке аз хонандагони ҷаридаи "Тарҷимон" гардид. Дар ин миён ба воситаи сайёҳон ва пӯшта (почта) баъзе ҷаридаҳои Истамбул, Миср ва Ҳиндустон низ меомад. "Ҳаблулматин"-и мунташира дар Ҳиндустон ва "Парвариш" -и мунташира дар Миср ба Бухоро хеле шуюъ пайдо кард"[3,с.30].

